В. АСРОРӢ

# ЖАНРҲОИ ХУРДИ ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

7

ВОҲИД АСРОРӢ

# ЖАНРҲОИ ХУРДИ ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

*Дастури таълим барои факултаҳои филологӣ*

ДУШАНБЕ
«МАОРИФ»
1990

ОБЯЗАТЕЛЬНЫЙ

ББК 83.3
А 85

Государственная
р ... ба, Тадж. ССР
1 ... 
135201

А 85 **Асрорӣ В.** Жанрҳои хурди фолклори тоҷик: Дастури таълим барои факултаҳои филологӣ.— Душанбе: Маориф, 1990

ISBN 5—670—00160—5.

Дар дастур хусусиятҳои зарбулмасал, мақол, чистон, байт, рубой, тарона, латифа, ҳикоят ва ривоят, густариши онҳо ва мақоми онҳо дар зиндагонии мардум ва адабиёти хаттӣ муайян карда шудааст.

*ББК 83.3 Тоҷик*

*Муҳаррир Ансор Аброрӣ*

А $\frac{4309000000-431}{504\ (12)-90}$ 75—89

ISBN 5—670—00160—5

© Асрорӣ В., 1990

## МУҚАДДИМА

Дар фолклори тоҷик асарҳое ҳастанд, ки ба гурӯҳи жанрҳои хурд дохил мешаванд. Зарбулмасал, чистон, фардбайт, рубой, дубайтӣ, чорбайт, ашӯла, суруд, бадеҳа, латифа, ҳикоят, ривоят аз ин ҷумлаанд. Жанрҳои хурд ба ду навъ ҷудо мешаванд: жанрҳои хурди манзум ва жанрҳои хурди мансур. Зарбулмасал ва чистон қисман ба ҳардуи ин навъ муносибат доранд. Қисми зиёди фолклори бачагон низ аз жанрҳои хурди махсуси фолклори бачагон иборат аст.

Хусусияти асосии фарққунандаи жанрҳои хурд аз жанрҳои калон (эпос, достон, афсона, суруди таърихӣ) ҳаҷм ва шакли соддаи композицонии жанрҳо ва санъатҳои онҳо мебошад.

Мо дар ин китоб дар бораи мавзӯъ, мазмун, шакл ва сохт, санъатҳои бадеӣ, вариант, параллелизм, мисраи васила, анъана ва навигарӣ, вазну қофиябандии жанрҳои хурд мухтасар маълумот дода, аз ҳар кадом намунаҳо пешниҳод менамоем. Материалҳои ин китоб дар дарсҳои семинарӣ, амалӣ истифода хоҳанд шуд ва дар айни ҳол ба китоби дарсии фолклори тоҷик, ки як қисми ин масъалаҳоро дар бар накардааст, ба тариқи илова пешниҳод мешаванд.

Азбаски дарсҳои семинарӣ дар ҳар гурӯҳи таълимӣ алоҳида ва бо усули махсус гузаронида мешаванд ва студентон бештар бо матнҳо шинос шуда, аз ҳар ҷиҳат таҳлил менамоянд, материали ин китоб ёрӣ расонида метавонад.

Ба ғайр аз ин дар китоб доир ба баъзе жанр ва намудҳои фолклори тоҷик маълумоти мухтасар дода мешавад ва як қисми ин маълумот то кунун интишор нашудаанд ва дар китоби дарсии «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» (Нашриёти «Маориф», 1980) ба назар намерасанд.

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ

Зарбулмасал ва мақол — сухани кӯтоҳи образноки ба итмом расидаест, ки дар он мушоҳида ва андешаҳои халқ дар бораи ҷиҳатҳои гуногуни ҳаёти реалӣ ба таври хулоса ифода шудаанд.

Зарбулмасал ва мақол дар ҳангоми ифодаи фикр (лафзӣ ё хаттӣ) мавқеи мантиқӣ ва иқтибосӣ мегирад ва ба мазмуни сухани гӯянда ва ё нависанда узван пайваста мешавад.

Зарбулмасал яке аз жанрҳои қадимӣ буда, ба таърихи инкишофи забон алоқаманд аст. Дар осори Рӯдакӣ ва ҳамзамонони ӯ бисьёр зарбулмасалҳо дучор мешаванд. Як қисми зарбулмасалҳо аз осори хаттӣ ба байни мардум гузашта интишор ёфтаанд.

### ДАР БОРАИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ

«Суханони образноки халқие ҳастанд, ки ба осонии ҳайратовар моҳияти ҳодисаҳои хеле мураккабро ифода менамоянд».

*(В. И. Ленин, Асарҳо,* ч. 20, с. 261).

«Дар зарбулмасалҳои мо... мукаммалии ғайриоддии ақлу хиради халқ ба назар мерасад, ки он ҳама чиз: истеҳзо, тамасхур, аёният, маҳорати тасвири рангинро яроқи худ карда тавонистааст, то ки сухани муҳими ҳаётиро ба вуҷуд оварад»...

*(Н. В. Гоголь, Собрание сочинений,* М., 1950, т. 6, с. 140).

Л. Н. Толстой маҷмӯаи зарбулмасалҳоро мутолиа карда гуфтааст:

«Ана чи хел хуб деҳқонон эҷод мекунанд, ҳамааш содда, сухан кам, вале эҳсос бисьёр аст».

«Таърихи халқро, албатта, донистан зарур аст, инчунин афкори иҷтимоӣ-сиёсии онро ҳам донистан лозим аст. Олимон — муаррихони маданият, этнографҳо мегӯянд, ки ин фикрҳо дар афсонаҳо, латифаҳо, зарбулмасал ва мақолҳо ифода ёфтаанд. Маҳз зарбулмасалҳо ва мақолҳо тафаккури махсусан пандомези оммаи халқро пурра ифода менамоянд ва бо ин мате-

риал шинос шудани нависандагони навқалам судманд аст ва на танҳо барои он ки ин материал сарфаи сухан, мўъҷазбаёнию образнокии суханро ба таври аъло меомўзонанд...».

«Умуман зарбулмасал ва мақолҳо тамоми таҷрибаҳои зиндагӣ, иҷтимоӣ-таърихии халқи меҳнатиро ба таври намунавӣ ифода менамоянд ва ба нависанда шинос шудан бо материале, ки ҳамчун ангуштони мушт фушурдани суханро ба ў ёд медиҳанд, комилан зарур аст...

... Ана аз ин фикрҳои ▒инда ман хаёл кардан ва навиштанро ёд гирифтам».

(*М. Горький. О литературе*, М., 1953, *саҳ.* 328—329).

«Дар давоми ҳазорсолаҳо хазинаи бешумори хираду таҷрибаҳои инсонӣ ҷамъ шуда, дар забон абадӣ мемонад. Шояд дар ягон шакли забони эҷодиёти халқ, чунон ки дар зарбулмасалҳо мебинем, аклу хиради халқ ба он қувва, бо он гуногунӣ зоҳир нашуда бошад» (М. Шолохов).

Зарбулмасал берун аз матн ё нутқи гўянда мазмуни пурраи худро зоҳир карда наметавонад. Тобишҳои мазмунӣ ва мавқеи бадеӣ-ғоявии зарбулмасал дар матн аён мешаванд. Масалан, зарбуламасли «давои қурут оби гарм» ба андозае маънии мавҳуме дорад, аммо дар матн маънии он аниқ гардида, пурра кушода мешавад, зеро ки зарбулмасали мазкур ба воқеае муносибат пайдо мекунад:

— Ҷони падар! Модарат ва занони дигар барои ту бисьёр афсонаҳои ваҳмангезро аз деву парӣ накл карда, туро тарсонда буданд. Дидам, ки хушку холӣ «натарс» гуфтани ман ба ту асар накард... бинобар ин ман ҳам «давои қурут оби гарм» гўён як афсонаи дурўғ бофта, тарси димоғи ту чандин сол боз ғуншударо якбора баровардам. (С. Айнӣ, «Асарҳои мунтахаб», саҳ. 74—75).

## ПАЙДОИШИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ

Бисьёр зарбулмасалҳо аз хулосаи наклу ҳикоят, қиссаю ривоят низ ба вуҷуд омадаанд ва бештари он наклу ҳикояҳо аз миён рафтаанд. Аз баъзе зарбулмасалҳо ҳикояти сарчашмаи пайдоиши онҳоро тахмин кардан мумкин аст. Масалан, зарбулмасали «Шайхро ҳунар нест, хонақо танг аст», шояд чунин ҳикояте будааст, ки аз он бар омадааст: «Шайх, ки ҳамеша чор ракаат намозро тарк мекард ва ба масҷид намерафт, аз ў пурсиданд:

— Шумо ба намоз намебароед?

— Хонақои мо танг аст, ба ҳама ҷой намерасад,— гуфтааст».

Зарбулмасалҳои «Дарди кампир ғўза», «Ба болои сўхта намакоб», «Ба оши тайёр бакавул», «Асои пир ба ҷои пир», «Агар

бемор дуруст шуданй бошад, табиб ба дари хона меояд» ва ғайра шояд ҳикояту ривоятҳое дошта бошанд, ки ба мо маълум нестанд.

## ФАРҚИ ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛ

Зарбулмасал ва мақол аз ҷиҳати вазифа ва роли худ дар матн ва дар нутқ аз ҳамдигар фарқ намекунанд. Аммо аз ҷиҳати хусусияти бадеӣ тафовуте доранд. Зарбулмасал бештар ба маҷоз, киноя, ташбеҳ, рамз ва ғайра сохта мешаванд. Маънии аслии сухан назар ба маънии маҷозӣ қимате надорад. Маънии маҷозияш асосӣ мебошад. Чунончӣ: «Як задани оҳангару сад задани сӯзангар». Ё ки «Дарро задам, девор кафид».

Дар мақол чунин хусусияти маҷозӣ нест ва сухан асосан ба маънии аслии худ истифода мешавад. Монандӣ: «То меҳнат накунӣ, роҳат намебинӣ». Ё ки «Гар зарурат бошад, раво бошад».

## ЗАРБУЛМАСАЛҲО

Гунҷишкро кӣ кушад? — Қассоб.
Гӯсола бо гӯсола — ошнои садсола.
Забони мурғонро мурғон медонанд.
Давидани гӯсола то каҳдон.
Санги вазнинро об намебарад.
То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.
Дарди кампир ғӯза.
Дарахт дар як ҷо сабз мешавад.
Дар қатори шолӣ курмак об мехӯрад.
Девор мӯш дорад, мӯш гӯш дорад.
Иллат ё дар ош аст, ё дар мош.
Сари дарахти мевадор хам аст.
Кӯр чӣ мехоҳад? — Ду дидаи бино.
Лӯбиёву каду — лаънат ба харду.
На сих сӯзад на кабоб.
Такка бошаду шир диҳад.
Хар аз хар монад, гӯшашро бур.
Хар ҳамону полон дигар.
Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб.
Хонаи гург беустухон нест.
Хурӯс дар ҳама ҷо як хел ҷеғ мезанад.
Шавад обӣ, нашавад, лалмӣ.
Шутур калон, ягираш ҳам калон.
Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад.
Буз агар хирман мекӯфт, ҳоҷати барзагов набуд.
Буза ғами ҷон, қассоба ғами чарбу.
Беша бе шер нест, дарьё бе моҳӣ.
Гов, ки омад, гӯсола аз ҷояш мехезад.

## МАҚОЛҲО

Ҷон равад, равад, номус наравад.
Ҷавоби аҳмақ — сукут.
Ҳар гап сесаду шаст паҳлӯ дорад.
Ҳар касе маслиҳати хеш накӯ медонад.
Қадам расид, бало нарасад.
Як гап кӯтоҳу олам гулистон.
Шикамҳо сер шуд, ғамҳо дур шуд.
Сукут — аломати ризо.
Сар равад ҳам, сир наравад.
Омад ба сарам, ҳар он чи метарсидам.
Меҳмон аз падарат бузург аст.
Мангар кӣ мегӯяд, бингар ки чӣ мегӯяд.
Кори монда нимкора мемонад.
Кам-кам хӯр, доим хӯр.
Интизорӣ бадтар аз марг аст.
Кори имрӯзаро ба фардо магузор.
Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард.
Зӯри беҳуда миён мешиканад.
Замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз.
Заминро об вайрон мекунад, одамро гап.
Дер ояду шер ояд.
Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.
Аз дӯст ишора, аз мо ба сар давидан.

Масалан, дар бораи меҳнат, кор, илм, дониш, ҳунар, некӣ, бадӣ, дӯст, душман, сурату сират, ахлоқу одоб ва ғайраҳо, ки ҳамаашон ҳамчун панду ҳикмат ва насиҳату маслиҳат барои тарбияи одами неку пок ва солиму комил равона карда шудаанд, дар онҳо таҷрибаю мушоҳидаҳои зиндагӣ ҷамъбаст шуда, андешаҳои фалсафии халқ инъикос ёфтаанд. Дар поён ба чанде аз онҳо намунаҳо оварда мешаванд.

## МАЗМУНИ ИҶТИМОӢ

На шири шутур хоҳам, на дидори араб.
Чашми танги дуньёдорро хоки гӯр пур мекунад.
Бой пӯшад—муборак бошад, камбағал пӯшад—аз куҷо ёфтӣ?
Киҳо кунанд кайфу сафо, киҳо кашанд ҷабру ҷафо.
Ишкамсерро чӣ парвои ишкамгурусна.
Мулло — ҷорӯби дастархон.
Пои мору шири мурғу нони муллоро кас надид.

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар ба масал,
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад.

Қамбағал агар кишт кунад, об наёбад,
Бадавлат киштаву нокишта баробар.

Ишками бой амбори худост.
Ду зан як мард, ду мулло як зан.
Гуфтаи муллоро кун, кардаашро накун.
Аз кароматн шайхи мо чӣ аҷаб,
Панҷаашро кушоду гуфт: ваҷаб.
Аз худи мо мулло шудию дар ҷони мо бало шудӣ.
Қамбағалро аз болои шутур саг мегазад.
Бой аз фарбеҳӣ менолад, камбағал аз лоғарӣ.
Меҳрубониҳои султон — бозии гурба ба мушон.
Гап дар салла не, дар калла.
Дар ҷое ки ош ҳаст, муллоимом фаррош аст.
Мулло, ки гадо шуд, бало шуд.
Мулло ҳаромхӯр шавад, моли мардумхӯр шавад.

Баҳор шуду бузи мо ҷуфтӣ нашуд,
Харн мо пир шуду муфтӣ нашуд.

Зоҳир аз шайху ботин аз шайтон.
Ҳиллагарӣ надонӣ, қозигарӣ чӣ донӣ.
Таърифи чанд мурид хардуздро эшон кунад.

### МАЗМУНИ ЗИДДИДИНӢ

Ба умеди худо нашаву буттаро дор.
Бо «иншооллоҳ» кор буд намешавад.
Аз банда нақд рӯяд, аз худо насия.
Аз дин гарду аз роҳ не.
Бо дуо даҳони гург баста намешавад.

Дар забон тасбеҳу дар дил гову хар,
Инчунин тасбеҳ кай дорад асар!

Биҳишт шунидан дораду дидан надорад.
Панҷ вақт намоз тарк не, ҳарому ҳалол фарқ не,
Гушна рӯза медорад, бекор намоз мехонад.
На хамири худою на нони пайғамбар.
Ҳоҷӣ, ки аз ҳаҷ гашт мор буду аждар гашт.

### МЕҲНАТ

Дасти худро гул бисозу миннати нокас макаш.
То меҳнат накунӣ, санги сияҳ лаъл нагардад.
Аз бекор ҳама безор.
Деҳқон бошӣ шудгор кун, мулло бошӣ такрор кун.
Бо меҳнат гар қаринӣ, дарди бадан набинӣ.

## ҲУНАР

Дасти беҳунар кошуки гадост.
Ангушти косиб калиди рӯзист.
Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.
Марди боҳунар хор намешавад.
Ба дӯсту душман зор намешавад.
Боҳунар тоҷи сар аст, беҳунар думи хар аст.

## ДӮСТ ВА ДУШМАН

Дӯст гирьёнда гап мезанад, душман хандонда.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.
Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан.
Дӯстон онњаи якдигаранд.
Ҳазор дӯст кам, як душман бисьёр.
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.
Дӯстон тоҷи сар, душманон зери по.
Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб.
Ҳар чӣ аз дӯст мерасад, накӯст.
Душмани доно беҳ аз дӯсти нодон.
Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон.

## МАРДӢ

Ҷои мардон — дар майдон.
Аз сад марди лофзан беҳ аст кори як зан.
Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ.

Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон.
Падид ояд мардӣ дар вазъу ҳоли сахтӣ.
Сӯҳбати мард мадад кунад, сӯҳбати номард сардард кунад.

Мардӣ набувад фитодаро пой задан.
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

*(Рӯдакӣ)*

## ДОНОИЮ НОДОНӢ

Дара задам, девор кафид.
Аз нодонӣ дармонӣ.
Нодон ба кори худ ҳайрон.

Ба доно ишорат, ба нодон калтак.
Нодон сухан гӯяду доно қиёс кунад.
Ҷони нодон дар азоб.
Гумони доно беҳ аз яқини нодон.
Бо нодон баҳс кардан — мушт ба бигиз задан аст.
Шутура гуфтам ғамза кун, полиза вайрон карду рафт.
Аз нињомӣ нодон дашноми доно беҳтар аст.

### ТАНБАЛӢ ВА МУФТХӮРӢ

Ба хӯрдан тайёру ба кор бемор.
Аз зиндаи бекор мурда беҳтар аст.
Тобистон куҷо будӣ? Таги тути бедона.
На бел задам, на поя, ангур хӯрдам дар соя.

Тобистон гирди ҳавзи серсоя,
Зимистон дар хонаи ҳамсоя.
Гап гӯй, ҷувол-ҷувол, кор гӯй, касали ниммурдаҳол.
Ба оши тайёр бакавул.
Деҳ, ки хӯрам, зан, ки мурам.
Ҳама ҷоям сусту суст, фақат ишкамам дуруст.
Ҷон хонаи мардум, на ғами обу на ғами ҳезум.

### АЙБҶӮӢ ВА ҒАЙБАТГӮӢ

Айби худ дар пеш ору баъд айби дигаронро.

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.
Айб намон ба хешат, давида ояд ба пешат.
Аккаи ало ду пар дорад, аз ҳама ҷо хабар дорад.
Айба кӣ монад? Маслуқ.

### ПАДАРУ МОДАР ВА ФАРЗАНД

Дили модар ба фарзанд, дили фарзанд ба фарсанг.
Дили оча ба бача, дили бача ба кӯча.
Аз як палак чанд хел ҳандалак.
Аз падари бехунар чӣ меомӯзад писар?
Хонаи бачадор бозор, хонаи бебача мазор.
Бача лой, оча кулол.
Бачаи эрка — балои ҷон.
Бачаи бисьёр — роҳати ҷон.
Гӯсолаҳо гов шаванд, ҷигарҳо хун шаванд.
Каҷар ба бехаш мекашад, тарра ба тухмаш.

## ЗАН ВА ШАВҲАР

Зани беноз — оши бепиёз.
Зани бебача — бӯрьёи сари кӯча.
Зан розӣ, шӯ розӣ, гӯри падари қозӣ.
Зани ҷавону шӯи пир, сабад мону ҷӯча гир.
Марда мард мекунад зан, номард ҳам мекунад зан.
Хеши зан — кайла зан, хеши шӯ — дега шӯ.
Ба ҷанги зану шӯ остонаи дар хандидааст.
Ҷанги зану шӯ аз бедодии хӯ.

## АНДЕША ВА ТАДБИР

Аввал андеша, баъд гуфтор.
Аввал бубин ҷои худ баъд бимон пои худ.
Он чи бо тадбир тавон кард, бо зӯру зар натвон
кард.
Боғ кунӣ, ба ҷӯяш нигар, хона кунӣ, ба кӯяш нигар.
Накардам фикру андеша, задам бар пои худ теша.
Аввал пурсиш, баъд кушиш.
Агар шикори рӯбоҳ равӣ, барои шер аслиҳа гир.
Гилемро дар як ҷое фурӯш, ки дар як гӯшааш
худат шинӣ.
Даратро маҳкам кун, ҳамсояатро дузд магир.
Ё хара пеши бор, ё бора пеши хар.
Нони қоки пасмонда — ба рӯзи сиёҳи дармонда.

Нисфи умрата фурӯшу рӯшной хар,
Нисфи умрата фурӯшу ҷӯшой хар.

Сар кафад дар таги тӯппию, даст шиканад дар зери
остин.
Сӯрфаи сари оташдон, беҳ аз савдогари Ҳиндустон.

## ТАЪСИР ВА СИРОЯТ

Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ, бо дег шинӣ, сиёҳ шавӣ.
Ҳамроҳи касе бош, ки ҳамраҳи ту бошад.

Рег дар кафшу кайк дар шалвор,
Беҳтар аз ҳамнишини ноҳамвор.

Аз хубон — шарофат, аз бадон — касофат.

Ҳар ки дорад зи хислате моя,
Асари он расад ба ҳамсоя.

Аспу харро, ки як чо бандand, агар хамбӯ нашаванд, ҳамхӯ шаванд.

Аз ранги гули олу бишкуфад гули зардолу.
Харбуза аз харбуза ранг гирад, ҳамсоя аз ҳамсоя панд.

Боз зарбулмасалҳоеро мисол овардан мумкин аст, ки ду-се мавзӯъро дар бар кардаанд ва ё тобишҳои гуногуни маъной доранд:

Имрӯз туро дард мекунад, фардо туро марди мекунад.
Обро дида мӯза каш, ҳаворо дида ғӯза каш.
Омадан бо иродат, рафтан бо ичозат.
Пеши табиб нараву пеши дардманд рав.
Харад зам кун, нахарад кам кун.
Салом аз хурду калом аз калон.
То нахонанд нарав, то напурсанд нагӯй.
Харидӣ — бурдӣ, фурӯхтӣ — сӯхтӣ.

Дар ин зарбулмасалу мақолҳо панду насиҳат оҳанги асосии мазмун аст, аммо мавзӯъ дар онҳо аз ҳар боб мебошад. Бинобар ин ҳамаи зарбулмасалу мақолҳоро ба мавзӯъҳои конкретӣ чудо кардан имконпазир аст. Гоҳо аз ин чиҳат ба мо асари нависанда ва нутқи касе, ки зарбулмасал дар мавқеи худ иқтибос шудааст, ёрӣ расонида метавонад.

Мазмуну маъноҳои мачозӣ, киноявӣ рамзӣ дар зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ хеле гуногунанд. Масалан, дар яке панду насиҳат бо мисоли воқеа ва далели зиндагӣ баён мешавад, ки аз мазмуни ғоявии он мавзӯъ бар меояд. Дар бораи бадӣ гуфта мешавад:

Ҳар ки чоҳ сари роҳи дигарон канад,
Рӯзе худ дар он чоҳ сарнагун равад.

Дари касеро ангушт занӣ, дари туро мушт зананд.
Он чӣ ба худ написандӣ, ба дигарон ҳам написанд.
Сӯзанро аввал ба худат зан, дард накунад, ба дигарон зан.

Дар ҳамаи ин мисолҳо монанди байти:

Сад бор бадӣ карда дигар кор накардӣ,
Некӣ чӣ бадӣ дошт, ки як бор накардӣ?!

дар бораи бадӣ ошкоро сухан намеравад, вале мавзӯъ ва мақсад дар бораи бадӣ мебошад, ки ба воситаи амалиёти конкретии ҳаёти одамӣ ифода шудааст.

Аммо дар зарбулмасалҳои мазмуну маъноҳои маҷозӣ, киноявӣ ва рамзӣ бе мурочиат ба шунаванда танҳо бо наклу тасвири ҳодисаи табиат, амалиёти одамӣ баён карда мешаванд, ки гӯянда ва шунаванда худаш мавзӯъро дарк мекунад. Чунончӣ:

То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад.
Сари дарахти мевадор хам аст.
Санги вазнинро об намебарад.
Замин сахт, осмон баланд.
Такка бошаду шир диҳад.
На сих сӯзад на кабоб.
Оби дари хона қадр надорад.
Як задани оҳангару сад задани сӯзангар.
Гӯр сӯзаду деги дарвеш ҷӯшад.
Гови бешир овози баланд дорад.
Хар ҳамону полон дигар.
Дарро задам, девор кафид.
Аз анбори холӣ, як мани шолӣ.
Подабон бисьёр шавад, подаро гург мехӯрад.
Ё хара пеши бор, ё борро пеши хар.

Дар ин гурӯҳи зарбулмасалҳо нисбат ба гурӯҳи аввал панду насиҳат ва маслиҳат додан ошкоро ва қатъӣ нест. Хитоб ва мурочиат ба шунаванда мушоҳида намешавад. Аммо дар вақти кор фармудани онҳо дар нутқ ё матн хусусияти ҳикматомези ниҳониашон зоҳир мегардад, мавзӯи онҳо бештар аён мешавад.

## НАВИСАНДА ВА ЗАРБУЛМАСАЛ

Нависанда аз зарбулмасал ҳамчун аз масолеҳи забон ва воситаи тасвири бадеӣ ба таври васеъ истифода мекунад. Зарбулмасал барои кушодани характери қаҳрамон, тасвири барҷастаи вазъият, пурқувват кардани мазмуни андешаи муаллиф ё персонажи асари ӯ, типӣ кунонидани образ дар асари бадеӣ ва ғайра роли муайяне мебозад. Мисолҳо:

### Аз нӯги хамир фатир

Ҷаноби мир аз ин суханам бисьёр хурсанд шуда, ин ҷомаи (ба ҷомаи абраи ҳисории зеҳкалон, ки остинҳояшро аз бандаш чок карда, зеҳ дӯхта, буданд, ишора карда) таҳпӯши худашонро ин «аз нӯги хамир фатир» гуфта, ба камина инъом карданд.

(*«Дохунда»*, саҳ. 35).

### Аз анбори холӣ сад ман шолӣ

Хулоса, дарбориён гӯшу кисаи онҳоро бо суханҳои хуби хушк ва «чормағзҳои пучи бемағз» пур карда, рӯзро ба шаб расонданд ва ба таъбири мақоли халқ ба онҳо «аз анбори холӣ сад ман шолӣ» инъом намуданд. («Ёддоштҳо», ҷилди 4, саҳ. 390).

### Ба болои сӯхта намакоб

Харони пир ва лоғари мондашуда ду пои пешашонро ба замин тир карда, сарашонро дар миёни он гирифта, аз роҳ рафтан боз истоданд. Дар пиёдагон, ки ҳар кадом чор-панҷ пуд ҳезумро бардошта буданд, акнун барои қадам мондан тоқат намонда буд. «Ба болои сӯхта намакоб» омад: бороне, ки аввал донадона сар шуда буд, дар як дақиқа, чунон ки аз сӯи ҳаво фавворa сар дода бошанд, шурросзада боридан гирифт. («Ғуломон», саҳ. 287).

### Ба оши тайёр бакавул

Ба тартиб андохтани кори ёбон магар ҳамин аст, ки — гуфт Содиқ оташин шуда,— ман бо занам ҳар ду рӯз кунем, аммо Хуҷаназар ҳеҷ кор накунад, дар вақти ҳақгирӣ «ба оши тайёр бакавул» шуда ояд ва ҷои «сергӯшту равғанашро» ба худаш кашад.

(*«Ғуломон»*, саҳ. 520).

### Бедавлат агар кишт кунад, об наёбад,
### Ба давлат киштаву нокишта баробар.

— Бегӣ! Ба шумо дурӯғ ба худо рост, вақте ки ман аз Дарвоз омадам, ғайр аз як кафши чӯбин, як чоруқ як кулвор ва як чӯбдаст чизе надошта, аввал аз марҳамати худо, дуюм ба сояи давлати ҷаноби олӣ соҳиби ҳавлӣ, зану фарзанд шудам, як не, чор зан дорам, мулку асбобҳо ҳам мувофиқи дилу ниятам ҷамъ шуд ва ҳол он ки ман каланд назадаам, дуздӣ накардаам, моли мардумро нахӯрдаам, худо маро ба давлат муносиб диду дод, «бедавлат агар кишт кунад, об наёбад, бадавлат киштаву нокишта баробар» гуфтаанд. («Дохунда», саҳ. 39).

### Давидани гӯсола то коҳдон

Абдӯллохӯҷа қадре шӯрида гуфт: — Ҷадидҳо?!... Ҷадидҳо ҳеҷ кор карда натавонистанд ва пас аз ин ҳам ҳеҷ кор карда наметавонанд, дар асл ҳам онҳо ягон кори дуруст карданӣ набуданд, «давидани гӯсола то коҳдон» гуфтаанд. («Дохунда», саҳ. 241).

### Дарди кампир ғӯза

— Ба мо,— гуфт Ҳақбердӣ,— дузд даркор не, агар ба ту даркор бошад, худат ба пеши вай рафтан гир, агар Иброҳим зӯр бароёд, боз ба сари мо амирро меорад, ки мо ҳанӯз ҷабру зулми ӯро аз ёд набаровардаем.

— «Дарди кампир ғӯза», бой ҳам омадани амирро мехоҳад,— дигаре гуфт. («Дохунда», саҳ. 331).

### Дар қатори шолӣ курмак об мехӯрад

Мӯйсафед ин фикри маро пай бурда гуфт:— Мо пиёбаро ба ин дараҷа тунд карда хӯрдан одат надорем. Инро фақат барои ту тайёр кунондам ва худамон ҳам «дар қатори шолӣ курмак об хӯрдагӣ» барин, хӯрда истодаем». («Ёддоштҳо», ҷилди 3, саҳ. 199).

### На сих сӯзаду на кабоб

— Қарздори мо на молу мулк дорад ва на худаш ниҷонест, лекин як мекунем, ки «на сих сӯзаду на кабоб», ман аз ӯ моҳе ба ним танга розӣ мешавам. («Дохунда», саҳ. 107).

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ МАНЗУМ

Дар зарбулмасалҳои манзум қонунҳои назм риоя карда мешаванд. Гарчанде, ки дар бисьёр зарбулмасалҳо ҳамоҳангии калимаҳо, қофиябандӣ мушоҳида мешаванд, вале вазни шеър дар онҳо вайрон аст ё вуҷуд надорад. Чунончи: «Ҳар ҷойро макун орзу, дар ҳар ҷой ҳаст сангу тарозу».

Як қисми зарбулмасалҳои манзум баромади китобӣ доранд, яъне онҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, амсоли фолклор гардидаанд. Одатан, аксарияти зарбулмасалҳои манзум дар шакли фардбайт мебошанд.

#### НАМУНАҲО

Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад,
Шоҳ агар одил набошад, мулк вайрон мешавад.

Аз он толеъ ки ман дорам, ширам ҷурғот мегардад,
Ба дастам қарчиғай афтад, вай ҳам калхот мегардад.

Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон.

Бе пир марав ту дар амонӣ,
Гарчанд Сикандари замонӣ.

Бечора хар орзуи дум кард,
Ноёфта дум ду гӯш гум кард.

Бо бадон бад бошу бо некон накӯ,
Ҷои гул гул бошу ҷои хор-хор.

Бовар накун ба дӯстат,
Қаҳ чо кунад ба пӯстат.

Бетамизихои одам аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав агар мардӣ!

Дар миёни чор дарьё тахтабандам кардаӣ,
Боз мегӯӣ, ки домани тар макун ҳушьёр бош.

Даст бар сӯрох барӣ, аз захри мор андеша кун.
Пой бар гул мениҳӣ, аз захми хор андеша кун.

Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст,
Дил ки ранчид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст.

Ёр дар хонаву мо гирди ҷахон мегардем,
Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем.

Кунад хар ҷинс бо хамҷинс парвоз,
Қабӯтар бо кабӯтар, ғоз бо ғоз.

Ноз ба он кун, ки харидори туст,
Пеши касе рав, ки талабгори туст.

Нокасе боло зи хар кас гар нишинад, айб нест,
Рӯи дарьё хас нишинад, зери дарьё гавҳар аст.

Осуда касе ки хар надорад,
Аз коҳу ҷаваш хабар надорад.

Рӯзата фурӯшу рӯшной хар,
Умрата фурӯшу ҷӯшой хар.

Сухан бисьёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.

Тарҳи оламро чу меандохтанд,
Аз дусад мағзоба маҳдум сохтанд.

То набинад кур-кури куррокро,
Аҳмаке бошад кушояд токро.

Ҳар чӣ донад хӯрдани қанду набот,
Тӯрбаи каҳ бошаду кунчи работ.

Харҷ агар аз кисаи меҳмон бувад,
Ҳотами Той шудан осон бувад.

Хишти аввал гар ниҳад меъмор кач,
То ба охир меравад девор кач.

Чун теша ба сӯи хеш доим матарош,
Чун ранда ба сӯи ғайр пошанда мабош.

Чун қаланфур тез машав, монанди зардак рост бош,
Мисли шалғам гарму нарму дар замин ҳамвор бош.

Қалам гуфто ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

Қомати хамгаштаи пирон нишони марг нест,
Як камон сад тирро дар хок пинҳон мекунад.

Ҷон дар бадани беадабон ларзон аст,
Сад ҷон диҳию адаб харӣ, арзон аст.

Суханон, байту мисраъҳои шоирону нависандагон, гуфтаҳои мӯъҷазу ҳикматноки мутафаккирону арбобони ҷамъият низ ба мисли зарбулмасал ва мақол истифода мешаванд.

### НАМУНАҲО

Андеша кардан, ки чӣ гӯям, беҳ аз пушаймонӣ, ки чаро гуфтам. *Саъдӣ*

Ба даст оҳани тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир. *Саъдӣ*

Бе азми дурусту саъйи комил,
Кэсро нашавад мурод ҳосил. *Саъдӣ*

• Дар навмедиҳо басе умед аст,
Поёни шаби сияҳ сафед аст. *Низомӣ*

Даст агар дар кор машғул аст, по осуда аст. *Сайидо*

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад. *Ҳилолӣ*



125201

Кӯш, то халқро ба кор ой,
То ба хулқат ҷаҳон биророй. *Низомӣ*
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ. *Рӯдакӣ*
Наёбад касе ганҷ нобурда ранҷ. *Фирдавсӣ*
Пароканда — лашкар наояд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор. *Фирдавсӣ*
Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад. *Фирдавсӣ*
То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.
Ҳар беша гумон мабар, ки холист,
Шояд, ки паланг хуфта бошад. *Саъдӣ*
Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеч н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор. *Рӯдакӣ*

## ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲОИ НАВ

Баъд аз революцияи Октябрь дар мамлакати мо сохти нави ҷамъиятӣ — сохти социалистӣ ба вуҷуд омад. Шуур ва ҷаҳонбинии одамон тағьир ёфта, дар эҷодиёти даҳонии мардум низ ин дигаргуниҳо таҷассум меёбанд. Вале онҳо ҳанӯз сайқал наёфтаанд ва шояд бо мурури замон шаклу мазмуни ҳақиқии худро пайдо кунанд.

### НАМУНАҲО

Агар бахт ҷӯӣ, марди майдон бош.
Агар тарсӣ аз хатар, накун орзӯи зафар.
Аз «пагоҳ биё»-гӯӣ дасту дилата шӯй.
Аз падари беҳунар чӣ меомӯзад писар.
Ангур ало шуд, завхоз бало шуд.
Ба пешравии кор танқид даркор.
Бар падари ту раҳмат, аммо худат чӣ кор кардӣ.
Бачаи бисьёр ҳузури ҷон.
Бе китоб илм нест, бе илм коммунизм нест.
Ваъдаат хушку холӣ, чи ин қадар меболӣ.
Дар сар шапка, дар дил салла.
Зинати шахс илму ҳунар аст.
Илму ҳунар ҳусни дигар аст.
Ихтиёр дар дасти бахтиёр.
Камдонӣ аз камхонист.
Кор бо танбал — намешавад ҳал.
Кӯшиши ҷавонӣ — роҳати пирӣ.
Марг аз қаҳрамон метарсад.
Маҷлис бисьёр шуд, зарба ба кор шуд.

Меҳмони бадмаст — балои ҷон аст.
Номаш олию сурфааш холӣ.
Он касе ки лаққид, душман ӯро қаппид.
Саломи хушомадгӯӣ бе тамаъ нест.
Саргарангӣ аз муваффақиятҳост.
Сифати кор — ҳосили бисьёр.
Тарбияи ҷисмонӣ — бақои ҷавонӣ.
Хоҳӣ, ки нашавӣ расво, ҳамранги ҷамоат бош.

Чӣ мехонӣ? Порсола.
Ҳама барои як кас, як кас барои ҳама.
Ҳунар аз дониш, дониш аз хониш.

Як қисми зарбулмасалҳо дар қолиби зарбулмасалу мақолҳои маълуму машҳур сохта шудаанд ва каме дар худ оҳанги истеҳзову зарофат доранд. Ин навъ зарбулмасалҳо, чи навъе ки одатан дар фольклор мешавад, дар ибтидо аз тарафи шахсе сохта шудаанд, вале истеъмолгарони онҳо номи муаллифро дар ёд надоранд, ҳамин тавр бе зикри номи муаллиф аз даҳон ба даҳон мегузаранд, «моли» мардум шуда мераванд. Азбаски дар замони мо як қисми ин навъ асарҳо дар газетаю журналҳо нашр мешаванд, номи муаллифҳоро аз архивҳо ёфтан мумкин аст.

Намунаҳо:

Бе пул марав дар амонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ.
(Бе пир марав дар амонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ).
Тараҳҳум бар мудири тездандон, ситамкорӣ бувад бар гӯсфандон.
(Тараҳҳум бар паланги тездандон, ситамкорӣ бувад бар гӯсфандон).
Бо эълони диктор борон намеборад.
(Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Ё ки: бо иншооллоҳ кор буд намешавад).
Бо сухани нарм мол аз кунҷи анбор мебарояд.
(Бо сухани нек мор аз хонааш мебарояд).
Бузургӣ ба мол аст, на ба сол.
(Бузургӣ ба ақл аст, на ба сол).

## ЧИСТОН

Чистон жанри қадимии эҷодиёти даҳанакии халқ мебошад. Чистонро дар адабиёти тоҷикии лӯғз номидаанд. Калимаи «чистон» аз «чист он» сохта шудааст. Таърихи чистон аз асри X ба мо маълум аст. Дар байни осори то замони мо боқимондаи Рӯдакӣ ду чистон дар бораи найқалам ва ревоҷ дучор мешавад.

Эҷод кардани чистон хусусияти хосае дорад. Ҷавоби чистон,

яъне чизи пинҳон дошташуда, ба воситаи ташбеҳ, истиора, киноя, маҷоз, муболиға тасвир мешавад. Сифат, хосият, аломат, нишона, хислат, ҳолат, ҳаракат барин ҷиҳатҳои барҷастатарини ҷавоби чистон — предмети пинҳон дошташуда зикр мешаванд, то ки ёбандаи чистон аз рӯи онҳо он предметро тасаввур карда тавонад. Чунончӣ:

Ҳавзи сангин, оби рангин,
Мори печон, гули хандон.

Ҷавоби чистон «чароғи карасинӣ» аст. Оё дар чистон аломату нишонаҳои чароғи карасинӣ ҳастанд? Албатта ҳастанд. Масалан, карасиндони чароғ — ҳавзи сангин, карасин — оби рангин, пилтаи чароғ — мори печон, оташи сӯзони чароғ — гули хандон. Монандкуниҳо аз ҳақиқат дур нестанд. Фақат ёбандаи чистон бо предмети чароғи карасинӣ шинос бояд бошад, вагарна ӯ ҳеҷ гоҳ ҷавоби чистонро ёфта наметавонад. Бинобар ин чистонёбӣ дониши васеъ ва мушоҳидаи нозуки шахсро талаб мекунад. Масалан, чистони зерин аз шахс на танҳо донистани шаклу хусусияти лубиё (ҷавоби чистон)-ро балки шакли гурда ва мурдаю кафанро талаб мекунад. Агар дар бораи ин предметҳо тасаввурот набошад, ҷавоби чистонро ёфтан душвор аст. Чистон: «Он чист, ки ки ба гурда монанд, пӯшида кафан ба мурда монанд».

Чистонҳо аз ҷиҳати шакл ва мазмун содда ва мураккаб мешаванд.

## ЧИСТОНҲОИ СОДДА

Ҳамаро мепӯшонад, худаш урьён (*сӯзан*).
Истам, меистад, гардам, мегардад (*соя*).
Худаш якта, чашмаш садта (*элак*).
Сандукчаи зулбиё, худбандаку худкушо (*ях*).
Сандуқча пури мехча (*гӯгирд*).
Аз асп баланд, аз саг паст (*зин*).
Бузи зарди бозингар, на дил дорад на ҷигар (*дутор*).
Ин сӯ арра, он сӯ арра, миёна гӯшти барра (*забон ва дандон*).
Аз дур дидам, сабзазор, қамчин задам, лолазор (*тарбуз*).
Кач шавад, рост шавад, сулфа кунад, халос шавад (*камон*).
Мехи заррин таги замин (*сабзӣ*).
Бобом даруни гӯр, ришашон беруни гӯр (*ҷуворимакка*).
Гӯши бобоя тофтам, миёни ҳава партофтам (*тушбера*).
Об дар об чӣ бошад,
Ҳавзи гулоб чӣ бошад,
Оташ расад, ях кунад,
Онро ҷавоб чӣ бошад? (*тухм*).

Химчаи тарак, лаб-лаби чарак (*мижа ва милки чашм*).
Тофтем, бофтем, ба пушти кӯҳ партофтем (*кокул*).
Як суфача, панҷ бибича (*даст ва панҷа*).
Боло нам, поён нам, миёна мардуми олам (*ҳаммом*).
Як чодири зангорӣ, шабҳо пуру рӯз холӣ (*осмон ва ситора*).
Як падару як модар, боқӣ ҳама бародар (*офтоб, моҳ, ситораҳо*).
Меравад, меравад, оқиб нигоҳ намекунад (*оби ҷӯй*).
Аз дур омад сербуғум, почадарози калтадум (*уштур*).
Тагаш санг, санг нест,
Болош санг, санг нест,
Чор по дорад, гов нест,
Морсар асту мор нест (*сангпушт*).
Аз кӯҳ баромад ақарангу тақаранг,
Бо ҷомаи ҳафтрангу мӯзаҳои сурхранг (*кабк*).
Чист он лӯъбати писандида,
Атласи бешумор пӯшида (*товус*).
Аспи сиёҳи бозингар, на дил дорад на ҷигар (*кайк*).
Худаш як ваҷаб, ришаш ду ваҷаб (*ҷуворимакка*).
Як танӯри пуркулча, на дар дорад на дарича (*тарбуз*).
Ширин асту бомазза, худ бе алов мепазад. (*харбуза*).
Пак-пакана қад дорад, чапона ҳафт қабат дорад (*карам*).
Дегчаҳаки луммаза, ошакҳояш бомазза (*ҷормағз*).
Тобистон бозор, зимистон мазор (*токзор*).

## ЧИСТОНҲОИ МУРАККАБ

Аҷоиб як дарахте ҳаст дар ин боғ,
Ки як тан дораду дувоздаҳ шох,
Ки ҳар як шохи ӯ сӣ барг дорад,
Сафед як рӯи баргу сияҳ рӯи дигар дорад (*сол, моҳҳо, шабу рӯз*).
Ҳавзе ки дар он мӯй нағунҷад ба миён,
Нӯшанд аз он об ҳама ҷонварон,
Он ҷонвароне, ки паранд сӯи ҳаво,
Аспу шутуру гову хару одамиён (*пистон*).
Як саволе дар ту дорам, эй ҷавони боҳунар,
Дар биёбоне бидидам, як аҷоиб ҷонвар,
Мӯрпою морчашм, лайлакпару аждаршикам,
Филгардан, шерсина, уштурзону, аспсар (*малах*)

Аҷоиб лӯъбате дидам дар ин дор,
Кафан мебофт ӯ бе пуду бе тор,
Кафан пӯшид ӯ чун мурда чанде,
Ба шакли дигаре ӯ шуд намудор (*кирмак*).

Чист он лӯъбати гирдаи ғелон,
Ду номи зинда дорад, лек беҷон,

Харе бошад, ки ин маънӣ надонад,
Зи буз камтар бувад он марди нодон *(харбуза)*.

Чист он гунбазе ки ӯ бедор,
Андарун духтарон бувад як сар,
Ҳоли он духтарон агар пурсӣ,
Ҳама хуниндиланд дар он чодар *(анор)*.

Се дукони қушмақӯш,
Яктааш бахмалфурӯш,
Яктааш аст ордфурӯш,
Якташ алочафурӯш *(санҷид)*.

Дар як қисми чистонҳои мураккаб қоидаю қонунҳои назми тоҷикӣ, махсусан вазну қофия риоя шудаанд.

Гуле дорам, ки он бехор бошад,
На дар дашту на дар бозор бошад,
На ӯро кас харад, не кас фурӯшад,
Ҳамеша дар сараш бозор бошад. *(Илм)*.

Аҷоиб лӯъбате дидам дар ин дор,
Сараш панҷу танаш панҷу нафас чор,
Ба хаш (т) по меравад, даҳ даст дорад,
Ду пои дигараш болои сар бор. *(тобут, мурда, тобутбардороч)*

Чист он лӯъбат, ки дорад сад синон болои сар,
Безабон, бечашму гӯшу ҷон, дорад болу пар,
Одамӣ ӯро ба качханчар кунад забту ҳалок,
Аз ақиби ҳар синонаш лаълу дур ояд бадар.
*(хӯшаи гандум)*.

Як гиёҳе дар замин рӯяд, ки онро хар хӯрад,
Гар ба дасти шоҳ афтад, мулки Искандар хӯрад.
Рафтанаш роҳи сафед, қай карданаш хуни сиёҳ,
Аз давидан гар бимонад, бар сараш ханҷар хӯрад.
*(найқалам)*.

## ЧИСТОНҲОИ НАВ

Аксарияти чистонҳо дар замонҳои пеш гуфта шудаанд ва бештари онҳо имрӯзҳо дар хазинаи фольклори халқи тоҷик мавҷуданд. Як миқдори чистонҳо дар замони советӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳоро чистонҳои нав меномем. Предметҳои чистоншаванда нав буда, ба муносибати табаддулоти ҳаёт, тараққиёти иқтисодиёт, илму техника, ҳаёти маишӣ ва ҳоказо пайдо

шудаанд ва таърихи ин гуна чистонхо бо таърихи предметҳои нави чистоншаванда алоқаманд аст.

Кӯҳ асту санг надорад,
Замин асту хок надорад,
Ҷангал асту дарахт надорад,
Баҳр асту об надорад.

*(харита).*

На дил дорад, на гурда,
Мехонад, бачамурда.

*(радио).*

Шаш пой дорад менозад,
Дастҳо боло метозад.

*(троллейбус).*

Сандуқчаи чоргӯша, даруиаш пури чӯбча.

*(гӯгирд).*

Шабу рӯз раҳ мегардад, вале аз ҷояш намеҷунбад

*(соат).*

Даҳон надорад, роз мегӯяд,
Қанот надорад, парвоз мекунад.

(мактуб).

Гови сиёҳ дар дарун, гарданаш дар берун *(бухорӣ)*
Панҷ деҳқон бо як испор ҷуфт мекунанд *(панҷаҳо ва қалам)*
Он чист, ки худаш намебинад, ба дигарон роҳ нишон медиҳад. *(қутбнамо)*

Як порча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем,
Бо чашми худ бидидем,
Бо ақли худ шинохтем.

*(китоб)*

Аспе дорам ҷафокаш,
Равғану об хӯрокаш,

Ҷаву алаф нахӯрад,
Набошад хеҷ озораш (*мошин*).

Он чист, ки панҷ хона дорад,
Дар нармии худ нишона дорад,
Ҳар хонаи он пур аст аз барф,
Ин турфа, ки барф дона дорад (*гӯзаи пахта*)

Ҳамдаме дорам, ки беовоз сӯҳбат мекунад,
Бедаҳону безабон наклу ривоят мекунад,
Ҳушу ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ӯ,
Аз кадомин фан, ки хоҳӣ ӯ ҳикоят мекунад. (*китоб*)

Мисли тарбуз лӯнда аст, аммо нарӯяд аз замин,
Бе замин асло намешуд шакли вай тарбуз барин.
Гар ту ҳастӣ бохабар аз илми олам, чист он?
Бе ҳамон ҳаргиз надонӣ рӯи олам инчунин (*глобус*)

Ҳаст як паҳлавони ҳайбатнок,
Оҳанинҷисму оҳанинпӯшок,
Асп нею ба тохтан чаққон,
Шутур нею лекин боркашон.
Гов нею замин меронад,
Номи ин чизро кӣ медонад? (*трактор*).

Аспе дорам беозор,
Ҳушсурату хушрафтор,
Монда намешавад хеч,
Хӯрокаш обу бензин,
Поҳош бошад, аз резин (*мошинаи сабукрав*)

Аз ин ҷо то Ҳисор, метозад, қатор-қатор. (поезд).

## ВАРИАНТ ДАР ЧИСТОН

Муайян кардани варианти чистонро аз ҷавоби чистон сар кардан лозим аст. Аксарияти чистонҳо аз ду то даҳ вариант доранд. Вариантҳои чистон аз вариантҳои дигар жанрҳои эҷодиёти даҳанакии халқ тамоман фарқ мекунанд. Дар чистонҳо ҳар вариант наву тоза ва оригиналӣ аст. Бинобар ин аз ҷиҳати шакл вариант гуфтан мувофиқ нест ва аз ҷиҳати мазмун ҳам ба вариант ва чандон рост меояд, зеро ки саъатҳои тасвир, ташбеҳу истиора, тавсифу муболиға, маҷозу киноя дар ҳар кадом дигаргунанд. Масалан, мо ҳафт варианти як чизи чистоншуда — сояро аз назар мегузаронем ва ҳар кадомро шарҳ медиҳем.

1. Ман давам, ӯ медавад,
Ман истам, ӯ меистад.

2. Дар об тар нашавад,
Дар чар чар нашавад.

3. Об занам нам нашавад,
Шамшер занам, қалам нашавад.

4. Ба ҳама чиз шарик бувад,
Нест чизе бе ӯ бувад.

5. Сараш яку пояш ду,
Меравад пеш-пеши ту.

6. Аз бом намеафтад,
Дар оташ намесӯзад.

7. Аҷоиб ҳолате дидам дар ин дашт,
Ки беҷон ҳамраҳи ҷондор мегашт.

Дар ин ҳафт варианти чистон дар боран соя ҳафт хел тасвир ҳаст, ки ҳар кадом як-ду «хусусияти» сояро васф мекунад ва тавсифҳо аз тахайюли бадеии халқ баромадаанд. Масалан тар нашудан, чар нашудан, аз бом наафтидану дар оташ насӯхтан, беҷону ҳамроҳи ҷондор гаштан ва ғайра маҳсули тахайюли бадеии халқ аст, ки дар чистонҳо бештар мушоҳида мешавад ва бе он ба вуҷуд омадани чистон номумкин аст, вагарна чистон нахоҳад буд. Дар вариантҳои предмети чистоншуда — ҷуворимакка бубинем, ки чи тавр ҳар як ҷузъи ҷуворимакка ба чиҳо монанд карда шуда, шартан гӯем, «образи» предмет тасвир шудааст.

Онмчае кокул дорад,
Таги кокул букул дорад,
Шамол хезад усул дорад.

Чист он лӯъбати кокулдор,
Ҷомаҳо дорад бешумор?
Бедаҳон, аммо аҷаб,
Дар ҷисми ӯ дандон қатор.

Худаш як ваҷаб, ришаш ду ваҷаб.
Бобом даруни гӯр, ришашон беруни гӯр.

Ришдарози бовиқор,
Дандонҳояш бешумор,
Ҷомаҳояш чанд қабат,
Ҷои ӯ саҳро бувад.

Ҷузъҳои предмети чистоншуда — ҷуворимакка, масалан, донаҳояш ба дандон, пӯстҳояш ба ҷома, пӯпакаш ба риш ва кокул

монанд карда шуда, дар чистонҳои сеюм ва чорум ба воситаи муқоисаи каду риш ва ҳодисаи ғайриоддии даруни гӯр будани бобою беруни гӯр будани риши ӯ предмети чистоншуда (чувормакка) пинҳон дошта мешавад. Ин усули асосии чистонсозӣ буда, тахайюли бадеӣ (фантазия) ва хуб донистани предметҳо роли бузурге доранд. Хуб донистани предмети чистоншуда ва ба вай монанд кардашуда барои ёбандаи чистон зарур ва ҳатмист.

## НАМУНАҲО БАРОИ ВАРИАНТ

Як танӯри пуркулча, на дар дорад на дарича *(тарбуз)*
Аз дур дидам — сабзазор, қамчин задам — лолазор
*(тарбуз)*

Гунбази лӯндаи сабзи камбар,
Ҳуҷраҳо дорад, надорад дар. *(тарбуз)*.

Ҳамчу гунбаз лӯнда асту сип-сиёҳ,
Дар надорад, лек пур аз ҳуҷраҳо,
Андарунаш бӯстони лолазор,
Сокинонаш сип-сиёҳу бешумор *(тарбуз)*

1. Як чодари зангорӣ, шабҳо пуру рӯз холӣ.

*(осмону ситораҳо)*

2. Гилеми ранга-ранга, дарунаш пури танга

*(осмону ситораҳо)*

3. Гилеми калон дорем, шиппонда наметонем.

*(осмону ситораҳо)*

4. Латтаи кабутак, пури нахӯтак

*(осмону ситораҳо)*

5. Рӯймоли кабуд, дарунаш пури қурут.

*(осмону ситораҳо)*

1. Рангзарди гирдгардон,
Сайр кунад дар ҷаҳон.
Шаб раваду рӯз ояд,
Ба хонаҳо дарояд.

*(офтоб)*

2. Аз як фатир ҳама олам сер

*(офтоб)*

3. Худаш калону соя надорад,
Аз ҳама боло, поя надорад.

*(офтоб)*

4. Аз ӯ ҳама ҷо равшан,
Бе ӯ набувад гулшан.

*(офтоб)*

1. Он чист, ки худаш намебинад, ба дигарон роҳ нишон медиҳад? (асо).

2. Безабону биниӣ асту бе чашму гӯш,
Меравад якпоя дар ҳар ҷой чист? (асо).

3. Меравbooking меравад, танга барин ҷойро мегирад. *(асо)*

4. Қоматаш дар ростӣ монанди сарв,
Нақши пои ӯ зиёд аз танга нест. *(асо)*.

1. Осмони ҳафтум дар кафи дастум. (оина).

2. Дасту по ӯ надорад, расми туро мекашад. *(оина)*.

1. Лингачаи пур аз орд, дар даруннаш як сутун *(санҷид)*.

Мағзак даруни чубак, чубак даруни ордак, ордак даруни пӯстак. *(санҷид)*

Се дӯкони қӯшмақӯш: яктааш бахмалфурӯш, яктааш *(санҷид)*

Зардиаш чун зардолу,
Сафедиаш шафтолу,
Валлоҳ, ки на зардолу,
Валлоҳ, ки на шафтолу *(тухм)*.

Об дар об чӣ бошад,
Ҳавзи гулоб чӣ бошад,
Оташ расад ях кунад,
Онро ҷавоб чӣ бошад? *(тухм)*.
Аспи сиёҳи мардум,
На ёл дораду на дум,

Дар хонаҳои мардум,
На ҷав монад, на гандум. *(осиё)*

Сурхак мехӯрад, сафедак мебарорад. *(осиё)*.

Ноф дар ноф, мех дар шикоф,
Барф мебораd дар ҳавои соф. *(осиё)*.

Мехӯрад дон баумед, мепошад барфи сафед. *(осиё)*.

## ФАРДБАЙТ

Шеъри думисрагии ҷудогона ва мустақил фардбайт аст. Дар адабиёти замони гузашта ин навъ шеърро «муфрад», ҷамъашро «муфрадот» номидаанд. Дар фольклоршиносии тоҷик ҳамчун як шакли шеъри «байт» ҳам мегӯянд. Мисолҳо:

Ту ёр шавӣ, ман ба ту дилдор шавам,
Дилдор шавӣ, ман ба ту ғамхор шавам.
Себарга дамид хуррам лаби ҷӯйбор шуд,
Аз файзи баҳор олам ҳама пурбор шуд.
Ин чашмаяи бин булуққас дорад,
Қалпоқи сари ёрам чараққас дорад.
Қошони сиёҳ дорию хардуш кӯша,
Якташ ба ману якташ ба гирду гӯша.
Кӯҳҳои баланд-баланду регҳои дурушт,
Сесола бурафтанои ёрам мана кушт.
Як беди баланди якка дорад ёрам,
Ду қоши сиёҳи ҳалқа дорад ёрам.
Қач-қач қаламе, сарам ба савдои ту не,
Садсола равӣ, дилам ба парвои ту не.
Дар гӯшаи бом шинию сар шона кунӣ,
Ин бачаи тоқисурха девона кунӣ.
Аз боло куланг омаду кӯшмурғобӣ,
Ошиқ шудаям ба духтари кӯлобӣ.
Аз хона баромадӣ ҷунбон-ҷунбон,
Қошотба мурам духтари Устоқурбон.
Бозорба равам, харид кунам аз баққол,
Ошиқ шудаям ба духтари оқсаққол.
Ҳавлитба равам, ҳама ҷо об задагӣ,
Ду зулфи сиёт бари рут тоб задагӣ.

Боғаш пури зардолу ба мо ғӯрара дод,
Хонаш пури духтару ба мо бевара дод.
Червон тиямо айриплон бардорад,
Моро бараду дар Москува фурорад.

## ҚОФИЯ ВА ВАЗН ДАР ФАРДБАЙТҲО

Аксарияти фардбайтҳо қофияи солим доранд. Дар як қисмашон қофия, ҳамчун умуман назми халқии тоҷик, дар асоси ба ҳамдигар наздикии овозҳо (монанди ор—ол) сохта шудааст:

Дар тагаки тиреза анор афтодаст,
Ишқам ба бачаи комсоло афтодаст.

Як оҳ кашам, ки ҷигарам пора шавад,
Хуни ҷигарам резад, гули лола шавад.

Боғбонаки боғ шудаму аз боғ мондам,
Кардам сафари дарозу аз ёр мондам.

Мактуб карда фиристонам ёрамба,
Нумолча гирад, гирья кунад ҳоламба.

Вазни фардбайтҳо ба вазни рубоӣ мувофиқ меоянд, аммо аксарияти фардбайтҳо беруи аз чорчӯбаи арӯз мебошанд ва азбаски тараннум (яъне суруда) мешаванд, қонуни хоси оҳангӣ доранд. Фардбайтҳое, ки дар вазни арӯз аз шаҷараи ахраб мебошанд:

Қадатба мурам, ту қадди раъно дорӣ,
Қошони сиёҳу рухи зебо дорӣ.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — —/—
Мафъӯлу, мафоилун, мафоӣлун, фаъ

Ё ин ки:

Омад хабаре ки дилбарам бетоб аст,
Дар шаҳри мусофирӣ дилам зардоб аст.

Дар фардбайтҳои зерин ва умуман қариб дар ҳамаи фардбайтҳо барои таъин кардани вазн дар як маврид ҳиҷоеро мувофиқи қонуни арӯз дароз кашидан лозим аст, дар мавриди дигар мувофиқи талаффузи забони гуфтугӯӣ (ё шева) ҳиҷои дарозро кӯтоҳ бояд талаффуз кард. Мо ба зери ин гуна ҳиҷоҳо хат мекашем.

Қаддатба муносиб дар сарат кӯзаи об,
Эй ёри азиз, пештар биё, рӯта натоб.

Вазнаш: — — V/V — — — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафоӣлун, мафоӣлу, фаӯл.

Имсол мусофирӣ асар кард маро,
Тири ғами ҷонона бадар кард маро.

Вазнаш: — — V/V — — — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафойлун, мафоилу, фаал

Рӯмоли бирешимӣ дохтӣ ту ба сар,
Як бор ба ҷониби дилсӯхта нигар.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафойлу, мафойлу, фаал

Чашмони сиёҳи пурхуморатба мурам,
Дандони сафеди обдоратба мурам.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафоилун, мафоилу, фаал.

Қаддат ба хироҷи мамлакат меарзад,
Кокул ба миёни борикат меларзад.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — — / —
Мафъӯлу, мафоилун, мафойлун, фаъ.

Каклик манамо, макони ман дар камар аст,
Пурдард дилам, ҷӯраи ман бехабар аст.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V
Мафъӯлу, мафойлун, мафоилу, фаул.

Дар боғи шумо якта ниҳол пайвастам,
Билло, ба худо ман ба шумо дил бастам.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — / —

Монанди хаво туман гирифтас дили ман,
Эй ҷӯра, биё, кушода гардад дили ман.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —

Дар гӯшаи бум шиштат мисоли кафтар,
Ишки ману ту имсол мешавад дафтар.

Вазнаш: — — V/V — — — /V — — — / —

Долони баланд дорӣ, пешаш арча,
Ду коши сиёҳ дорӣ, рӯят лахча.

Вазнаш: — — V/V — — — / — — — / —

Ин хусусият барои назми халқӣ, ки бештар ҳангоми ҳамоҳангӣ бо асбоби мусиқӣ ва ё оҳанги махсусе тараннум мешавад, хос буда, алалхусус барои фардбайт ва рубоӣ хеле характернок мебошад. Дар баробари ин бояд гуфт, ки ду мисраи ҳар фардбайт бо ду вазн низ омада метавонад.

Агар аз ин нуқтаи назар фардбайтҳои мазкурро аз назар гузаронем, дар он сурат принципи ягонаи қонуни арӯз риоя карда шуда, ҳиҷои «пеш», «кард», «дох», «сӯх», «об», «дард» дар ҳама ҷо якуним ҳиҷоӣ (— V) бояд ҳисоб карда шаванд.

Ана дар ин ҳолат ду мисраи фардбайт аз вазн иборат мешавад.

Ман қад-қади об омадам, реги дурушт,
Холҳои сиёҳи ёрам мана кушт.

Вазнаш: — — V/V — — V/ — — V/V
— — V/V — V — / — — V/

Мафъӯлу, мафоилу, мафъӯлу, фаӯл,
Мафъӯлу, мафоилун, мафъӯлу, фоъ.

Дар колхози мо чи хуш як духтаракай,
Қадаш ба мисоли сарву ар-аракай.

Вазнаш: — — — /V — V — / — — V/V —
— — V/V — V — — /V — V/V —

Мафъӯлун, мафоилун, мафъӯлу, фаал.
Мафъӯлу, мафоилун, фаӯлу, фаал.

Баъзе фардбайтҳо берун аз доираи вазнҳои шаҷараи ахраб ва ахрам мебошанд. Масалан, фардбайти зерин аз баҳри рамал аст:

Дилбарам болои бому ҳарду чашмам сӯи ӯ,
Мекашам ман интизорӣ, то бубинам рӯи ӯ.

Вазнаш: — V — — / — V — — / — V — — / — V —

Фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун
Мисолҳо барои ҳамин вазн:

Ёди майгуни лабат кардам, хуморам тоза шуд,
Гулшани рӯи туро дидам, баҳорам тоза шуд.
Аз қафои пода гаштам, ҳанги поям канда шуд,
Ҷои хобам зери хору соябонам ҷанда шуд.

Зоғ андар боғ масту, акка дар гулзор маст
Оқиле аз ақл масту аҳмақ аз кирдор маст.

## ПАРАЛЛЕЛИЗМ ДАР ФАРДБАЙТ

Дар фардбайт ду тарзи ифодаи фикр мавҷуд аст. Яке бевосита баён шудани фикр, дигаре бавосита, ки асосан бо санъати параллелизм мебошад. Дар ифодаи бевоситаи фикр санъатҳои ташбеҳ, истиора, маҷоз, ташхис, тавсиф, муболиға ва ҳоказо ба кор бурда мешаванд. Аммо санъати параллелизм усули бадеии тамоман дигари хоси рубоӣ ва фардбайтҳои фольклор мебошад.

Дар фардбайтҳои зерин фикри гӯянда бевосита ва ошкоро ифода шудааст:

Ҷоно ба фироқат ин дилам садпора,
Дар дидани ту ҳаргиз наёфтам чора.
Айбам накунед, мисли Фарҳод шудаям,
Дар кӯи ҳамун ёр сӯхта барбод шудаям.
Сӯхтам ба ғамат, ҷӯра, нигоҳам кунӣ-чӣ,
Наззора ба чашми пурхуморам кунӣ-чӣ.

Лабгӯшаи боми мардумон шуд ватанам,
Гуфтам, ки равам, ёди ғарибӣ накунам.

Дар фардбайтҳои мазкур дар мисраи якум шарҳи ҳол, тасвири воқеа, муқаддимаи мақсад баён шуда бошанд, дар мисраи дуюм мақсад, муддао—фикри асосӣ ифода гардидаанд. Хусусияти жанри фардбайт дар ҳамин аст. Агар дар рубоӣ ва дубайтӣ се мисраи аввал муқаддимаю мисраи чорум ифодакунандаи мақсаду муддао шуда бошанд, дар фардбайт ҳамаи ин шакли ифодаи мазмун дар ду мисраъ сурат гирифтааст. Умуман аз ҷиҳати созмони дохилӣ рубоӣ ва фардбайт ба ҳам наздик аст ва аз ҷиҳати санъатҳои бадеӣ, аз он ҷумла параллелизм, низ онҳо хусусияти умумӣ доранд.

Фикру мулоҳизаи тадқиқотчиён дар бораи қадимӣ будани фардбайтҳои халқӣ ва аз ин шакл ба вуҷуд омадани фардбайт ва рубоӣ гувоҳӣ медиҳад, ки рубоӣ инкишофи фардбайт аст. Илова бар ин ба ҳар ҳол принципи аз содда ба мураккаб гузаштан дар таърихи пайдоиши эҷодӣ бадеӣ (пайдоиши санъат) вуҷуд дорад. Ин масъаларо то охир омӯхтан лозим аст.

Дар фардбайтҳои халқӣ навъҳои гуногуни параллелизм мавҷуданд, ки барои ифодаи фикри асосии гӯянда ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ хизмат мекунад ва яке аз санъатҳои анъанавии назми халқӣ мебошанд. Масалан, дар фардбайти зерин ба сабаби сафари дарозмуддат аз ёри худ маҳрум шудани ошиқ ба он монанд карда шудааст, ки боғбоне боғро парвариш мекард, вале бебаҳраю беносиб мемонад:

Боғбонаки боғ шудаму аз боғ мондам,
Кардам сафари дарозу аз ёр мондам.

Ошиқ ёри худро ба боғ монанд кардааст. Аммо монандкунии ӯ танҳо ташбеҳи як предмет ба предмети дигар нест, балки инчунин як ҳодиса (бо предметаш) ба ҳодисаи дигар, ки мантиқан мувофиқ меояд, монанд карда мешавад. Яъне: боғбон боғро гум мекунад, ошиқ ёрро гум мекунад. Дар айни ҳол ду ҳодисаи дигар мазмуни фардбайтро таъсирбахш ва ҷозибадор мекунанд. Боғбони боғ шудану аз боғ маҳрум мондан ва сафари дароз кардану аз ёр ҷудо шудан.

Дар фардбайти зерин параллелизм ба фардбайти болой хеле наздик мушоҳида мешавад. Баъзан фардбайт, агар бо параллелизм омада бошад, як воқеа, як сюжети кӯтоҳеро дар бар мекунад, ки онро мо тасаввур мекунем. Чунончӣ: дар ҳавлии дӯстдоштааш райҳон коштааст, яъне райҳон гиёҳи хушбӯй — рамзи ишқ аст. Агар ҳавлии дӯстдоштаашро дили ӯ пиндорем, пас дар дили «ҷӯраи ҷонаш» ишқ парваридааст ва охир ба мақсадаш расидааст, чунки ёри аввалаи гӯяндаи фардбайт ҳайрон мемонад ва шояд оқибати корро чунин гумон намекард:

Эй ҷӯраи ҷон ҳавлитба коштам райҳон,
Ёри аввалат хонаба мондас ҳайрон.

Дар ин фардбайт бе кушодани параллелизм ва рамз дар ҳолати зоҳириаш мазмуни ишқии он маълум намегардад ва эҳсосоти бадеӣ ҳосил намешавад. Одатан дар мисраи якуми фардбайт ҳамин навъ тасвири объектеро мушоҳида мекунем, ки дар назари аввал бо мазмуни мисраи дуюм ҳеҷ гуна муносибате надорад. Масалан, барои чӣ гуфта шудааст: «Ин абри сиёҳ хаёли борон дорад»? Мисраи дуюм тамоман як мазмуни дигар аст, ки ба мисраи якум гӯё ҳеҷ алоқае надорад. Мазмуни мисраи дуюм. «Мушкил ба касе, ки ёри нодон дорад», дар алоҳидагӣ бешубҳа фаҳмост, аммо дар муносибат бо мисраи якум саволе ба миён меояд, ки гӯянда дар фардбайти мазкур чӣ алоқаи мантиқиро дар назар дорад? Дар ин фардбайт ҳам алоқаи мантиқии мисраи якум ва дуюм аз санъати параллелизм ҳосил мегардад ва ин навъи параллелизми рӯҳӣ (психологӣ) мебошад. Мушкилие, ки ёри нодон ба касе меорад, як вазъи рӯҳии инсон аст ва он вазъи рӯҳи амсоли ҳолати табиат, яъне пеш аз боридани борон осмонро фаро гирифтани абри сиёҳ мебошад.

Муносибати мантиқии мисраи якум ва дуюми фардбайти зерин на ба воситаи параллелизм, балки ба воситаи тасвири роҳ (масофа) ва душвориҳои он, ки дар мисраи якум зикр мешавад, мушкилоти ҷудоӣ аз ёри дурафтода, ки дар мисраи дуюм ифода мегардад, ба амал меояд.

Кӯҳҳои баланд-баланду регҳои дурушт,
Сесола рафтанои ёрам мана кушт.

Дар ду фардбайти зерин, ки аз ҷиҳати сохти параллел овар-

дани ду ҳодисаи амалиёти инсон: яъне ба бом баромадану куртаи тунук доштан аз як тараф ва ёрро нагирифтану дилхунук шудан аз тарафи дигар, дар фардбайти дуюм об нахӯрдану хас доштани об аз як тараф ва ёрро нагирифтану кас доштани ёр, хеле ба ҳамдигар наздик буда, шабоҳати нафақат ҳодисаю амалиёт, балки шабоҳати психологӣ дида мешавад, ки инро параллелизми психологӣ номидан мумкин аст.

Ман бомба намебаром, ки куртам тунук аст,
Ин ёра намегирам, ки дилҳом хунук аст.
Ин оба намехӯрам, ки об хас дорад,
Ин ёра намегирам, ки ёр кас дорад.

Баъзе фардбайтҳо дар ибтидои пайдоиши худ унвони муайяну конкретӣ доштанд. Яъне касе ба касе махсус бахшида гуфтааст. Бо мурури замон онҳо фардияти худро гум карда, хусусияти ҷамъбастӣ пайдо мекунанд, вале нишонаю аломатҳои ба касони конкретӣ алоқамандии онҳо бетағьир боқӣ мондаанд. Масалан, дар фардбайти зерин ёре васф карда шудааст, ки дар ҳавлиаш як беди баланди якка дорад. Дар ин ҷо мисраи якум барои мисраи дуюм параллели мазмунӣ шуда наметавонад. Вазифаи он муайян кардани унвон аст:

Як беди баланди якка дорад ёрам,
Ду қоши сиёҳи ҳалқа дорад ёрам.
Шабнам задасу боди сабо, барги хазон,
Аз хонаи пушти ҷӯ барод офати ҷон.

Эй беди баланди сар даруни хона,
Шохотба мурам, гузаргаҳи ҷонона.

Дар ин фардбайтҳо «муқаддима», яъне предметҳои дар он тасвир шуда, бо объекти асосӣ (ёр, маъшуқа, ҷонона) муносибати кавии мантиқӣ доранд, ба воситаи онҳо гӯянда эҳсоси худро ифода кардааст. Ҳамаи онҳо дар яклухтӣ образест, ки мо дар фардбайти дуюм: шабнам, боди сабо, хазонрезӣ ва аз хонаи паси ҷӯй баромадани ёрро тасаввур мекунем. Дар фардбайти сеюм бошад: беди баланди сараш ба даруни хона хамшуда, ки аз назди он ҷонона мегузарад, манзараест, ки барои ошиқ азиз аст.

Ҳамин тавр, фардбайтҳои халқӣ сарфи назар аз ҳаҷми хурди худ дар ифодаи бадеии ҳиссиёт, ҳаяҷон ва андешаҳои пуробурангӣ гӯянда иқтидоре доранд. Аз ин сабаб ҳам дар ҳаёти маънавии халқ мавқеи намоёне ишғол кардаанд.

## НАМУНАҲОИ ФАРДБАЙТҲО

Се моҳ шидай хирман гирифтем дар бод,
Қоҳуш ба замин резаву донаш барбод.

Аз гулшани боғ сарви хиромон умад,
Дар дидани ман ёраки чонон умад.

Дар синчаи ту тири чафо мебинам,
Дар хандаи ту аҳду вафо мебинам.
Чашмота хумор накуну дилам адо,
Аз баҳри ту ман қаландарам, мисли гадо.

Дар хоб будам, сабзина умад бағалам,
Бедор шудам, аланга дорад чигарам.

Ишқи ту мана дӯзах барад, ё ба биҳишт,
Рӯзе бишавад, розама гӯям ту навис.

Сад неш задӣ бар дили озурдаи ман,
Аз рафтани ту пора шудас гурдаи ман.
Ишқи ту, парӣ, сӯзонду бирьёнам кард,
Ин дарди чудоӣ ика гирьёнам кард.
Қошои сиён пилтатобатба мурам.
Дандуни сафеди садафтобатба мурам.
Қадди ту, санам, аз навдаи гул борик,
Шӯе, ки ту дорӣ, дилаш чу гӯри торик.
Рафтам ба дарат, нагуфтӣ: хона даро,
Шиштам ба замину нолиш кардам ба худо.
Ман масти туам, ту дар хумори дигарӣ,
Ман гашта хазон, ту навбаҳори дигарӣ.
Се боми қатору боми мо дар соя,
Ери хама дуру ёри мо ҳамсоя.

Дар сояи санг нишаста сар шона кунӣ,
Ин баччаи токисурха девона кунӣ.

Обе хураме, оби Зарафшон бошад,
Ере, гираме, ёраки хандон бошад.

Се моҳи зимистон аст, се моҳи баҳор,
Гул дар ғами борон сӯхт, мо дар ғами ёр.

Сабзиназанак алову оташ барин,
Хандиданакош мисоли очаш барин .

Ду қоши сиёт бурдаст дили нолонам,
Ду зулфи сиёт халқа задаст бар чонам.

Ин беди баланди рӯ ба рӯи хона,
Шохаш ба замину манзилаш бегона.

Аз дур дидам туро, ишорат кардам,
Аз паҳлӯи ҳавлитон иморат кардам.

Қадди ту ниҳоли навбару рӯят гул,
Орзуи табассуми ту дорад булбул.

Миҷҷа мезанӣ ду чашми мастат пури хоб,
Девунаба як нигоҳ кун аз баҳри савоб.

Ваъда додӣ, буромадам ман каппат,
Ошиқ манамо ба холи рӯи чаппат.

Дар гӯшаи бом нишастас ёрам бемор,
Дил месӯзаду ҷигаркабобам бари ёр.

Рафтам лаби об, оба тамошо кардам,
Ишқи тура, ёр, дар дилакам ҷо кардам.
Э моҳи баландам, осмон хунаи ту,
Бераҳмӣ накун, банда девунаи ту.
Маҳтоби шабӣ, ситораи рӯз манам,
Маҷнун тую Лайлии дилсӯз манам.

## РУБОӢ

Рубоӣ шеъри чормисрагӣ буда, вазну қофиябандии ба худ хосе дорад. Қофиябандиаш: ААБА, ААББ мебошад, чунончи:

Дилдор ба ман гуфт: чаро ғамгинӣ?
Дар қайди кадом дилбараки ширинӣ?
Барҷастаму оина ба дасташ додам,
Гуфтам, дар оина киро мебинӣ?

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — / —

Чун булбулаке нола кунам дар кӯят,
Аз гиряву зорим нахамбид хӯят,
Армони ман ин аст: бубинам рӯят,
Як бори дигар шишта бари паҳлӯят.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — / —

Мурғак ба сари чашма чӣ кор омадай?
Ё гушна шудӣ, ё ба шикор омадай?
Не гушна шудам, не ба шикор омадаам,
Девона шудам, аз ғами ёр омадаам.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — V/V —

Вазни рубоии адабиётро ба ду шаҷара ҷудо кардаанд: шаҷараи ахраб ва шаҷараи ахрам. Ҳар шаҷара аз дувоздаҳ навъ иборат буда, ҳамагӣ бисту чор навъ вазнро дар бар мекунад.

Вазнҳои рубоиёти халқӣ ҳанӯз омӯхта нашудаанд. Аммо бисьёр рубоиҳои халқӣ бо вазнҳои ахраб ва шаҷараи ахрам гуфта шудаанд.

Аз хона баромадам, дилам ҷилваи ёр,
Имрӯз чи рӯзай, дӯстон, мондам зи кор,
Гуфтам: биравам, бӯса гирам аз лаби ёр,
Шояд ки дили зорам каме гирад қарор.

Мафъӯлу, мафоилун, мафоилун, фаъ,
Мафъӯлу, мафоилу, мафоилу, фаал.

Эй дил, ба каманди дилбаре афтодӣ,
Дар доми бути ситамгаре афтодӣ.
Аз қайде диле раҳо накардӣ ту ҳанӯз,
Билло ки ба доми ҳилагаре афтодӣ.

Эй ҷураи ҷун, садқа шавум чашмота,
Раҳгаштанакои хоси беҳамтота.
Ай бахши ту дорам дӯст ҳама хешота,
Ҳам модару ҳам додари бепарвота.

Вазнаш: — — V/V — — — /V — — — / —
Мафъӯлу, мафоилун, мафоилун, фаъ.

Ай хона баромадум, куртам гули нор,
Бо кӯча гузар кардум ай бахри нигор.
Мардум мара мегаи: ӯ бесабру қарор,
Бесабрия мо кардем, беаҳдия ёр.

Вазнаш: — — V/V — — — / — — V/V.
Мафъӯлу, мафоилун, мафъӯлу, фаӯл.

Занҷири сари зулфи ту маҷнунам кард,
Нодидани рӯи ту ҷигархунам кард,
Ногаҳ назарам афтад бар холи лабат,
Холи лаби ту аз шаҳр берунам кард.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — /
Мисраъи сеюм: — — V/V — — — / — — V/V —
Мафъӯлу, мафоилу, мафоилун, фаъ,
Мафъӯлу, мафоилун, мафъӯлу, фаал.

Дар рубоии зерин дар ҳиҷоҳои «лол, ҳол, сол» вазн сактадор аст ва ин гуна ҳодисаҳо дар рубоиёти халқӣ бисьёр дучор мешаванд. Аммо ин нуқси нораво нест.

Ай сардарахо кавги хилолма бурдан,
Ай маъракахо навданиҳолма бурдан,
Дар маъракахо навданиҳол бисьёрай,
Озодаҷавони бемисолма бурдан.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — V —/ —
Мафъӯлу, мафойлу, мафойлун, фаъ

Дар мулки Тагоб маҳваши хандон худатӣ,
Сартоки сари навҷавонон худатӣ,
Мардум гули сурха талабад фасли бахор,
Садбарги шукуфтаи зимистон худатӣ.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — V/V —
Мафъӯлу, мафойлу, мафойлу, фаал.

Намозаки шом асту мо дарбадарем,
Ёрам сари болишту мо пушти дарем,
Чашмак зада мо ҳардумон менигарем,
Эй ёр, ту хуш бош, мо раҳгузарем.

Вазнаш: — — V/V — — V/ — — V/V
Мафъӯлу, мафоилу, мафъӯлу, фаӯл.

Дарьё сифате чарх занад дидаи ман,
Оташ, ки забона бизанад, синаи ман.
Ин кӯзагарон кӯза, ки созанд дар гел,
Аз хокаки аҷдодаки пешинаи ман.

Вазнаш:— — V/V — — V/V — — V/V —
Мафъӯлу, мафйлу, мафойлу, фаал.

Имсол фалак моба чӣ дилсӯзӣ кард,
Шодия гирифту ғамамон рӯзӣ кард,
Мардум ҳама пӯшида ба тан ҷома-сафед,
Навбат, ки ба мо буд, сияҳпӯшӣ кард.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — /
Мафъӯлу, мафойлу, мафоилун, фаъ
Мисраъи сеюм: мафъулу, мафойлу, мафойлу, фаӯл
— — V/V — — V/V — — V/V

Дар боғи шумо буттаи найшакар аст,
Дар зери ҳамон бутта ду лабшакар аст.
Духтар шакару ҳама хубон шакаранд,
Дил аз ғами онҳо боз дарбадар аст.

— — V/V — — V/V — V — /

Дар фасли баҳорон гул ба дастам додӣ,
Дар сини чавониҳо шикастам додӣ.
Ман даста ба домани ту додам ба умед,
Ту домани навмедӣ ба дастам додӣ.

— — V/V — — — /V — — — / —

Қаддат ба мисоли навдаи найшакар аст,
Рухсораи ту зи барги гул тозатар аст,
Як бор нигаҳ кунӣ агар ман месӯзам,
Баргашта нигоҳи ту зи куштан батар аст.

— — V/V — V — /V — — V/V

Оҳубарара ба боғ мебинам ман.
Бар синаи барра доғ мебинам ман,
Ай дасти ҳамои савдогари беномус,
Тутира ба чанги зоғ мебинам ман.

— — V/V — V — /V — — — / —

Эй дӯст муҳаббати ту беморам кард,
Савдои рухат ба ғам гирифторам кард,
Дар хоб будам, фикру хаёлат омад,
Ханчар задаю зи хоб бедорам кард.

— — V/V — V — /V — — — /

Дар дашт будум, ғулоғули чанг умад,
Шербачча будум, гурёхтанум нанг умад,
Шамшери қазо ба гарданум танг умад,
Хуни чигарум ба ҳар сари санг умад.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — — / —
Мафъӯлу, мафойлун, мафойлун, фаъ

Аз оразп ту чаман-чаман гул резад,
Аз қаддаки ту дастан сунбул резад,
Як бори дигар ба ёди ту нола кунам,
Хун аз чигари ҳазор булбул резад.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — — / —
Мафъӯлу, мафойлун, мафойлун, фаъ

Эй лоларухо, доғи ту ҳасрат моро,
Афтода ба рӯи ту муҳаббат моро,
Пайкони ту дар синаву доғи ту дар дил,
Армони ту то рӯзи қиёмат моро.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — — / —
Мафъӯлу, мафойлун, мафойлун, фаъ

Мо чор бародарем, сарбози амир,
Ҳар чор камонкашем, як дастаи тир,
Дар об шиноварем, дар кӯҳ нах(и) чир,
Дар ҷанг баҳодурем, дар марг асир.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафоилун, мафойлу, фаал

Лаънат ба касе ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад,
Чархо, фалако гардаду ояд ба ватан,
Гар мурдаи садсола — зи нав зинда шавад.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафоилун, мафойлу, фаал

Гуфтум: Санамо, дил зи ту барканда кунум,
Гуфто, ки: ба як ханда туро банда кунум.
Гуфтум, ки: ба як ханда бимирум чӣ шавад?
Гуфто, ки: ба як бӯса туро зинда кунум.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — V/V —
Мафъӯлу, мафойлу, мафойлу, фаал

Дар як қисми рубоётн халқӣ, бо вуҷуди дар назар доштани хусусияти шевагии забони онҳо, баъзе мисраъҳо аз ҷиҳати вазн баробар ва расо нестанд, аммо дар рукни якуми ҳамаи чор мисраъ аз шаҷараи ахраб мафъӯлу (— — V) меояд ва нуқсон мушоҳида намешавад. Дар рукнҳои дуюм, ё сеюм, ё чорум нисбат ба дувоздаҳ вазни шаҷараи ахраб тағйироте рӯй медиҳад. Дар рубоиҳои зерин чунин ҳолатро мушоҳида карда метавонем.

Ин дашти дароз боди сабо мебаранум,
То гирья кунум, ҷавру ҷафо мебаранум,
То гирья кунум, фироқи раҳдури худум,
Фарзанди кучояму куҷо мебаранум.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — V/V —
— — V/V — — V/V — — V/V —
— — V/V — V — /V — — V/V —
— — V/V — — V/V — — V/V —

Гар об шавӣ, гузар ба ҷӯят накунам,
Гар моҳ шавӣ, назар ба рӯят накунам,

Гар дастам гул шавию афтӣ ба замин,
Билло ба худо, гирифта бӯят накунам.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —

Ай хона баромадай ҷавони гули нор,
Дастори калон дораду рангаш гули хор,
Гуфтам, ки ҷавон, ранги ту аз чӣ зардай?
Гуфто, ки мусофирему кулфат бисьёр.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V
— — V/V — — V/V — — V/V
— — V/V — — V/V — V — / —
— — V/V — V — /V — — — /

Ду булбули мастем, чаман нест моро,
Мо марди мусофирему ватан нест моро,
Ин умри азиз, ки бе ватан мегузарад,
Кардем сафари дур, кафан нест моро.

Вазнаш: — — V/V — — V/V — — V/ — —
— — V/V — — V/V — — V/ — —
— — V/V — V — /V — — V/V —
— — V/V — V — /V — — V/ — —

Ман меравааму нигори ман мемонад,
Сабри дили беқарори ман мемонад,
Чуғзе ба сари кулбаи мо омаду гуфт:
Ин кулбаи вайрона ба мо мемонад.

Мисраи якум ва дуюм: — — V/V — V — /V — — — / —
Мафъӯлу, мафоилун, мафоилун, фаъ
Мисраи сеюм: — — V/V — — V/V — — V/V
Мафъӯлу, мафоӣлу, мафоӣлу, фаӯл
Мисраи чорум: — — V/V — — V/V — — — / —
Мафъӯлу, мафоӣлу, мафоӣлун, фаъ

Сарчашмаи боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду хавою бустонай ватанум,
Як бор агар бод барад бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — V/V —
— — V/V — V — /V — — V/V —
— — V/V — — V/V — — V/V —
— — V/V — — V/V — — V/V —

Мисраъҳои якум ва дуюм: мафъӯлу, мафоилун, мафоӣлу, фаал.
Мисраъҳои сеюм ва чорум: мафъӯлу, мафоӣлу, мафоӣлу, фаал.

Эй себаки сурх ман талабгори туам,
Дар орзуи дидани дидори туам,
Дар мулки ту ман мусофиру беватанам,
Як бор ба забони худ бигӯ: ёри туам.

Вазнаш: — — V/V — V — /V — — — V/V —

Ин пираки ман камак-камак мегардад,
Монандаки бузи бенамак мегардад,
Билло, бахудо, ки рост мегӯяму рост,
Шабҳои дароз хучу кунак мегардад.

Мисраъҳои якум, дуюм ва чорум:
— — V/V — V — /V — — — / —
Мисраи сеюм: — — V/V — V — /V — — V/V

## ДУБАЙТӢ

Дубайтӣ ҳам мисли рубоӣ аз чор мисраъ иборат буда, қофиябандиаш бештар ААБА ва ААББ мебошад.

Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте,
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам хеч бахте.

Гули ман ҳамнишини хор то кай?
Ҳамеша ҳамдами беор то кай?
Зи ҳичронат дили абгор дорам,
Ду дида аз ғамат хунбор то кай?

Мусулмоно, дилам ҷӯше надора,
Ба ғайр аз гиръя хомӯшӣ надора,
Агар гиръя кунам, чашмам шава кӯр,
Вагар нола кунам, дардам шава зӯр.

Туро қомат аҷоиб мехурад тов,
Фаришта пеши ту ов мехирад ов,
Гаҳе товус, гаҳе кавги хиромон,
Ба саҳна чун насим ояд ба ҷавлон.

Дубайтӣ аз рубоӣ асосан бо вазни хоси худ: ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) фарқ мекунад, ки схемааш ин аст:

V — — — /V — — — /V — —
Мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун

Намунаҳо:

Ало духтар, ки рафторат маро кушт,
Садои кафши булғорат маро кушт,
Садои кафши булғорат чи бошад,
Ҳамон чашмони хумморат маро кушт.

Сари бомат чароғон мекунӣ гул,
Дили моро парешон мекунӣ гул,
Наметарсӣ зи фардои қиёмат,
Ҷамоли худ намоён мекунӣ гул.

Ғамам аз мӯи сар гашта зиёда,
Парешонӣ ба ҳолам рӯ ниҳода,
Бигуфтам ман: зи дасти ғам гурезам,
Ки ғам чобуксavору ман пиёда.

Рафиқи бевафо, ёдум накардӣ,
Ба коғаз — номае шодум накардӣ,
Ба мактабхонаи ишқи ту будам,
Сабақ додию устодум накардӣ.

Бинол, эй дил, ки имшаб ёр омад,
Бути ошиқкуши айёр омад,
Дами теғи муҳаббат об дода,
Ба қатли ошиқони зор омад.

Лаби дарьё нишаста ханда кардӣ,
Маро ба холи сабзут банда кардӣ,
Ҳаму бусе ту додӣ зери долон,
Худоё, мурда будам, зинда кардӣ.

Намедонам чи дарде шуд ба ҷонам,
Ки месӯзад тамоми устухонам,
На таб дорам, на ҷонам мекунад дард,
Сияҳчашмак, задӣ оташ ба ҷонам.

Дилам аз ғуссаи дуньё кабобай,
Намедонам чаро чашмам пуробай,
Шабу ҳам рӯз ман фикри ту дорам,
Бикун раҳме ба ман кори савобай.

Дар ин кӯча дучорам мешӣ, ё не,
Хабар ай ҳоли зорам мешӣ, ё не,
Зи дасти одамони бадгумонам,
Намедонам, ки ёрам мешӣ, ё не.

Дар ин деҳа гули бодом дорам,
На шаб хобу на рӯз ором дорам,

Надорам хохаре рой кунам хат,
Ба дасти раҳгузар пайғом дорам.

Шамоли хушхабар меояд имрӯз,
Нигорам гулназар меояд имрӯз,
Хабар бар модари пираш расонед,
Ки фарзанд аз сафар меояд имрӯз.

Сари кӯҳи баланду дав-давонум,
Камун дар кифту ханчар дар миёнум,
Илохо, бишкана дасти камунсоз,
Аз ин дасти камун бехонумонум.

Маро олудаи дардам ту кардӣ,
Ба ранги заъфарон зардам ту кардӣ,
Миёни мардумон будам саломат,
Зи сар то по пур аз дардам ту кардӣ.

Ба ёрон марҳабо гуфтему рафтем,
Ба чону дил дуо гуфтему рафтем,
Ҳамон ёре, ки бо мо улфатӣ дошт,
Нигаҳбонуш шумо гуфтему рафтем.

Баҳор омад ҳам аз кӯҳу ҳам аз дашт,
Баҳори умри ман ҳам муфт бигзашт,
Сари қабри маро сунбул шинонед,
Ки шояд дилбарам ояд ба гулгашт.

## Рубоӣ ва дубайтии мустазод

Як шакли рубоӣ дар адабиёт ва фольклор дучор мешавад, ки он ҳамчун шакли мустазод аст. Дар бораи вай ҳанӯз касе сухан нагуфтааст. Таркибаш ин аст, ки ба вазни рубоӣ як-ду рукн илова карда мешавад. Чунончӣ:

Умрам ба умеди он, ки дилдор шавӣ,
эй моҳчабин,
Дил додаму гуфтам: ту ба ман ёр шавӣ,
аз роҳи яқин.
Навмед шудам ман, ки дар ин охири кор,
афсӯс, афсӯс!
Шояд ки ба оҳи ман гирифтор шавӣ,
омин, омин!

Вазнаш: — — V/V — — — /V — — V/V —
Мафъӯлу, мафоилун, мафоӣлу, фаал,
мафъӯлу, фаал.

Рукни иловагии мисраъҳои сеюм ва чорум дар схема чунин аст: — — — / —

Рубоии мустазод дар ду навъ эҷод карда шудааст. Якеро бо ҳамин шакл аслан гуфтаанд ва ё навиштаанд. Чунончи:

Зебосанаме нишаста буд дар лаби об,
бо рӯи чу моҳ,
Мешуст ду зулфи анбаринро ба гулоб,
бо мушки хито.
Мезад бар об ҳамин ғазалро меҳонд,
бо бехабарон:
Шояд, ки ба ҷӯи рафта боз ояд об,
аз баҳри ризо.

Дигаре рубоии маъмул ва ё машҳури ягон муаллифро асос гирифта, онро мустазод кардаанд. Масалан, аз рубоии Умари Хайём чунин сохта шудааст:

Нокарда гуноҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ?
Танҳо на манам!
Ҳар кас ки гунаҳ накард, чун зист, бигӯ?
Чун ҷон наканам!
Ман бад кунаму ту бад мукофот кунӣ,
Эй некӯкор,
Пас, фарқ миёни ману ту чист, бигӯ?
Бишнав суханам!

Аз дубайтии машҳури халқӣ шакли зерин сохта шудааст:

Диле дорам, ки аз султон натарсад,
на як бор!
Зи банду кундаву зиндон натарсад,
ва аз дор!
Дили ошиқ мисоли гурги гушна,
ҳамеша!
Ки гурги гушна аз чӯпон натарсад,
ба зинҳор!

Вазнаш: V — — — /V — — — /V — — /V —
Мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун, фаӯлон.

Навъи дуюми рубоӣ ва дубайтии мустазод нисбат ба шакли бе мустазодаш аз ҷиҳати мазмун иловаҳо, андешаҳои нав дошта, ба мавзӯъ муносибати муаллифи дуюм ифода шудааст. Дар ин хусус гоҳо муваффақият мушоҳида шавад, гоҳо муаллифи дуюм маҳорат нишон дода наметавонад.

1. Бо ёр ба гулзор шудам дар саҳарӣ,
то вақти нигоҳ,
Бар гул назаре фикандам аз бехабарӣ,
гаштем огоҳ.
Дилдор ба таъна гуфт: шармаш бодо,
бархезу бирав,
Рухсори ман инчову ту бар гул нигарӣ,
эй ҳарзанигоҳ!

2. Сад бор туро ҳар нафасе ёд кунам,
эй соҳиби боғ,
Нохост фиғон аз дили ношод кунам,
аз ҳасрати доғ,
Аз ҳар мижа сад қатраи хун афшонам,
ин аст сазо,
Дар ҳар нафасе ҳазор фарьёд кунам,
аз баҳри сурoғ.

3. Ман фитнаи чашми сиёҳат медонам
мори дусар аст,
Ошуби рухи ҳамчу маҳат медонам,
айни хатар аст.
Аз шӯхии наргисат касе огаҳ нест,
эй рашки парӣ,
Ҷуз ман ки забони нақҳатат медонам,
мадди назар аст.

4. Ҳар кас ки дар ин замон ду зан мехоҳад,
бар маснади хос,
Бар ҷони азизи худ ситам мехоҳад,
чун иллати ос.
Шерони ҷаҳон асири як зан шудаанд,
бо аслу асос,
Лаъна т ба касе ки ӯ ду зан мехоҳад,
марг асту халос.

5. То умр бувад ба ҷон дуои ту кунам,
бахшои мадор,
Нақди дилу ҷон сарфи дуои ту кунам,
ҳар лайлу наҳор.
Гар даст диҳад маро замоне сад бор,
бо ҳазрати ту,
Хоҳам ки ҳазор ҷон фидои ту кунам,
аз баҳри нисор.

6. Дар саҳни чаман фохта дорад ку-ку,
бо нолаву оҳ,

Донӣ ки ғараз чӣ буд аз гуфтани ӯ,
дар дори фано?
Ҳар шому саҳар ба худ ҳамин мегӯяд,
аз дасти ачал,
Онҳо, ки дар ин саҳни чаман буданд, кӯ?
гаштанд ҳабо.

7. Афсӯс, ки мо аҳли тамизе нашудем,
ҳамчун уламо.
Мақбули дили хеч азизе нашудем,
ҳамчун чуҳало,
Гуфтем шавем дар чавонӣ чизе,
яъне олим,
То пир шудем, хеч чизе нашудем,
сад вовайло.

8. Даврони бақо чу боди саҳро бигузашт,
бо бехабарон,
Хубию хушӣ бо дасти зебо бигузашт,
бо пиру чавон.
Султони ситамгар, ки ситам бар мо кард,
сад ҳайфаш бод,
Бо гардани ӯ бимонду бар мо бигузашт,
дар ҳар ду чаҳон.

9. Дидам писаре, ки дилрабоӣ мекард,
бо халқи чаҳон,
Аз давлати ҳусн подшоҳӣ мекард,
дар тахти Қаён,
Чун рӯзи дигар бидидам андар бозор,
качкӯл ба даст,
Худ риш бароварда гадоӣ мекард,
дӯкон ба дӯкон.

10. Рӯзе ки равам ҳамраҳи чонон ба чаман,
бо соғари май,
Не лолаву гул намуд, не сарву суман,
аз нолаи най.
Розе ки миёни ману ӯ гуфта шавад,
аз абрӯи вай,
Ман донаму ӯ донаду ӯ донаду ман,
аз шӯълаи май.

11. Қавме, ки ба гиру дори ёрон бошанд,
мағруронанд,
Чамъе, ки кунанд чаҳду ҳайрон бошанд,
маъмуронанд.

В-он фирқа, ки бо вуҷуди асбоби ғурур,
мори бадзаҳр,
Яъне чун мор ба хок яксон бошанд,
маъзуронанд.

12. Қас рӯи накӯ зи халқ пинҳон накунад,
эй хонахароб!
Маҳро ба назора ҳеҷ нуқсон накунад,
бардор ниқоб!
Мо сӯхтаи фироқи ҷонон шудаем,
дар оташи тез,
Кас сӯхтаро дубора бирьён накунад,
монанди кабоб.

13. Хуршед ба бом ояду бом паст шавад,
пероҳани чок,
Ҳушьёр ба ӯ гар нигарад, маст шавад,
аз сурати пок,
Мағрур мабош ба-дин ҷамоли хуши худ,
монанди гул,
Ин равнақи бозори ту ҳам паст шавад,
гул резад... хок.

14. Ман омадаам ба диданн ҷонона,
аз по то сар,
Садбарги сафеди ман, баро аз хона,
дар пеши назар,
Боз омадани туро худо медона,
то соли дигар,
Тарсам, ки шавй бо мани зор бегона,
аз марг батар.

Аз ин намунаҳо низ бармеояд, ки рукнҳои иловагии ба восitaи онҳо рубоии мустазод сохташуда бештар эҷоди шоирони босавод буда, ин шакли рубоӣ дар баёзҳо зикр шудааст,[1] дар байни омма на чандон машҳур аст. Забон ва тарзи баёни матни иловагӣ (рукни иловагӣ) аз матни асосӣ дар баъзе рубоиҳои мустазод хеле фарқ мекунанд. Монанди: бар маснади хос, чун иллати ос, бахшой мадор, ҳар лайлу наҳор бо ҳазрати ту, дар дори фано,, гаштанд ҳабо, ҳамчун уламо, ҳамчун ҷуҳало ва ҳоказо. Аммо матни асосӣ (яъне рӯбоии аслӣ) аз ҷиҳати услуб, тарзи баён ҳамчун асарҳои эҷодиёти халқӣ буда, шояд каму беш баъзан таҳрир шуда бошад. Ин ҷиҳатро алоҳида тадқиқ кардан лозим аст.

---

[1] Нигаред: Ҳабибов А., Рубоиёти халқӣ ва китобӣ. Нашриёти «Дониш». Душанбе, 1981.

## СОЗМОНИ ДОХИЛИИ РУБОӢ ВА ДУБАЙТӢ

1. **Параллелизм.** Маънои луғавии параллелизм — мувозинат аст. Аммо ин калима ҳамчун истилоҳи адабӣ низ маъние дорад. Мувозӣ омадани як тасвир рамзӣ ё маҷозиро бо як андешаи бадеӣ ё муқаррарие, ки ба як мақсад тобеъ аст, параллелизм меноманд.

Дар як қисми рубоиёт ва дубайтиҳои халқӣ одатан дар мисраи аввал фикре ва ё мазмуне ифода мешавад, ки бо мисраи дуюм, сеюм, чорум дар назари аввал робитае надорад ва мисраи якум гӯё муаллақ аст. Мазмуни образи мисраи мазкур дар зоҳир инкишоф намеёбад ва минбаъд ҳам бо тамоми мисраъҳо дар такомулоти мундариҷаи ғоявӣ, ҳамчун образи бадеӣ, силсила намебандад. Аммо махсусан бо мисраи дуюм робитаи мантиқию ғоявӣ дошта, ба ин восита мазмунаш кушода мешавад, ҳамчун параллелизм, яъне мувозии мазмуни образноки мисраи дуюм мавқеи худро муайян мекунад. Дар созмони дохилии (архитектоникаи) рубоӣ ва дубайтӣ параллелизм як рукн аст, ки оғози динамикаи мундариҷаи жанр гардидааст.

Ин усули махсуси фольклорӣ асосан дар мавриди тасвири психологӣ, яъне ҳангоми баёни эҳсоси бадеӣ ба назар мерасад. Вай бо предмет ва ходисаҳои муҳити иҳотакарда пайваста буда, як лаҳзаи гармонияи табиат ва инсон мебошад, ки дар натиҷаи эҳсоси бадеӣ ба қолиби сухан медароянд. Ба ин ваҷҳ дар мисраи якум ҷо-ҷо як ҷузъи табиат, як предмети дар зиндагӣ ба мо алоқамандро, ки дар лаҳзаи туғёни эҳсос акси садои вазъи рӯҳӣ мегардад, мушоҳида мекунем.

Рубоии зеринро, ки аз якчанд вариант иборат аст, аз назари таҳлил мегузаронем.

> Сарчашмаи гулзор ҳама хор гирифт,
> Омад хабаре ки бевафо ёр гирифт,
> Ёре ки гирифт, баробари мо нагирифт,
> Аз гул бигузашту домани хор гирифт.

Дар назари аввал мисраи якум бо мисраъҳои дуюм, сеюм алоқаи бевоситаи мазмунӣ надорад. Аммо вақте ки мисраи дуюмро бо мисраи якум пайваста маънидод мекунем, чунин бармеояд, ки агар дар тахайюли гӯянда «сарчашмаи гулзор» ишқу муҳаббати ӯ бошад, ранги «хор» гирифтани «сарчашмаи гулзор» бевафоии ёр аст, ки ӯ ошиқро тарк мекунаду меравад. Бевафоии ёр дар мисраи дуюм низ қайд мешавад. Ба ҳамин тариқ, мисраи дуюм тафсири инъикоси лавҳаи табиат буда, дар айни ҳол параллели мазмуни ғоявии мисраи якум мебошад.

Ҳамин гуна усули параллелизмро дар вариантҳои дигар низ мушоҳида мекунем.

4—3763

Абр омаду ногаҳ рӯяки моҳ гирифт,
Дилдодаи мо ҷои дигар роҳ гирифт,
Роҳе бигирифт, бар қасди мо бигирифт,
Гулро нагирифту буттаи хор гирифт.

Дар ин рубоӣ ҳам лавҳаи табиат ҳамчун ҳолати рӯҳӣ тасвир мешавад. Бевафоӣ ва ногаҳон дар ҳаёти ошиқон рӯй додани табаддулот дар пайвастагии мисраъҳои якум ва дуюм аён мешавад. Рӯи моҳро гирифтани абр ва ба ҷои дигар ва бо каси дигар рафтани «дилдода» на танҳо робитаи мазмуни ғоявист, балки дар созмони дохилии рубоӣ (мисраъҳои сеюм ва чорум) ҳамчун рукнҳои силсилабанд ва динамикӣ ба мазмуни рубоӣ асос гузоштаанд.

Ба ҳамин тариқ, параллелизм як рукни созмони дохилии рубоӣ ва дубайтӣ буда, бо пайдоиши мавзӯъ дар як вақт ба вуҷуд меояд. Ҳамин ки мавзӯъ ба миён омад, тафаккури бадеӣ ба ҷунбиш меояд, ҷараён мекунад ва пеш аз ҳама муҳитро дарк менамояд, ҳодисаи табиат ҳамовози ҳодисаи рӯҳӣ мегардад. Мо инро дар рубоии зерин мушоҳида карда метавонем.

Дарьё бидамид, оби дарьё бидамид,
Ошиқ шудаям ман ба озода — йигит,
Озода — йигита фарғоначӣ меган,
Фарғоначӣ бошад ҳам, қадрам бирасид.

Дар ин рубоӣ дамидани оби дарьё ва ошиқ шудан, ки ҳодисаҳои табиат ва рӯҳии инсонанд, параллел шудаанд ва ин усули бадеии ифодаи эҳсос танҳо дар созмони дохилии рубоии халқӣ дучор мешавад.

Дар нутқи мардуми мо ба тарзи муқоиса ва шабоҳат ба олами объективӣ ифода кардани фикр ҳодисаи характерноку маъмулу услубӣ аст. Ин ҳодиса албатта дар назми даҳонакии халқ акс мешавад. Бинобар ин дар як қисми рубоиёт ва дубайтиҳои халқӣ мавзӯъ на аз мисраи якум, балки аз мисраи дуюм ошкор шуда, мисраи якум ҳамчун акси садои образноки андешаи гӯяндаи рубоӣ (ба тарзи муқоиса ва шабоҳат ба олами объективӣ) ба мисраи дуюм лаҳзае мавҳум мемонад. Масалан, «Парвин ба миёни осмон омаду рафт», як лаҳза ба мо норавшан аст, ки ин мисраъ ба кадом мақсад гуфта шудааст. Вақте ки мисраи дуюм «Рафтааст ҷураи ман надонам ба куҷост»-ро мехонем, барои мо равшан мегардад, ки дар осмон пайдо шуда, баъд нест шудани парвин амсоли ғайб задани ҷӯраи ошиқ аст.

Ба ҳамин тариқ, дар созмони дохилии як қисми рубоиёт ва дубайтиҳои халқӣ параллелизм, ҳамчун зуҳури тахайюли бадеии гӯянда бо ҳамаи таркиби асар пайваста аст ва маҳз дар ин жанр анъана шуда мондааст.

## НАМУНАҲО БАРОИ ПАРАЛЛЕЛИЗМ

Дар рӯяки ҳавлӣ санг афтодай,
Дар гардани бачем нанг афтодай,
Ман гуфта будум бачаякум дилсофай,
Дар рӯяки бачем чанг афтодай.

Дар ҳавлинакум об набуд об омад,
Ин курта сафед аз баҳри китоб омад,
Э куртасафед, илоҳи садсола шавӣ,
Дар ҳавлини мо афтӣ, ҳамсоя шавӣ.

Гандум лолае, миёни гандум лола,
Ошиқ шудаям ба духтари кинғола,
Ин духтари кинғола ба мо дил дора,
Қошони сиё, забони булбул дора.

Сар то сари ёлаҳо бенам набувад,
Ҳаргиз дили чурадор беғам набувад,
Беғам дили кӣ бошаду пурғам дили кӣ?
Беғам дили он касе ки ошиқ набувад.

Афтобаи сарнукра поюн ҳама гил,
Ай дастаки беақлӣ додум ба ту дил,
Дил додуму чон харидуму ёр нашуд,
Ёре вафо накард, сарбаста чигил.

Борон гирифт, реза борон гирифт,
Ин чураи ман раҳаки поён гирифт,
Нолидаму нолидам, сарам дард гирифт,
Ҳам дарди сару ҳам таби ларзон бигирифт.

Рафтум лави об, ки доманум хор гирифт,
Мардум меган, ки ӯ чавон ёр гирифт,
Ёре гирифт, ки ҳамтифоқум боша,
Ман дастаи гул будум, ӯ хор гирифт.

Олуча калун кардум, қадум нарасид,
Ин бачаи зандидара зурум нарасид,
Ин бачаи зандида рӯзша дидагӣ,
Вой бар мани гулғунчаи рӯзнодидагӣ!

Гандумон боломон молиш дора,
Отаи чонум дар хона нолиш дора,
Мегум: ота, нолиша бисьёр накун,
Ин чигари сӯхтагим сӯзиш дора.

Дулонаи уруяро бастанша бубин,
Ин духтари отадора гаштанша бубин,
Ин духтари отадор сутуни заррин,
Ман духтари беота, сарум дар замин,

Ҳаргиз ба сари хоро брешум натанӣ,
Ёре ки ба дил набоша, чонуш наканӣ,
Ёре ки ба дил набоша, набудануш беҳ,
Себе ки туруш боша, нохурдануш беҳ.

Ин беди баланд хазон шудай, барг ай ту,
Ҳарчанд кадум, дилум нашуд сард ай ту.
Оё ту мара ёд кунӣ, ё накунӣ,
Шояд бимурум, чудо куна марг ай ту.

Пудинаи лаби ов заб савзаи тар,
Рӯ чониби мо дорию дил чои дигар,
Ношигрӣ кадӣ аз мани гулгунчаи тар,
Овора шудӣ, аз дунболи ёри дигар.

Гандум лолае даруни гандум лола,
Ошиқ шудаям ба бачаи бистсола,
Бистсолая гу бурод, шинем дар соя,
Парво накунад аз таънаи қишгола.

Афтов задай дар тахаки олучам,
Хат омадай ай номи аскарбачам.
Хатоша гирум варақ-варақ гардонум,
Ошиқоша бигӯ командирай бачам.

Сари сарчашма дидам тока арча,
Ба мо ёре нашуд ин шаҳрибача,
Ба шаҳрӣ дил набандед, ҳила дорад,
Хитобию саволӣ чумла дорад.

Шамолак дам ба дам меояд имрӯз,
Чароғи хонаам меояд имрӯз,
Хабар бар ёру дӯстонам расонед,
Ки ёрам бар ватан меояд имрӯз.

Бунафша медамад лабҳои чӯбор,
Нашуд ин навчавон моро харидор.
Харидорат шудему ноз кардӣ,
Илоҳӣ ту наёбӣ ҳеч харидор.

Шамолак омадас аз дашти боло,
Дилам рафтас ба нози ойтимулло,
Дилам рафтасту ҳам сабру карорам,
Шавам садқа ба номи ойтимулло.

Мохи олам, баланд барои чӣ шавад,
Додари ширин, аз дар дарой чӣ шавад.
Аз дар ки дарой, хона бонур шавад,
Дӯсто ҳама шод, душмано кур шавад.

Чормағзаки чоркушаи лаби гандум,
Эй ҷурам чон, холаки лабта гардум,
Айби падарут набоша, шарми мардум,
Билло, ба худо, гирди сарут мегардум.

Мо булбули боғ будем, ай боғ мондем,
Қардем сафари Ҳисор, ай ёр мондем,
Гуфтем, ки Ҳисор равем, бе ғам гардем,
Дар синаи худ ҳазору як доғ мондем.

Ин гули садбарга бубин бебарг шудай,
Ай зиндаҷудой рангаки ман зард шудай.
То кай бувад ин зиндаҷудой бар сари ман,
Бечора дилам аз зиндагӣ сард шудай.

2. **Мисраи васила**[1]. Қисми зиёди рубой ва дубайтиҳои халқӣ мисраи василае доранд, ки вай одатан мисраи сеюм мебошад. Мисраи мазкур қариб ҳамеша такрори қисми зиёди мисраи дуюм буда, як навъ лаҳзае барои ҷамъбасти мазмуни рубой ё дубайтӣ мебошад. Вазифаи он мисраи дуюмро ё шарҳ медиҳад, ё инкор мекунад ва ё пурра менамояд. Мисраи васила барои мисраи чорум, ки одатан ҷамъбастист, лаҳзаест, ки чун ист (пауза) дар ҷараёни эҷоди бадеии лафзӣ табиатан ба вуқӯъ меояд. Чунончӣ:

Ало духтар, ки рафторат маро кушт,
Садои кафши булғорат маро кушт.
Садои кафши булғорат чӣ бошад,
Ҳамон чашмони хуммират маро кушт.

Рӯй додани ин рукни хоси созмони дохилии (архитектоникаи) рубой ва дубайтиҳои халқӣ бештар ба тарзи тараннуми эҷодиёти даҳанакии халқ низ пайвастааст. Бояд гуфт, ки мисраи васила ба дубайтӣ ва рубой назокати махсусе медиҳад, мазмун, санъат ва оҳанги тараннумиро барҷаста месозад.

### НАМУНАҲО БАРОИ МИСРАИ ВАСИЛА

Як ёраки майдаҳаки маҳваш дорум,
Ай сӯзиши дил сина дар оташ дорум,
Ай сӯзиши дил сина дар оташ нашуд,
То охири умрум кашокаш дорум.

---

[1] Мо ин ибора — истилоҳи адабиро бори аввал ҷорӣ намудем, шояд қабул шавад. (В. А.)

Махтов шава, ки мун ба ҷонум гирумут,
Пайваста ба мағзу устухонум гирумут.
Пайваста ба мағзу устухонум нашидӣ,
Дил пора кунум ба рӯи ҷонум гирумут.

Садо кам кун, садо кам кун, ки мурдам,
Ба даҳнам оби замзам кун, ки мурдам,
Ба даҳнам оби замзам қатра-қатра,
Рафиқҷон, қоматат хам кун, ки мурдам.

Ҳаргиз ба сари хоро брешум натанӣ,
Ёре ки ба дил набоша, ҷонуш накапӣ,
Ёре ки ба дил набоша, набудануш беҳ,
Себе ки туруш боша, нохурдануш беҳ.

Сар то сари ёлахо гузар мекардум,
Як қавза гули торун бағал мекардум,
Як қавза гули торун бағал карда нашуд,
Ай ёраки рафтагӣ ҳазар мекардум.

Аз рӯи ҳаво нуқраи зар мегирам,
Аз ёри азизи худ хабар мегирам,
Аз ёри азизи ман хабар нест дигар,
Сангои хунука дар ҷигар мегирам.

Эй ёраки майдаҳаки гулгунпушам,
Ай нумози шом биё, бишин дар пешам,
Ай нумози шом биё то субҳу саҳар,
Гир бӯсаву гир канору рав ай пешам.

Э ёраки ҷон, меҳрубонам шудай,
Пайваста ба мағзу устухонам шудай,
Пайваста ба мағзу устухонам ҷон ту нест,
Дил пора кунам, даруни ҷонам шудай.

Эй ҷӯраи ҷон, ҳардумо ҷура шавем,
Бо як-ду либоси хуб пӯшида шавем,
Бо як-ду либоси хуб пӯшида нашуд,
Садбарги сафеди дари як хона шавем.

Дар сараки бом шинаму мӯ шона кунам,
Ин бачаи помирира девона кунам,
Девона кунам, ишораи хона кунам,
Молаш гираму худша овора кунам.

Эй ҷонаки ҷон, сафар ба Рӯшон кардӣ,
Саррииштаи кори худ саранҷом кардӣ,
Саррииштаи кори ту саранҷом нашуд,
Аз рафтани худ маро пушаймон кардӣ.

Манам девонаю девонаи кӣ?
Гули гумкардаам дар хонаи кӣ?
Гули гумкардаам раънову зебо,
Чароғи равшанам дар хонаи кӣ?

Эй очаи ҷон, лав-лави дарьё шавӣ чӣ?
Монандаи моҳи нав пайдо шавӣ-чӣ?
Монандаи моҳи нав бинам рӯят,
Шамолаки кӯҳистон биёрад бӯят.

Эй бод, биё аз ту хабар мепурсам,
Аз тозаниҳоли найшакар мепурсам,
Аз тозаниҳоли найшакар нест хабар,
Аз ёраки ҷони худ хабар мепурсам.

Қабутари беқарор кардӣ ту мара,
Шинандаи ин диёр кардӣ ту мара,
Шинандаи ҳар диёр асло набудам,
Шармандаи таънасор кардӣ ту мара.

Дар раҳаки уруя садо мекардум,
Нолаҳои зора ба худо мекардум,
Нолаҳои зора ба худо кардум нашуд,
Умрама ба бандагӣ адо мекардум.

Афтобаки шиноши пано кард маро,
Оҳи дили ту, ҷура, адо кард маро,
Оҳи дили ту, ҷура, ба ҷое нарасид,
Тақдири бадум аз ту ҷудо кард маро.

Аввал ба ту, меҳрубон, аҷаб дил бастам,
Саррииштаи кори ман бирафт аз дастам,
Саррииштаи кори ман саранҷом нашуд,
Охир ба дилам санги қаноат бастам.

Аз хона баромадӣ, хабар чист? Бигӯ,
Ранҷидани хотири ту аз кист? Бигӯ.
Ранҷидани хотири ту аз ман бошад,
Ман дар ғами ту, ту дар ғами кистӣ? Бигӯ.

## ЧОРБАЙТ

Дар солҳои сиюм рубоӣ, дубайтӣ, ашӯла ва шеърҳое, ки аз чор мисраъ иборатанду шакли қофиябандиашон мисли рубоӣ мебошад, дар фольклоршиносии тоҷик «чорбайт» ва «чорбайтӣ» меномиданд. Ҳоло дар натиҷаи тараққиёти илми фолклоршиносии тоҷик ва тадқиқоти махсус муайян карда шуд, ки шеърҳои

чормисраъгии фольклори тоҷик аз ҷиҳати қонун, хусусият, санъат, вазн ва хоказо гуногун буда, ба якчанд шаклу намудҳои махсусе ҷудо мешаванд.

Яке аз он шаклу намудҳо, ки тарзи қофиябандиаш амсоли рубоӣ аст вале вазнаш берун аз шаҷараи ахраб ва шаҷараи ахрам мебошад, мо чорбайт номидем.

Гарчанде аз ҷиҳати маънӣ «чорбайт» мувофиқ нест, вале дар байни халқ ин истилоҳ вуҷуд дошт, рубоиро гоҳо чорбайт ҳам меноманд, зеро ки дар фаҳмиши гӯяндагон ва сароянадагони назми халқӣ байт низ мисраъ аст ва умуман шеър мебошад.

Аксарияти чорбайтҳо ба вазни рамали мусаммани маҳзуф гуфта шудаанд, ки схемаи он чунин аст.

— V — — / — V — — / — V — — / — V —

фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун.

Орзу дорам ба дил кай ёр пайдо мешавад,
Дар гулистони Ирам сайру тамошо мешавад,
Ранги зарди ошикону чеҳраи гулгуни ёр,
Ҳардуро як ҷо кунам, зебову раъно мешавад.

Дар сиёҳӣ чашми дилбар сурмара бекор кард,
Он қади раънои ӯ девонаро ҳушьёр кард,
Он қади раънои ӯю сурхиҳои рӯи ӯ
Ошиқи бечораро якборагӣ бемор кард.

## НАМУНАИ ЧОРБАЙТҲО

Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст,
Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.
Шишаи бишкастаро пайванд кардан метавон,
Ин дили бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.

Эй кабутар, номаро ҷониби ҷононам бубар,
Пеш аз ин гар нома мебурдӣ, ту холо ҳам бубар.
Тӯҳфаи дигар надорам, аз бароят, эй парӣ,
Ранги зарду оҳи сарду чашми гирьёнам бубар.

Пул агар дар киса нестай сайри бозоруш ғалат,
Гар ту бе пул ошиқӣ бо ҳоли рухсоруш ғалат,
Ҳар ки пул дора ба мақсад мераса дар ҳар замун,
Мардаки бепул ҷудо аз ёру дилдоруш ғалат.

Ошиқи дилдодаам дар дасти ман зар камтар аст,
Дилбари бемарҳаматро чашм бар симу зар аст.
Гуфтамаш: ман зар надорам, сар ниҳам дар пои ту,
Гуфт: зарро ту бурун кун, чашми ман андар зар аст.

Куртагулгуне, ки дидум, рух намуду ғамза кард,
Бо каманди абруюш моро хариду банда кард,
Бо каманди абруюш моро шабе ором нест,
Субҳи содиқ медама, дар дидаи мо хов нест.

Ошиқию маъшуқӣ дар гӯшаи саҳро хушай,
Қосаи чинӣ ба дасти дилбари раъно хушай,
Дилбарум, як бусе те, хоҳ ай лавут, хоҳ ай рухут,
Гуфт: худ донӣ кадом ай ҳардуи инҳо хушай.

Қомати сарви хиромони ту бар ҷонум зана,
Чини зулфи анбарафшонӣ ту бар ҷонум зана,
Чун ба ҷонум мезанад, дилбар ба ҷонум мезана,
Шӯхиҳои чашмаки ёрум ба ҷонум мезана.

Ҳалқа бар дар мезадум то ними шав, дар во нашуд,
Ними шав ай шав гузашту он санам пайдо нашуд,
Посбони шав барумад, банди дастумро гирифт,
Ҳеҷ кас дар ошуқӣ монанди мун расво нашуд.

Ҳеч мефаҳмӣ, ки аз баҳри ту афғун мекашум,
Дар фироқи рӯи ту мурдум, тамоку мекашум,
Чун тамоку мекашум мун дар фироқут ҳар замун,
Чашми мастут ёд кардум, охи сузун мекашум.

Ёри ман касди ҷудоӣ аз ту шуд, аз мо нашуд,
Бо рақибон ошноӣ аз ту шуд, аз мо нашуд,
Дил бидодӣ бо рақиб, бо ғайр гаштӣ ошно,
Хуб кардӣ, бевафоӣ, аз ту шуд, аз мо нашуд.

Нозанин, ҷонро кунун созам фидои ҷони ту,
Тири ишқат хурдаам, акнун шавам қурбони ту,
Мезанам чаҳ-чаҳ ба ҳар гулзор дорам печутоб,
Сӯхтам андар фироқат булбули шайдои ту.

Эй дилу ҷонам фидои қомати дилҷӯи ту,
Сураи кавнумакон дар гӯшаи абрӯи ту.
Як сафеде дар бари рӯят фитодай мисли моҳ,
Ҳарду рухсорат чу себи сурху қошонат сиёҳ.

Ай сарат гардам туро, эй шӯхи бепарво, биё,
Ман балогардони ҷонат мешавам, ҷоно, биё,
Ҳар чӣ хоҳӣ розиям, дар ишқи ту ҷон медиҳам,
Қори ман хаст бо шумо, бас яккаю танҳо биё.

Бо раҳи ишқат кунун дар кӯю бозор омадам,
Лаъли сероби туро бо ҷон харидор омадам.

Ҷустуҷӯе мекунам, ҳаргиз намеёбам туро,
Дар ҳавои диданат як булбули зор омадам.

Нозбӯи ман, мабодо нокасон бӯят кунанд,
Бо бадон камтар нишин, тарсам, ки бадхӯят кунанд,
Ман сари зулфи туро бо хуни дил парвардаам,
Ман намехоҳам рақибон шона бар мӯят кунанд.

Қомати сарви хиромони ту бар ҷонум занад,
Оразн хуршеди тобони ту бар ҷонум занад.
Шаккарин лабҳои хандони ту бар ҷонум занад.
Кокули каҷҷу парешони ту бар ҷонум занад.

Аз таги боғут гузаштум, наъли кафшут ёфтум,
Аз барои наъли кафшут сина сандуқ сохтум,
Синасандуқ, ҷон тасаддуқ, хона меҳмон омадааст,
Ҳалқаҳои гӯши ту аз мулки афғон омадааст.

Фасли наврӯз асту булбул дар чаман дорад фиғон,
Гул табассум мекунад доим ба ҳоли булбулон.
Бар сари ҳар гул нишаста булбули бехонумон,
Гирьяҳо дорад, ки охир мешавад ин гул хазон.

Як қисми чорбайтҳо ба вазни ҳаҷази мусаммани солим гуфта шудаанд, ки схемаи он чунин аст:
V — — — /V — — — /V — — — /V — — —
Мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣлун, мафоӣлун.

**НАМУНАҲО**

Қаландар ман, қаландар ман, қаландарвор мегардам,
Сагон дар кӯчаҳо хованду ман бедор мегардам.
Сагора хуни дил ман дода, бо худ ошно кардам,
Вале бар рӯи ёри бевафоюм зор мегардам.

Сарат гардам, ки бар қатлам ту ханҷар дар миён кардӣ,
Бало чандин ба ҷони ин ғарибн нотавон кардӣ,
Зи андӯҳи фироқи худ маро ҳар ҷо равон кардӣ,
Мани саргаштаро охир[1] ту расвои ҷаҳон кардӣ.

Як қисми чорбайтҳо бо вазнҳои омехтаю ба қоидаю қонунҳои арӯз номувофиқ ва вайрон гуфта шудаанд. Шояд ин навъ чорбайтҳо дар ҳангоми тараннум ва ба оҳанги мусиқӣ тобеъ шуда-нашон қонунҳои хоси худро дошта бошанд.

---

[1] Дар калимаи «охир» овози «р» дар шева гоҳо талаффуз намешавад, ки барои вазни ин мисраъ низ зарур аст.

## НАМУНАҲО

Як назар бар ҷонибӣ ман кун, ки чашмунта мурум,
Абрӯи пайвастаю лабҳои хандунта мурум.
Гар ба чашми бад кунум мун ҷонибӣ рӯют ниго,
Рӯи мун дар ҳар ду олам мисли кошунут сиё.

Дар гулистони Ирам як булбули зор умадум,
Мун ба бозори ғамут акнун харидор умадум,
Мун харидори туюм, ҳусни ту дар бозор нест,
Он гулеро, ки дӯст медорум, дар ин гулзор нест.

Гуфтум биравум саропушта ба саҳрои ҷунун,
Дидум, Лайлӣ нишаста, дасто пури хун,
Гуфтум: Лайлӣ, чи доғ дорӣ ту ба дил?
Аҳволи дилаш бигрист ба ҳоли Маҷнун.

Ба базме омадӣ, наншаста ту партофтӣ, рафтӣ,
Дили ҷамъияти моро парешон сохтӣ, рафтӣ,
Забону чашму аклу дилу дин бо як нигоҳи худ,
Гирифтӣ, сӯхтӣ, шикастӣ, тохтӣ, рафтӣ.

Боғбони гул будум, аз боғ накандум якта гул,
Боғбон омад маро хори сари девор кард.
Боғбон дар вакти мева чашми худ аз ман бубаст,
Ай сари девор ҳам бигрифту байни нор кард.

Ин дили ғамдидаро шод кунум ё накунум,
Ин дилбари кӯҳнара ёд кунум ё накунум.
Солҳо шуд, ки дилам бастан холи лаби ӯ,
Мурғи дилро зи ғам озод кунум ё накунум.

Гуфт Афлотуни доно вакти мурдан як сухан:
Ҳайфи доно мурдану сад ҳайфи нодон зистан,
Хуб шуд доно бимурду рӯи нодонро надид,
Мурдани доно беҳаст як дам ба нодон зистан.

Як назар кардам ба рӯи он нигори симтан,
Рӯ мисоли офтобу лаб акиқ аст дар Яман.
Оташи ишқаш миёни синаам кардаст ватан,
Орзу дорам, зубонаш як сухан гӯяд ба ман.

Чашм пӯшидему мо дасти истиғно задем,
Тахту бахту шавкати дуньё ба пушти по задем,
Тахту бахту шавкати дуньё ба мо даркор нест,
Мо таваккал кардаем, охир дар ин дуньё задем.

Намеояд бурун аз ёди ман харгиз нигохи ту,
Балои ҷони ман будаст ду абрӯи сиёхи ту.
Ба ғамхот мубтало гаштам, намегирӣ хабар аз ман,
Ягон боре намегӯӣ: фалонӣ, дар кучой ту?

Эй санам, аз оташи ишқи ту ҷонам беқарор,
Шармсор аст ин дили сӯзону чашми ашкбор,
Мехурам хуни ҷигар ҳардам зи ғамҳоят, нигор,
Гар ту бинӣ ҳоли ман, гирьён шавӣ беихтиёр.

Зи дарди ишқат, эй раъно, дили худро адо кардам,
Вафодорӣ надидам ман, аҷаб кори хато кардам.
Тӯй маъшуқи бепарво, манам девонаи шайдо,
Ба мисли булбули гӯё зи дардат нолаҳо кардам.

Ҳусни ту, эй нозанин, шамъи шабистон мешавад,
Бӯи ишқат дар димоғам мушку райҳон мешавад.
Чехраи ту ҷон дарорад сурати деворро,
Акси ту дар қалби беҷон малҳами ҷон мешавад.

Эй бути ороми ҷонам, ин қадар хорам макун,
Аз барои доруе як бӯсаба зорам макун.
Ҳар кучо ки меравам, ёду хаёлам пеши ту,
Ин қадар ҷавру ситам бар ҷони афгорам макун.

Ман шумо, маҳбубаамро, бахри дидан омадам,
Бар муроди ин дили шайдо расидан омадам.
Ин дили бесабри ман пуршӯрӯ ғавғо гаштааст,
Сирри дилро бар шумо, ҷонона, гуфтан омадам.

Дар ҷаҳон як меҳрубон хоҳам, ки бошад ёраке,
Хурдтарак, борикмиёну маҳваши дилдораке.
Чехра гулгун, чашм ҷоду, сарвқадди нозукаке,
Хушқилик, ширинкалому андаке айёраке.

## ВАРИАНТ

Вариант дар фольклор масъалаи хеле муҳим аст. Яке аз хусусиятҳои асосии эҷодиёти халқ, вариант мебошад. Асарҳои эҷодиёти бадеии халқ, ки аз ҷиҳати шакл ва мазмун ба ҳамдигар монанд мебошанд, ё ин ки асаре ки аз ҷиҳати шакл ва мундариҷа андаке тағьир ёфтааст, вариант аст. Вариант дар ҳамаи жанрҳои фольклорӣ дида мешавад. Азбаски фольклор эҷодиёти даҳонакӣ аст, дар он пайдоиши вариант табиӣ мебошад. Асаре, ки мазмунан вариант дорад, қимати он бештар аст. Як асар (фарз кардем, рубой ё чистон) дар чанд вариант шуда метавонад. Вариантҳои хуб ва бад

ҳам мешаванд. Хуб ва бадии вариант ба маҳорат, завқи бадей ва ба дониши гӯянда вобаста аст. Вариантҳои хуб ҳар кадом асари мустақил мебошанд. Мо дар поён миқдори вариантҳоро бе рақамҳо нишон медиҳем. Аммо бояд гуфт, ки миқдори вариант охирин набуда, аз ин зиёдтар буданаш мумкин аст.

## НАМУНАИ ВАРИАНТҲО

Булбул ба ватан ҳамешагӣ бедорай,
Аз беватанӣ ранги рухи мо зардай.
Мардум гӯянд: дар ғарибӣ чуйӣ?
Болйни ғарибӣ сахттар ай сангай.

Булбул ба ватан чун гули садбарг бувад,
Аз беватанӣ ранги рухам зард бувад.
Мардум мегаи: холи ғарибӣ чунай?
Ин холи ғарибӣ бадтар аз марг бӯвад.

Алиф будам, зи ишқат дол гаштам,
Намад пушидаам, абдол гаштам.
Биё, дилбар, ба мо кун меҳрубонӣ,
Ба пеши чашми душман хор гаштам.

Алиф будум зи ишқут дол гаштум,
Кулоҳ пушидуму абдол ғаштум.
Гуле будум миёни тозагулҳо,
Ғариб афтодуму чун хор гаштум.

Ёрам ба дара, худам ба болои дара,
Ёрам гули сурху ман анори дубара.
Ҳар кас ки маро ба пеши ёрам бибара.
Шолаш бихарам, алоқаша бод бара.

Ёрам ба баробарию ман тарвоза,
Ёрам гули сурху ман панири тоза.
Ҳар кас ки маро ба пеши ёрам бибара,
Шолаш бихарам, алоқаша бод бара.

Дуньё, ту маро ду чашми пурнам додӣ,
Аз рӯзи азал ризқи маро кам додӣ.
Ризқи ҳамаро шодию хуррам додӣ,
Ризқи мани носударо бо ғам додӣ.

Фалак ту мара ду дида пурнам додӣ,
Аз рӯзи азал риски мара кам додӣ.
Риски ҳамаро кушоду хуррам додӣ,
Риски мани носудара ай ғам додӣ.

Мусулмонун, дар ин шаҳро ғарибум,
Шудум бемор, муҳточи табибум.
Табиб ай мулки Ҳиндустон биёя,
Магар хоки ватан боша насибум.

Шудам бемор, муҳточи табибум,
Мусулмоно, кунед раҳме, ғарибум.
Табибе аз Бадахшонум биёрен,
Ки шояд дар ватан бошад насибум.

Модом ки сокини ҷаҳонем ҳама,
Андар талаби луқмаи нонем ҳама,
Фардо ки хурўси рўҳ парвоз кунад,
Маълум шавад, ки мо киёнем ҳама.

Дар шашдараи нарди ҷаҳонем ҳама,
Дар ҳастии хеш дар гумонем ҳама,
Рўзе ки хурўси ишқ парвоз кунад,
Маълум шавад, ки мокиёнем ҳама.

Хоҳӣ, ки шавад дили ту чун оина,
Даҳ чиз бурун кун аз даруни сина:
Бухлу тамаъу казбу нифоқу ғайбат,
Ҳирсу ҳасаду уҷбу риёву кина.

Хоҳӣ, ки шавад дили ту чун оина,
Даҳ чиз бурун кун аз даруни сина:
Ҳирсу аламу ғазаб, дурўғу ғайбат,
Бухлу ҳасаду риёву кибру кина.

Аз орази ту чаман-чаман гул резад,
Аз қаддаки ту дастаи сунбул резад.
Як бори дигар ба ёди ту нола кунам,
Хун аз ҷигари ҳазор булбул резад.

Аз орази ту чаман-чаман гул резад,
В-аз мўи ту даста-даста сунбул резад.
Дар боғ агар шарҳи ҷамоли ту кунам,
Хун аз ҷигари ҳазор булбул резад.

Ёди ту кунам, сари забонам сўзад,
Гар сабр кунам, тамоми ҷонам сўзад,
Гар сабр кунам, сабр наояд ба дилам,
Мағзам ба даруни устухонам сўзад.

Фарьёд занам, тамоми ҷонам сўзад,
Гар сабр кунам, нўги забонам сўзад,
Рози дили худ ба санги хоро гўям,
Аз нолаи ман санги хоро сўзад.

## МАВЗӮЪ ВА МАЗМУНИ НАВЪҲОИ ХУРДИ МАНЗУМ

Азбаски мавзӯъ ва мазмуни жанрҳои хурди манзум (фардбайт, рубой, дубайтӣ, чорбайт, суруд, ашӯла, бадеҳа) қариб як хел аст, ба ҳар мавзӯъ аз ҳар жанр намуна оварда мешавад.

Мавзӯъ ва мазмуни жанрҳои хурди манзум ба ду қисми асосӣ ҷудо мешавад. Якум иҷтимой-граждашӣ, дуюм ишқимаишӣ. Жанрҳои хурди манзуме, ки мазмуни иҷтимой—граждашӣ доранд, асосан дар мавзӯъҳои зерин гуфта шудаанд.

1. Зидди зулму истисмор.
2. Шикоят аз тақдир.
3. Ғарибӣ — ватандӯстӣ.

Дар бисьёр намунаҳо мавзӯъҳои мазкур ба ҳамдигар омехта ифода шудаанд ва ҳатто баъзан дорои мазмуни ишқӣ мебошанд.

Ба ғайр аз мавзӯъҳои мазкур дар жанрҳои хурди манзум мазмунҳои ахлоқӣ, ҳазлу шӯхиҳои маишӣ-оилавӣ, панду ҳикмат ва тасвири табиат дучор мешаванд, ки ҳамаи онҳо дар як боб гирд оварда шудаанд.

### Зидди зулму истисмор

#### РУБОЙ

Аз зулми амирон ҳама шуд дар нола,
Мардум ҳама хорӣ мекунанд бойҳора.
Мирон ҳама хобанд дар хонаи худ,
Ин мардуми бечора надоранд чора.

Ай хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурдан маро сагони қозӣ.
Тирдон бошаю кӯшкамоне созӣ,
Бар синаи золимон тир андозӣ.

Боруни баҳор, пештарак биё, ҷавлон кун,
Селобча, биё, қишлоқака вайрон кун.
Ин хунаи муллора бикан, ғелун кун,
Ғелун куну вайрон куну яксун кун.

Дар роҳи ғарибӣ ҳама монданд ҳайрон,
Аҳволи ғарибон ба кӣ созанд баён
Аҳволи ғарибона напурсанд, фарьёд!
Аз зулми амир камбағалонанд дар дор.

## ДУБАЙТИ

Ҳар он кас мақсадаш кину фасодай,
Фалак ҳаргиз муроди ӯ надодай.
Ба ҷонуш мераса охир балое,
Қасе бар камбағалҳо зулм кардай.

Диле дорам, ки аз султон натарсад,
Зи банду кундаю зиндон натарсад.
Дили ошиқ мисоли гурги гушна,
Ки гурги гушна аз ҷӯпон натарсад.

Бухоро меравум танбур ба дастум,
Қаравулбегӣ гирифт ай банди дастум.
Қаравулбегӣ, асло бар наёбӣ,
Ба рӯзи мурданут кафан наёбӣ.

Навиштам ман ба ин ҷӯби ягона,
Бимонад аз мани мискин нишона.
Агар пурсанд, он мискин куҷо шуд,
Бигӯ бигрехт аз дасти замона.

## ЧОРБАЙТ

Тахту бахту салтанат ай махсуму бӯрдокияй,
Ҳиммати чарчифурӯш як ҷаллаю як тоқияй.
Неъмати рӯи замин аз ранҷи деҳқон мешавад,
Лек деҳқон гушнаю золим чунин бӯрдокияй.

# Шикоят аз тақдир

## РУБОӢ

Фарьёд, ки як умр гадоем, дареғ!
Чун барфи баҳор бебақоем, дареғ!
Сад сол агар умр вафогӣ бикуна,
Охир, ки гадоем, гадоем, дареғ!

Доро, ки кабоб мехӯрад, мегузарад,
Сад нуқлу шароб мехӯрад, мегузарад.
Бечора ба косаи гадоӣ нонро,
Тар карда ба об мехӯрад, мегузарад.

Аз кашмакаши замона дилгир моем,
Ҳайрон ба навиштаи тақдир моем.
Кошкӣ аз модар намезодем мо,
Бо пои худ афтода ба занҷир моем

Чархо, фалако, маро ба чарх овардӣ,
Қулов будум, маро ба Балх овардӣ.
Қулов будум, оби ширин мехӯрдум,
Саргашта маро ба оби талх овардӣ.

Дунъё, ту маро ду чашми пурнам додӣ,
Аз рӯзи азал ризқи маро кам додӣ,
Ризқи ҳамаро шодию хуррам додӣ,
Ризқи мани носударо бо ғам додӣ.

Фарьёд зи дасти фалаки бебокам,
Овора бикард гардиши афлокам,
Оё зи кадом чашма нӯшам дами об,
Оё ба кадом гӯша бошад хокам.

Дар рӯи замин як дам дили шодум нест,
Дар рӯи замин гаштанум ба ёдум нест.
Э дӯстони шиштагӣ, маломат накунед,
Сӯхтай ҷигарум, қуввати файродум нест.

Ман оҳ кашидум, дар дилум оҳ намонд,
Дар хирмани деҳқоним пари коҳ намонд.
Дар хирмани деҳқоним каҳи бисьёрай,
Коҳаш ба замин, донаш ба мисқол намонд.

Афсӯс, ки ман аз ту ҷудо мегардам,
Дар меҳнату дар ранҷу бало мегардам,
Тақдири азал касе намедонад чист,
Бингар, ту куҷову ман куҷо мегардам.

Сӯзе ки дар осмон нағунҷад, дорам,
Он нола, ки дар ҷаҳон нағунҷад дорам.
Гуфтӣ: зи ҷаҳон чӣ ғусса дорӣ, эй дил?
— Он ғусса, ки дар ҷаҳон нағунҷад дорам.

Афсӯс ки кори ин ҷаҳон абтар шуд,
Кори ҳама нокасон болотар шуд.
Лаънат ба фалак, фалаки бедодгар,
Сар рафт ба пою по ба ҷои сар шуд.

Аз бом паридем, ба бомем ҳанӯз,
Гар ҷон харидем, ғуломем ҳанӯз.
Сад аспи даванд ба лаҷом овардем,
Сар дар таи пои навлаҷомем ҳанӯз.

Ин чархи фалак боғи маро вайрон кард,
Андар дили ман оташи ғам сӯзон кард,
Ин ҷабру ситам, ба рӯзгоронам кард,
Як бандаи мӯъмина басо сарсон кард?

Аз ҷаври фалак тамоми дилҳо реш аст,
Дилҳо ҳама реш асту аз заҳри неш аст.
Гуфтам, ки равам пой бимонам лаби гур,
Сад ҳайф, ки умри ҷавоним дар пеш аст.

Дуньёра ба худ вафо надидему гузашт,
Ангушти пушаймоні газидему гузашт.
Дуньё шамол асту мо боди саҳарем,
Як субҳидамӣ дар он вазидему гузашт.

Себаргаю лолазори ман дар Рум аст,
Рӯзу шаби ман сиёҳу бахтам шум аст,
То кас намирад, гум нашавад номи касе,
Афсус ки ман зиндаю номам гум аст.

Дар боғ будам, дидам ниҳоли баланд,
Шохо ҳама марворию барго ҳама қанд.
Гуфтам, ки равам аз ниҳол бахра барам,
Бод аз сари кӯҳ омаду беҳо ҳама канд.

Садбарги сафед бубин чӣ холо дорад.
Тақдири худо бубин чӣ коро дорад.
Гуфтам биравам пеши худо, нола кунам,
Аз нолаи ман худо чӣ парво дорад.

Фарьёд зи дасти фалаки бебуньёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.
Гуфтам, ки равам гиреҳам бикшоям,
Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.

Фарьёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,
Ёрон ҳама як-як аз байн бирабуд.
Гар одати чарх ин бувад дар олам,
Имрӯзу пагоҳ навбати мо хоҳад буд.

Аз боғи ҷаҳон булбули хушхон ҳама рафт,
Аз дасти фалак чоки гиребон ҳама рафт.
Ҳар кас ки нахост юғ бар гардани хеш,
Охир аз ғами чарх дар биёбон ҳама рафт.

Ин дашти дароз боди сабо мебаранум,
То гирья кунум, ҷавру ҷафо мебаранум.
То гирья кунум, фироқи раҳдури худум,
Фарзанди кучоюму куҷо мебаранум.

Дар дашт будум, ғулогули ҷанг умад,
Шербачча будум, гурехтанум нанг умад,
Шамшери қазо ба гарданум танг умад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг умад.

Ситораи равшанам кучо кард фалак,
Субҳ ай миёни шаб ҷудо кард фалак.
Моро ба фалак то қиёмат корест,
Ай дӯсти ширини худ ҷудо кард фалак.

Мо сайд накардем, шикор охир шуд,
Мо шаҳд нахӯрдем, хумор охир шуд.
Мо сайл накардем ба гулҳои чаман,
Як гул нагирифтем, баҳор охир шуд.

### ДУБАЙТӢ

Сари кӯҳи баланд буд хунаи мун,
Фалак тире задай бар шунаи мун.
Фалак тире задай пайкун надора,
Ба ҳасрат пур шудай паймунаи мун.

Сари роҳи маро девор кардӣ,
Маро муҳтоҷу зору хор кардӣ.
Надонам бахри чӣ ин кор кардӣ,
Ситам бар ҷони ман бисьёр кардӣ.

### ЧОРБАЙТ

Ҳар саҳар мехезаму ин доси кач дар гардануи,
Сӯи гандум меравум, сад чо ба зону мезанум.
Гандуми пурхор боша, доси кунду пойи луч,
Ай баҳона гирья карда, дос бар санг мезанум.

## Ғарибӣ, ватандӯстӣ

### РУБОӢ

Лаънат ба касе ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаву ояд ба ватан,
Гар мурдаи садсола, зи нав зинда шавад.

Ай хуна бурумадум, чашмум банамай,
Чашмум банаму дилум пураламай,
Мардум меган: бо дилут чӣ аламай?
Ин доғи мусофирӣ гирдови ғамай.

Ай дур бурумад як ҷавуни гулипор,
Дастори калун дораю дар сар гули хор,

Аз ҷаври фалак тамоми дилҳо реш аст,
Дилҳо ҳама реш асту аз заҳри неш аст.
Гуфтам, ки равам пой бимонам лаби гур,
Сад ҳайф, ки умри ҷавоним дар пеш аст.

Дуньёра ба худ вафо надидему гузашт,
Ангушти пушаймонӣ газидему гузашт.
Дуньё шамол асту мо боди саҳарем,
Як субҳидамӣ дар он вазидему гузашт.

Себаргаю лолазори ман дар Рум аст,
Рӯзу шаби ман сиёҳу бахтам шум аст,
То кас намирад, гум нашавад номи касе,
Афсус ки ман зиндаю номам гум аст.

Дар боғ будам, дидам ниҳоли баланд,
Шохо ҳама марворию барго ҳама қанд,
Гуфтам, ки равам аз ниҳол баҳра барам,
Бод аз сари кӯҳ омаду бехо ҳама канд.

Садбарги сафед бубин чӣ холо дорад,
Тақдири худо бубин чӣ коро дорад.
Гуфтам биравам пеши худо, нола кунам,
Аз нолаи ман худо чӣ парво дорад.

Фарьёд зи дасти фалаки бебуньёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.
Гуфтам, ки равам гиреҳам бикшоям,
Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.

Фарьёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,
Ёрон ҳама як-як аз байн бирабуд.
Гар одати чарх ин бувад дар олам,
Имрӯзу пагоҳ навбати мо хоҳад буд.

Аз боғи ҷаҳон булбули хушхон ҳама рафт,
Аз дасти фалак чоки гиребон ҳама рафт.
Ҳар кас ки нахост юғ бар гардани хеш,
Охир аз ғами чарх дар биёбон ҳама рафт.

Ин дашти дароз боди сабо мебаранум,
То гирья кунум, ҷавру ҷафо мебаранум.
То гирья кунум, фироки раҳдури худум,
Фарзанди куҷоюму куҷо мебаранум.

Дар дашт будум, ғулогули ҷанг умад,
Шербачча будум, гурехтанум нанг умад,
Шамшери қазо ба гарданум танг умад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг умад.

Ситораи равшанам куҷо кард фалак,
Субҳ ай миёни шаб ҷудо кард фалак.
Моро ба фалак то қиёмат корест,
Ай дӯсти ширини худ ҷудо кард фалак.

Мо сайд накардем, шикор охир шуд,
Мо шаҳд нахӯрдем, хумор охир шуд.
Мо сайл накардем ба гулҳои чаман,
Як гул нагирифтем, баҳор охир шуд.

### ДУБАЙТӢ

Сари кӯҳи баланд буд хунаи мун,
Фалак тире задай бар шунаи мун.
Фалак тире задай пайкун надора,
Ба ҳасрат пур шудай паймунаи мун.

Сари роҳи маро девор кардӣ,
Маро муҳтоҷу зору хор кардӣ.
Надонам бахри чӣ ин кор кардӣ,
Ситам бар ҷони ман бисьёр кардӣ.

### ЧОРБАЙТ

Ҳар саҳар мехезаму ин доси кақ дар гарданум,
Сӯи гандум меравум, сад ҷо ба зону мезанум.
Гандуми пурхор боша, доси кунду пойи луч,
Ай баҳона гирья карда, дос бар санг мезанум.

## Ғарибӣ, ватандӯстӣ

### РУБОӢ

Лаънат ба касе ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаву ояд ба ватан,
Гар мурдаи садсола, зи нав зинда шавад.

Ай хуна бурумадум, чашмум банамай,
Чашмум банаму дилум пураламай.
Мардум меган: бо дилут чӣ аламай?
Ин доғи мусофирӣ гирдови ғамай.

Ай дур бурумад як ҷавуни гулинор,
Дастори калун дораю дар сар гули хор.

Гуфтум, ки кучо мерай, чавуни гулинор?
Гуфто, ки мусофирем, кулфат бисьёр.

Сарчашмаю боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавою бўстонай ватанум,
Як бор агар бод барад бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Эй себаки сурх, ман талабгори туам,
Дар орзуи дидани дидори туам.
Дар мулки ту ман мусофири беватанум,
Як бор ба забон бигӯ, ки ман ёри туам.

Ду булбули мастем, чаман нест моро,
Мо марди мусофирем, ватан нест моро.
Ин умри азиз, ки беватан мегузарад,
Қардем сафари дуру кафан нест моро.

Булбул ба ватан ҳамешагӣ бедорай,
Аз беватанӣ ранги рухи мо зардай,
Мардум, ки гӯянд: дар ғарибӣ чунӣ?
Болини ғарибӣ сахттар ай сангай.

Ду кӯша гулам дар Яман месӯзад,
Гул дар сари хору дар чаман месӯзад.
Бечора касе ки дар ғарибӣ бошад,
Ҷумла мусофир дар ёди ватан месӯзад.

Ай хона баромадум, оҳан ба сарум,
Ин кӯи мусофирӣ шудай дарди сарум.
Як бори дигар расум гар дар ватанум,
Савганд бихурум, ёди ғарибӣ накунум.

Дар ғарибӣ агар марг расад дар бадани муи,
Ку модари дилсӯз, ки дӯзад кафани мун?
Товути мара чои баландӣ бимунед,
Шояд ки расад бӯи ватан дар бадани муи.

Ай хона баромадум, оҳе кардум,
Сӯи ватани падар нигоҳе кардум.
Сун ватани падар шукуфтай гулҳо,
Беақл будум, худро ғарибун кардум.

Эй очан чун, чува калунум кардӣ,
Ширум додӣ, ситам ба чонум кардӣ.
Аввал ба азизҳо калонум кардӣ,
Охир ба ғарибиҳо равонум кардӣ.

Ҳулоб ғарибу мулки Ҳулоб ғариб,
Бемор шудем, ба сар надорем табиб.
Ку модару ку додар, биёранд табиб?
Бегона чӣ донад, ки куҷо мурд ғариб.

Дарвоза баромад ёру даст пеши барам,
Ҳам ошиқи синачоку ҳам дастнигарам.
Қаддат ба мисоли ар-арай дар назарам,
Сад рӯз шинем, мусофирем, мебаранам.

Имрӯз ғарибуна ёди ватанай,
Ду булбули чӯлида ба шохи чаманай.
Ин ду булбули чӯлидара ов овардай,
Моро ба ғарибиҳо худо овардай.

Қавго сари санг бинуму ёд кунум,
Ман чӯраи худ гӯяму фарьёд кунум.
То чӯраи худ фарьёдум гар нараса,
Ай боди диёри худ дилма шод кунум.

Рафтем ба ғарибиҳо, ғарибӣ кардем,
Сад косаи ови талха ширин кардем.
Сад косаи ови талхи мо ширин нашуд,
Бемор шудем, худро табибӣ кардем.

Дар домани дашт яктора манум,
Дар шаҳри шумо ғарибу бечора манум,
Дар шаҳри шумо ғариба пурсидан нест,
Дар гӯшаи тобути ғариб мотам нест.

Имрӯз ҳавои авра парчин кардум,
Сайлора барои дили ғамгин кардум.
Сайло ки барои дили ғамгин нашуд,
Ин гӯшаи ғарибира манзил кардум.

Ай хона баромадем, каландар мерем,
Мо марди мусофирем, ба ҳар дар мерем.
Мо марди мусофирем, бе кӯю ғариб,
Бо ёфтани риски худ ба ҳар дар мерем.

Қабутари сарсафед, болат канда,
Ту ёраки нав гирифтӣ, аҷаб пурханда.
Сазои сарам, ки дар ғарибӣ мурдам,
Ёдам накунӣ, ки мурдаам ё зинда.

Сирест, ки донои фалак медонад,
Бедард давои дард кай медонад?

Дардест ба ҷони мани мискини ғариб,
Аз одами дида пурс, ки вай медонад.

Аз беватанӣ қанд ба ман нӯш нашуд,
Ваъзи дили мардумон ба ман гӯш нашуд.
Чанде гаштам ман ба гирди олам,
Хоки ватан аз дилам фаромӯш нашуд.

Рафтам аз ин диёр овора, дареғ,
Оби чашмам ба рӯю рухсора, дареғ.
Агар намурам, ба хизматат боз оям,
Ҳар гаҳ бимирам, бигу: бечора, дареғ.

Қадди алифам дар назарам чун нуи аст,
Дар мулки ғарибӣ ҷигарам пурхун аст.
Рози дили худ агар бигӯям ба қалам,
Аз нуги қалам хуни сиёҳ берун аст.

Эй чархи фалак, ситам ту бар мо кардӣ,
Моро ба ҷаҳон ғарибу танҳо кардӣ.
Коре кардӣ, душманон шод шуданд,
Кофар накунад, ту дар ҳаққи мо кардӣ.

Дар шӯразамин булбули нолон моем,
Дар гирья мисоли абри борон моем.
Чашми ҳама кофару мусулмон ба ватан,
Дур аз ватану ҷудо зи ёрон моем.

Сад вою дареғ мусофиру хор шудам,
Побаста ба нокаси беор шудам.
Кошкӣ, ки равам бори дигар бар ватанам,
Зеро ки аз ин ғарибӣ безор шудам.

Маҳтоби шавай, ман ба саҳро ҳар шав,
Хуни дили ман мавҷи дарьё ҳар шав.
Ту дар сари давлатию корат ба ривоҷ,
Ман мунтазару ғарибу танҳо ҳар шав.

Имрӯз манам гандумаки сабз ба дашт,
Ҳайфи умрам, ки дар ғарибӣ бигузашт.
Хешони ватан, агар маро ёд кунед,
Ҷавру ситами замона имсол гузашт.

Бӯи ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кошкӣ гадо мешуд ба Канъон хуштар.

### ДУБАЙТӢ

Намози шом ғарибӣ рух ба ман кард,
Дилум ҷавлон заду ёди ватан кард.
Намедонум падар кард ё бародар,
Маро оворагарду бе ватан кард.

Ба ёрон марҳабо гуфтему рафтем,
Ба ҷону дил дуо гуфтему рафтем.
Ҳамон ёре ки бо мо улфатӣ дошт,
Нигаҳбонуш худо гуфтему рафтем.

Алиф будум зи ишқут дол гаштум,
Кулоҳ пушидуму абдол гаштум.
Гуле будум миёни тозагулҳо,
Ғариб афтодуму чун хор гаштум.

Мусулмунун, дар ин шаҳро ғарибум,
Шудум бемор, мӯҳтоҷи табибум.
Табиб ай мулки Ҳиндустон биёя,
Магар хоки ватан боша насибум.

Ало духтар дар ин шаҳри шумоем,
Ғарибу бе касу беошноем.
Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Ки имшав ин ҷаву фардо куҷоем.

Биё эй теғи ҷавҳардор, дилбар,
Биё ғам аз дилам бардор, дилбар.
Дар ин шаҳри шумо гаштам мусофир,
Маро пушти сарат магзор, дилбар.

Мусофирӣ маро дилгир кардаст,
Фалак дар гарданам занҷир кардаст.
Фалак аз гарданам занчир бикшо,
Ки ғурбат хоки домангир кардаст.

### ЧОРБАЙТ

Дар ғарибӣ гашта-гашта ранги зард овардаам,
Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.
Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун,
Дар сари қабрам нишину як даме фарьёд кун.

Мо зи мулки худ парешону ҷудо афтодаем,
Ин қадар дар меҳнату ранҷу бало афтодаем,
Мурғаки зирак будем, аммо ба тақдири худо,
Дона то чинем, дар ҳоли гадо афтодаем.

# Панду ҳикмат

## РУБОЙ

Гар роҳ равӣ, назар ба роҳ бояд дошт,
Худро нигаҳ аз канори чоҳ бояд дошт,
Дар хонаи мардум чу маҳрам гаштӣ,
Дасту дилу дидаро нигаҳ бояд дошт.

Ин хурду калон, ки ба ном инсонанд,
Дар дасти замона мисли ангуштонанд.
Имрӯз агарчӣ пасту баландӣ доранд,
Фардо, ки бихобанд, ҳама яксонанд.

Хоҳӣ, ки ҳамеша шоду хуррам бошӣ,
Ҳар ҷо биравӣ, азизи олам бошӣ,
Такрор куну амал куну илм омӯз,
То тоҷи сари ҷумлаи одам бошӣ.

Имшаб чӣ шабе насиҳатам дод падар:
Зинҳор ба кӯи нокасон ранҷ мабар,
Гар ранҷ барӣ, ба мардуми асл бубар,
То ранҷи ту зоеъ нашавад, ҷони падар.

Шере, ки шикор накунад, рӯбаҳ беҳ,
Умре, ки ба хорӣ гузарад, кӯтаҳ беҳ.
Ҳусне, ки аз он баҳра нагирад касе,
Чун Юсуфи мисрӣ будан дар чаҳ беҳ.

Нохонда марав ту бар сари хони касе,
Бекадр шавӣ, агар хурӣ нони касе.
Як парчаи нони қоқ, як косаи об,
Беҳтар зи ҳазор мурғи бирьёни касе.

Ҷон дар тани марди беадаб ларзонай,
Сад ҷон диҳӣ адаб харӣ, арзонай,
Аз беадабӣ касе ба ҷое нарасид,
Зеро ки адаб тоҷи сари мардонай.

## ФАРДБАЙТ

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бемурувват ошно бегона мегардад.

Даст бар сӯрох барӣ, аз заҳри мор андеша кун,
Пой дар гул мениҳӣ, аз захми хор андеша кун.

Чун арра бош дар илми маош,
Гаҳ сӯи худ кашу гаҳ сӯи мо пош.

Чун теша ба сӯи хеш доим матарош,
Чун ранда ба сӯи ғайр пошанда мабош.

Бадбин ҳама чо дархури нафрин бошад,
Барканда беҳ он чашм, ки бадбин бошад.

Бар сари фарзанди одам ҳарчӣ ояд, бигзарад,
Навбати пирӣ дарояд, навчавонӣ бигзарад.

То шавӣ озоду мақбул, эй азиз,
Бетамаъ мебош агар дорӣ тамиз.

То набошӣ дар чаҳон андӯҳгин,
Аз ҳасад дар рӯзгори кас мабин.

Чаро ғам мехӯрӣ, эй марди содда,
Ки як дар бастаю сад дар кушода.

Ба нармӣ кун ба назди халқ оҳанг,
Зи зӯри об дорад гардише санг.

Чун қаламфур тез машав, монанди зардак рост бош,
Мисли шалғам гарму нарму дар замин ҳамвор бош.

Мард бояд ки худ падар бошад,
Боиси фахри сад писар бошад,

Чуз ҳадиси рост бо мардум магӯ,
То нагардад обрӯят оби чӯ.

Сар чӣ орой ба дастор, эй писар,
Гар тавонӣ, дил ба даст ор, эй писар.

Гар кунӣ боғи худ чу гулзори Ирам,
Дар чилла ниҳол шинону дар ҳут—қалам.

### ЧОРБАЙТ

Сафедори баланд як навдаю сад барги тар дорад,
Писар дар кӯи ишқ афтад, чи парвои падар дорад.
Чунунаш рафта-рафта аз сари кӯяш хабар гирад,
Кучо фарзанди ноқобил гиребони падар гирад.

## Хачв, хазл, шӯхӣ

### РУБОЙ

Дар сабза нишин, ки сабза ҳучут мекна,
Бачара нагир, ки хӯру пучут мекна,
Муллора нагир, ки каттагиш бисьёрай,
Деҳқонбачара гир, ба дида ҳучут мекна.

Як ёр доруме садубистсола ҷавон,
Дар сози даҳон ягон надорад дандон,
Ай донаи пундона шинонум дандон,
То дар дили ман дигар намонад армон.

Ин пираки ман камак-камак мегардад,
Монандаки бузи бенамак мегардад.
Биллэ, баҳудо ки рост мегӯяму рост,
Шабҳои дароз ҳучу кунак[1] мегардад.

Офтов задай сараки анҷиранда,
Ширин ёрум бағали кампиранда,
Қампир шурай, бағали кампир шурай,
Хорафтан бо кампир азоби гурай.

Ай боғи паси пушта ба мо хӯша расид,
Дар миnаи сад бача ба мо кӯса расид,
Ҳам кӯсаю ҳам хӯса, ҳам сурхи палид,
Лабум ба лабуш расиду хобум бипарид.

Дар ҳавлии мо бутта-нихол афтодай,
Гулғунча ба дасти лавкашол афтодай.
Рӯзе бишава, ки лавкашол мурда шава,
Аз бахшаки Гулғунча талошак бишава.

Маҳтовшавай, биравум лави равзанта,
Азроил шавум, бугирум ҷунаки занта,
Худум худта механдаму мардум занта,
Кай боша бугира кадуи бегарданта.

— Эй духтараки нозукаки бӯи баҳор,
Шуякта кушум, тура кунум беваи зор.
— Шӯякма накуш, макуи мара беваи зор,
Харбуза бихур, тура ба полиз чӣ кор!

Имшав шави одинаю фардо шанбе,
Ин ёра бубин кулулаҳаку фарбеҳ.

---

[1] *Ҳучу кунак — пасту баланд.*

Ҳаргиз нагирен ёраки коқалара,
Сармот бара, дар кучок фарбеҳ беҳ.

Як ёр дорам гандахуру гандамиҷоз,
Чашмони чуқур дораду лингон дароз,
Эй ҳазрати Азроил, бо фармони худо,
Ай линги чапуш бигиру дар ғуруш бидоз.

Як кампири садсолаи мафлуки хароб,
Мегуфт ба чархи хештан карда хитоб:
Бо ташналабӣ сабр куну шод нишин,
Шояд, ки ба ҷӯи канда боз ояд об.

**ЧОРБАЙТ**

Як саҳар ночор мондум, ман бихӯрдум арзанӣ,
Аз ғулум поён шуду аммо намондак дамзанӣ,
Аз борон доругӣ як қатра равған хӯрдум,
Дар даруни ишкамум гӯё ки шуд калтакзанӣ.

Неъматхо ғун гаштану оша бикардан пошшо,
Ширбиринҷ козикалону қурутов шуд додхо,
Ялама шуд чевачию миркаду мирзобошӣ,
Шуд фатири равғанӣ дар байни онҳо туқсабо.

## Ишқи — маншӣ

**РУБОӢ**

Ман шамъаму оташ ба сарам месӯзад,
Парвона шавам, болу парам месӯзад,
Доғе ту ниходаӣ даруни дили ман,
То даври қиёмат ҷигарам месӯзад.

Аз оrази ту чаман-чаман гул резад,
Аз қаддаки ту дастаи сунбул резад.
Як бори дигар ба ёди ту нола кунам,
Хун аз ҷигари ҳазор булбул резад.

Шинам ба баландӣ, ҷон туро ёд кунам,
Оям ба гузаргоҳи ту, фарьёд кунам.
Фарьёд кунам, ҳеҷ ҷавобам надиҳӣ,
Умрам ба тамошои ту барбод кунам.

Эй духтари савзина, пурҷафои накунӣ,
Ёри ту ману ту бевафоӣ накунӣ.

Ман ёри туюм, ҳамеша дар фикри туюм,
Ту фикра дигар бахри ҷудой накунӣ.

Бачара бинед, токии адрас дора,
Лофони дурӯғ ба пеши ҳар кас дора.
Аз боғи касон рафта гул металаба,
Дар боғи худуш дастаи наргис дора.

Эй куртасафед, куртата бар бод нате,
Даврони гузаштара ба мо ёд нате.
Даврони гузаштара мо ҳам медонем,
Асло худакта ба дасти ҷаллод нате.

Зулфони ту тор ба тор, эй дастаи гул,
Дурр дар даҳанат қатор, эй дастаи гул,
Лаъли лаби ту агар шавад рӯзии ман,
Бусам зи лабат ҳазор, эй дастаи гул.

Ин гул чӣ гул аст? Гули меҳмони ман аст,
Ҳар ҷо биравӣ, доғи ту бар ҷони ман аст.
Ҳар ҷо биравӣ, оби равон пеш ояд,
Ин оби равон ду чашми гирьёни ман аст.

Румоли сарут бирешими шаҳри Бухор,
Ҳусни ту ба монанди гули фасли баҳор.
Мегум, ки ту рақс равӣ дар зери дутор,
Аз мо бубарӣ ту тоқату сабру қарор.

Ай хона баромадай ба дасташ коса,
Ман мунтазирам ба даҳани дарвоза,
Эй ҷӯраи ҷон, дурӯғ намегӯям ман,
Оғӯш кунам гулбадани танноза.

Ду қоши сиёҳу рӯи сафед дорад ёр,
Ду синаи зебои анор дорад ёр.
Ду қоши сиёҳ муносиби рӯи сафед,
Рухсораи базеби лолазор дорад ёр.

Дар хона будум, аз дар даромад ёрум,
Эй марди қулочбардори дилозорум.
Бо синаи садчоку дили афгорум,
Аз кардаи тақдири азал ночорум.

Чашми сияҳат, ки мекунад маст маро,
Дил мекашаду намеравад даст маро.
Гуфтам, ки ба кӯи ошиқӣ сад тавба,
То дида бидиду тавба бишкаст маро.

Гуфтам, ки равам буса гирам аз рухи рост,
Хандиду ба ғамза гуфт: ин моли худост,
Эй дӯст, бишунав аз ман ин гапи рост:
Ҷонам ба ту пайванду танам аз ту ҷудост.

Ин чеҳраи ман зард барои ту шудаст,
Хокистари ман гард барои ту шудаст,
Мардум ҳама бошанд дар хонаи худ,
Аз хона дилам сард барои ту шудаст.

Ёди ту кунум, дилум шарар мереза,
Тарки ту кунум, лахти ҷигар мереза.
То охири умр агар ту боши бо ман,
Дар косаи оби ман шакар мереза.

Эй ёри азиз, бало будӣ, донистум,
Ту дилбари бевафо будӣ, донистум.
Аз рӯзи азал ман дустакат медоштам,
Охир ки ту бевафо будӣ, донистум.

Заргарбачаяк зи хуш беҳушам кард,
Дастам бигирифту ҳалқа дар гӯшам кард.
Аз дардаки гӯш дод занам, ё назанам,
Лабро ба лабам ниҳоду хомушам кард.

Гандумаки худрӯя дарав мекардум,
Ҳар ноза ба хонаи падар мекардум.
Нумоли калон бошаю дар сар бандум,
Ҳавлии падар бошад, бегам гардум.

Эй ёри азиз, лаби ту хандон гардад,
Қанду асалу набот арзон гардад.
Ҳар бор қадам ба даргоҳи мо монӣ,
Санго ҳама чо ақиқу марҷон гардад.

Эй куртасафед, шираи мағзи гандум,
Ту меравӣ, ман дилма ба кӣ мебандум?
Бандум дилама ман ба гулҳои гандум,
Ҳолам чӣ шава ба хонаҳои мардум.

Болои Ҳисор як тана бодом дидум,
Деҳқонбачаи ҷавони нодон дидум.
Деҳқонбачая домануш барзадагӣ,
Бо бевазане ошиқи печон дидум.

Ай хона баромадум зира-зира,
Бо куртаи карбосию рангум хира.
Вақте ки хумори рӯи ёрум гира,
Як оҳ кашум мадрасаҳо даргира.

Моҳи шавуму гузар кунум дарьёра,
Шоҳин шавуму сайр кунум саҳрора.
Булбул шавуму аз холи худ нола кунум,
Монанди Маҷнун ов кунум дилхора.

Мун омадаюм ба дидани ҷонуна,
Садбарги сафеди мун, буро аз хуна,
Садбарги сафеди мун, буро омин кун,
Боз омадани мара худо медуна.

Бишнум сари сангу мун тура ёд кунум,
Мунандан кавки тоқа фарьёд кунум.
Фарьёд кунум, лек ҷавобум нашуд,
Хокои сияхро ба сарум бор кунум.

Қавгон сари санг, ки фарьёд кунанд,
Ман ҷуран дуррафтагима ёд кунам.
То ҷуран ман гар нарасад фарьёдам,
Аз боди диёрам дилакам шод кунам.

Эй бод, биё, аз ту хабар мепурсам,
Аз тозаниҳоли найшакар мепурсам.
Аз тозаниҳоли найшакар нест хабар,
Аз ёраки ҷониям хабар мепурсам.

Як ёр дорум чун моҳу парӣ,
Рӯяш ба мисоли офтоби сахарӣ.
Ҳар кас, ки аз ӯ биёрад хабаре,
Ин ҷони азиз медиҳам муждабарӣ.

Имрӯз дилам чу лахти хуноб шудаст,
Мағзам ба даруни устухон об шудаст.
Ку дӯсти азиз, шавад ба ман ҳамнафасе,
Сандуқи дилам косаи зардоб шудаст.

Тоқӣ ба сараш, тоқии шоҳӣ ба сарат,
Шинам сари кӯчаҳо, пурсам хабарат.
Шистам сари кӯчаҳо, наомад хабарат,
Белавз будӣ, ҷӯра биреза ҷигарат.

Аз рӯи ҳаво нусхаи зар мегирам,
Аз ёри азизи худ хабар мегирам.
Аз ёри азизи ман хабар нест дигар,
Сангои хунука дар ҷигар мегирам.

Борон гирифт, реза борон гирифт,
Ин ҷӯраи ман раҳаки поён гирифт.
Полидаму ҷақидам, ки сарам дард гирифт,
Ҳам дарди сару ҳам таби ларзон гирифт.

Дур афтода, чудо зи чонона шудам,
Мачнун шудаму дар рахи майхона шудам.
Овора шудам ба дашти Рушону Вахон,
Охир ба ғамаш алҳақ девона шудам.

Эй бачаи чон, дар ғамат беморам,
Девонаю дилшикастаи абгорам.
Ҳаргиз ба дилам набуд чудой аз ту,
Бо кардаи тақдири худо ночорам.

Эй чонаки чон, сафар ба Рӯшон кардӣ,
Сарриштаи кори худ саранчом кардӣ.
Сарриштаи кори ту саранчом нашуд,
Аз рафтани худ маро пушаймон кардӣ.

Ман булбули мастаму макон гум кардам,
Ман тири фарангаму нишон гум кардам.
Ман гирди чахон аз ин сабаб мегардам,
Як ёри азизу меҳрубон гум кардам.

Хушбуй бунавша дар чаҳон афтодаст,
Дил аз паи ёри меҳрубон афтодаст.
Дил металабад, ки ҳар замонаш бинам,
Ин роҳи дароз дар миён афтодаст.

Тамоку кашидан ба чавонон ситам аст,
Андар дили ман ҳазор дарду алам аст.
Гуфтам биравам тамокура дуд кунам,
Ин дуди тамоку нест, ин дуди ғам аст.

Шабҳо, ки ба ноз бо ту хуфтам, ҳама рафт,
Дурхо, ки ба нуги мижа суфтам, ҳама рафт,
Ороми дилу мӯниси чонам ту будӣ,
Рафтию ҳар он чӣ бо ту гуфтам, ҳама рафт.

Ҳаргиз лаби аҳли дард хандон набувад,
Чузъ гирья насиби дардмандон набувад,
Дур афканам он дида, ки гирьён набувад,
Безорам аз он сар, ки парешон набувад.

Э ёри азиз, ту булбулӣ, ё сайёд?
Ту сеҳргарӣ, чодугарӣ, ё чаллод?
Лайлӣ шудию ту мана кардӣ Мачнун,
Ширин шудию ту мана карди Форҳод.

Рӯзе ки фалак аз ту бурдас мана,
Қас бо лаби пурханда надидас мара.
Бисьёр ғаму андӯҳ дар дил дорам,
Ман донаму, он, ки офаридас мана.

Рав ёрама гӯ, ки бе малумат бошад,
Аз ман ҷудо шудас, салумат бошад,
Аз ман ҷудо шудас ба сад дарду алам,
Доғои ҷудогиш то қиёмат бошад.

Дар хоб будам, ки барги сабзам додӣ,
Белор шудам, як бӯса қарзам додӣ,
Гӯранда шавад камбағалӣ, ёри азиз,
Як бӯса, чӣ буд, ба тарсу ларзам додӣ.

Қай раҳм ба ҳоли мани овора кунӣ,
Ин мушкили ман кушода якбора кунӣ,
Аз чашми ту ҳар лаҳза муродам ин аст:
Як лаҳза агар ба лутф наззора кунӣ.

Дилакма наков, ки дилакум хун меша,
Ай хуни дилум замин гулгун меша.
Хуни дилакум биреза дар рӯи замин,
Дар рӯи замин кӯшаи булбул меша.

Шинам ба сари чару туро ёд кунам,
Монанди кабки тоқа фарьёд кунам.
Фарьёд кунам, ҷура ҷавобам надиҳад,
Умрам ба ҷавоби ҷура барбод кунам.

Моҳи шаби тор, сафедтар аз рӯи ту нест,
Торикии шаб сиёҳтар аз мӯи ту нест.
Дар боғ дидам ниҳоли сарву санавбар,
Билло ки ба мисли қадди дилҷӯи ту нест.

Ҷонона сафар ҷониби боғ кунад,
Бо як нигаҳаш ҳар дила доғ кунад.
Лаънат ба касе ки кафтари бечорая
Пар канда ба дому даҳани зоғ кунад.

Ҷонона, ба ман назар надорӣ, чӣ кунам?
Аз ҷону дилам хабар надорӣ, чӣ кунам?
Дар раҳгузарат фитодаму хок шудам,
Аз хок маро ту барнадорӣ чӣ кунам?

Эй маҳваши сангдили чеҳрагулоб,
Аз ҳаҷри муҳаббати ту гаштем кабоб,
Ман ҷони ту аз худои худ металабам,
Шояд ту насиби мо шавӣ, хонахароб!

Ман рӯи туро ба моҳи тобон надиҳам,
Лаъли лаби ту ба дурру марҷон надиҳам.
Лаъли лаби ту агар ба дастам ояд,
Қимат хараму бахои арзон надиҳам.

## ДУБАЙТӢ

Қадат аз шохи райҳон офарида,
Рухат аз мохи тобон офарида,
Ду лаъли ту барои бӯса кардан,
Ду сина марҳами ҷон офарида.

Дилум решу дилум решу дилум реш,
Надорум толеъ ай бегонаю хеш.
Агар бегонаро бар сар нишонам,
Мисоли мору гаждум мезанад неш.

Ситора дар ҳаво мебинам имшаб,
Заминро зери по мебинам имшаб.
Ҳама бо ёри худ дасто ба гардан,
Туро аз худ ҷудо мебинам имшаб.

Дамодам ёди дилбар мекунам ман,
Зи ишқаш хок бар сар мекунам ман.
Равам дар кунҷи саҳро хона созам,
Зи ғам худро қаландар мекунам ман.

Хиромон меравӣ, бо мо нигоҳ кун,
Ба як наззора дардамро даво кун,
Ки рангам зарду ҳам ранҷидахотир,
Дили ранҷидаро аз худ ризо кун.

Дилам доғ аст ҳамчун лола бе ту,
Тамоми умр корам нола бе ту.
Қадам ҳам гашту нур аз дидаам рафт,
Ҷавон будам, шудам садсола бе ту.

Тасаддуқ мешавам бо қадду басташ,
Ба лабҳои ақиқи майпарасташ.
Бирезад гул зи ҳар ҷои нишасташ,
Ба аспи тӯруку қамчини дасташ.

Биё, эй теғи ҷавҳардор, дилбар,
Биё, ғам аз дилам бардор, дилбар.
Дар ин шаҳри шумо ҳастам мусофир,
Маро пушти сарат магзор, дилбар.

Саломат бош, гули раънои боғам,
Зи ҳиҷронат асири дарду доғам,
Чу қумрӣ мезанам ҳар лаҳза ку-ку,
Равон шав сӯи ман, эй сарви дилҷӯ.

## ЧОРБАЙТ

Эй, камонабрӯ, фидои теғи мижгонат шавам,
Доимо побанди ду зулфи парешонат шавам,
Дар баҳори зиндагӣ кабки хиромонат шавам,
Ҳар замон садқат шавам, ҳар лаҳза қурбонат шавам.

Нотавону хастаам, зору ҳақирам, чун кунам?
Дар сари роҳи ту доим мунтазирам, чун кунам?
Оқибат, ёрон, асири он нигорам, чун кунам?
Нест сабре дар дили ман, беқарорам, чун кунам?

Эй нисо, бар қомати сарви равонат ошиқам,
Бо ду зулфи печдори то миёнат ошиқам.
Гар сухан гӯӣ, ба лафзу ҳам забонат ошиқам,
Бевафоиҳо кунӣ, ҳам, то қиёмат ошиқам.

Сарат гардам, чаро аз ман худатро дур медорӣ?
Зи ошиқ ҳар чи кӯтоҳӣ бувад, маъзур медорӣ,
Ғурури ҳусн дорӣ, қадри ошиқро намедонӣ,
Илоҳо, мисли ман ошиқ шавию қадри ман донӣ.

Ман тасаддуқ мешавам баҳри лаби хандони ту,
Ҳам зи баҳри мисли гавҳар бебаҳо дандони ту.
Ақли манро бурдаю хотирпарешон кардаӣ,
Ман шудам ошиқ ба рӯи гулгуни тобони ту.

## ФАРДБАЙТ

Ту дар лаби бом нишаста тут мебезӣ,
Чашмат ба ману арақ зи рут мерезӣ.

Додот шавадо розӣ, барою мана гир,
Мегӯд, ки дилам доғ асту гап дар тақдир.

Қадатба мурам, қадат нихоли гандум,
Ҳолат чи шавад дар ватанои мардум.

Дар сараки санг шишта туро ёд кунам,
Чонона кучой?— гуфта фарьёд кунам.

Ман кад-кади сой омадам, реги дурушт,
Холхон сиёх ёрам мана кушт.

Ин бегаи чоршанбе ба ёдат хобам,
Мисли ту санам ман аз кучо мёбам.

Ҷонона, кучо ҷуфт мебарӣ, нон барамат,
Як коса шароб, ду кабки бирьён барамат.

Ери ҳамазеб, дилама бурдӣ ба фиреб,
Қошҳон сиях дорию рухсори базеб.

Сӯзан гиру ришта гиру ҷашмонама дӯз,
То кӯр шавам, пешат бинишинам шабу рӯз.

Сӯхтам ба ғами он дилбари ҷонона,
Ҳар шом шавам ба гирдӣ вай парвона.

Ман омадиям ду кӯза дар дасти шумо,
Чашмам ба ду чашми наргиси масти шумо.

Сӯхтаст ҷигарам, надидиям дилдора,
Гум карда намеёбам ҳисоби кора.

Гуфтам, ки мана аз назарат дур кардӣ,
Дар кулфату ғам монда, мана кӯр кардӣ.

Долони баланд дорию пешаш арча,
Ду қоши сиё дорӣ, рӯят лахча.

Дарьёи Хуҷанд ҷӯш мезанад, ҷӯшаш ман,
Оташ ки аланга мезанад, дудаш ман.

Нумоли сарат бирешуми шаҳри Бухор,
Ҳусни ту ба монанди гули фасли баҳор.

Қаддат, ёрам, сию ду пайванд дорад,
Рӯймоли сарат гули Самарқанд дорад.

Қаддатба муносиб дар сарат кӯзаи об,
Эй ёри азиз, пештар биё, рӯта натоб.

Ман дар лаби ҷӯй шистаму ёр дар айвон,
Истода табассум мекунӣ, ман ҳайрон.

Эй ҷомакабуд, ҷома кафо мекунӣ, ту,
Ҳар лаҳза ба ман ҷавру ҷафо мекунӣ, ту.

Бусат кардам дар тангиҳои лаби дашт,
Дастот шиканад, ба гарданам ҳалқа нагашт.

Ду қоши сиёҳ дорию беҳтар зи қалам,
Охир мана мекушӣ ба сад дарду алам.

Аз ағба фуромадему нолиш кардем,
Сангои дари хоната болиш кардем.

Ёри мана бин, аз ман ҷудо мегардад,
Дур аз мани зор каҳринамо мегардад.

## ЭҶОДИЁТИ ХАЛҚИИ ЗАМОНИ СОВЕТӢ

Рубоӣ, дубайтӣ ва фардбайтҳое, ки дар замони советӣ гуфта шудаанд, дар мавзӯъҳои ишқ, ҳаёти маишӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, рӯҳия ва хислати одамони навро ифода менамоянд.

### ФАРДБАЙТ

Ман духтари пахтачина ёраш бошам,
Дар пахтачинӣ фартуки[1] кораш бошам.

Расво кунамо шуи тура дар майлис,
Дубора тура аз кор намунад ҳаргиз.

Ширинсухано, ёри вафодорам ту,
Дар зиндагиам рафиқу ғамхорам ту.

Норак равму бинам ҳама кироша,
Истода тамошо кунам обоша.

Рӯмоли ғиҷими сурхи зебо ба сарат,
Шинам сари кӯчаҳоюю ёбам хабарат.

Киштии совет ғул-ғула дар олам кард.
Дӯсто ҳама шодӣ, душмано мотам кард.

Дар тақаки тиреза анор афтодас,
Ишқам ба бачаи комсомол афтодас.

Худум гулу дар остинум гул дорам,
Ман зеби ҳамон ҷувони мӯйсардорам.

Дар бригади мо ду духтари корой,
Якташ бари ман, якташ бари болой.

Қоғазба кашам ман сурати қошота,
Савғотӣ барам Дилварзиба гапҳота.

Дилварзира обод кардам дар як сол,
Бо дасти муборакат, биё, харбуза кор.

---

[1] *Фартук — пешдоман.*

Мактуби тура дар кисаам мемунам,
Ҳар бор ба хотирам расад, мехунам.

Мактабба фуром ман ба вақти дарсат,
Дастпуна шавам, гирй ба банди дастат.

Мошинба сувор шавад ба оби дида,
Тақдир набудай, нону намак бурида.

Дар шаҳри моҳо не муфтиай, не қозй,
Мо дасти ба даст гирем ҳукумат розй.

«Тиллои сафед» барои давлат даркор,
Ҷонона, ба сидқи дили фароем сари кор.

Як гул ба ду гул миёни дарьё ғарқ шуд,
Тағочуни ман ба ҷанги Гирмун ҳайф шуд.

Як хабари хурсандй шунидем дина,
Аскарон сурх гирифтааст Берлина.

Раҳмат ба Совет, ҳазор раҳмат ба Совет,
Сад сум тиямо, савор шавам дар «Побед».

Додар ба ҳисоби инҷинир мехунад,
Аҳволи мана хешу табор медунад.

Хукумати ман як кораша нағз дидам,
Чито ба тани ҷувонзано зебиданд.

Мегум, ки куҷо меред, эй сарви равон,
Мегуд, ки ба мактаб мерам, додари ҷон.

Сарчашма буромадам, ки обам доданд,
Як дафтари ишқу як китобам доданд.

Рафтам ба дари идораи исполком,
Дастатба газит, мегузарй дода салом.

Дар ҳавлии мо як бех ниҳоли себча
Акаҷони ман дусола аскарбача.

Духтар, духтаре майдаҳаки сабзина,
Мактаб меравад ду даст ба рӯи сина.

Зебосаname дар таги долон хобай,
Сангои дари хонеш зиёратбобай.

## РУБОЙ

Шӯро ба ҷаҳон сахт чу пӯлод шудаст,
Вайрона зи илми Ленин обод шудаст.
Эй ранҷбарон, илм бихонед шабу рӯз,
Мазлум зи ҷанги золим озод шудаст.

Ин духтари қадбаланди Рӯшонро бин,
Озода нигоҳи чеҳрахандонро бин,
Дар саҳнаи Масков баромад дорад,
Раққосаи хуби Тоҷикистонро бин.

Ду қоши сиёҳ дорию мӯҳҳои дароз,
Дар мактаби шӯрой мехонӣ ба ноз.
Қурбони ду абрӯи сиёҳат бишавам,
Пеши мани зор кай ту меой боз?

Ду чашми сиёҳ дорию абрӯи баланд,
Ҷонона, муборакат шавад ҷой ба қанд,
Ҳар гаҳ ки ман аз дари магазин гузарам,
Ду зулфи дарози ту бупечад ба барам.

Маҳро нигар, ба даст китоб меояд,
Гӯё ки гуле ба рӯи об меояд.
Хушбахт шаванд духтарони озод,
Дар мулки ман инқилоб меояд.

Бо ҷавру ситам зору хазон гашта будум,
Монандаки ҷуғзи бемакон гашта будум.
Бераҳм касо ҷавру ситам мекарданд,
Солҳои дароз дар ғами ҷон гашта будум.

Дар даврали пеш дар ба дар мегаштум,
Монанди дарахти бесамар мегаштум,
Девона шида, ба мағзи сар мегаштум,
Бехона шида, дар кӯҳу ҷар мегаштум.

Ҷунум садқаи дастон дар дуторут,
Ҷунум садқаи палтуни пагундорут.
Ҳар ҷо, ки равӣ, равум ай дунболут,
Қулуғут ҳамин боша, намешум ёрут.

Садбарг, ки ба мактаб мерава полшӯӣ,
Орзу дорум қатиш кунум розгӯӣ.
Модарша бинен, дар дилуш тоқат дора,
Домода бинен, дар дастуш соат дора.

Куртаи сафед дорум, болош кастум,
Сабзиначувон, ба ту муҳаббат бастум.
Сабзиначувон, агар мана ёр гирӣ,
Дар қаватакум омада гектор гирӣ.

Саҳроба баромади ба сад нозу ғамоз,
Бо чашми хуморат, ҷурачон, ика наноз,
Нози туро саҳро намебардорад,
Меҳнат накунӣ, ба ту кӣ парво дорад?

Додот муаллим, ту муаллимдухтар,
Гӯям ғазале дар ҳаққи ту як дафтар.
Дафтар гирам, қалам барои ту занам,
Хоки раҳи пот болои дида, духтар.

Бургата бигӯ, кӯзаи овум биёра,
Дастархони нон, чойнаки чоюм биёра,
Дастархони нон, чойнаки чойша хурум,
Ба рӯзи меҳнат нумоли шолум биёра.

Шаҳрибачаи мӯймондаи бетоқӣ,
Гуфта будӣ дар сухани мо муштоқӣ.
Ҳар ҷо ки шудӣ бори дигар гар боқӣ,
Беҳуда нагӯ ҳар сухани шаккокӣ.

Дарсут, ки шава, адои дарсут бишавум,
Ҳар рӯз биравум, барои дарсут биравум.
Дар партаи аввал бишинум, наздиктари ту,
Ай рӯи маҳут, билло ки чашмум наканум.

Маълимбачаяк, ишқат балои ҷонум,
Мулло тую ман омӣ дар пеши ту хонум.
Ҳар гаҳ ки сабақ додӣ, ман дармонум агар,
Билло ки сабабгоруш танҳо тура донум.

Чойлови баланд ягон-ягон бод омад,
Маълимбачаяк намозаки шом омад.
Маълимбачаяк, тахти китоб дар дастат,
Танҳо наравӣ, ки душмано дар қасдат.

Очама бигӯ маълима домод гира,
Як даста гули сафед савғот гира.
Як даста гулу як мошинаи «Волга»,
Тӯёша фақат дар Сталинобод гира.

Маълимбача шиштай, ӯ хат менвиса,
Фикраш суни мову ғалат менвиса.
Гуфтум, ки маълимбача, саломат бошӣ
Ере ба касе то рӯзи қиёмат бошӣ.

Ин ёри худум палтон чин-чин дора,
Дар пеши баруш нишони Ленин дора.
Қастум ба тану куртаи кирбишин дора,
Ман садқа шавум забони ширин дора.

Дасти ту ба дастам, мефуроем мактаб,
Рӯят худи шамъ рушной дорад дар шаб,
Раҳмат ба Ҳукумати Советӣ, раҳмат,
Озод шудӣ, маърифата маҳкам қап.

Масчохии ман, чону дилам қурбунат,
Монанди дилат васеъ дастурхунат.
Гар Ҳотами Той ин дам шавад меҳмунат,
Ҳайрон шавадо, аз дар калон хар нунат.

Эй духтараке шуҳра шудӣ дар хубӣ,
Минбарба сухан баро, кунам кафкубӣ.
Қад-қади роҳат гулҳои бахмал корам,
Омад-омадат шавад, кунам раҳрубӣ.

Як ёр дорум ай тарафи Ёвонай,
Хушкардая хоси худаму мактавхонай.
Мардум меган: гирифтануш осонай,
Осонай некин, нозуш балои чонай.

Рӯмоли сари дастут гули олича,
Маълимбачара бурав, бугардон, оча.
Мардум меган: гандачувонай бача,
Не! Дар назарум шери замонай бача.

Гулҳои дари мактаб обум кардай,
Қач мондани тоқият харобум кардай.
Ин сӯ ғами имтиҳону он сӯ ғами ту,
Ҳарду ғамако сӯхта кабобум кардай.

Маълимбачае, ба гаштунат зор шудум,
Мактуби туро ба чон харидор шудум.
Мактуби туро гирифтанум душворай,
Хар чо ки равум, пеши раҳум деворай.

Токии сарут чорта гули афғонӣ,
Хатут бикунум, дар институт мехонӣ.
Хатакма гирӣ, варақ-варақ гардонӣ,
Худо накуна, хати мара сӯзонӣ!

Район меравӣ, соати дастут бошум,
Хона меёй, булбули мастут бошум.
Гапҳои туро шунидаиум даркорай,
Ман садқаи гапзании пастут бошум.

Эй чӯран чон, аспи кизилта садка,
Қамчинзаниҳои рӯи зинта садка.
Қамчин мезанӣ, банди дилум меларза,
Чӯран худум ба маълимӣ меарза.

Эй беди баланд, навдан хамта садка,
Роғунибача, қади баландта садка.
Мо қади тура дидаву хушдор шудем,
Бо таънаи мардумо гирифтор шудем.

Дар Балх гулай, дар Бухоро наргис,
Ман рӯи туро серӣ надидум ҳаргиз.
Ё раб, мегуме, маргум бита дар майлис
То кур шавум, бе ту нагардум харгиз.

Дар фольклори точик як силсила рубоиҳое мавҷуданд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ эчод шуда, дар онҳо мубориззаи қаҳрамононаи ҳалқи советӣ бар зидди фашизм инъикос ёфтааст.

Бачам ба сафар рафтай, нигоҳуш мекунум,
Ай чанг биёя тую никоҳуш мекунум.
Қурбони поҳот шавам, эй навсафарӣ,
Қувват бутия ағбаву чуло гузарӣ.

Бачам ба сафар рафтай, кушоя сафаруш,
Ай даруни аскарӣ биёя хабаруш.
Хатуш, ки оя, гул бичошум ба ҳама,
Худуш, ки оя, чонум қурбони саруш.

Дуле, ки ай ин хуна бадар меояд,
Ай аскари рафтагӣ хабар меояд.
Мун мунтазирум, ачаб каноат кардум,
Ай сузиши дил бун чигар меояд.

Ин садаи Оби Гарма баргуш майда,
Худо мегаме бачам саломат гарда.
Ҳукумат хубай, доғи чудой ганда,
То бачам оя, чигарум хун мегарда.

Ин шохаи шамшоди мани парканда,
Як бачаву як очаи дилнокандa.
Гуфтум хат кунум фиристум суи банда,
Бачам аскарай, умед аз ӯ нокандa.

Э рӯҳи ту бар хастадилон рӯҳ бахшид,
Як илҳоми ту умри дусад кӯҳ бахшид.
Ин қудрати човиду чахонбинии ту,
Сад чон ба тани лоғару маҷрӯҳ бахшид.

Ман дар чон хубу дар биёбон акаам,
Ман дар хонаю дар ҷанги Гирмон акаам.
Ҳар кас ки биёд муждагири акаам.
Як аспи саманд садқаи сари акаам.

Пойиз мерава, дудаки у дар осмон,
Аскарбачаҳо мераван ба ҷанги Гирмон.
Аскарбачаҳо, ки мераван ба сабзазамин,
Очаҳои аскаро шуданд хоки замин.

Чанд моҳи мукаммалай, ки мо беморем,
Дар ҷанги фашистони лаин менолем.
Моем ғарибу бенаво афгорем,
Ёди ватану хешу таборон дорем.

Ҷангро ба мисоли сели боруи дидум,
Худро ба раҳуш мушту гиребон дидум.
Эй ёру биродарон, дар ин аҳлу замуи,
Шеронро ба ҷанги руба(ҳ) ҳайрун дидум.

Аз мулкаки Польша, ки бирафтем ба ҷанг.
Дар ҳар самолёт савор шудем бо дили танг.
Урдуи далер ситодаанд пушт ба пушт,
Гитлери лаинро задем бо тиру туфанг.

Дар арсаи ҷанг ғофил ба дерӣ манишин,
Бе ҷангу ҷадал баҳри шикамсерӣ нашин.
Ҳар кас, ки фароғати абадӣ хоҳад,
Беист бизанад бар сари Гитлери лаин.

Сад кошки ҷанг аз ҷаҳон канда шавад,
Аз партави сулҳ абр пароканда шавад.
Ҷанг абри сиёҳесту сулҳ, шаъшаи нур,
Аз қудрати он ҷаҳон чи зебанда шавад.

Биё, фаъла ба ҳампайвандӣ омӯз,
Чу бинӣ дар миёни душманон ҷанг.
Агар афтад ба майдон иттифоқӣ,
Шавад маҳв аз ҷаҳон Гитлери бенанг.

Дарьёи калуи гузар намета акама,
Ванкома бин, хабар намета акама.
Гирмони фашист, илоҳӣ хонат суза,
Акам, ки ба ҷанг рафтай, дилум месуза.

Вақтест, ки мо ҳама ба по бархезем,
Оташ ба сари душмани ҷорпо резем.
То он ҳамаро куштаю нимҷон кунем,
Хоки Ватанэ тоза зи эшон кунем.

Бонӣ мекардум палак,
Дар дасти зануш чалак,
Доду воюм дар фалак,
Ай ҷиҳати бенунӣ.

Солеҳамоҳи зикка,
Дорӣ гапон пикка,
Ҳар вакте «Нун» мегуфтум,
Нун медодӣ як тикка.

Имшаб шаби маҳтоб аст,
Николай-пошшо нобоб аст,
Хурданба нон надорем,
Рӯзаки мо азоб аст.

Ҳар пагоҳӣ олуча гул мекуна,
Қосимбой савата пур мекуна,
Бои хасис танга гур мекуна,
Пул гӯй гушакша чур мекуна.

Кӯҳи Боғак баландай,
Сари амир гарангай,
Ай ҷавру зулми амир,
Саро дар зери сангай.

Мардикоро равон шуданд,
Зану бача гирьён шуданд,
Да ин коро ҳайрон шуданд,
Мардум рафтан да—ин бало.

Ҳар ҳафта омад, ҷав додем,
Аз ин нашуд, алаф додем,
Тарсидему курпа додем,
Мардум рафтан да—ин бало.

Ҷиззаха сухту хок кард,
Тухми эшона коф кард,
Шаҳиди бемадор кард,
Мардум рафтан да—ин бало.

Мардикорони саргардон,
Меред ба деҳи дигарон,
Амон рафта, амон оетон,
Мардум рафтан да — ин бало[1].

---

[1] Ин суруд ба вокеаи мардикоргирии соли 1916 бахшида шудааст, ки ба ин муносибат дар Ҷиззах ва Хӯҷанд шӯриши калоне рӯй дода буд.

## СУРУДИ ТОИНҚИЛОБИИ БОФАНДАҲО

Дилакам зардоб шуд аз чах-чахи бофандагӣ,
Чашмакам пуроб шуд аз риштаҳои кандагӣ.
Аз саҳар то шом почак мезанам дар чах-чахак,
Қоматам дар тоб шуд аз кору бори зиндагӣ.

Рӯз то шом дастгаҳам дар дамгаҳам чақ мезанад,
Субҳ то шаб кампири бечора вак-вак мезанад,
Субҳи содиқ устокор дарвоза тақ-тақ мезанад,
Рангакам бетоб шуд дар зери бори бандагӣ.

Ҳафтаи аввал дучарха нимча ресмон тофтам,
Ҳафтаи дуюм базур як чура карбос бофтам,
Аз фурӯши устокор як эни арзон ёфтам,
Туф кунетон, дустҳо, бар рӯи ин ёбандагӣ!

Духтари бемор дар кунчак кашокаш мекунад,
Кампир аз баҳри пиёба дег оташ мекунад,
Бачаяк аз гушнагӣ по мезанад, ғаш мекунад,
То ба кай бошад чунин аҳволу ҳоли зиндагӣ?!

Гушои акем кар шудас аз шиқ-шиқи бофандагӣ,
Дилҳои акем хун шудас аз шиқ-шиқи бофандагӣ.
Чашмои акем кур шудас аз шиқ-шиқи бофандагӣ,
Рангои акем зард шудас аз шиқ-шиқи бофандагӣ.

Корда гиру қассобӣ кун,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!
Турба гиру гадоӣ кун,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

Чулба раву чӯпонӣ кун,
Саҳро раву деҳқони кун,
Таёқ гиру молбонӣ кун,
Ҳаргиз накун бофандагӣ!

## МАЗМУНИ ҒАРИБӢ-ВАТАНДӮСТӢ

Афсӯс дар ғарибӣ
Ёри дигар надорам,
Ғайр аз ғами замона
Фикри дигар надорам.

Аз хона кардем сафар,
Мо чӯраем, бародар,
Танҳо бимонд модар,
Дар хона кас надорам.

Расидаем Бадахшон,
Афтодаем ба зиндон,
Нолем чу абри борон,
Бонии сар надорам.

Бурданд моро ба Тешкон,
Ку модари меҳрубон,
Хоки ватан садармон,
Ман болу пар надорам.

Номи ту ёд мекунам,
Сина кабоб мешавад.
Оҳи фироқ мекашам,
Дида пуроб мешавад.

Гар ба қалам дарорам,
Доғи ғарибиро ман,
Аз нолаҳои зорам,
Санг чу об мешавад.

Шудам ғарибу нотавон,
Шудам сарсону саргардон,
Дур аз ёру аз дустон,
Ҳамеша мекунам афғон.

Зи ёрон ман ҷудо гаштам,
Ба ғамҳо мубтало гаштам,
Ватан, хокат чу қанд ширин,
Ғариби бенаво гаштам.

Шудам ман аз ватан берун,
Худовандо, ту раҳме кун,
Шунав оҳи ғарибонро,
Ба дарди мо ту дармон кун.

Дар роҳи ғарибӣ марг расад дар бадани ман,
Оё кӣ канад гӯр, кӣ дӯзад кафани ман?
Эй ҳамнафасон, то аҷал ояд ба сари ман,
Дар ёди ватан хун шавад ин ҷигари ман.
Тобути маро суи баландӣ бигузоред,
Шояд ки расад бӯи ватан дар ҷигари ман.
Тобути маро зи чӯби шамшод бисозед!
Аз дасти аҷал нолаю фарьёд бисозед!

Худовандо, ғариби хоксорам,
Зи дарди бекасӣ ҳайрону зорам,
Ба танҳоӣ нишаста ашкборам,
Ба гирья мисли абри навбаҳорам,

Ватан мегӯяму уммедворам,
Зи дарди бекасӣ ҳайрону зорам.
Азизон, бишнавед аз ман суханро:
Агар дар хоб бинам ман ватанро,
Ҳалоки хештан созам Ватанро,
Кунам сад чок дар тан пираҳанро.
Ғарибонро намепурсад касе ҳол,
На аз ҳолам хабар дорад, на аҳвол,
Шудам дар доми ғурбат бе пару бол,
Ҳамегирьям ба ин қисмат, ба иқбол,
Агар манро расонад дар ватан бод,
Шавам аз банди ранҷу ғурбат озод.

Шудам овора дар шаҳро,
Ба хок молида шуд рухо
Надидам роҳати дуньё,
Шабо то рӯза менолам.

Дилам дар қайди шайтонӣ,
Гузашт умрам ба сарсонӣ,
Будас тақдири пешонӣ,
Шабо то рӯза менолам.

Шудам ман аз ватан беруи,
Ватан хокаш зи қанд ширин,
Мазаллат бар сарам чандин,
Шабо то рӯза менолам.

Ғарибӣ шуд макони ман,
Шуд ахгар устохони ман,
Надид роҳат ҷони ман,
Шабо то рӯза менолам.

Як нукта гӯям ман аз ғарибӣ,
Ёрон, чӣ мушкил доғи ҷудой!
Бемор гаштам ҷустам табибе,
Ёрон, чи мушкил доғи ҷудой!

Танҳо фитодам дур аз ватанҳо,
Қарланд маломат зоғу зағанҳо,
Ҳар дам шунидам чандин суханҳо,
Ёрон, чи мушкил доғи ҷудой!

Як ҷомаи сабз пушидаям ман,
Сад бодаи ғам нушидаям ман,
Дар дафтари дил навиштаям ман,
Ёрон, чи мушкил доғи ҷудой!

## Суруди лаҳзаҳои маросими тӯй

### САРШӮИИ АРӮС

**Занҳо:** Гуларусак, сар бишуй,
Пага ваъдаи рафтанай.
**Арӯс:** Сарма шуста чи кунум,
Ношустанум беҳтарай.
**Занҳо:** Гуларусак, курта пуш.
Пага ваъдаи рафтанай.
**Арӯс:** Курта пушида чи кунум,
Нопушданум беҳтарай...

Шуяк-шуяконуме,
Саршуяконуме,
Оста шона куне,
Нареза муякуме...

### САРТАРОШИИ ДОМОД

**Сарбайтхон:** Имрӯз чи рӯзи сартарошон,
Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Ҳозирон:** Имрӯз чи рӯзи сартарошон,
Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин сараки шоҳ тарбузи ғелоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин чашмони шоҳ хумори мастоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин бинии шоҳ теғи ларзоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин лабони шоҳ пистаи хандоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин гардани шоҳ баёзи афғоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин абруи шоҳ камони мултоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!
**Сарбайтхон:** Ин рафтори шоҳ кавги хиромоне!
**Ҳозирон:** Шоҳ ҷонаки ҷон, ҷони ҷононе!..
**Як кас:** Қад баланд, комат баланд, гардан дарозӣ мекунад.
**Ҳозирон:** Устои ланги сартарош, сара покиза тарош!
**Як кас:** Дар миёни ҳарду кошаш хол бозӣ мекунад.
**Ҳозирон:** Устои ланги сартарош, сара покиза тарош!
**Як кас:** Дар миёни ҳарду кош холро даме ором нест.
**Ҳозирон:** Устои ланги сартарош, сара покиза тарош!
**Як кас:** Субҳи содиқ медамад, дар дидаи мо хоб нест.
**Ҳозирон:** Устои ланги сартарош, сара покиза, тарош!..

* * *

Яккахон: Эй духтараке, мери ба даст кӯзае,
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Отаи шаҳ, бо ту мегум,
Дар сари шаҳ тангара чош!
Яккахон: Оҳе ки ту мекашӣ, дилам месузае,
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош:
Апаи шаҳ, бо ту мегум
Дар сари шаҳ тангара чош!
Яккахон: Э кошкӣ шавам кузаи сари кифтат,
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Хоҳари шаҳ, бо ту мегум
Дар сари шаҳ тангара чош!
Яккахон: Бо хоҳиши худ аз рут гирам сад бусае.
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Аммаи шаҳ, бо ту мегум,
Дар сари шаҳ тангара чош!
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Яккахон: Хоҳари шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ румол андоз.
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Яккахон: Додари шаҳ, ба ту мегум
Дар сари шаҳ токӣ андоз!

* * *

Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Яккахон: Апаи шаҳ, ба ту мегум,
Дар сари шаҳ салла андоз!
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Яккахон: Отаи шаҳ, ба ту мегум
Дар тани шаҳ чома андоз!
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош!
Яккахон: Очаи шаҳ, ба ту мегум,
Дар тани шаҳ курта андоз!
Ҳозирон: Устои ланги сартарош,
Сара покиза тарош...

## ЛИБОСПЎШОНӢ

Муйсафеде либоси домодро мепўшонад. Дар давоми либоспўшонӣ ҷўрахои домод дойра зада, суруд мехонанд. Баъд домодро ба пешгаҳ шинонда «муборак шавад» гуён табрик мекунанд. Дар Ҳисор «Ҷомаи хуб бино кунед»-ро мехонанд:

**Яккахон:** Ҳимо кунед, ҳимо кунед,
Ҷомаи хуб бино кунед!
Дар тани шаҳ ошно кунед,
Аз дур истед, ниго кунед.
**Ҳама:** Ҳимо, болои ҳимое,
Аҷаб шаҳи найное.
**Яккахон:** Ҳимо кунед, ҳимо кунед,
Руймоли хуб бино кунед!
Дар миёни шаҳ ошно кунед
Аз дур истед, ниго кунед!
**Ҳама:** Ҳимо, болои ҳимое,
Аҷаб шаҳи найное.
**Яккахон:** Ҳимо кунед, ҳимо кунед,
Токии хуб бино кунед!
Дар сари шаҳ ошно кунед,
Аз дур истед, ниго кунед!?
**Ҳама:** Ҳимо, болои ҳимое,
Аҷаб шаҳи найное.
**Яккахон:** Ҳимо кунед, ҳимо кунед,
Мўзаи хуб бино кунед!
Дар пои шаҳ ошно кунед,
Аз дур истед, ниго кунед!
**Ҳама:** Ҳимо, болои ҳимое,
Аҷаб шаҳи найное.

## ЛИБОСПЎШИИ ДОМОД

Дасти ману доманат, эй куртапуш,
Куртаи шоҳмарди маро хуб бипуш.
Дасти ману доманат, эй ҷомапуш,
Ҷомаи шоҳмарди маро хуб бипуш.
Дасти ману доманат, эй токипуш,
Токии шоҳмарди маро хуб бипуш.
Дасти ману доманат, эй саллабанд,
Саллаи шоҳмарди маро хуб бибанд.
Дасти ману доманат, эй миёнбанд,
Футаи шоҳмарди маро хуб бибанд.
Дасти ману доманат, эй чамуспуш, [1]
Чамуси шоҳмарди маро хуб бипуш.

[1] *Чамус* — муки, чорук.

Ҷон бача бозӣ мекина,
Саллаш калонӣ мекина,
Саллаша хуртарак кине,
Ба руяш бозӣ мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Бар сари шаҳ ошно кинен,
Саллаи нав бино кинен,
Аз дур бестен, нигo кинен.

Ҷон бача бозӣ мекина,
Туппиш кушодӣ мекина,
Туппиша хуртарак кине
Ба руяш бозӣ мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Туппи нав бино кинен,
Дар сари шаҳ ошно кинен,
Аз дур бестен, нигo кинен.

Ҷон бача бозӣ мекина,
Ҷомаш дарозӣ мекина,
Ҷомаша калтатар кине,
Бо кадаш бозӣ мекина.

Ино кинен, ино кинен,
Ҷомаи хуб бино кинен,
Дар тани шаҳ ошно кинен,
Аз дур бестен, нигo кинен.

* * *

Шаҳ дар минбаре,
Болои тахти заре,
Ҷома ба домод биёр,
Ҷома ба домод мезебае...

Шаҳ дар минбаре,
Болои тахти заре,
Муза ба домод биёр,
Муза ба домод мезебае

Ҳазрати шаҳ чӣ гуфтӣ?
Монанди гул шукуфтӣ.
Шаҳи мане, мири ман,
Оё имшаб нахуфтӣ?

Шаҳ дар минбаре,
Болои тахти заре

Салла ба домод биёр,
Салла ба домод мезебае...

* * *

**Ҳофизон:** Шоҳи зарнумол, чашмонат хумор,
Мо орзу дорем, шаҳ биёяд сувор.
**Сарбайтхон:** Ман омадум аз Қамин,
Сина мондум дар замин,
Ай ҷиҳати нозанин,
Шаҳ муборак боде!
**Ҳофизон:** Шоҳи зарнумол, чашмонат хумор,
Мо орзу дорем, шаҳ биёяд сувор.
**Сарбайтхон:** Ман омадум ай барут,
Шона задум дар сарут,
Ай ҷиҳати духтарут,
Шаҳ муборак боде!
**Ҳофизон:** Шоҳи зарнумол, чашмонат хумор,
Мо орзу дорем, шаҳ биёяд сувор.
**Сарбайтхон:** Ман омадум шиштанӣ,
Руи гулро диданӣ,
Тире хурдум мурданӣ,
Шаҳ муборак боде!
**Ҳофизон:** Шоҳи зарнумол, чашмонат хумор,
Мо орзу дорем, шаҳ биёяд сувор.

## ШАҲ БУЛБУЛ

**Яккахон:** Имрӯз дилам ҳаво гирад, ман чӣ кунам?!
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Ёди чаману боғ кунад, ман чӣ кунам?!
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Аз хона буромад санами якторa.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Бо яктаки адрасаш дилаш садпора.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Чашм андохтам, ёр бе димоғ истодӣ.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Маҳтобшаби тирмоҳба тӯй сар кардем.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Як бачаи таърифира шаҳ рост кардем.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Шаҳа рост кардем, бурдем ба пеши духтар.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ, булбуле, додари шаҳ булбул.
**Яккахон:** Халқҳо ба тамошои шаҳу шаҳ музтар.
**Ҳама:** Ёр, шаҳ булбуле, додари шаҳ булбул.

## ШАҲ МЕРАВАД

Дар Қаротегин вақте домод ҳамроҳи ҷӯраҳояш дохили ҳавлии арӯс мегардад, занҳо пешвоз мегиранд ва аз сараш чормағзу қанду танга мепошанд ва дойра зада суруди зеринро дар васфи ӯ мехонанд:

**Ҳама:** Ова бубин, ки мерава шалфакунон,
Шаҳма бубин, ки мерава ғамзакунон.
**Яккахон:** Кафтар ба сари чанор пар мереза,
Аз ҳар качаки шаҳум зар мереза.
**Ҳама:** Ова бубин, ки мерава шалфакунон,
Шаҳма бубин, ки мерава ғамзакунон.
**Яккахон:** Шаҳум худакуш ба ҳокимӣ меарза,
Аз панч ангушти арус гуҳар мереза.
**Ҳама:** Ова бубин, ки мерава шалфакунон,
Шаҳма бубин, ки мерава ғамзакунон.
**Яккахон:** Эй шоҳи ҷон, туют муборак боша!
Дар гирди лавут холо қаторак боша.
**Ҳама:** Ова бубин, ки мерава шалфакунон.
Шаҳма бубин, ки мерава ғамзакунон.
**Яккахон:** Худ гуфта будӣ, духтари вилоят гирум,
Ин духтари ҳамсоя муборак боша!
**Ҳама:** Ова бубин, ки мерава шалфакунон,
Шаҳма бубин, ки мерава ғамзакунон.

## ХУШ ОМАДӢ

Ин сурудро дар Варзоб ҳангоми қабули домод дар хонаи арӯс ҷӯраҳои домод мехонанд:

**Сарбайтхон**: Шаҳҷонӣ ҷон, хуш омадӣ,
Мирзои ҷон, хуш омадӣ
**Ҳама:** Шаҳ омаду маҳ омад,
Шаҳи рафта боз омад.
**Сарбайтхон**: Аз дар даро, салом те,
Қомати худ нишон те.
**Ҳама:** Шаҳ омаду маҳ омад,
Шаҳи рафта боз омад.
**Сарбайтхон:** Зулфи сиёҳа тоб те,
Дили маро ту об те.
**Ҳама:** Шаҳ омаду маҳ омад,
Шаҳи рафта боз омад.

## ШАҲБАРОН

Дар мавриди домодбарӣ мардуми Кӯлоб суруди «Шаҳи ман меравад»-ро мехонанд:

Сарбайтхон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад.
Навшаҳи ман мерава.
Сарбайтхон: Дидам шаҳу пурноза-ей,
Шаҳи ман меравад!
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад.
Навшаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Дар Кӯлоби чонона-ей,
Шаҳи ман меравад!
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Зулфона задай шона-ей,
Шаҳи ман меравад,
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Аз боло об меояд-ей,
Шаҳи ман меравад!
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Бӯи палав меояд-ей,
Шаҳи ман меравад.
Ҳофизон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Хонара ҷоруб занед-ей,
Шаҳи ман меравад!
Ҳофизон: Меҳмони нав меояд-ей,
Шаҳи ман меравад.
Сарбайтхон: Шаҳи ман меравад,
Навшаҳи ман меравад.

## ШАҲИ МАН ОМАД

Истиқболи домод дар хонаи арӯс ботантана аст. Домодбарон ҳамин, ки ба ҳавлии арӯс расиданд, ҳозирон онҳоро бо тантана ва шодиву сурур истиқбол мекунанд. Вақти ба хона даъват шудани домод пеши пои ӯ пойандоз мепартоянд. Домод бо пои рост ба пойандоз қадам монда аз болояш мегузарад ва рафта рӯи «тахт» мешинад. Баъди зиёфат сурудхонӣ, рақсу бозӣ давом мекунад.

Ҳама: Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
Сарбайтхон: Шаҳ ба шикор мерава,
Ҳама: Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
Сарбайтхон: Қоруш ба барор мерава.

**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Шаҳум савор мерава.
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Боша шикор мерава.
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Бошара баҳона карда,
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Дидани ёр мерава.
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Шаҳа бар-бар мебаран,
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Ба таги ар-ар мебаран,
Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Шаҳа дилдорӣ кунед,
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.
**Сарбайтхон:** Пешаки духтар мебаран.
**Ҳама:** Шаҳи ман омаде,
Мирзои ман омаде.

## ЛИБОСПУШИИ АРУС

Моҳи нав дида, ҷамолат бинуме,
Қоматат чун сарву шамшод бинуме.

* * *

Сараке дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он сарак румол чиниме.
Муяке дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он муяк муйбоф чиниме.
Гушаке дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он гушак гушвор чиниме.
Гардане дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он гардан мухра чиниме.
Дастаке дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он дастак дастбанд чиниме.
Ангуште дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он ангушт нигин чиниме.
Пояке дорӣ, чун ман доруме,
Гирди он поях кавшон чиниме...

## АРЎСБАРАРОРОН

Арўс дар хонаи падараш ҳамроҳи дугонаҳояш ба рафтан омода аст. Ҷўраҳои домод суруд мехонанд ва талаб мекунанд, ки арўс барояд. То аз хона баровардa ба асп (ҳоло мошин) савор кардани арўс сурудхонӣ давом мекунад. Дар ин маврили тўй дар маҳалхо сурудҳои «Гул баро аз хона», «Барор-барор», «Барор-барор хушрўта», «Барор-бароруш мегум» ва ғайраҳо мехонанд.

**Ҳама:** Барор-бароруш куне,
Бо тенг боруш куне!
**Сарбайтхон:** Дили очаш намеша,
Оташ саворуш куне!
**Ҳама:** Барор-бароруш куне,
Ба асп саворуш куне!
**Сарбайтхон:** Дили оташ намеша,
Акаш саворуш куне!
**Ҳама:** Барор-бароруш куне,
Ба асп саворуш куне!
**Сарбайтхон:** Дили акаш намеша,
Тағош саворуш куне!
**Ҳама:** Барор-бароруш куне,
Мошинсаворуш куне!
**Сарбайтхон:** Дили тағош намеша,
Боваш саворуш куне!
**Ҳама:** Барор—бароруш куне,
Тезтар саворуш куне!

## ГУСЕЛКУНИИ АРЎС

Гул равонай, мерава,
Арўс меҳмонай, мерава,
Ёру дугонеш, гиря кунед,
Роҳати ҷонай, мерава!

* * *

Ту меравӣ аз хона, хамира ки рост мекина?
Ҳар лаҳза пеши очат ки шишта ноз мекина?
Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром румолдузма бурдане!
Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром ҷомадузма бурдане!

Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром токидузма бурдане!

Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром хонарубма бурдане!

Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром дилсузма бурдане!
Гулма бурдане,
Баргаки гулма бурдане,
Ай миёни духтаром чигарсузма бурдане!

## БУРДАНЕ...

Вакте ки арӯсро аз хона бароварда бурданӣ мешаванд, модар ин сурудро мехонад:

Гулма-гулма бурдане,
Барги гулма бурдане.
Як духтари хушруяки
Кайбонума бурдане.

**Занҳо:** Ту меравӣ ай хуна,
Хамирма кӣ рост мекна?!
**Модар:** Гулма-гулма бурдане,
Барги гулма бурдане.
Духтараки калонаки
Хонарувма бурдане.
**Занҳо:** Хар лахза пеши оча.
Кӣ шишта ноз мекна?!
**Модар:** Гулма-гулма бурдане,
Барги гулма бурдане.
Духтари меҳмондусти
Мехрубонма бурдане.
**Занҳо:** Омаданду бурдане,
Чони ширини очаша.
**Модар:** Гулма-гулма бурдане,
Барги гулма бурдане.
Духтараки сафедаки
Сияхкошма бурдане,
**Занҳо:** Ту кучохак меравӣ,
Балачони модаре?!
**Модар:** Гулма-гулма бурдане,

Барги гулма бурдане.
Ай миёни духтаром
Тозагулма бурдане.

**Дугонаҳо:** Замини сурх дулона,
Ғунчагулай дугона.
Дугонама мебаран,
Дулонаҳош мемона.

**Модар:** Сари дегдони баланд,
Қулчашури модарӣ,
Ту кучоҳак меравӣ,
Ҷони ширини модарӣ?

**Духтар:** Эй оча, намеруме,
Ҷон оча, намеруме,
Моли мардума хурдай,
Ночор мондам, меруме.

**Падар:** Сари дегдони баланд,
Қулчашури модарӣ,
Ту кучоҳак меравӣ,
Ҷони ширини падарӣ?

**Духтар:** Эй ота, намеруме,
Ҷон ота, намеруме,
Аспи сиёя савор шудай,
Ночор мондам, меруме.

**Ака:** Сари дегдони баланд,
Қулчашури модарӣ.
Ту кучоҳак меравӣ
Ҷони ширини акай?

**Духтар:** Эй ака, намеруме,
Ҷон ака, намеруме,
Қушаи гов овардай,
Ночор мондум, меруме.

**Амма:** Сари дегдони баланд,
Қулчашури модарӣ,
Ту кучоҳак меравӣ,
Ҷони ширини аммай?

**Духтар:** Эй амма, намеруме,
Ҷон амма намеруме
Қафши булғор пушидай,
Ночор мондум, меруме.

**Хола:** Сари дегдони баланд,
Қулчашури модарӣ,
Ту кучоҳак меравӣ,
Ҷони ширини холай?

**Духтар:** Эй хола, намеруме
Ҷон хола, намеруме,
Рӯймоли заргаронӣ печидай,
Ночор мондум, меруме.

* * *

Тахти равони арӯс,
Лола шукуфтай имрӯз,
Оча гирёнай имрӯз,
Арӯс равонай имрӯз.

* * *

Духтар меруд молаш кати,
Ашколи рузгораш кати,
Вафо кунад ёраш кати,
Ба ҷамъи ашколаш кати.

**Сарбайтхон:** Ой гула бурданд, гуле,
Сунбула бурдан, гуле!
**Дигарон:** Ой гула бурданд, гуле,
Сунбула бурданд, гуле!
**Сарбайтхон:** Даруни долон, гуле,
Тарбузи ғелон, гуле,
**Дигарон:** Ой гула бурданд, гуле,
Сунбула бурданд, гуле!
**Сарбайтхон:** Даруни полез, гуле,
Курта кановез, гуле!
**Дигарон:** Ой гула бурданд, гуле,
Сунбула бурданд, гуле!
**Сарбайтхон:** Эй гули наргис, гуле,
Бигру бигурез, гуле!
**Дигарон:** Ой гула бурданд, гуле,
Сунбула бурданд, гуле...

* * *

**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Дегшуякта бурдуме...
**Ҳама:** Барор, бароруш, мегуме,
Хола бароруш мегум!

**Сарбайтхон:** Хонарубакта бурдуме...
**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Говҷушакта бурдуме...
**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Ширпазакта бурдуме...
**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Ҷогахандозта бурдуме...

**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Овбиёракта бурдуме...
**Ҳама:** Барор, бароруш мегуме,
Хола, бароруш мегум!
**Сарбайтхон:** Ошпазакта бурдуме...
Барор, бароруш, хола,
Қай мебарориш, хола?
Руз хам бевақт шидак,
Қай мебарориш, хола?
**Ҳама:** Барор, барор хушрута,
Хушруи камонабрута.
**Сарбайтхон:** Сари дегдони баланд, хамиркуни очаше...
**Ҳама:** Барор, барор хушрута,
Хушруи камонабрута
**Сарбайтхон:** Сари дегдони баланд, ҳавлируби очаше...
**Ҳама:** Барор барор хушрута,
Хушрӯи камонабрута.
**Сарбайтхон:** Сари дегдони баланд, чогахандози очаше...
**Ҳама:** Барор, барор хушрута,
Хушруи камонабрута.
**Сарбайтхон:** Сари дегдони баланд, говҷуши очаше...
**Ҳама:** Барор, барор хушрута,
Хушруи камонабрута.

* * *

Шаҳду шакар ёрак аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Сарак аз ту, румол аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Муяк аз ту, шона аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Чашмак аз ту, сурма аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Гушак аз ту, гушвор аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Гардан аз ту, муҳра аз мане,
Биё равем, хона аз мане.
Ангушт аз ту, нигин аз мане.
Биё равем, хона аз мане,
Дастак аз ту, дастбанд аз мане,
Биё равем, хона аз мане...

## ТАХТИ АРӮС

Дар хонаи домод ҳама интизори арӯс мебошанд. Ҳамин ки арӯсбиёрон дохили ҳавлии домод мегарданд, ҳофизон суруд

**Саломномахон:** Нихоли қомати домод баҳравар гардад,
Дуо гӯед, ки он шохи пурсамар гардад,
Ба байни халқ сарфарозу мӯътабар гардад,
Ҳамеша иззату давлат ҳамсафар гардад.
Ба он ду навгули хандон салом мегӯем!
Ба ҷумла аҳли ин хонадон салом мегӯем!

**Ҳозирон:** Ҳазор алейк!...

### БА ИСТИҚБОЛИ АРӮС

Таги савад ширу қаймоқ,
Келинмулло бодомқавоқ,
Хуш омадед, шинед, келин!

Таги чимилиқ нону мавиз,
Келинмулло эрка-азиз,
Хуш омадед, шинед, келин!

Рӯи ҳавлӣ як бехи себ,
Келинмулло ба ҳавлӣ зеб,
Хуш омадед, шинед, келин!..

* * *

Офтоби ин хонадон, хуш омадед,
Сарвари молу макон, хуш омадед,
Бахратон ин хонадон муштоқ буд,
Ҷон келин, ҷонон келин, хуш омадед!

* * *

Эй кабки хиромон, моҳитобон, хуш омадед!
Эй химчамиён, кокулпарешон, хуш омадед!
Эй навниҳоли боғу гули хандон, хуш омадед!
Эй гулбадани ҷаннатмакон, хуш омадед!
Даргоҳамон пешкашатон, хуш омадед!

* * *

Эй дар боғи латофат гули хандон, хуш омадед!
Эй дар авҷи фалак чун моҳи тобон, хуш омадед!
Эй дар гулшани мо сарви хиромон, хуш омадед!
Эй келини ҷонони мо, аз дилу ҷон хуш омадед!
Хуш омадед, хуш омадед, нури чашмон, хуш омадед!

* * *

**Сарбайтхон:** Хуш омад ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо.
**Ҳофизон:** Хуш омадед ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо.
**Сарбайтхон:** Ой дури зи ману бо ман саломат бодо, ёр,
**Ҳофизон:** Хуш омадед ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо
**Сарбайтхон:** Ой ҷону дили ман фидои номат бодо, ёр.
Хуш омадед ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо.
**Сарбайтхон:** Ой ман бе ту нафас намекашам дар олам, ёр.
**Ҳофизон:** Хуш омадед ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо.
**Сарбайтхон:** Ой бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо, ёр,
**Ҳофизон:** Хуш омадед ёре, меҳмони мо,
Бар дида ёре, бар ҷони мо.

## СУРУДҲОИ РАҚСУ БОЗӢ

Таги сада самовор,
Чойник, пиёла қатор,
Ёр, ёр, ёроне!
Пиёлая чояш не,
Ин бачая хобаш не,
Ёр, ёр, ёроне!
Духтари сари бора,
Дар кокулаш ситора,
Ёр, ёр, ёроне!
Биё мерем идора,
ЗАГС кунем якбора,
Ёр, ёр, ёроне!
Мурғоби баланд парвоз,
Ҷураки ман хушовоз,
Ёр, ёр, ёроне!
Мурғоби таги бутта,
Ҷуракам тани курта,
Ёр, ёр, ёроне!
Анори дона-дона,
Ишкашба ман девона,
Ёр, ёр, ёроне!
Омад-омадат гардам,
Ёр, ёр, ёроне!
Сарви коматат гардам,
Ёр, ёр, ёроне!
Рафтем рахи дуродур,
Ёр, ёр, ёроне!

Овардем нихоли гул,
Ёр, ёр, ёроне!
Нихола куҷо монем?
Ёр, ёр, ёроне!
Дар хавлии Мирзогул.
Ёр, ёр, ёроне!
Мирзогули бебоке,
Ёр, ёр, ёроне!
Вай ангуру мо токе,
Ёр, ёр, ёроне!
Аз барои як ангур
Ёр, ёр, ёроне!
Мо печидем ба токе.
Ёр, ёр, ёроне!

* * *

Давидему давидем,
Усмаи снёҳ харидем,
Қоши келин молидем,
Келин дар болохона,
Домод дар меҳмонхона,
Домод аспаша об дод,
Келин зулфаша тоб дод,
Келина бурдем сой катӣ,
Аспи алои бой катӣ,
Таги дари Уғулой катӣ,
Сандукчакон чой катӣ...

* * *

**Ҳофизон:** ...Аз Қаробоғ омадӣ,
Сина ба доғ омадӣ!
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Мурчамиён духтарак,
Ҷигаркабоб омадӣ!
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Ман меравам ба бозор,
Гапата бигу, ҷӯраҷон.
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ!
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Ҳалқи тилло оварда,
Ба гушакам андозед.
**Дигарон:** Ҳо Лайли, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!

**Ҳофизон**: Ман меравам то Бухор,
Гапата бигӯ, ҷӯраҷон.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ҳусни ҷавон пиёла!
**Ҳофизон**: Қурти атлас харида,
Шоҳӣ, кимхоб биёред.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ангур дар боғи хола!
**Ҳофизон**: Ман меравам то Ҳисор,
Гапата бигӯ, ҷӯраҷон.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ҳусни ҷавон пиёла!
**Ҳофизон**: Сурми сиёҳ харида,
Марҷони боб биёред.
**Дигарон**: Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!

* * *

**Ҳофизон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга румол бихарам,
Ту дар сар андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга сурма бихарам,
Ту дар чашм андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Ҳудакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга гӯшвор бихарам,
Ту дар гӯш андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга мӯҳра бихарам,
Ту дар гардан андоз ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, хӣ духтар, бозор биравам,
Саду си танга дастбанд бихарам,
Ту дар даст андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!

Овардем ниҳоли гул,
Ёр, ёр, ёроне!
Ниҳола куҷо монем?
Ёр, ёр, ёроне!
Дар ҳавлии Мирзогул.
Ёр, ёр, ёроне!
Мирзогули бебоке,
Ёр, ёр, ёроне!
Вай ангуру мо токе,
Ёр, ёр, ёроне!
Аз барои як ангур
Ёр, ёр, ёроне!
Мо печидем ба токе.
Ёр, ёр, ёроне!

* * *

Давидему давидем,
Усмаи сиёҳ харидем,
Қоши келин молидем,
Келин дар болохона,
Домод дар меҳмонхона,
Домод аспаша об дод,
Келин зулфаша тоб дод,
Келина бурдем сой катӣ,
Аспи алои бой катӣ,
Таги дари Уғулой катӣ,
Сандукчакон чой катӣ...

* * *

**Ҳофизон:** ...Аз Қаробоғ омадӣ,
Сина ба доғ омадӣ!
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Мурчамиён духтарак,
Ҷигаркабоб омадӣ!
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Ман меравам ба бозор,
Гапата бигу, ҷӯраҷон.
**Дигарон:** Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ!
Ҷонам фидои Лайлӣ!
**Ҳофизон:** Ҳалқи тилло оварда,
Ба гушакам андозед.
**Дигарон:** Ҳо Лайли, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!

**Ҳофизон**: Ман меравам то Бухор,
Гапата бигӯ, ҷӯраҷон.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ҳусни ҷавон пиёла!
**Ҳофизон**: Курти атлас харида,
Шоҳи, кимхоб биёред.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ангур дар боғи хола!
**Ҳофизон**: Ман меравам то Ҳисор,
Гапата бигӯ, ҷӯраҷон.
**Дигарон**: Ҳай, лола, лола, лола,
Ҳусни ҷавон пиёла!
**Ҳофизон**: Сурми сиёҳ харида,
Марҷони боб биёред.
**Дигарон**: Ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ,
Ҷонам фидои Лайлӣ!

* * *

**Ҳофизон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга румол бихарам,
Ту дар сар андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга сурма бихарам,
Ту дар чашм андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Ҳудакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга гӯшвор бихарам,
Ту дар гӯш андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга мӯҳра бихарам,
Ту дар гардан андоз ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!
**Ҳофизон**: Фардо, хй духтар, бозор биравам,
Саду си танга дастбанд бихарам,
Ту дар даст андоз, ман менигарам!
**Дигарон**: Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабҳо шакаре!

**Ҳофизон:** Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга чалла бихарам,
Ту дар ангушт андоз, ман менигарам!
**Дигарон:** Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабхо шакаре!
**Ҳофизон:** Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга курта бихарам,
Ту дар қад андоз, ман менигарам!
**Дигарон:** Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабхо шакаре!
**Ҳофизон:** Фардо, эй духтар, бозор биравам,
Саду си танга кавшак бихарам,
Ту дар пой андоз, ман менигарам!
**Дигарон:** Шаҳи Зайналмо, зар дар камаре,
Худакат ширин, лабхо шакаре!

* * *

**Як кас:** Ҳай, хай шумо ҷононаед, ҷононаед,
**Ҳозирон:** Ёр, ёр, ҷононаед!
**Як кас:** Дар байни мо як донаед, як донаед,
**Ҳозирон:** Ёр, ёр, як донаед!
**Як кас:** Марвориду дурдонаед, дурдонаед!
**Ҳозирон:** Ёр, ёр, дурдонаед!
**Як кас:** Як донаам, ду дона шуд, ду дона шуд,
**Ҳозирон:** Ёр- ёр, ду дона шуд!
**Як кас:** Ошики ман бегона шуд, бегона шуд,
**Ҳозирон:** Ёр-ёр, ду дона шуд!...

* * *

Келин омад аз Чорчирок,
Даруни бухчаш равғанчирок,
Даруни чимилиқ нону қаймоқ,
Келин-оим бодом қавоқ,
Ёр, ёре, бодомқавок!
Келин омад аз Исфисор,
Як духтари бадубало,
Чӣ мешавад домодпочо?
Тӯй гузарад холи шумо?
Ёр, ёре, холи шумо!
Келин омад аз Исфисор,
Ду рӯякаш мисли анор,
Домод почом ҷо бекарор,
То дидани рӯи анор.
Ёр, ёре, рӯи анор!

## СУРУД ВА БОЗИИ «МУҒУЛДУХТАР»

Доирадастон:
Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой, муғуле,
Рақкоса:
Муғулдухтар гули ғуза,
Баландболои сурхмӯза,
Дилат бар мо намесӯза,
Биё, нозук-муғул, ёре...
Доирадастон:
Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой, муғуле...
Рақкоса:
Муғулдухтар, ҳабибат ман,
Ба дарди дил табибат ман,
Кучо бошӣ насибат ман,
Биё, нозук-муғул, ёре...
Доирадастон:
Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой, муғуле...
Рақкоса:
Муғулдухтар гули анҷир,
Зада зулфони худ занҷир,
Ба доми ту шудам асир,
Биё, нозук-муғул, ёре...
Доирадастон:
Ой муғул омад, муғул омад, ой-ой, муғуле...

Якбора овози доира баланд шуда, «духтар» пеш-пеш, писар аз қафо рақскунон ба хона дохил мешаванд, доирадастон мехонанд:

Ой-ой, муғул омад, муғул омад,
Муғул аз роҳи дур омад.

Дар ин вақт «духтар» ва писар гирди ҳамдигар рақскунон давр мегарданд.

Ҷавонписар:
Муғулдухтар дар ин боғе,
Ду зулфонаш пари зоғе,
Араббача ба ӯ доғе,
Биё, нозукмуғул, ёре.

Ой-ой, муғул омад, муғул омад,
Муғул аз роҳи дур омад.
Ҷавонписар:
Расидам дар сари Шива,
Шутурчангал пур аз мева,
Муғулдухтар шавад бева,
Биё, нозукмуғул, ёре.

Доирадастон:
Ой, ой, муғул омад, муғул омад,
Муғул аз роҳи дур омад.
Ҷавонписар:
Муғулдухтар ҳабиби ман,
Ба дарди дил табиби ман,
Куҷо бошад насиби ман,
Биё, нозукмуғул, ёре.
Доирадастон:
Ой, ой, муғул омад, муғул омад,
Муғул аз роҳи дур омад.

Муғулдухтар, қадат танбур,
Ба дастат хӯшаи ангур,
Ишорат мекунӣ аз дур,
Ба ҷон ширин, муғулдухтар,

Муғулдухтар гули боғай,
Ду зулфонаш пари зоғай,
Ғуломбача ба вай доғай,
Ба ҷон ширин, муғулдухтар.

Муғулдухтар сари ёла,
Ду рухсораш гули лола,
Илоҷе нест духтари хола,
Ба ҷон ширин, муғулдухтар.

Муғулдухтар таги долон,
Ду рухсораш маҳи тобон,
Ба ту ошиқ шудам, ҷонон,
Ба ҷон ширин, муғулдухтар.

Чашми сиёҳи зоғат,
Дар сина дорам доғат,
Рафта будам ба боғат,
Раҳ меравӣ ҷилвакунон...
Раҳ меравӣ, ҷилвакунон,

Зулфон инҷу ҷинҷат,
Дандонаки биринҷат,
Як бӯса те аз линҷат,
Раҳ меравӣ, ҷилвакунон,
Раҳ меравӣ ҷилвакунон...

Қаддаки хурди пастат,
Севон сурхи дастат,
Мо ҳам хастем ба касдат,
Раҳ меравӣ ҷилвакунон,
Раҳ меравӣ ҷилвакунон...

Рӯяки гул баринат,
Мӯяки анбаринат,
Садқа шавам ба номат,
Раҳ мeравӣ чилвакунон,
Раҳ мeравӣ чилвакунон...

* * *

**Сарбайтхон**: Эй, ёр-ёр-ёре, абруят думи море,
**Ҳофизон:** Эй, ёр-ёр-ёре, абруят думи море.
**Сарбайтхон**: Аё, эй нозанин, ҳастам ғуломат,
**Ҳофизон**: Эй, ёр-ёр-ёре, абруят думи море.
**Сарбайтхон:** Бигир дастам, бубар болои бомат,
**Ҳофизон**: Эй, ёр-ёр-ёре, абруят думи море.
**Сарбайтхон:** Бубин болои бом ҳеҷ кас набошад,
**Ҳофизон:** Эй, ёр-ёр-ёре, абруят думи море.
**Сарбайтхон:** Бидеҳ бӯса ба ман гирди лабонат.
**Хофизон**: Эй, ёр-ёр-ёре: абрӯят думи море.

* * *

**Сарбайтхон**: Ой дилаки ман Лайло,
Ой дилаки ман шайдо,
Хабар надорад Лайло,
Аз сӯзиши ин дилхо.
**Ҳофизон:** (такрор мекунанд)
**Сарбайтхон**: Чашмони сиёҳ ба ноз мегардонӣ,
**Ҳофизон:** (нақаротро такрор мекунанд)
**Сарбайтхон**: Моро зи сари бурида метарсонӣ,
**Ҳофизон**: (нақаротро такрор мекунанд)
**Сарбайтхон**: Мо гар зи сари бурида метарсидем.
**Ҳофизон:** (нақаротро такрор мекунанд)
**Сарбайтхон**: Дар кӯчаи ошиқӣ намеафтидем.
**Хофизон:** (нақаротро такрор мекунанд).

## СУРУДҲОИ ГУНОГУН АЗ ТӮЙ АРӮСӢ

Дар ин навъ сурудҳо ҳазлу шӯхӣ, танқиду киноя, пичингу истеҳзо мушоҳида мешаванд, ки аз рӯи мазмунашон дар маҳалҳо ва солҳои гуногун гуфта шудаанд.

Келина бурдем дашт ба дашт,
Якта задем, чаппа гашт.
Ёр-ёр- ёроне!
Келин омад аспакӣ,
Руша дидем пиракӣ.
Ёр-ёр, ёроне!

Пушти хона чуқурӣ,
Шу кардаас букурӣ.
Ёр-ёр, ёрове!

* * *

Чун навба об омад,
Шаҳрихонба туй омад,
Тӯякашон харакӣ,
Шӯякашон пиракӣ.
Бузак, бузак овардас,
Домод бузак овардас,
Шохаш качак овардас,
Мо духтар наметием,
Келинба кам овардас.
Зардолуи шилмдорак,
Кудои мо пулдорак,
Гӯсфанди додагишон
Ҳаргиз думба надорад.

* * *

Эсуни дайро як фонус,
Усуни дайро як фонус,
Келинчакон беномус.
Эсуни дайро тутмавиз,
Усуни дайро сангмайда,
Келинчакон бекойда.
Эсуни дайро афтобрӯ,
Усани дайро афтобрӯ,
Келинчакон беобрӯ.
Эсуни дайро татмавиз,
Усуни дайро тутмавиз,
Келинчакон бетамиз.
Эсуни дайро учкудук,
Усуни дайро учкудук,
Келинчакон бетутрук.

* * *

Дар ҳавлини отам буд анҷиру муруд,
Ҳавлини калонуш ба мо зевида буд,
Рӯзе ки савор карданам аспи кабуд,
Ман гашта нигоҳ кардам, ҳавлӣ нанаму.

Моҳи ман имрӯз сафар мекунад,
Манзили худ ҷои дигар мекунад,

Бо рухи хеш хонаи торикро
Равшану доим мунаввар мекунад.

Ман ёри туам, намешавам ёри касе,
Дар доми туам намешавам роми касе,
Ин косаи шарбате ки бо ҳам хурдем,
Ҳаргиз нахурам шароб дар ҷоми касе.

### ҚЕЛИНЧАҚ

Қелинчаку белинчак,
Ман духтари келинчак,
Қелинчак хамир кардас,
Ҳезумаш камӣ кардас,
Бобом ба ҳезум рафтас,
Арғамчина гум кардас,
Арғамчин дар боғи мо,
Бобом дар суроғи мо,
Себи сурх, анори мо,
Вақти хуш, баҳори мо,
Бобом ба ман себ додас,
Себ дода фиреб додас,
Дар дастаки дев додас
Дар дилам армон мондас.

## СУРУДҲОИ ИШҚӢ МАИШӢ

Сурудҳои ишқӣ-маишӣ дар шакл хеле гуногун буда, аксар бо накарот (мисраъ ё байти гардон) сохта шудаанд. Сурудҳои ишқӣ-маишӣ дорои оҳанги мусиқӣ буда, асоси репертуари сурудҳои халқиро ташкил мекунанд. Мутаассифона бояд қайд кард, ки то ҳоло оҳанги мусиқии аксарияти онҳо навишта гирифта нашудаанд, дар онҳо оҳанги шӯхӣ, рақсу бозӣ, ё ғамангез, ё шикоят ниҳон аст ва ҳангоми шунидан, ё хондани матни суруд инро ҳис кардан мумкин аст. Дар сурудҳои ишқӣ-маишӣ ҳам амсоли дигар навъи сурудҳо хусусияти шаклӣ-жанрӣ ба назар намоён аст. Масалан, мисраъ ё байти гардон, ки онро накарот ҳам меноманд, бисёр дида мешавад. Ё дар мисраъҳои сеюм, чорум, панҷум, мувофиқати қофияро мебинем, ки ба ким-кадом оҳанг ҷӯр будани матнро далолат мекунад. Дар сурудҳо, аз он ҷумла дар сурудҳои ишқӣ-маишӣ, шаклӣ шеърӣ бештар бо таъсир ва тақозои оҳанг сурат гирифта, фарқи яке аз дигаре ба ҳамин принцип вобаста аст.

## АЗ МАН ЧАРО РАНҶИДАЙ?

Ман ошиқи девонаам,
Андар ҷаҳон афсонаам,
Ту шамъу ман парвонаам,
Аз ман чаро ранҷидай?

Гуфтам, ки ман лолои ту,
Қурбони сар то пои ту,
Чашмони ман шуд ҷои ту,
Аз ман чаро ранҷидай?

Абдулазиз дилхоҳи ту,
Абрун нав чун моҳи ту,
Ман ёри накӯхоҳи ту,
Аз ман чаро ранҷидай?

Гар ман бимирам дар ғамат,
Хунам фитад дар гарданат,
Фардо бигирам доманат,
Аз ман чаро ранҷидай?

Як шаб туро меҳмон кунам,
То ҷону дил қурбон кунам,
Ҷон ту дар чашмон кунам,
Аз ман чаро ранҷидай?

Эй, ҷони ман, ҷонони ман,
Наздам биё, хубони ман,
Шав як нафас меҳмони ман,
Аз ман чаро ранҷидай?

Ман ошиқи зори туам,
Бо ҷон харидори туам,
То зиндаам ёри туам,
Аз ман чаро ранҷидай?

* * *

Сари роҳут бишинум,
Як даста гул бичинум,
Дарди сарта набинум,
Ай ман чаро ранҷидай?

Қадди ниёли ёрум,
Ай ту умеде дорум,
Ту бошӣ дар канорум,
Аз ман чаро ранҷидай?

Ай боло омад гулум,
Қанда шуд банди дилум,
Дар ранги зардут мурум,
Ай ман чаро ранҷидай?

Э моҳи оламсӯзи ман,
Аз ман чаро ранҷидай?
Э шамъи дилафрӯзи ман,
Аз ман чаро ранҷидай?

Хоҳам туро меҳмон кунам,
Ҷону дилам қурбон кунам,
Ту харҷи хоҳӣ, он кунам,
Аз ман чаро ранҷидай?

Э ҷони ман, ҷонони ман,
Дар мулки ишқ султони ман,
Як шаб шавӣ меҳмони ман,
Аз ман чаро ранҷидай?

Бингар зи баҳрат чун шудам,
Саргаштаю Маҷнун шудам,
Чун лола дил пурхун шудам,
Аз ман чаро ранҷидай?

Ман ошиқи зори туам,
Бо ҷон харидори туам,
То зиндаам, ёри туам,
Аз ман чаро ранҷидай?

Ранҷидай, ранҷидай,
Аз ман гуноҳ чӣ дидай?
Ҷавру ситам ту ин қадар,
Бар ман раво чӣ дидай!
Аз ман чаро ранҷидай?

## БУРДӢ ЗИ МАН САБРУ ҚАРОР, ЭЙ САНАМ

Шолгули заррини сарандози ту,
Гирди лабонат шакарандози ту,
Садқа шавам ай қаду ай нози ту,
Бурдӣ зи ман сабру қарор, эй санам.

Қабки хиромонвор рафтори ту,
Ҳар ки дар олам шавад хушдори ту,
Нест чун ман ёри вафодори ту,
Бурдӣ зи ман сабру қарор, эй санам.

Гар ту биёй ба барам, эй нигор,
Гиря кунам аз қадамат зор-зор,
Ҷонаки ман ошиқаму дилфигор,
Бурдӣ зи ман сабру қарор, эй санам.

## ШИРИН МЕГАН ШУМОРА

Духтари таки хота,
Аста бимон поҳота,
Нигоҳ кунам зулфота,
Ширин меган шумора.

Ҷонона ҳавас кардум
Бебокира бас кардум,
Рухсората дас кардум,
Ширин меган шумора.

Рафтум ба кӯҳи боло,
Дидум ду кавки раъно,
Як кавки хушхиромаш,
Ширин меган шумора.

Хонат бари бармолай,
Дар раҳумон шамолай,
Қадум дар ғамут долай,
Ширин меган шумора.

Қуртат мекунум гулӣ,
Ҳам саъваю булбулӣ,
Хок бар сари бепулӣ,
Ширин меган шумора.

## ГАР БӮСА ХОҲӢ, ЗАР БИДЕҲ

Гуфтам: Эй нозукбадан,
Як бӯса мехоҳам бидеҳ.
Гуфто: бирав аз пеши ман,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ!

Гуфтам: надорам симу зар,
Овардаам ҷон дар гузар,
Гуфто: нахур хуни ҷигар,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ!

Гуфтам: ҷафокорӣ макун,
Дар ҷони ман корӣ макун,

Гуфто: бирав, зорӣ макун,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ!

Гуфтам, ки ту мастонаӣ,
Ҳам ҷону ҳам ҷононаӣ,
Гуфто: бирав девонаӣ,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ!

Гуфтам, ки ман ёри туам,
Бо ғам гирифтори туам,
Гуфто, ки безори туам,
Гар бӯса хоҳӣ, зар бидеҳ!

## ГУЛИ САДБАРГ

Субҳон чамане маст аст,
Аз бӯи гули садбарг,
Наргис қадаҳе хурда,
Аз рӯи гули садбарг.

Ранг аз рухи хуршед
Паридааст, ҷоно,
Пинҳон назаре карда,
Сӯи гули садбарг.

Ёрам дами субҳ аст,
Сайри чамане кун,
Шабнам бичакидаст
Бар рӯи гули садбарг.

## САДҚАТ ШАВУМ ДУХТАРДОР

Зулфи сиёи ҷинҷут,
Дандонои биринҷут,
Бӯса гирум ай линҷут,
Садқат шавум духтардор!

Рафтум ба сайри боғут,
Дидум хуш аст димоғут,
Девонаам ба доғут,
Садқат шавум, духтардор!

Рӯзам намози пешин,
Куртат кимхоби рахшин,
Пешум биё, даме шин,
Садқат шавум духтардор!

Дар таги токем чӯра,
Ошики покем, чура,
Гирайбон чокем, чура,
Садқат шавум, духтардор!

### ҒАЙРИ ДИГАШ НАВОМЕ[1]

Духтар боша қадбаланд,
Бшина дар сари санг,
Нохун кунад сими чанг,
Ғайри дигаш навоме.

Духтар, духтари Дарвоз,
На пастакай, на дароз,
Ҷунта ба у садқа соз,
Ғайри дигаш навоме.

Хонат дар тори чӯйбор,
Абру дорӣ думи мор,
Мора буги дар канор,
Ғайри дигаш навоме.

Куртаи гулгулинут,
Забонаки ширинут,
Қофар дили сангинут,
Ғайри дигаш навоме.

### НАБОТЕ

Наботе, чи наботе,
Ба лаб хандиданоте,
Чу кавк раҳгаштаноте,
Бисухтам дар ғамоте.

Ду лаъли лабат шаккар,
Ду зулфат мори бесар,
Ду рухсорат маҳи анвар,
Мурам дар хоки поте.

Бирафтум лав-лави чар,
Будидум туро дилбар,
Зада бо ноз гул бар сар,
Миёни зулфакоте.

---

[1] *Навоме* — намехоҳам.

Наботе, чи наботе,
Лабот оби хаёте,
Ба пот кавши баноте,
Аҷаб раҳ гаштаноте.

Наботам ғунча будаст,
Ду абру хамча будаст,
Рухаш чун кулча будаст,
Ба ноз раҳ гаштаноте.

Агар рафтӣ ба боғе,
Бибар шамъу чароғе,
Бикун аз ман суроғе
Бубинам улфатоте.

Маро ёре ба худ гир,
Шабе дар болинут гир,
Чу хизматгори худ гир,
Бисухтам дар ғамоте.

## МИРЗОИ МАН

Биё, бирем ба гулчаман,
Мирзои ман,
Ту гул бичин, ман суман,
Мирзои ман,
Биё бирем ба сабзаҳо,
Мирзои ман,
Тир андозем ба ғамзаҳо,
Мирзои ман,
Тират маро нишона кард,
Мирзои ман,
Ишкат маро девона кард,
Мирзои ман,
Ишки ту сарнавишти ман,
Мирзои ман,
Хоки дарат биҳишти ман,
Мирзои ман.

## ЧИСТ БИГӮ ГУНОҲИ МАН

Эй маҳи хушликои ман,
Чист бугу гунои ман,
Эй маҳи дилрабои ман,
Чист бугу гунои ман?

Чуну дилум фидои ту,
Хастаю мубталои ту,
Дарбадару гадои ту,
Чист бугу гунои ман?

Руи раҳут равум-равум,
Хоки раҳут шавум-шавум,
Эй маҳи дилрабои ман,
**Чист бугу гунои ман?**

Хунахароб гаштаюм,
Синакабоб гаштаюм,
Дидапуроб гаштаюм,
**Чист бугу гунои ман?**

## ДИЛБАРИ ҶОН

Эй маҳи хушликои ман,
Чист бигу гунохи ман,
Эй маҳи дилрабои ман,
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷони ман, биё,
Бурда дили ман, биё,
Ширинзабони ман, биё.
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷонам!
Ҷону дилам фидои ту,
Хастаю мубталои ту,
Дарбадару гадои ту,
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷонам!
Рӯи раҳат равам-равам
Хоки поят шавам-шавам,
Эй маҳи дилрабои ман,
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷонам!
Хонахароб гаштаам,
Синакабоб гаштаам,
Дидапуроб гаштаам,
Дилбари ҷонам!
Дилбари ҷонам!

## АКРАМҶОН

**Акрамҷони сеторӣ,**
Булбулвор мехонӣ,

Аз дида шарар борй,
**Нозанин, қурбон, Акрамҷон,**
**Чашми ту чашмон, ёри ҷон!**
**Лаъли Бадахшонй!**

Акрамҷони шоҳипӯш,
Зулфакон аз паси гӯш,
Маро карди фаромӯш,
**Нозанин, қурбон, Акрамҷон,**
**Чашми ту чашмон, ёри ҷон!**
**Лаъли Бадахшонй!**

Акрамҷон дар таги бед,
Мезанй сурху сафед,
Маро кардй ноумед,
**Нозанин, қурбон, Акрамҷон,**
**Чашми ту чашмон, ёри ҷон!**
**Лаъли Бадахшонй!**

### ҲАСТАМ ХАРИДОРИ ТУ МАН

Эй нозанини қадбаланд,
Резад зи гуфтори ту қанд,
Гӯям баҳоят ҳаст чанд?
**Ҳастам харидори ту ман.**

Эй соҳиби ҳусну ҷамол,
Қай мешавй бар ман ту ёр?
Нолам дар ишқат зор-зор,
Ҳастам харидори ту ман.

### ДОҒАМ КАРДЙ, ЗАЙДУЛМО

Зайдулмон моҳи мо,
Туро гирад оҳи мо,
Нолаҳои зори мо,
**Доғам кардй, Зайдулмо.**

Зайдулмои панҷангушт,
Ҷура, зулфот пасо — пушт,
Нозу карашмаҳот кушт,
Доғам кардй, Зайдулмо.

Зайдулмо, лаби равзан,
Чодираш пури сӯзан,
Ошиқонаш месӯзан,
**Доғам кардй, Зайдулмо.**

Зайдулмо дар таги бед,
Мепушад сурху сафед,
Ошиконаш ба умед,
**Доғам кардӣ, Зайдулмо.**

Зайдулмо лаби чуйбор
Ду рухсор мисли анор,
Моро гирад ба канор,
Доғам кардӣ, Зайдулмо

Зайдулмо, чико кардӣ?
Руи худ сиё кардӣ!
Бо афғон савдо кардӣ
**Доғам кардӣ, Зайдулмо.**

Зайдулмои қадбаланд,
Ҳар ду лабат мисли қанд,
Ошиконро додӣ фанд,
Доғам кардӣ, Зайдулмо.

### МЕЗЕБАД

Гул ба ҷомаву дастор
Бахри ёр мезебад.
Сунбули ҳарду зулфонаш
Тор ба тор мезебад.

Эй духтари дурдона,
Моро кардӣ девона,
Зулфота кунам шона,
Тор ба тор мезебад.

Эй бачаяки чатрорӣ,
Дастори калон дорӣ,
Дар ҳар сари дасторат
Гули қатор мезебад.

### ДАСТАИ ГУЛ, ДАР КАНОРАМ БОШӢ

Гоҳ-гоҳ масти хуморам бошӣ,
Дастаи гул, дар канорам бошӣ.

Ман зи афсуси ҷигар менолам,
Бахри маъшуқи дигар менолам,
Аз сари шаб то саҳар менолам,
Руи болин дар канорам бошӣ.

Ёре дорам, ки нишаста таги бед,
Чодираш хоса, худаш куртасафед,
Аз вафои ёр дорам ман умед,
Дар умедат ман, ту ёрам бошӣ.

### АҶАБ ДИЛБАР

Аҷаб дилбар ки ман дидам,
Рухаш рашки қамар мезад,
Ду зулфи ҳалқаи мораш,
Ҳамида то камар мезад.

Муҳаббат сӯхт ҷонамро,
Тамоми устухонамро,
Бигардонӣ забонамро,
Ба лаъли лабшакар мезад.

Ду абрӯ боз пайваста,
Ду рух монанди гулдаста,
Хаданги тири мижгонаш,
Чу наштар дар ҷигар мезад.

Нигорам маст меомад,
Қадаҳ дар даст меомад,
Гули навраста меомад,
Ки гул болои сар мезад.

Нигорам чун гули тоза,
Ба қад чун сарви тартоза,
Бубин ин моҳи танноза,
Рухаш садбарги тар мезад.

Биё эй ҷону ҷонона,
Баро як дам ту аз хона,
Бигир ин дасти девона,
Чӣ сӯзе дар ҷигар мезад!

### КУРТА ГУЛИ НОР, КУҶО МЕРАВӢ?

Курта гули нор куҷо меравӣ?
Қиммати бозор, куҷо меравӣ?
Ман ки гирифтор ба рӯят шудам,
Моҳи шаби тор, куҷо меравӣ?

Баҳри вафо ваъда ба ман кардай,
Ёри ҷафокор, куҷо меравӣ?
Тири ишқат бар дилам ҷо гирифт,
Ёри дилозор, куҷо меравӣ?

Шому саҳар андалебат гаштаям,
Ёраки айёр, кучо меравӣ?
Буд ба дил кинан деринаат,
Ногуфта, гуфтор кучо меравӣ?

## САД БОР ГАРДАМ АЗ САРАТ

Э ҷони ман, ҷонони ман,
Сад бор гардам аз сарат,
Э Юсуфи Канъони ман,
Сад бор гардам аз сарат.

Рафтам ба кӯят борҳо,
Бо нолаҳою зориҳо,
Бар ман нигоҳ кун, дилрабо,
Сад бор гардам аз сарат.

Ин хоки поят сурмаям,
Дар ишқи ту ман мурдаям,
Ғамҳои бисёр хурдаям,
Сад бор гардам аз сарат.

Дар ҳар гулистон гул туӣ,
Дар ҳар чаман булбул туӣ,
Ҳам гул туӣ, сумбул туӣ,
Сад бор гардам аз сарат.

## ТУ САДБАРГИ КАДОМ БОҒӢ?

Ба руи ҳавлият анчир,
Дару дарвозаат занчир,
Ба мо шояд куни такдир,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ба дастат кардӣ дастпона,
Ба зулфонат задӣ шона,
Бисӯзам ман чу парвона,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ту ҳастӣ булбули мастам,
Паридӣ ай сари дастам,
Гирифтори ғамат ҳастам,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Ду чашмони ту махмурай,
Ду рухсорат пур аз нурай,

Қадат чун сими танбурай,
Ту садбарги кадом боғӣ?

Гузаштам кӯчаи боғат,
Надидам рӯи маҳтобат,
Манам як ошиқи зорат,
Ту садбарги кадом боғӣ?

## БИЕ, ЭЙ ДУХТАРИ ДАРВОЗ

Ман аз Дарвоз намак дорам,
Ба ҷонон ҷонсарак дорам,
Арӯси дилбарак дорам,
Биё, эй духтари Дарвоз.

Қуиуи ман мондаам танҳо,
Ки охе мекашам ҳарҷо,
Кашидам заҳмати дунё,
Биё, эй духтари Дарвоз.

Ба мушку анбарони ту,
Ба рӯи лоласони ту,
Кунам ҷонро фидои ту,
Биё, эй духтари Дарвоз.

## ШИРИНСУХАН КУҶОӢ?

Ту, ёр, манро чико кардӣ?
Ба ишқат мубтало кардӣ,
Ғарибу бенаво кардӣ,
Зи дустонам ҷудо кардӣ,
Ширинсухан, куҷоӣ?
Аз дар намедароӣ?
Чи шуд ҳоли мани зорат,
Нагаштам сер ба дидорат,
Чаро бераҳм ту бо ёрат?
Маро дар ишқ адо кардӣ
Ширинсухан, куҷоӣ?
Аз дар намедароӣ?

## ТУ КАЙ ПАРВОИ МАН ДОРӢ?

Манам дар ишқи ту шайдо,
Шудам Маҷнуни вовайло,
Ниҳодам рӯ ба ин саҳро,
Ту кай парвои ман дорӣ.

Сари роҳам пур аз хор аст,
Қадам мондан душвор аст,
Ҷаҳон дар дидаам тор аст,
Ту кай парвои ман дорӣ.

Манам акнун ки хомӯшам,
Либоси ғам ба тан пӯшам,
Магар кардӣ фаромӯшам,
Ту кай парвои ман дорӣ.

## АЗ ДАСТИ ОН НОЗУКБАДАН

Гаштам чу булбул дар ҷаҳон,
Аз дасти он нозукбадан,
Андар чаман дорам фиғон,
Аз дасти он нозукбадан.

Хастам мусофиру ғариб,
Пурсиданам омад табиб,
Нолам мисоли андалеб,
Аз дасти он нозукбадан.

Нолам зи ишқаш бо рубоб,
Дар оташаш ҷонам кабоб,
Аҳволи ман гардид хароб,
Аз дасти он нозукбадан.

## АБДУЛЛОҶОН

Абдуллоҷон, ҷони ман,
Қай шавӣ меҳмонӣ ман,
Нури ду чашмони ман,
Ҷон, Абдуллоҷон.

Абдуллоҷон, кучой,
Имрӯз камнамой,
Хандакунон биёй,
Ҷон, Абдуллоҷон.

Абдуллоҷон, гул будӣ,
Монанди булбул будӣ,
Дар шаҳри Кобул будӣ,
Ҷон, Абдуллоҷон.

## ЭЙ ДУХТАРИ ОҲАНГАР

Зулфи сиёи зоғут,
Раҳ гаштаной ба нозут,
Кушта шудам дар боғут,
**Эй духтари оҳангар,**
**Ҷон саъван бозингар.**

Чашмони маст ту дорӣ,
Камон ба даст ту дорӣ,
Ба ҷонум қасд ту дорӣ,
**Эй духтари оҳангар,**
**Ҷон саъван бозингар.**

Қадакта биларзоне,
Сакич пеши дандоне,
Дили ошиқи сӯзоне,
**Эй духтари оҳангар,**
**Ҷон саъван бозингар.**

## ГАҲЕ ДАР ДИЛ, ГАҲЕ ДАР ДИДА БОШӢ

Азизам, дилбарам, э ёри ҷонон,
Биё ҳарду равем сайри гулистон,
Тамошоҳо кунем дар боғу бустон,
**Баҳор омад чу гул бишкуфта бошӣ,**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

Ба пеши кавши булғорат бимирам,
Ба пеши чашми махмурат асирам,
Аз он лаъли лабат як бӯса гирам,
**Ҳамон вақте ки ту дар ханда бошӣ,**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

Чу товус меравӣ ҳар дам хиромон,
Шудам ошиқ ба ту, эй моҳи тобон,
Ба рафторат кунам ин ҷона қурбон,
**Ба сар гулҳои зебо карда бошӣ,**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

Ба лаъли шаккаринат ман харидор,
Ба мӯи анбаринат ман гирифтор,
Ба рӯи нозанинат ман талабгор,
**Ки доим, ёри ҷон, ту зинда бошӣ,**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

Ба хуш шева ба ман гуфтор кардӣ,
Дили маҷрӯҳи ман абгор кардӣ,

Чаро зулме ба ман бисёр кардӣ?
**Магар ҷонони ман, ранҷида бошӣ?**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

Дилам дар зиндагӣ роҳат надидаст,
Ки сабру тоқатам аз ман паридаст,
Магар ёрам ба доди ман расидаст?
**Диламро хун кунӣ, ёр, зинда бошӣ,**
**Гаҳе дар дил, гаҳе дар дида бошӣ.**

## ЗУЛФИ СИЁҲ

Зулфи сиён зоғут,
Гул мечинам дар боғут,
Модар набина доғут,
Еруме, дилбаруме,
Аламот дар саруме,
Қачакот дар баруме,
Доғакот бар ҷигарумой...
Зулфи сиёра во кун,
Гашта маро нигo кун,
Дарди дилум даво кун,
Еруме, дилбаруме,
Аламот дар саруме,
Қачакот дар баруме,
Доғакот бар ҷигарумой...
Зулфи сиён ҷинҷут,
Дандонон биринҷут,
Садқаи харду линҷут,
Еруме, дилбаруме,
Аламот дар саруме,
Қачакот дар баруме,
Доғакот бар ҷигарумой...

## ГИРИФТОРАМ

Ба тоби зулфи он моҳруи тобон,
Гирифторам, гирифторам, гирифтор.

Чу Маҷнун дар тарики ишқи Лайлӣ,
Дилафгорам, дилафгорам, дилафгор.

Зулайховор ман бар ишқи Юсуф
Харидорам, харидорам, харидор.

Лабаш гӯяд ба мо вақти табассум:
Шакарворам, шакарворам, шакарвор.

## ЧОРБОҒИ БОЛО

Мо сар нихолем,
Дар кӯи чонон,
Рахме накардӣ,
Бар мо ғарибон.

Сар-сари калъа
Офтоб баромад,
Ҳарчанд шиштам,
Ёрам наомад.

Чорбоғи боло
Чанор баланд аст,
Лабони ёрам
Наботу канд аст.

Рӯ-рӯи долон
Ду себи ғелон,
Себи газидам,
Шуд захми дандон.

Таг-таги девор,
Омадани ёр,
Чона ба чонаш,
Мекунам нисор.

Чорбоғи боло,
Чанор баланд аст,
Лабони ёрам
Наботу канд аст.

Рафтам бар-бари Ҳисор,
Дидам духтари бисьёр,
Якташ нумоли шолдор,
Чонам садкаи духтардор.

Духтари лаби бора,
Дар чолакот ситора,
Рузи дига мебарум,
Очат хавар надора.

Духтари сари бора,
Дар кокулот ситора,
Гаштут маро мефора,
Ту моҳу ман ситора.

Девори мо санг дора,
Духтари мо нанг дора,

Қади духтар ба ҷонум,
Анор вори ранг дора.

Оҳ, ман бигардум кадта,
Нумоли шоли сарта,
Садқа шавум, духтарҷон,
Тоқии тори сарта.

Раҳ рафтану рафтанош,
Садқаи раҳ рафтанош,
Румола кач бастанош,
Садқаи кач бастанош.

Зулфи сиёи зоғаш,
Гул мечинам дар боғаш,
Ҷура ки бина-бина,
Хушдор набина доғаш,

Ман омадам бар дараш,
Шона задам бар сараш,
Вай гулу ман булбулам,
У шоҳу ман навкараш.

Ай Қаробоғ омадем,
Сина ба доғ омадем,
Аз барои он санам,
Ҷигаркабоб омадем.

Ҷонона лабшакар,
Моро диду ханда кард,
Бо камони абрӯяш,
Моро харид, банда кард.

Ба ғайр аз он ки бисьёр сурудҳо бо шакли махсусе, ки мо онҳоро дар боло зикр кардем, дар шаклҳои рубой, дубайтӣ, фардбайт, ғазал, мусаллас, мураббаъ, мухаммас, мусаддас, тарҷеъбанд гуфта шудаанд.

## РУБОИЕТИ ВАНҶ

Сарчашмаи гулзор ҳама хор гирифт,
Омад хабаре, ки бевафо ёр гирифт,
Ёре ки гирифт, баробари мо нагирифт,
Аз гул бигузашту домани хор гирифт.

Ман булбуламу баҳора дӯст медорам,
Себаргаю лолазора дӯст медорам.

Себаргаю лолазор дар боғи шумо,
Ҷонона, фақат шумора дӯст медорам.

Эй ҷӯраи ҷон, илоҳи садсола шавӣ,
Дар паҳлӯи мо нишаста ҳамсоя шавӣ,
Ҳамсоя шавӣ, ки даст ба мо соя кунӣ,
Шояд ки насиби мани бечора шавӣ.

## ДУХТАРАКИ ҲАМСОЯ

Эй духтари ҳамсоя аҷаб лабшакарӣ,
Сузонда дилам, кабоб карда ҷигарӣ,
Ман бошам аз аҳволи ту пурсон хабаре,
Ман дар ҳаққи ту ҳалок, ту бехабарӣ.

Ёди ту кунам, дилам шарар мерезад,
Тарки ту кунам, лахти ҷигар мерезад,
То охири умр агар ту бошӣ бо ман,
Дар косаи оби ман шакар мерезад.

Паскуча гузар ман аз барои ту кунам,
Наззора ба чашмони сиёи ту кунам,
Наззора ба чашмони сиёҳат сад кас,
Сад кас ба салом ман аз барои ту кунам.

Дар ишқи ту дард мекунад дандонам,
Монанди таноби чарх саргардонам.
Ман пилта шавам миёни ангуштонат,
Шояд ба ваноғи ту бароял ҷонам.

Эй дуст, ба кӯи ту расидан мушкил,
По аз сари куи ту кашидан мушкил,
Ҷон дар ҳаваси руи ту додан осон,
Ҷон додану рӯи ту надидан мушкил.

Дури зи ману зи ман саломат бодо!
Ҷону дили ман фидои номат бодо!
Ман бе ту нафас намекашам дар олам,
Бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо!

Дарьё ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?
Ду дил ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудоӣ мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расад, давояш кӣ кунад?

## БАҲОР

Баҳор омад чу гул бишкуфта бошӣ,
Гулу гулрух ба ҳам печида бошӣ,
Чу булбул дар чаман нолида бошӣ,
Ба завқи ҳамдигар ханлида бошӣ.

Биё бо ҳам равем сайри гулистон,
Тамошоҳо кунем дар боғу бустон,
Гаҳе гулчин гаҳе нолида бошӣ,
Ба пешат мерасам, дигар чӣ армон!

Ба пеши чашми хумморат асирам,
Ба зери кафши булғорат бимирам,
Ман аз лаъли лабат як бӯса гирам,
Ҳамон вақте ки ту дар ханда бошӣ.

Шаби васл аст, ҷононам куҷо шуд?
Баҳор омад, гулистонам куҷо шуд?
Ба ҳар кас ёр меҳмон аст имшаб,
Манам бе ёр, меҳмонам куҷо шуд?

Шаби маҳтоб ҷон, хору хасе нест,
Биё, дилбар, ба пеши ман, касе нест,
Илоҳо бишканад дасти намадрез,
Намад танг асту ҷон дилбарам нест.

Дар такмил ва суфтаю беҳтар кардани сурудҳои халқӣ саҳми ҳофизон, сароядагон, овозхон ва шоирони халқӣ, ки аксарашон касбу ҳунари мутрибӣ доштанд, хеле бузург аст: Онҳо инчунин муаллифи бисьёр сурудҳои халқӣ мебошанд. Масалан ҳофизи машҳури халқии Тоҷикистон марҳум Акашариф Ҷӯраев бисьёр сурудҳои халқиро аз нав кор карда, такмил додааст, шаклҳои нави композиционӣ ба вуҷуд овардааст. Намунаи беҳтарини кори эҷодии Акашариф Ҷӯраев «Чорзарб»-и машҳури ӯ мебошад. Ин асар асосан аз рубоиҳои халқӣ ва аз унсурҳои сурудҳои ишқии шаклҳои гуногун таркиб ёфта, бо қувваи истеъдоди мутрибӣ ҳамчун асари барҷастатарини халқӣ офарида шудааст.

## МАТНИ «ЧОРЗАРБ»

Ман ёри туям, намешавам ёри касе,
Дар доми туям, намешавам роми касе,
Ин косаи шарбате ки бо ҳам хӯрдем,
Ҳаргиз нахурам шароб дар ҷоми касе.
Боз ҳавои чаманам орзуст,
Ҷилваи сарву суманам орзуст,

Ман ки надидам чу ту, эй нозанин,
Моҳвашу симтану маҳҷабин,
Ер, биё, боз ба пешам нишин,
Чанд сухан з-он даҳанам орзуст,
Гули бодоме!
Чини пешонии ту ишвагари бедод аст,
Токи абруи ту сармашки кадом устод аст?
Ҳеҷ айбе ман накардам, ки сарамро бибурӣ,
Сайдро зинда гирифтан ҳунари сайёд аст!
Камтарат мебинаму бисьёр мехоҳад дилам,
Ман чӣ гуфтам, ширинҷон!
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Ҷонони ман аз фироқат ҳар лаҳза зор гирьям,
Пайваста аз ғами ту ман дилфигор гирьям.
Ман чӣ гуфтам, ширинҷон!
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Чашмони сиёҳ дорӣ,
Қурбони ту ман!
Хонае куҷо дорӣ?
Меҳмони ту ман.

Чашмони ту оҳубараро мемонад, (ёр)
Қурбони ту ман!
Рӯят гули шабнамзадаро мемонад, (ёр)
Қурбони ту ман!
Дар айни ҷавонӣ назаре бар мо кун, (ёр)
Қурбони ту ман!
Дуньё гузарон асту ҳамин мемонад, (ёр)

Қурбони ту ман,
Абрӯкамони ман!
Қурбони ту ман,
Ширинзабони ман!
Мо анорем
бале!
Донаи норем,
бале!
Ман хоб будам таги анори пургул,
Бедор шудам чӣ нола дорад булбул?
Булбул, булбуле!
Чи доғ дорӣ дар дил?
Гуфто ки маро фалак ҷудо кард аз гул.
Мо анорем,
бале!
Донаи норем,
бале!
Абри баҳорем,
бале!

Сабза ҷон, ой сабза,
Ширин, ширинам сабза,
Бараҷон, ширинҷон, ёри ҷон, укаҷон,
Даруни хона сабза,
Сабзаҷон.
Бараҷон, ширинҷон, ёри ҷон, укаҷон,
Моҳи ягона сабза,
Сабзаҷон.
Бараҷон, ширинҷон, ёри ҷон, укаҷон,
Бо сад баҳона сабза,
Даруни хона сабза,
Моҳи ягона сабза,
Рӯяшро дидам сабза,
Бо сад баҳона сабза,
Ширин, ширинам сабза.

Токӣ ба сарат агар хамидан гирад,
Соқӣ, соқиҷон, пиёла пурмай кун!
Хун аз дили зори ман чакидан гирад,
Соқӣ, соқиҷон, пиёла пурмай кун!
Ҳар қатраи хуне, ки чакад аз дили зор,
Соқӣ, соқиҷон, пиёла пурмай кун!
Резад ба замин сабза дамидан гирад.
Соқӣ, соқиҷон, пиёла пурмай кун!
Абрӯкамон!
Пиёла пурмай кун!
Ақиқ лабон!
Пиёла пурмай кун!
Садафдандон!
Пиёла пурмай кун!
Мӯрчамиён!
Пиёла пурмай кун!
Ширинзабон!
Пиёла пурмай кун!
Роҳати ҷон!
Пиёла пурмай кун!
Дардаш ба ҷон!
Пиёла пурмай кун!
Соқӣ, соқиҷон!
Пиёла пурмай кун!
Ман чӣ гуфтам, ширинҷон,
Аз ман чаро ранҷидай?
Бе раҳмой!

**Дар солҳои охир анъанаи ҳофизи халқӣ Акашариф Ҷӯраевро ҳофизони номии тоҷик Ҷӯрабек Муродов, Одина Ҳошимов, Нигина Рауфова давом ва инкишоф дода истодаанд. Дар репертуари сурудҳои халқии онҳо баъзе навоварӣ ва эҷодкорӣ мушоҳида мешаванд.**

## ХУШ ОН ЗАМОН

Хуш он замон, ки ба саҳни чаман ту бошию ман,
Мисоли ғунча ба як пираҳан ту бошию ман,
Ба шарти он ки набошад миёни мо ағьёр,
Пиёла бошаду май бошаду ту бошию ман.

Абру зи ман матоб, ки ман дилшикастаам,
Хокистарам, ки бар рӯхи оташ нишастаам,
Коре накардаам, касеро накуштаам,
Айбам ҳамин ки ошики рӯи ту гаштаам.

Омад-омадат гардам,
Қадду коматат гардам,
Эй ту чонон, эй ту чонони ман бошӣ,
Аз назокатат гардам.
Омадам ба меҳмонӣ,
Шиштам лаби айвоне,
Як бӯса, як бӯса талаб кардам, чон эй,
Гуфто ки худат медонӣ.

Эй санам, ту холи мушкинро ба пешонӣ задӣ,
Дар миёни синаам сад доғи пинҳонӣ задӣ,
Боз мепурсӣ, ки рангат зард мебошад чаро?
Ҳоли ман медонию худро ба нодонӣ задӣ!

## БАДЕҲА

Бадеҳа як намуди суруд аст, ки аз тарафи ду нафар — яке мард дигаре зан — тараннум карда мешавад. Мазмуни аксари бадеҳаҳои фольклори тоҷик ишқӣ, маишӣ, ҳазлу шӯхӣ ва муносибати оилавӣ буда, каму беш ба амалиёти саҳнавӣ шабоҳат дорад. Азбаски диалоги манзум бо оҳанги мусиқӣ пайванд аст, персонажҳо ба таври табиӣ гӯё дар саҳна бозӣ мекунанд. Матни бадеҳаҳо асоси драмавӣ дорад.

Мо инро дар намунаи зерини бадеҳаҳо дида метавонем.

## ДУХТАРИ ҲИСОРӢ

Бача: Рафтум дари дарвоза,
Дарвоза қулфай, занҷир.
Занҷира ки кач мондай?
Як духтари ҳисорӣ.
Бигу, ки чи ном дорӣ?
Духтар: Номакма агар пурсӣ,
Раънегули марворӣ,
Эй бача, туро пурсум,
Бигу, ки чӣ ном дорӣ?

Бача: Номакма агар пурсӣ,
Сафарбеги чатрорӣ.
Эй духтар, туро пурсум,
Ту хоҳарак ҳам дорӣ?
Духтар: Як хоҳари хуб дорум,
Эй бача, туро пурсум,
Ту додарак ҳам дорӣ?
Бача: Додараки хуб дорум,
Сағераи нокорӣ.
Эй духтар, туро пурсум,
Ҳеҷ молу ҳол дорӣ?
Духтар: Як говаки хуб дорум,
Як гусфандаки чорӣ,
Эй бача, туро пурсум,
Ту ҳам молу хол дорӣ?
Бача: Як буққаи кур дорум,
Искотию нокорӣ.
Эй духтар, туро пурсум,
Ту ҳеч тагурӯ дорӣ?
Духтар: Тагурӯи хуб дорум,
Ай шоҳии бухорӣ.
Эй бача, туро пурсум,
Ту ҳам тагурӯ дорӣ?
Бача: Тагурӯи хуб дорум,
Ай пахолаи шолӣ.

## ЁРУМ... ҶОНУМ...

Духтар: Қабкак шаваму ағба бароюм ёрум.
Бача: Уқоб шаваму тура фурорум, ҷонум.
Духтар: Уқоб шавию мара фурорӣ, ёрум,
Оҳу шаваму шуха бароюм, ҷонум.
Бача: Оҳу шавию шуха барой, ёрум,
Тозӣ шаваму тура фурорум, ҷонум.
Духтар: Тозӣ шавию мара фурорӣ, ёрум,
Сайде шаваму саҳро бароюм, ҷонум.
Бача: Сайде шавию саҳро барой, ёрум,
Боша шаваму тура биёрум, ҷонум.
Духтар: Боша шавию мара биёрӣ, ёрум,
Дуде шаваму ҳаво бароюм, ҷонум.
Бача: Дуде шавию ҳаво барой, ёрум,
Шабнам шаваму тура фурорум, ҷонум.
Духтар: Шабнам шавию мара фурорӣ, ёрум,
Гунчишк шаваму бутта дароюм, ҷонум.
Бача: Гунчишк шавию бутта дарой, ёрум,
Олав шаваму бехота сӯзам, ҷонум.

Духтар: Олав шавию бехома сӯзӣ, ёрум,
Моҳӣ шавам у дар об дароюм, ҷонум.
Бача: Моҳӣ шавию дар об дарой, ёрум,
Шасте шавам у тура барорум, ҷонум.
Духтар: Шасте шавию мара барорӣ, ёрум,
Сабза шавам у замин дароюм, ҷонум.
Бача: Сабза шавию замин дарой, ёрум,
Барра шавум саракта чинум, ҷонум.
Духтар: Барра шавию саракма чинӣ, ёрум,
Чарбу накунум, зи ғусса мирӣ, ҷонум!

## ШОҲДУХТАР

— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Руякат ба ман бинмо, ман ба ту ғулом.
— Руякам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон?
Дар бозор кулча надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон!
— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Абрукат ба ман бинмо, ман ба ту ғулом.
— Абрукам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон?
Дар бозор усма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон!
— Шоҳдухтар, шакардухтар, шоҳи духтарон,
Чашмакат ба ман бинмо, ман ба ту ғулом.
— Чашмакам чӣ мебинӣ, ёри бадгумон?
Дар бозор сурма надидӣ? Ин ҳам мисли ҳамон!

## ИТАР-ИТАР

Падар: Куҷо меравӣ, бибиҷон?
Куҷо меравӣ, ҳой-ҳой?
Духтар: Бозор меравум, отаҷон,
Бозор меравум, ҳой-ҳой.
Падар: Чиҳо мехарӣ, бибиҷон?
Чиҳо мехарӣ, ҳой-ҳой.
Духтар: Румол мехарум, отаҷон,
Барон сарум, ҳой-ҳой.
Падар: Чи тар, чи тар мендозӣ?
Чи тар, чи тар мегардӣ?
Духтар: Итар, итар мендозум,
Итар, итар мегардум.
Падар: Куҷо меравӣ, бибиҷон?
Куҷо меравӣ, ҳой-ҳой?
Духтар: Бозор меравум, отаҷон,
Бозор меравум, ҳой-ҳой.
Падар: Чиҳо мехарӣ, бибиҷон?
Чиҳо мехарӣ, ҳой-ҳой?

Духтар: Сурма мехарум, отаҷон,
Барои чашмум, ҳой-ҳой.
Падар: Чи тар, чи тар мекашӣ?
Чи тар, чи тар мегардӣ?
Духтар: Итар, итар мекашум,
Итар, итар мегардум...

### МАН ЧӢ ГӮЯМ, НОЗАНИН

Писар: Ман чи гӯям, нозанин,
Дурру гавҳар дидаям.
Духтар: Дурру гавҳар дида бошӣ,
Ин лабу дандони ман.
Писар: Ман чи гӯям, нозанин,
Мори печон дидаям.
Духтар: Мори печон дида бошӣ,
Ҳар ду ин зулфони ман.
Писар: Ман чи гӯям, нозанин,
Ду химчаи тар дидаям.
Духтар: Химчаи тар дида бошӣ,
Ҳар ду ин қошони ман.

## Маросимӣ

Сурудҳое, ки дар маросимҳо хонда мешаванд, низ хеле гуногунанд. Яке суруди маросимҳои мавсимӣ: наврӯзи-солинавӣ, истиқболи баҳор, бойчечак (сиёҳгӯш), хирманкӯбӣ; дигаре суруди маросимҳои тӯи арӯсӣ, мотам ва ҳар гуна оинҳо, ки дар гузашта маълум буданд. Аксарияти онҳо азбаски дар рафти маросим тараннум мешаванд, бо мазмуну мундариҷаи маросим пайваста буда, берун аз маросим на танҳо қариб хонда намешаванд, балки мавқеъ ва роли худро зоҳир наменамоянд.

Сурудҳои маросимии тоҷикистони Осиёи Миёна аз бисьёр ҷиҳатҳо умумият дошта бошанд, аз баъзе ҷиҳатҳо тафовут доранд, ки ин аз хосияти расму оин дар маҳалҳо ва тарзи гузаронидани анъанавии онҳо рӯй додааст. Дар вақти шиносоӣ бо сурудҳо инро мушоҳида кардан мумкин аст.

## Сурудҳои маросими мавсимӣ

### НАВРӮЗӢ

Наврӯзу навбаҳорон,
Хуш мавсими гул омад,
Дар шохи гул нишаста,
Фарьёди булбул омад.

* * *

Ид омаду ман шодам,
Ай дарду ғам озодам.
Бобо, бите ду танга,
Дастпарвари устодам.

* * *

Наврӯзи нав чу қанд аст,
Пушти кӯҳи баланд аст.
Бобо, бите ду танга,
Устоди мо лаванд аст.

* * *

Наврӯзу навбаҳорон,
ба булбулон муборак!
Сайли гулу гулистон,
ба ошиқон муборак!
Наврӯзу навбаҳорон
ба деҳқонон муборак!
Ҳосил гиранд фаровон,
хурсандишон муборак!
Наврӯзу навбаҳорон
ба косибон муборак!
Харид-фурӯши онон,
бозорашон муборак!

* * *

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Биёбонҳо гулистон шуд,
Қамарҳо ҷумла бустон шуд,
Гули лола ҳазорон шуд.

Баҳор омад ба некрӯзӣ,
Бидуз токии гулдӯзӣ,
Бизан гулҳои наврӯзӣ,
Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.

* * *

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Э падар, бархез наврӯзӣ биёр,
То туро раҳмат кунад аҳли диёр.

Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.
Э падар, бархез наврӯзӣ биёр,
То туро раҳмат кунад аҳли диёр.

* * *

Боз фасли баҳор омад,
Иди сари сол омад,
Идӣ гиред бачаҳо,
Соли нав мурак бошаде!

Вахти хуши сол омад,
Буи навбаҳор омад,
Бозоранда мол омад,
Соли нав мурак бошаде!

Бо фасли баҳор омад,
Вакти ҷуфти гов омад,
Деҳқоноба кор омад,
Соли нав мурак бошаде!

Плонҳоша буд кунем,
Орденҳоба ҷут кунем,
Соли нава ид кунем,
Соли нав мурак бошаде!

* * *

Наврӯз расиду шоду хуррам гаштем,
Бо фасли баҳорон ҳамдам гаштем.

Иди Наврӯз омаду олам мунаввар мешавад,
Зиннати рӯи замин аз сабзаи тар мешавад.

Наврӯзи навбаҳорон бар гулрухон муборак,
Айёми дилнавозӣ бар ошиқон муборак!

Наврӯз шуду фасли баҳорон аҷаб омад,
Дар хонаи ҳар деҳқон айшу тараб омад.

* * *

Рафтам ба гулистону гуле мечидам,
Аз дидани боғбон каме тарсидам,
Лек ин сухане аз боғбон бишнидам,
Ин гул чи бувад, боғ ба ту бахшидам.

## БАҲОРИЯ

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули савсан қатор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори лолазор омад.

Ба рӯи сабза борон шуд,
Ҳама олам гулистон шуд,
Қамарҳо ҷумла бӯстон шуд,
Баҳори лолазор омад.

Чу лайлак дар ҳисор омад,
Ба ҳар шохи чинор омад,
Зимистон рафт, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.

Баҳор омад ба меҳмонӣ,
Ба таърифаш суруд хонӣ,
Ту қадри гул намедонӣ?
Баҳори лолазор омад.

* * *

Баҳори хуррам омад,
Сафои олам омад,
Шодии одам омад,
Баҳори нав муборак бод!

Замин пур аз гиёҳ шуд,
Ба ҳар ҷо лола во шуд,
Бунафша аз ғунча во шуд,
Баҳори нав муборак бод!

* * *

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори сабзазор омад,
Ба деҳқон кишту кор омад,
Ба чӯпон тӯли мол омад.

Баҳор омад, баҳор омад,
Тамошояш нигор омад,
Ба қалби беқарори ман,
Қаме сабру қарор омад.

* * *

Сар-сари ёлаҳо гузар мекардам,
Чида гули торуна бағал мекардам.

Ҷо-ҷо гули санҷид асту ҷо-ҷо гули себ,
Хулбӯ гули хушбуясту шохаш ба нишеб.

Ман дар лаби ҷӯй анор монам буравам,
Себаргаву гул қатор монам буравам.

## ГУЛИ СИЯҲГӮШ

Гули сияхгӯши лавгардон,
Табақ пур куну даст гардон,
Бите бар дасти гулгардон,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳор омад надонистам,
Гули сияҳгӯш дар дастам,
Диламро ман ба ӯ бастам,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгӯши лавгардон,
Куҷо мерай? — Қаромайдон,
Ай ин майдон ба ун майдон,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ба рӯи сабза борон шуд,
Аҷаб гулҳо намоён шуд,
Баҳори рафта боз омад!.

Гули сиягӯши айёсӣ,
Сияҳчашму қаламқошӣ,
Магам ёри араб бошӣ,
Баҳори рафта боз омад!

Хурӯш омад, хурӯш омад,
Заминҳо савзапӯш омад,
Бирафт дӯзах, биҳишт омад!
Баҳори рафта боз омад!

Гули чиз аст, гули тумба,
Ба қад хоб аст намеҷумба,
Ки хурдаст равғани думба,
Баҳори рафта боз омад!

Чу лайлак аз ҳаво омад,
Бипурсен аз куҷо омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори рафта боз омад!

Гули сияҳгуши лавгардон,
Ту афтоди дар ин майдон,
Камарбанди ҷавонмардон,
Баҳори рафта боз омад!

Гули сияҳгӯш ҳафтрангай,
Хуроки кавки дилтангай,
Зи бахшаш бачаҳо ҷангай,
Баҳори рафта боз омад!

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад,
Ба деҳқон вакти кор омад,
Ба дӯстон гул қатор омад,
Баҳори нав муборак бод!

**БОЙЧЕЧАК**

Бойчечаки бухорӣ,
Танга-тилло, ҷуворӣ,
Ба мо буҳор меорӣ,
Гули гулҳо бойчечак!

Об омаду об омад,
Ду мурғи ало омад,
Яктеша кафас кардем,
Яктеша нафар кардем,
Гули гулҳо бойчечак!

Духтари хона накш духтас,
Бобои пир кавш духтас,
Сузанаш шикаста будас,
Қатии хору хас духтас,
Гули гулҳо бойчечак!

Гул овардам ба меҳмонӣ,
Ту байти гул намедонӣ,
Агар донӣ, ту меҳонӣ,
Баҳори рафта боз омад.

Чӣ гул аст он ҷавғосун?
Асо гир ту ба даст акнун,
Ки пӯшӣ чомаи гулгун,
Баҳори рафта боз омад!

Гули санҷит гули хор аст,
Сияҳгуш-гул ба мо ёр аст,
Ки булбул ошиқи зор аст,
Баҳори рафта боз омад!

Гули сияҳгуши қошгардон,
Ту афтоди дар ин майдон,
Ба дастори ҷавонмардон,
Баҳори рафта боз омад!

Гули сияҳгӯши қошгардон,
Тавақ пур куну дас гардон,
Буте бар дасти гулгардон,
Баҳори рафта боз омад,

Гулу гулҳо қатор омад,
Гули сияҳгуш савор омад,
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори рафта боз омад.

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ба рӯи сабза борон шуд,
Гули сияҳгӯш намоён шуд,
Баҳори рафта боз омад!

Гули зардак сиёгушай,
Миёни сабза мечӯша,
Ба олам ҳусн мефруша,
Гули гулҳо сиёгӯшай.

Гули зардак қароқошай,
Аҷаб ҳусни баҳор боша,
Ба рӯи дида кун ҷоша,
Гули гулҳо сиёгушай.

Гули зардак сиёҳгӯш,
Миёни сабза мезад ҷуш,
Бихон, эй булбули хомӯш,
Баҳори нав муборак бод!

Гули зардак дуранг омад,
Миёни хору санг омад,
Ба рӯи лола ҷанг омад,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳор омад басерӯзй,
Ба борони шабонрӯзй,
Аҷаб гулҳои наврӯзй,
Баҳори нав муборак бод!

Бойчечак омад баҳор.
Булбулако бекарор,
Бойчечак! Бойчечак!

Бойчечака ҳой гуфтем,
Дарди саро чой гуфтем,
Бойчечак! Бойчечак!
Бойчечак — гули ченак,
Майдони боволи пури печак,
Бойчечак! Бойчечак!
Танга тетон ё пуччак,
Ё чуворй, ё баргак,
Бойчечак! Бойчечак!

## ХИРМАНКӮБӢ

Майдо, э майдо, майдо кардй, майдо!
Майдо, э майдо, чонваронум, майдо!
Майдо, э майдо, хайвононум, майдо!

Рафтум ба саропушта, ба саҳрои чунун,
Дидум Лайло нишаста, дасто пури хун,
Гуфтум: Лайло, чй доғ дорй дар дил?
Гуфт: аҳволи дили Лайло донад Мачнун.

Майдо, э майдо, майдо кардй, майдо!
Майдо, э майдо, чонваронум, майдо!
Майдо, э майдо, ҳайвононум, майдо!

Шави маҳтов ранчурй кашидум,
Чилими нукрагй холй кашидум,
Чилими нукрагй дар дасти мо нест,
Магар занчири ёр дар пои мо нест?

Майдо, э майдо, майдо кардй, майдо!
Майдо, э майдо, чонваронум, майдо!
Майдо, э майдо, ҳайвононум, майдо!

Эй чурам чон, биё, хардумон об равем,
Дар як таги чома хардумон хоб равем,
Дар як таги чома хардумон хоб нашуд,
Даста ба даст гирему Кулоб равем,

Майдо, э майдо, майдо кардй, майдо!
Майдо, э майдо, чонваронум, майдо!
Майдо, э майдо, хайвононум, майдо!

Галаговам, говронаме, майдае, майдае,
Панч рӯз будай давронаме, майдае, майдае,
Майда-майда хирманаме, майдае, майдае,
Аз дилу чон хайвонаме, майдае, майдае,

Тез-тез куб, майда куб, майдае, майдае,
Оҳ, хел-хел куб, майда куб, майдае майдае,
Дони хирман ба ман фойдае, майдае, майдае,
Бобои деҳқон бобомае, майдае, майдае,
Мана ба кор фармудае, майдае, майдае,
Туро ба галагов фармудае, майдае, майдае...

* * *

Майда кунад, майдае,
Дар таги пом, майдае,
Дона резад, майдае,
Бод безад, майдае.
Гулам рафту хораш монд, майдае,
Дар сина ғубораш монд, майдае,
Майда кунед, додаронам, майдае,
Майда кунед, ширинонам, майдае,
Қалконкулоғам, майдае, майдае,
Темиртиёғам, майдае, майдае...

* * *

Майдаё, майдаё, майдаё,...
Дар чаман най мекашидум,
майдаё, майдаё,
Хирмани гул дар гирифто,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво!
Маҳ баромад, соя хандидан гирифто,
майдаё, майдаё,
Аз дили ман зардоб чакидан гирифто,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво!
Парвин миёни осмон печон шудасто,
майдаё, майдаё,
Ишқи зан-мардум балои ҷон шудасто,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво!
Қокулатро тофтам, пушти сарат партофтам,
майдаё, майдаё,
Дар даруни кокулат як қуббаи зар ёфтам,
майдаё, майдаё,
ҳеб, ҳеб, буво!..

* * *

Майдаё, майдаё, хуб, хуб, майдаё!
Дар миёни гул будам, як гул насиби ман нашуд,
майдаё, майдаё!

Бо ғариби бекасу куй беваяк ҳам зан нашуд,
майдаё, майдаё!
Дар кафас ҷон додаму сайёд озодам накард,
майдаё, майдаё!
Нолаҳо кардам зи ғам, аммо касе ёдам накард,
майдаё, майдаё!
Чашмама ба раҳи омаданат чор шудасто,
майдаё, майдаё!
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шудасто,
майдаё, майдаё!
Гулҳои ҷаҳон бӯй кунам, бӯи ту несто,
майдаё, майдаё!
Сад шаҳра ба шаҳр занам, чун рӯи ту несто,
майдаё, майдаё!...

* * *

Хирмане дорему худ як дон намегирем мое,
майда, майда, ҳуп, ҳуп, майда, майда, кӯб!
Дар биёбон нола кардам, хирмани гул даргирифто,
майда, майда, ҳуп, ҳуп, майда, майда, кӯб!
Ҳайфи рӯи беғуборам ҷангу хокистар гирифто,
майда, майда, ҳуп, ҳуп, майда, майда, кӯб!
Дарди дандон дораму дандон ба дандон мондамо,
майда, майда, ҳуп, ҳуп, майда, майда, кӯб!
Рози дил дорам, забонам баста, ҳайрон мондамо,
майда, майда, ҳуп, ҳуп, майда, майда, кӯб!...

## Сурудҳои маросими мотам

### (МАРСИЯҲО)

Дар маросими мотам бо оҳанги махсуси ғамангез ва сӯзу гудоз нолаву фиғон карда мешавад, ки ҳамчун суруд садо медиҳад. Мо инро махсусан ҳангоми овозандозиҳои занон мушоҳида менамоем. Ба ғайр аз ин шеъри махсусе ба вафоти касе гуфта мешавад, ки инро **марсия** меноманд. Марсия бо шаклҳои гуногуни шеърӣ гуфта ва ё навишта мешавад, ки таърихи хеле қадимӣ дорад. Мазмуни марсия хеле рангин буда, ҳам сифатҳои неки марҳум, ҳам ғаму андӯҳи гӯянда бо ҳаяҷон ва эҳсоси баланд ифода мешавад. Мо намунаҳои марсияро дар поён меорем, ки аз ҳар гӯшаю канор навишта гирифта шудаанд.

•

### АБДУЛМАҶИДҶОНАМ БАЛАМ

Аз фироқат сӯхтам, эй нури чашмонам балам,
Соя будӣ бар сарам, сарви хиромонам балам.

Чор бачаи дар сафар,
Сафарашон гашт хатар,
Балки бубар ту хабар,
Хундорай барфу борон!

Хов буданд дами сахар,
Балхи бибурд ин хавар,
Ба падару ба модар,
Хундорай барфу борон!

Чор бачаи бебова,
Хованд дар тан това,
Одам нестай букова,
Хундорай барфу борон!

Муддати чанд кофтанд,
Мурдаи чор ёфтанд,
Дарав Сарочо сохтанд,
Хундорай барфу борон!

Чор писара андохтанд,
Сар-сари бод бардоштанд,
Ба сӯи хона тохтанд,
Хундорай барфу борон!

Чор товут шуд тарвоза,
Дар кишлоқ шуд овоза,
Очаш ба кӣ буноза?
Хундорай барфу борон!

Чор товути рав-равон,
Қарор гирифт дар майдон,
Акаҳом, ку, очаҷон?
Хундорай барфу борон!

Рузам намози шом шуд,
Чор чогаҳам қатор шуд,
Чашми келино чор шуд,
Хундорай барфу борон!

Модар шудай хокистар,
Дар хаки чорта писар,
Оҳе мега ай ҷигар,
Хундорай барфу борон!.

Аз фотехаи келинон,
Муллоназир шуд гирьён,
Оби чашмуш шуд равон,
Хундорай барфу борон!

Чор келини ғамдорум,
Ай ғаматон беморум,
Ман фикри мурдан дорум,
Хундорай барфу борон!

Қелинон дар ба дарум,
Ҷаври худо дар сарум,
Ҳамин будай тақдирум,
Хундорай барфу борон!

Равон шуданд чор ҷавон,
Ҳар чор гирифтанд камон,
Онҳо шуданд пурармон,
Хундорай барфу борон.

Модар бигуфт: бачаҳо,
Асло ман нестам ризо,
Хайр, таваккал бо худо,
Хундорай барфу борон.

Падар бигуфт бо писар,
Имрӯз мекунед сафар,
Сафаратон пурхатар,
Хундорай барфу борон.

Қадам заданд якбора,
Тарма расид аз дара,
Мулло бихонад ҷаноза,
Хундорай барфу борон.

Модар, ки гирья мекард,
Сангҳора ба сар мекард,
Нолаи бача мекард,
Хундорай барфу борон.

## УСМОНҶОНУМЕ

Ин кутали Файзобода сар кард Усмонҷонуме,
додарҷонумой!
Дар вакти саҳар ҷанг андохтай Усмонҷонуме,
додарҷонумой!
Ҷанге кардаю ғазо-ғазое кардае Усмонҷонуме,
додарҷонумой!
Бо шашпар зада дилша адое кардае Усмонҷонуме,
додарҷонумой!
Дар таки бедон катор гумуш кардане, Усмонҷонуме,
додарҷонумой!
Дар даштаги Янголик гуруш кардане, Усмонҷонуме,
додарҷонумой!

* * *

Рафт аз дуньёи дун як хоҳари барнои ман,
Сели марг омад, хазон шуд он гули раънои ман,
Ҷону ҷонону азизам, хоҳари донои ман,
Эй фалак, раҳме надорӣ ту ба ҳоли додараш,
Оташ андозад ба дуньё нолаҳои додараш.

Рафт аз дасти аҷал он тӯтии хушхони ман,
Рафт аз ин зиндагӣ он гавҳари рахшони ман,
Шуд хазон дар як нафас он ғунчаи хандони ман,
Эй фалак, раҳме надорӣ ту ба ҳоли додараш,
Оташ андозад ба дуньё нолаҳои додараш.

* * *

Ин чи рӯзи пурғам асту бахри ман шуд тирашом,
Заҳр гашт хурдухуроку талх гашт дар халку ком,
Рафт аз дил куввати ман, сӯхт ин ҷисмам тамом,
Аз бари мо даррабуд фарзанди моро марги шум,
Модари мушфикату ман ҷанд созем оҳу вой,
Эй ту фарзанди азизам, Тоҷибойҷон, Тоҷибой!

* * *

Як гуле аз гулшани боғи ҷаҳон гум кардаам,
Ғунчаи нашкуфтаро аз бӯстон гум кардаам,
Гар шавам бемори ғам, носеҳ маро панде мадеҳ,
Ман гиёҳи ташнаам, оби равон гум кардаам.
Хун бинолам дар ғами ӯ рӯзу шаб ман зор-зор,
Булбули шӯридаам, сарви равон гум кардаам.
Дӯстон, хун шуд дилам дар гӯшаи дарду алам,
Чуғзи ҳар вайронаам ман хонумон гум кардаам.

* * *

Дод аз дасти аҷал, фарьёд аз дасти аҷал!
Шуд гули наврастаам барбод аз дасти аҷал!
Шишаи айшам шикаст аз санги бедоди аҷал!
Қасри умрам шуд хароб аз боди марги бемаҳал,
Ҳеҷ кас ҳаргиз нашуд озод аз дасти аҷал.

* * *

Навниҳоли хушкади сарви гулистонам бурафт,
Ғунчаи наврастаи гулзору бустонам бурафт,
Як гуле з-ин гулшани озодаи ҷонам бурафт,
Он чароғи нурфишону шамъи шабистонам бурафт,
Нури ҳарду дидаам гавҳар зи чашмонам бураф-

* * *

Синнаш расид дар бисту ҳафт,
Мақсуди худ н-овард ба каф,
Эй воҳ, ҷавоне шуд талаф,
Во ҳасратон навҷавон!
Дар ногаҳонӣ мурданаш,
Орзуи дунъё бурданаш,
Тӯи писар нодиданаш,
Во ҳасратон навҷавон!
Табъаш баланду хушсухан,
Дар байни мардум дилписанд,
Печонд сар андар кафан,
Во ҳасратон навҷавон!

* * *

Аё, эй дӯстон, ман аз ҷигарҷонам ҷудо гаштам,
Азизонам, кунун аз марҳами ҷонам ҷудо гаштам,
Мисоли булбуле ман аз гулистонам ҷудо гаштам,
Нагирьям, чун кунам, аз моҳи тобонам ҷудо гаштам.
Куҷо рафтӣ, ҷигарҷонам, намондаст тоқатам ҳаргиз,
Хабар аз ман намегирӣ, намондас ҳолатам ҳаргиз,
Намегардад дур аз чашмам офтоби оразат ҳаргиз,
Насӯзам, чун кунам ман аз гулҷувонам ҷудо гаштам.
Аё, эй малҳами ҷонам, ҷигарҷонам, куҷо рафтӣ?
Надида тӯи фарзанд, муниси ҷонам, куҷо рафтӣ?
Ба мақсад норасида эй ҷигарҷонам, куҷо рафтӣ?
Чи созам, чун кунам, ман аз дилу ҷонам ҷудо гаштам.
Фалак, моро чиҳо кардӣ, ба ғамҳо мубтало кардӣ,
Ба вақти дидани тӯяш чаро мотамсаро кардӣ?
Ба вақти давру давронам зи ҷононам ҷудо кардӣ,
Аё, эй дӯстон, ман аз ширинзабонам ҷудо гаштам.
Чароғи рӯзгори ман, Набуватҷон, куҷо рафтӣ?
Ба сад ҳасрат ба сад ғурбат, дареғо, ту куҷо рафтӣ?
Чаро бе мо, худат танҳо, худат танҳо куҷо рафтӣ?
Ман аз дасти аҷал аз нури чашмонам ҷудо гаштам.
Либоси охират бар қадди шамшодат кафан дидам,
Савори аспи чӯбин дар миёни анҷуман дидам,
Набинад ҳеҷ кас асло чунон рӯзе, ки ман дидам,
Надонам ман чи сон созам, ки аз ҷонам ҷудо гаштам.

* * *

Эй дӯстон, эй дӯстон,
Гаштам ҷудо аз бибиҷон...
Эй бибии дилсӯзи ман,
Бе ту сиях шуд рӯзи ман.
Эй дӯстон, эй дӯстон,
Гаштам ҷудо аз бибиҷон...

Ҳар дам бигирьям зор-зор,
Бо дидаҳои шашкатор.
Сад доғ дорам дар ҷаҳон,
Вой бибиҷон, вой бибиҷон!

Гум кардаам, эй дӯстон,
Дилсӯзу беҳад меҳрубон,
Ғамхори ман, вой бибиҷон,
Эй дӯстон, эй дӯстон,
Гаштам ҷудо аз бибиҷон...

* * *

Ин дидаҳо гирьён шуда,
Аз дасти кӣ?
Аз дасти марг!

Ин синаҳо бирьён шуда.
Аз дасти кӣ?,
Аз дасти марг!

Аз ҷоми ғам нӯшидаам,
Дарьёсифат ҷӯшидаам,
Ҷанда ба тан пӯшидаам,
Аз дасти кӣ?
Аз дасти марг!

Ман бе сару сомон шудам,
Бо кори худ ҳайрон шудам,
Булбулсифат нолон шудам,
Аз дасти кӣ?
Аз дасти марг!

Чу ғам бикард дилпораам,
Дар ҳар куҷо овораам,
Ман бандаи бечораам,
Аз дасти кӣ?
Аз дасти марг!...

* * *

Ҳайфи он қадди алифат дар таги гӯр хона кард,
Ҳайфи он коши сиёҳат тортанакҳо лона кард,
Ҳайфи он гулгуни рӯят зери хок пажмурда гашт,
Дасту пои нозанину гулбадан афсурда гашт,
Ман намеёбам туро, эй ҷонбалам, ҷонон балам,
Вобалам мегӯяму ман доду фарьёд мезанам,

* * *

Хазони бемаҳал тороҷ кард имрӯз боғамро,
Расид боди аҷал як бора кушт охир чароғамро,
Шуда ғам дар сари ғам тоза бинмуд кӯҳна доғамро,
Мубаддал кард бо дарду алам айшу фароғамро,
Биё, бин, ҳоли модар, эй балам, охир куҷо рафтӣ?

* * *

Надидам серӣ, аз дидори ту маҳрум гардидам,
Сари болини ту рафта, зи аҳволат напурсидам,
Ба ту рози дилам гуфта, ман аз бахтам нанолидам,
Зи ҳолу ҳасратат ҳарф аз забонат ман нашнидам,
Биё бин ҳоли модар, эй балам, куҷо рафтӣ?

Зи доғат модари зори ту шуд девонаи дунъё,
Шабу рӯз аз фироқат кору бораш доду вовайло,
Надорад бе ту тоқат, сӯхт аз доғи ту сар то по,
Биё бин ҳоли модар, эй балам, куҷо рафтӣ?

* * *

Эй дилу дилдор, гум кардам туро,
Эй гули бехор, гум кардам туро,
Навниҳоли тоза будӣ дар баҳор,
Қавки хушрафтор, гум кардам туро.

Омадам, ту хона дигар кардай,
Модаратро мурғи бепар кардай,
Бекасу кӯ чун каландар кардай,
Булбули гулзор, гум кардам туро.

Сурататро ман биёрам дар назар,
Мехӯрам аз бори ғам хуни ҷигар,
Нолаҳо дорам зи шаб ман то саҳар,
Гавҳари ноёфт, гум кардам туро.

Феълу хӯятро биёрам дар назар,
Ҳамчу хас месӯзам аз по то ба сар,
Рафтию бар мо надодӣ ту хабар,
Эй гули бехор, гум кардам туро.

Мисли ту кас нест дар рӯи замин,
Не Бухоро, не ба Мисру, не ба Чин,
Оқибат ҷоят бишуд зери замин,
Эй дили дилдор, гум кардам туро.

* * *

Водареғо, нури чашму меҳрубон аз даст рафт,
Дилбари соҳибҷамол, ороми ҷон аз даст рафт,
Солҳо будам ба ӯ ман ҳамнафас дар зиндагӣ,
Боварфо ҳамхонаам, он соябон аз даст рафт.

Боди марги шум расид то боғи ман ҳам бемаҳал,
Он гули хушбӯй ман буд ногаҳон аз даст рафт.
Дар ҷаҳони бевафо дилбанди ман ӯ буду бас,
Қисса кӯтоҳ мекунам, гӯё ҷаҳон аз даст рафт.

* * *

Фалак, ин оташи ҳасрат чаро афкандӣ бар ҷонам,
Чаро кардӣ хазон ин меваи нахли гулистонам,
Баҳори файзи уммедам чаро кардӣ зимистонам,
Фалак, аз дасти ту то бар қиёмат додгӯёнам,
Чи чора, сарнавиштам ин, ба ин ҳасрат ба армонам.

## Навҳа

Одатан дар мотамхона бештар занон гиръяву нола ва овозандозӣ мекунанд, онҳо дар баробари истифода бурдани марсияҳои маълум ва маъмул худ низ бадеҳатан суханоне мегӯянд, ки бе вазну қофия бошанд ҳам, вале тартибу қоидаи муайяне дошта, ба оҳанги маҳзуну ғамангез, нолаву фиғон ҷӯр мешаванд ва дар натиҷа **навҳаҳое** ба вуҷуд меоянд, ки пурсӯзу гудоз буда, аз бадеият ва санъатҳо холӣ нестанд. Мо онҳоро аз марсияҳо, ки пурра қоидаву қонуни шеърро доранд, ҷудо карда, **навҳа** номидем ва чанд намуна овардем.

Диламро пора карда, оби чашмамро равон карда рафтиде,
дадаҷонаме...
Чаро манро ба як дам ятиму нотавон карда рафтиде,
дадаҷонаме...
Ниҳол биншонда аз сояи он бе баҳра монда рафтиде,
дадаҷонаме...
Шумо ҷӯ канда, аз обаш ягон қатра нахӯрда, рафтиде,
дадаҷонаме...
Ҷудо аз ҷураҳотон гашта, надонам куҷо рафтиде,
дадаҷонаме...
Ба болишти аҷал сар монда, дигар сар набардоштиде,
дадаҷонаме...

* * *

...Аз боғи ман гулам рафт, гулам рафт,
Вой гулам, вой гулам!

Ширинзабонам, булбулам рафт, булбулам рафт,
Вой булбулам, вой булбулам!
Гули баҳори ман бекор хазон шуд,
Вой гулам, вой гулам!
Чаро бахтам беамон шуд?!
Вой гулам, вой гулам!
Дигар ба ман акнун умрам гарон шуд!
Вой гулам, вой гулам!
Аз осмонам ситораам рафт,
Вой гулам, вой гулам!
Ҷаҳон торик шуда, аз ман мадорам рафт,
Вой гулам, вой гулам!..

* * *

...Чашмакам дар роҳатон чор шуд,
дадаҷонаме, э-воее...
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шуд,
дадаҷонаме, э-воее...
Гулҳои ҷаҳона бӯ кунам, бӯи шумо несте,
дадаҷонаме, э-воее...
Сад шаҳра ба шаҳр занам, монанди Шумо несте,
дадаҷонаме, э-воее...

Овозандозҳои касбӣ, ки дар рӯзҳои мотам аз тарафи азодорон даъват карда мешаванд, овозандозиро сар мекунанд, дигарон бо овози баланд якбора «ҳувв» гӯён ва гирьякунон ба онҳо ҷӯр мешаванд. Овозандозҳои касбӣ ба ҳар қадоми хешу таборӣ марҳум сухан ёфта медиҳад ва баъди гуфтани овозандоз ва таъкиди ӯ ин ё он хеши марҳум такрор мекунад:

Овозандоз: ...Э кошкӣ мурғак шуда дар ҳаво пар мезадаме,
гӯеде, Умриҷоне...
Умриҷон: Э кошки мурғак шуда дар ҳаво пар мезадаме,
баччаякаме, баччаякаме...
Овозандоз: Дар кофтуковат худама ба ҳар ҷар мезадаме,
гӯеде, Умриҷоне...
Умриҷон: Дар кофту коват худама ба ҳар ҷар мезадаме,
баччаякаме, баччаякаме....
Ҳозирон: Ҳуввв!....
Овозандоз: Мо бе қуввати дил чи кор мекунеме,
Мо бе додар акнун чи кор мекунеме,
гӯетоне, хоҳароне...
Хоҳарон: Мо бе қуввати дил чӣ кор мекунеме,
Мо бе додар акнун чӣ кор мекунеме,
акаҷоне, акаҷоне....
Ҳозирон: Ҳуввв!...

Овозандоз: Ба ман меҳрубону ғамхор будӣ
гӯеде, холаҷонаше...
Хола: Ба ман меҳрубону ғамхор будӣ,
ҷигараме, ҷигараме...
Овозандоз: Ҳамеша дилсӯзу дастёр будӣ,
ҷигараме, ҷигараме...

Овозандози бомаҳорат метавонад аз номи дигар хешовандони марҳум сухан ёфта, маросими мотамро, яъне навҳахониро чанд соат давом диҳад.

Бояд қайд кард, ки овозандозӣ, навҳахонӣ ва амсоли ин русуми анъанавии мотам бештар дар деҳот ҷорӣ буда, солҳои охир дар шаҳрҳо хеле кам шуда истодааст, дар оилаҳои зиёиён бошад, қариб мушоҳида намешавад.

## Сурудҳои ҳаҷвӣ, ҳазлу шӯхӣ

Сурудҳои ҳаҷвӣ ва ҳазлу шӯхӣ ба ҷуз чанде сурудҳои замони советӣ мавзӯъ ва мазмуни муҳими ҳаётӣ надоранд ва аксарияти онҳо барои ҳазлу шӯхӣ, вақтхӯшӣ гуфта шудаанд. Аммо дар онҳо шаклҳои шеъри гуногун, созмони бо суруд ва оҳанги мусиқӣ пайванде мушоҳида мешаванд, ки як қисми онҳо маълум бошад, қисми дигар таҳқиқе тақозо дорад. Ба воситаи нота навишта гирифтани вариантҳои оҳанги мусиқии онҳо сохаи махсуси фольклоршиносӣ аст.

### ХУНУК ЗАД

Як сол шудак зимистон,
Дар чиллаи тобистон,
Назар кардум ба шохош,
Қушкоракро хунук зад.

Рафтум ба пеши деҳқон,
Ҷуфти гова ҳай мекард,
Назар кардум ба ҷуфтош,
Деҳқонро хунук зад.

Рафтум сари мадраса,
Буи палав мераса,
Назар ба домулло кардум,
Домуллора хунук зад.

Рафтум ба дари масҷид,
Дарҳо қулфаю занҷир,
Назар ба муаззин кардум,
Муаззинро хунук зад.

## МУРДАНИ Ӯ АВЛОСТ

Осиёбе нов надорад,
Қишлоке ов надорад,
Одаме гов надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Осмоне маҳ надорад,
Қахдоне каҳ надорад,
Деҳқоне чаҳ надорад,
Мурдани ӯ авлост,

Носкаше нос надорад,
Даравгаре дос надорад,
Суфие ихлос надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Осиёбе санг надорад,
Духтаре чанг надорад,
Ҷавоне нанг надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Пахтае ғуза надорад,
Сипоҳе муза надорад,
Кампире куза надорад,
Мурдани ӯ авлост.

Мардаке занак надорад,
Фақире табақ надорад,
Муллое сабақ надорад,
Мурдани ӯ авлост.

## ҶУҒУРЧУҚ

Омад чуғурчуқ беадад,
Фарьёди мо то бар фалак,
Кар шуд аз ин бонгу фиғон,
Дар осмон гӯши малак.

Аз хираҳо ҳам хиратар,
Кокулчае дорад ба сар,
Қуту ғизои ӯ самар,
Аз меваҳо дорад чалак.

Дилгир шудам аз хуи ӯ,
Ҳаргиз набинам рӯи ӯ,
Афтад ба дастам пӯсти ӯ,
Дар зери по созам патак.

## ВОЙ АЛАМОИ ГОВУМ

Говум рафтай Уялӣ,
Ҷонвар меояд ҳолӣ,
Оғилмон мондай холӣ,
Воҳ аламои говум!

Гови сиёи ёлдор,
Дар шохот доштӣ тумор,
Замин мондай бешудгор,
Вой аламои говум!

Говум рафтай суни чар,
Гургора шудай ҳашар
Пустуш шидай дарди сар,
Вой аламои говум!

## ДОД АЗ ДАСТИ ГУНҶИШКАК

Гунҷишкак аз ҳаво омад,
Ба мисли як бало омад,
Ин балои худо омад,
Дод аз дасти гунҷишкак!

Гунҷишкак дона-дона,
Мехурад ғалла-дона,
Гунҷишкак сабил мона,
Дод аз дасти гунҷишкак!

Гунҷишкаки сарсафед,
Нишаста дар шохи бед,
Аз гандум кард ноумед,
Дод аз дасти гунҷишкак!

Гунҷишкаки нӯлкабуд,
Нишаста дар шохи тут,
Намеравад аз он зуд,
Дод аз дасти гунҷишкак!

## БУЗАК

Хой бузаки пурҷушам,
Широта хуб меҷӯшам,
Бурда бозор мефрӯшам,
Хой, бузакам, гид-гидӣ.

Вай буз набуд, бало буд,
Гушу пояш ало буд,

Дастгири сағираҳо буд,
Ҳой, бузакам, гид-гидӣ.

Рафтам, дидам шохоша,
Ҷои париданоша,
Гург кандаст лингоша,
Ҳой, бузакам, гид-гидӣ.

Ҳой, сағирак чӯпон,
Бузма додӣ ба гургон,
Билло, мегирум товон,
Ҳой, бузакам, гид-гидӣ.

## ВОЙ АЛАМИ БЕБУЗИМ

Буз харидум ай Боқӣ,
Синаҳош мисли тоқӣ,
Шир медиҳад қаймоқӣ,
Вой алами бебузим!

Гуфт холаи Гулнигор:
—Бузта дар лави шудгор,
Гурго кардиян бозор,
Вой алами бебузим!

Рафтум, кофтум ҷоҳоша,
Ёфтум ҷои поҳоша,
Зоғо кофтанд чашмоша,
Вой алами бебузим!

Пусти бузма овардум,
Дар хона фуровардум,
Қамтарак нола кардум,
Вой алами бебузим!

Пусти бузма дойра кардум,
Дар адиро нола кардум,
Ҷигарма сад пора кардум,
Вой алами бебузим!

У дойрара бифрушум,
Атлас гирум, бипушум,
Пугоҳ чиро меҷушум?
Вой алами бебузим!

У шохбузи кабуд буд,
Ҷоюш таги мурут буд,

Хонам пури курут буд,
Вой алами бебузим!

Пугаҳ мешава бухор,
Аврато шишта катор,
Меган: хола, шир биёр!
Вой алами бебузим!

## ШОҲМУРҒИ МОМО

Мурғакма рубоҳ бурд,
Бачаи рубоҳ бимирад,
Вой алами мурғак,
Шоҳмурғи момо, ту-ту!
Ҷонаки момо, ту-ту!

Тоҷи мурғам тоҷи подшоҳҳо буд,
Чашми мурғам айнаки муллоҳо буд,
Нули мурғам қалами қозиҳо буд,
Шоҳмурғи момо, ту-ту!
Ҷонаки момо, ту-ту!

Қаноти мурғам таги сари занҳо буд,
Пои мурғам панҷшохаи деҳқоно буд,
Шоҳмурғи момо, ту-ту!
Ҷонаки момо, ту-ту!

Рудаи мурғам таноби чархресо буд,
Пари мурғам мухпари кампиро буд,
Думи мурғам ҷоруби аврато буд,
Шоҳмурғи момо, ту-ту!
Ҷонаки момо, ту-ту!

Мурғакма рӯбоҳ бурд,
Бачаи рубоҳ бимирад,
Вой алами мурғак,
Шоҳмурғи момо, ту-ту!
Ҷонаки момо, ту-ту!

## ГУРБИ-ГУРБЯ

Як гурбию ду гурбию се гурбию чор,
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.
Ер дар бистари роҳат бикунад хур-хури хур,
Мани бечора зи беруни дараш кур-кури кур.

Як гурбию ду гурбию се гурбию чор,
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.
Хостам то дари у боз кунам ман-мани ман,
Саги ӯ кард нигоҳ, бар сари ман ур-ури ур.
Як гурбию ду гурбию се гурбию чор,
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.
Дар ба сад ҳила кушодам, ки накард ғич-ғичи ғич,
Пой ба осонӣ ниҳодам, ки накард шип-шипи шип.
Як гурбию ду гурбию се гурбию чор,
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.
Ёр бардошт сараш то бикунад ҳай-ҳай ҳай,
Рафтаму гирди сараш чарх задам фир-фири фир.
Як гурбию ду гурбию се гурбию чор.
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.
Гуфтам: эй ёр бигӯ бо ман аз ин сир-сири сир,
Варна ман ҷайби қабо чок занам ҷиғ-ҷиғи ҷиғ.
Як гурбию ду гурбию се гурбию чор,
Ду гурбию нор,
Ду гурбию нор.

## МОШОБА

Як кас: Мошобаҷон, мошоба,
Гур-гури гур мошоба,
Мошобаҷон, куҷоӣ?
Дар шикамам дароӣ,
Қафгир занам бароӣ!
Ҳама: Мошобаҷон, мошоба,
Гур-гури гур мошоба
Як кас: Мошобаи тунду тез,
Қайла куну қайла рез,
Агарчи бошӣ парҳез,
Нахур мошоба ҳаргиз.
Ҳама: Мошобаҷон, мошоба,
Гур-гури гур мошоба.
Як кас: Дам медиҳад мошоба,
Ғам медиҳад мошоба,
Деги калон мошоба,
Рӯздармиён мошоба,
Мошобаҷон, мошоба,
Роҳати ҷон мошоба,
Балои ҷон мошоба...

Ҳама: Мошобачон, мошоба,
Гур-гури гур мошоба...
Мошовачон, кучоед,
Шумо хӯроки моед,
Да шикамам дароед,
Ғамхоя дур намоед,
Гур-гури гур мошова
Тақару тукур мошова.
Аз сари шавла гардам,
Ишкама пур мекунад,
Сабил монад мошова,
Рудема чул мекунад,
Гур-гури гур мошова,
Тақару тукур мошова.

## ЯЛЛАИ БОБО, ЯЛЛА

Аз косагарон коса,
Аз кузагарон кӯза,
Қосаю кӯза ба дастаме...
Яллаи бобо, ялла.

Аз бофандагон моку,
Аз сартарошон поку,
Қосаю кӯза, мокую поку ба дастам
Яллаи бобо, ялла.

Аз оҳангарон занҷир,
Аз боғдорон анҷир,
Қосаю кӯза, мокую поку, занҷиру анҷир
ба дастаме...
Яллаи бобо, ялла.

Аз баззозо парча,
Аз боғбоно арча,
Қосаю кӯза, мокую поку, занҷиру анҷир,
парчаю арча ба дастаме...
Яллаи бобо, ялла.

Аз чупоно курут,
Аз алавмоно бурут,
Қосаю кӯза, мокую поку, занҷиру анҷир,
парчаю арча, куруту бурут ба дастаме...
Яллаи бобо, ялла.

## ҶАНГИ КАЙК

Имшаб то рӯз дар хона,
Шуд ҷанги рустамона,
Лашкари кайк ҳамла кард,
Аз чор тараф талла кард,
Ким-чи шуду баногохост,
Як чиз аввал боло хохт,
Сонӣ омад ба поён,
Боз боло рафт ногаҳон,
Даста бурдам ба пуштам,
Як кайки маста куштам,
Пусташ кандам нӯх кулоч,
Ҳам сурфа шуд ҳам саноч.
Омад ба ҷанг додараш,
Ҳамроҳи ду ҷурааш,
Аввал задам бо теша,
Теша шуд тикка-тикка,
Баъд задам бо найза,
Найза шуд пора-пора,
Гурза гирифтам ба даст,
Задан гирифтам ба шаст,
Дар чогаҳам, чӯраҷон,
Дарьён хун шуд равон...

## ИНРО АЙБИ КӢ ГӮЕМ?

Колхози мо чорводор,
Чорвош беҳадду бисьёр,
Аммо надорад ғамхор,
Инро айби кӣ гӯем?!

Гӯем дар ин зимистон,
Чорво намегирад ҷон,
Пусте монду устухон,
Инро айби кӣ гӯем?!

Раис, мудир бепарво
Аз ин аҳволи чорво,
Бевиҷдон бошанд онҳо,
Инро айби кӣ гӯем?!

## ТАРЬЁКӢ

Рӯзе наёбӣ тарьёк,
Сулфа кунӣ, даҳан қоқ,
Мегардӣ гирди қишлоқ,

Тарьёкӣ, корат ганда,
Пеши ҳама шарманда.

Рӯзе ёбӣ як майда,
Даҳан яла ба ханда,
Худозада ту банда,
Тарьёкӣ, корат ганда,
Пеши ҳама шарманда.

Тарьёк балои ҷон аст,
Аз вай ба ту зиён аст,
Офати хону мон аст,
Тарьёкӣ, корат ганда,
Пеши ҳама шарманда.

### ҲИКОЯТИ МАЙПАРАСТ

Як рӯз ними рӯзӣ,
Ҳамроҳи Абдукӯзӣ,
Ва усто дядя-Миша,
Холӣ кардем ду шиша.

Як истакон дар дастам,
Аз кӯча мегузаштам,
Як милиса садо кард,
Бо ангушташ имо кард.

Ғалтон-хезон давидам,
То ба хона расидам,
Занам диду аз ҷо ҷаст,
Шохи олуча шикаст.

Бар сарам ҳамла овард,
Ҳай беамон фуровард,
Гӯши чапамба пих зад,
Дилам гум заду сих зад.

Маро, ёрон, мур гӯед,
Заҳру бало хӯр гӯед,
Кӯча баром, милиса,
Хона даром, ин қисса...

## Ашӯла

Як навъи сурудҳои халқӣ ашӯла номида мешавад. Ашӯла аз чор мисраъ иборат буда, шакли қофиябандияш: АААА, АБАБ, ААББ, ААБА, мебошад. Аксарияти ашӯлаҳо бо вазни ҳиҷо гуфта шуда, дорои оҳанги муайяни мусиқӣ мебошанд.

Вазну оҳанги мусиқии ашӯлаҳо дар мизони ҳафт-ҳашт ҳиҷо буда, ба қонунҳои арӯз мувофиқ намеоянд. Ашӯла ба кӯшикҳои ӯзбекӣ ва баёти озарӣ хеле шабоҳат дорад, аз ҷиҳати мавриди, мавқеъ ва тарзи эҷодшавӣ ба частушкаи русӣ мувофиқат мекунанд.

Ашӯла бештар дар районҳои шимолии Тоҷикистон (Ленинобод, Қонибодом, Ашт, Исфара, Ӯротеппа) дида мешавад.

Мазмун ва мавзӯи ашӯлаҳо бештар аз хусуси ҳаёти маишии ҷавонон, кору бори онҳо буда, ба таври оперативӣ воқеаҳои рӯзмарраро инъикос мекунанд. Ва ҳамин ҷиҳати ашӯлаҳо ҷолиби диққат аст, гарчанде аз ҷиҳати санъати шеърӣ онҳо чандон ба дараҷаи баланд нестанд. Аммо бо вуҷуди он бояд гуфт, ки дар баъзе ашӯлаҳо параллелизм, рамз, ташбеҳ, истиора ва ҳоказо хеле ҷолибанд. Намунаҳое, ки мо дар ин китоб гирд овардем, аз эҷодиёти пешазинқилобӣ ва замони советии халқи тоҷик буда, ҳамаи онҳо дар репертуари имрӯзаи гӯяндаҳо вомехӯранд. Албатта, онҳо аз ҷиҳати мазмун ва мавзӯъ гуногунанд. Мо ба кадом замон тааллуқ доштани ин ё он ашӯларо аз мазмунаш, баъд аз баъзе хусусиятҳои лексикиаш муайян карда метавонем. Гарчанде онҳо омехтаанд, яъне замони эҷод шудаашон нишон дода нашудааст, ин корро дар машғулияти амалӣ кардан мумкин аст. Масалан: ашӯлаҳои 7, 8, 9 бешубҳа дар замони то революцияи Октябрь гуфта шудаанд. Ашӯлаҳои 12, 16, 17, 20, 22 ва ғайра маълум аст, ки дар замони мо ба вуҷуд омадаанд. Ашӯлаи 23 бошад, аз рӯи мазмунаш, дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ гуфта шудааст.

Ҳамчун фардбайт, дубайтӣ ва рубоӣ дар ашӯлаҳо ҳам параллелизм дучор мешавад. Масалан, дар ашӯлаи зерин ҳодисаи табиат ва вазъи рӯҳии ошиқ параллел гузошта мешавад:

> Афтоб таги авранда,
> Ман дида наметонам,
> Ҳавлиш Таги Савранда,
> Ман рафта наметонам.

Ба воситаи параллел чунин андешаи гӯянда-ошиқ баён мешавад: чунон ки офтоб дар паси абр асту ман онро дида наметавонам, ҳавлии ёрам дар Таги Савр (маҳалле) воқеъ аст, ки ман он ҷо рафта наметавонам.

Ҳамин гуна параллелизм дар ашӯлаҳои 2, 14, 20 низ мушоҳида мешавад. Албатта гуфтан зарур аст, ки на ҳамаи мисраъҳои якум ва гоҳо дуюм, ки онд ба ҳодисаи табиат мебошанд, ба мазмуни мисраҳои сеюм ва чорум параллел шудаанд. Баъзаи онҳо маҳз барои қофиясозиҳо омадаанду бас. Чунончи, дар ашӯлаҳои 4, 5 калимаҳову ибораҳои «борон борид, марворид, нафорид, гули санҷид, ранҷид, медид, намеғунҷид, ҳамин гуна мебошанд.

Як хусусияти барҷастаи мазмуни ашӯла он аст, ки мисли

частушкаҳои русӣ оҳангҳои танқидӣ мушоҳида мешаванд ва ин хусусият анъанавӣ буда, дар ашӯлаҳои пешазинқилобӣ низ вуҷуд доранд. Масалан, ашӯлаҳои замони гузашта дар бораи Мансурбой (7) ва Қорвонбошӣ (9), ашулаҳои замони мо (10, 11, 13, 15) мисол шуда метавонанд.

Жанри хурди фольклори тоҷик — ашӯла дар замони мо ҳам давом дорад ва хусусияти ба ҳаёт фаъолона дахл кардани худро нигоҳ медорад. Дар ин хусус очерки А. Шукӯҳӣ «Мавҷи таронаҳои шӯх» (китобчаи муаллифи мазкур «Нияти нағз», 1966) шаҳодат медиҳад.

Рафтам раҳи Исфисор,
Дидам духтари бисьёр,
Якташба ман харидор,
Қанда хӯрад духтардор.

Тупиш гули шафтолу,
Ман духта наметонам,
Дарди дилам бисьёр аст,
Ман гуфта наметонам.

Афтоб таги авранда,
Ман дида наметонам,
Ҳавлиш Таги Савранда,
Ман рафта наметонам.

Дар дашто борон борид,
Дандони ёр марворид,
Ман гап занам нафорид,
Рӯмоли шолам форид.

Олуча, гули санҷид,
Ёр аз ман чиба ранчид?
Ҳар боре мана медид,
Дар курта намеғунҷид.

Говам нею говам не,
Акаллан як буз ёвам,
Охир бузба пул даркор,
Пулро аз куҷо ковам?

Мансурбои беномус,
Ҳаққи ятима хурдас,
Ҳавлиша буд накарда,
Худо задасу мурдас.

Тӯпӣ зардӯзим оқид,
Дар болои Сирдарьё,

Қайном оқпошшо барин,
Охир равам ман куҷо?

Қорвонбошӣ аз сафар,
Сақичи сафед овард.
Ба болои се занаш,
Зани чорум фуровард.

Ман акома ёд кардам,
Анча шуду хаташ не,
Олим шудас ассиёқ,
Навиштанба хушаш не.

Ҳайфи писари нағзам,
Ба занаш ҷурӣ шудас,
Ҳайфи шири додагим,
Манро фаромӯш кардас.

Фабриканда кори ман,
Ба халқам даркорӣ ман,
Ба шавҳари корнодон,
Намекунам зорӣ ман.

Модари угай, мана,
Ин қадар нате азоб,
Бувакама ёд кардам,
Дилакам шудас кабоб.

Обпартоя обаш не,
Баротбоя тобаш не,
Тӯй карданӣ шудасту,
Духтароя бобаш не.

Писари Абдул-хутук,
Мо барин забон дорад,
Аз даҳанаш ҳамеша
Барфу борон меборад.

Толеҳамба гардам ман,
Духтарако гул барин,
Меарзад барояшон,
Ман шавам булбул барин.

Ҷаву гандум сар кашид,
Сар кашиду бар кашид,
Пухтан замоно равем,
Шодикунон даравем.

Эй духтари чилкокул,
Қокул парешон мекунӣ,
Қокулонат майдаю,
Аз дур намоён мекунӣ.

Гули сурх аз даст дода,
Гули зебо намеёбам,
Ба гирду гӯшаҳо рафта,
Туро танҳо намеёбам.

Пахта чинӣ, тоза чин,
Хонашанда намонад,
Ёр гирӣ гар, дида гир,
Дилба армон намонад.

Аз боло шамол омад,
Аз пойин ёрам омад,
Чаккашанда гули сурх,
Ороми ҷонам омад.

Боғи боло теракзор,
Терак шинондан даркор,
Барои қаҳрамонӣ,
Арақ резондан даркор.

Лави дайронда райҳон,
Шохзанишба ман ҳайрон.
Илоҳӣ фашист мурад,
Йигитҳо хонавайрон.

Чароғ барин месӯзам,
Тупи-симдӯз медӯзам,
Як тораш камӣ кунад,
Бо тори мӯм медӯзам.

Ошиқ шудам, ноз накун,
Бари рутба хол накун,
Ман фарзанди камбағал,
Ин қадар пардоз накун.

Лави ҳавза шамолаш,
Зебиҷона ҷамолаш,
Дасташанда рӯмолаш,
Ҳар дам гирад хумораш.

Олуча, гули бодом,
Ман духтараки додом,
Додом шинан чой хӯран,
Ман чойрезаки додом.

Тӯпи зардӯзим оқил,
Самарқанда сояшба,
Қони тилло тиядам,
Намерасам бояшба.

Анора дона кардед,
Маро бегона кардед,
Дар ишқамон бевафо,
Ёра бегона кардед.

Рӯмоли чун дар сарам,
Ҳама ғапам дар дилам,
Очамба рафта гӯед,
Аз домодаш бедилам.

Биви, биви, ғам нахӯр,
Як ҷумча ош кам нахӯр,
Дина бозор калон шуд,
Рӯмоли чун арзон шуд.

Лаби дарьё лаб бастам,
Қоғаз-хаташ дар дастам,
Ёрам мана ҷавоб дод,
Ман чаккамба гул хастам.

Лаби ҷӯянда дулона,
Шохашанда бедона,
Аз пуштаки Зебихон,
Аъзамҷон шуд девона.

Рӯи ҳавлӣ руфтагӣ,
Мошин қатор мондагӣ,
Ин замона духтарош,
Илми олӣ хондагӣ.

Шодон шавед, э ёрон,
Ҳар коргару ҳар деҳқон,
Совет додаст озодӣ,
Ба занону духтарон.

## ФОЛКЛОРИ БАЧАГОН

Як миқдор асарҳои гуногуншакл ва гуногунмазмуни халқӣ ҳастанд, ки онҳоро бачагон дар мавридҳои гуногун истифода мебаранд ва аз ин рӯ онҳоро фольклори бачагон меномем. Фольклори бачагон ҳамчун адабиёт аз тарафи калонсолон эҷод шуда, шавқу завқ ва рӯҳияи хурдтаракон ба эътибор гирифта

шудааст. Хусусияти забонӣ, услубӣ, мавзӯъ ва санъати тасвири бадей дар фольклори бачагон низ мушоҳида мешаванд.

Фольклори бачагон амсоли адабиёти бачагон мувофиқи синну сол ба қисматҳо ҷудо мешавад:

1. Фольклори бачагони синни то мактабӣ.
2. Фольклори бачагони синни хурди мактабӣ.
3. Фольклори бачагони синни миёнаи мактабӣ.
4. Фольклори бачагони наврас.

Ин тақсимот ба андозае шартӣ хоҳад буд, зеро ки байни синну соли якум ва дуюм ва сеюму чорум дар тавсияи асари бадей ҳудуди қатъӣ ва равшанро муайян кардан душвор аст.

Фольклори бачагон аз ҷиҳати жанр низ хеле гуногун мебошад.. Дар он сурудҳо бо оҳанги мусиқӣ, шеърҳои декламационӣ, суруду шеърҳои бозиҳо, тезгӯякҳо, чистонҳо ва афсонаҳо мешаванд. Ҳар яки ин жанрҳо дар баробари хусусияти фольклорӣ хусусияти пурраи асари бачагонаро низ доро мебошад.

Асарҳои бачагонаи халқӣ дар тарбияи эстетикӣ ва омӯзиши забони пурobу ранги бои мардум, инкишофи дарки паҳлӯҳои гуногуни ҳаёт барои кӯдакон аҳамияти калоне доранд. Як қисми онҳо бо этнография ва расму оинҳои маҳалҳо, бо таърихи гузашта ва фаҳмиши педагогии халқамон вобаста мебошанд.

### ТУРНА

Турна қатор меояд,
Арғамчинвор меояд.
Вақти баҳор меояд,
Мавсими кор меояд.
Дар мавсими баҳорон,
Дар домани кӯҳсорон,
Бисёр боло мепарад,
Ғазалсаро мепарад.
Турна қатор-арғамчин.
Болохонадор арғамчин.

### КАФШИ БИБӢ ТАР ШУД

Борон борид шар-шар,
Ба рӯи ҳавлию дар.
Кафши бибем тар шуд,
Бобом қаландар шуд.

### ШИБИР-ШИБИР

Шибир-шибир борон шуд,
Мавсими баҳорон шуд.

Оламе гулистон шуд,
Вақти кори деҳқон шуд.

### АЛАФ

Борон борад ба ёбон,
Алаф шавад ба говон,
Говони мо сер шаванд,
Шираш хӯранд бачагон.

### МӮЯМ ДАРОЗ КУН

Борони ҳамал,
Ба мӯям амал,
Мӯям дароз кун,
Дарозу соз кун.

### ШАМОЛ

Шамол биё,
Шамол биё,
Бачата хобонда биё,
Қокулта ҷунбонда биё,
Бачата хоб бурдаст,
Турбата об бурдаст.

### АБР

Абри гузар,
Тохта гузар,
Ягон-ягон
Чакида гузар.
Дурру гуҳар
Рехта гузар.

### ОФТОБ

Офтоб баромад,
Аз дар даромад.
Як лаъли марҷон,
Духтари Холҷон.

### ҲАВО, РӮТА КУШО

Ҳаво, ҳаво, рӯта кушо,
Тор-тораки мӯта кушо.

Дарҳои осмона кушо,
Хушрӯю тобона кушо,
Кӯдакон бозӣ кунанд,
Бозӣ кунанд, шодӣ кунанд.

## УВОРӢ

Увориё, уворӣ,
Майдон пури ҷуворӣ,
Ҷуворӣ хазон шудаст,
Қурбоққа калон шудаст.
Э қурбоққаи накшин,
Лаби ҳавзи мо бишин,
Саҳар хезу «қур-қур» кун,
Хоби келина дур кун!

## ШУТУРИ ҚАЗОҚӢ

Шутури қазоқӣ,
Полон ироқӣ,
Хӯрҷин тароқӣ,
Зону ямоқӣ!
Чашмаш оннача,
Пояш лаълича,
Думаш ҷорӯбча,
Пӯсташ ҷорукча,
Лабаш тавора,
Шикам нағора,

## БУЗАК

Ҳаво, ҳаво, ист, ист,
Бузи калам нест, нест,
Бузи калам дар айлоқ,
Ҳайфи хурмаҳои кок.
Бузи калам дар бармол,
Тори сараш сафедмол,
Боло мерам, меғӯтам,
Поён мерам, меғӯтам!
Ҳайфи карсои қурутам,
Калбузаки нобудам.

## ЯК ДАРЗА

Як дарза даравидам,
Ду дарза даравидам,

Овозаке шунидам,
Овозаки кӣ бошад?
Овозаки Хадича,
Остинаш пури кулча,
Кулча кучо мебарад?
Пеши бобо мебарад.

## ЧАЙРА

Чайра баромад дар адир,
Дар дахони чайра фатир,
Бобома кардаст чазир,
Чайра баромад тохта,
Хар хоракош сих сохта,
Дар сари чайра пухта.
Чайра тарсонд калбуза,
Сайри полиз то рӯза,
Бобо, чӣ шуд харбуза?

## ДАВИДЕМУ ДАВИДЕМ

Давидему давидем,
Сари Чорсу расидем,
Усмаи тар харидем,
Пеши келин давидем.
Келин дар болохона,
Домод дар меҳмонхона.
Келин зулфаша тоб дод,
Домод аспаша об дод.

## ГАРДАМ САРАКИ ДОДОМ

Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом мана нағз бинад,
Гардам сараки додом.
Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом,
Додом, ки ба боғ ояд,
Ман дум-думаки додом,
Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом.
Додом мана гум кунад,
Ман дар бараки додом.
Олуча гули бодом,
Ман духтараки додом,

Додом шишта чой хўранд,
Ман чойрезаки додом.

## БОЗЙ КУНАМ

Дадам харид радиё,
Симчаҳояш аз тилло.
Радиёро гўш кунам,
Овозашро хуш кунам,
Ба созаш бозй кунам,
Очама розй кунам.

## АСПИ АЛО

Давидему давидем,
Сари бозор расидем,
Аспи ало харидем,
Аспи ало зин гўяд,
Қамчини накшин гўяд,
Савори лочин гўяд.

## АЗ БОЗОР ЧЙ МЕОРЙ?

— Эй акаи саворй,
Аз бозор чй меорй?
— Як шаддаи марворй,
Як кавшаки булғорй,
Як куртаяки атлас,
Як камзўлаки адрас,
Як токии зардўзй,
Як рўмоли гулдўзй.

## СЕ ДУХТАРАКОН

Се духтаракон будем,
Лолачинакон будем.
Давидему давидем,
Ба чўи нав расидем.
Чўи нава обаш нест,
Дугонема хобаш нест.
Як хол дорад дугонем,
Ду хол дорад дугонем,
Се сол бозо надидам,
Чй хол дорад дугонем?

## ДАР ТАГИ АНҶИР

Таги анҷир суфача,
Суфачаба намадча,
Намадчаба курпача,
Курпачаба Шафоча.
Шафочаба камзулча,
Қамзулчаба кисача,
Кисачаба дулона,
Дулонаая об бурдаст,
Шафочая хоб бурдаст.

## МУСИЧАИ ЗАРГАР

Мусичаи бегунох,
Рӯи сандалӣ баро,
Аз нулакат муччӣ кунам,
Аз думакат кайчӣ кунам.
Мусича гуфт:— Заргарам,
Тавқи зар дар гарданам,
Имрӯз тӯи хоҳарам,
Хабар барам ба модарам.

## ЗОҒИ АЛО

— Зоғи ало,
— Қар-қари қар!
— Куҷо равӣ?
— Лаб-лаби ҷар,
— Чӣ мечинӣ?
— Меваи тар.
— Чӣ мепазӣ?
— Ҳалвои тар.
— Кай мехӯрӣ?
— Вақти саҳар,
— Кай мемумрӣ?
— Соли дигар.

## МУРҒИ ДАШТӢ

— Эй мурғи даштӣ,
Аз кӯҳ гузаштӣ?
Бобома дидӣ?
Савғома додӣ?
Бобом саломат?
Аз рӯзи рафтан

Чаро то ин дам
Хаташ наомад?

## ФАРОШТУРУК

Фароштурук,
Фароштурук,
Думат микроз,
Омадӣ боз?
Аз лаби сой,
Овардӣ лой,
Шифти хона,
Сохти лона.
Лонаат шуд
Аз бача пур,
Бо бачахот
Ширкулча хур.

## ШУТУР ДАР КУҶО?

— Шутур дар куҷо?
— Дар баландие!
Бинии шутур
Зуғотабандие,
Чашмони шутур
Ойначабандие!
— Шутур дар куҷо?
— Дар баландие!
Сараки шутур
Саллабандие,
Шиками шутур,
Бахчабандие!
— Шутур дар куҷо?
— Дар баландие!
Пойхои шутур
Рафидабандие,
Дахони шутур
Каф-кафандие!
— Шутур дар куҷо?
— Дар баландие!
Дандони шутур,
Хоракандие,
Гӯшхои шутур
Найзабандие!
— Шутур дар куҷо?
— Дар баландие!

Гардани шутур
Қачкаландие,
Қуҳони шутур,
Гаҳворабандие!
— Шутур дар кучо?
— Дар баландие!
Лабҳои шутур
Заѓорабандие!
Думҳои шутур
Чорубчабандие!
— Шутур дар кучо?
— Дар баландие!

### МАЛЛА

Малла хурду чаққон аст,
Дум-думи бачагон аст,
Гушҳои малла лаққа,
Дар гӯши малла халқа.
Ак-ак ба акка кунад,
Ҳамла ба такка кунад,
Рӯз паи гурба давад,
Шом, ки шавад, хоб равад,
Мурѓака рӯбоҳ барад,
Бегоҳу пагоҳ барад.
Малла парво надорад,
Парво асло надорад.

### АККА БАЧАИ АЛО КАРД

Акка бачаи ало кард,
Як бачаи бало кард.
Сӯи куча равон кард,
Рӯи сангон давон кард.
Гурба омад, хафа кард.
Боша омад, тала кард.
Булбул омад, нола кард,
Очаш омад, зора кард.

### ЧУМЧУҚИ ДАШТӢ

Чумчуқи даштӣ,
Гаштиву гаштӣ,
Барои мӯят
Шона наёфтӣ,
Шона ки ёфтӣ,

Хона наёфтӣ,
Хона ки ёфтӣ,
Дона наёфтӣ.

## АККА

Акка, акка, ало ту,
Думат боло, бало ту.
Қанотакат рахти ту,
Дарахтакон тахти ту.
Акка, акка, пар дорӣ,
Аз ҳар ҷо хабар дорӣ.
Нома аз додар биёр,
Муждаи хоҳар биёр.

## ПАР-ПАР

Момопара, парвоз кун,
Руят суи Дарвоз кун.
Корду камона гир,
Қулвори нона гир.
Болакота соз кун,
Тезтарак парвоз кун.
Лаб-лаби руд бипар,
Баланду дур бипар.

## ЧАНБАРШОХАК

Рафтам деҳак,
Дидам бузак,
Хурду пастак,
Шохаш каҷак,
Шир пурсидам,
Ширам надод,
Панир гуфтам,
Панир надод.
Гирифтамаш
Руи кафак,
Номаш кардам
Чамбаршохак.

## ПИШӢ, ТУ КУҶО АЛЛА?

— Пишӣ, пишӣ, лолои ту,
Мошони мо бобои ту.

Аз кучэ гаштанҳои ту,
Чоруқ чамонд дар пои ту.
Саг пуштаки дар хуфта,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Рӯбоҳ ба шикор рафта,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Бомак ғарами пахол,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Танурак пури алов,
Пишӣ, ту куҷо алла?
Ҷӯяк шилдираси об,
Пишӣ, ту куҷо алла?
— Дари мушхона алла.
Таги остона алла.

## САГИ СИЁҲИ МАЙДА

Саги сиёҳи майда
Гурбая сур мекунад.
Гурбачаи думҳалка
Мушака дур мекунад.
Мушаки думкалта
Гелоса хур мекунад,
Гелоси зарди саврӣ
Шикама пур мекунад.

## МОМОЧУРҒОТАК

Момоҷурғотак
Ҷаро ту хурдак?
Болу паракат
Сурхаку зардак-
Ҷаро ту мудом
Аз саҳар то шом
Боло мепарӣ?
Куҷо мепарӣ?
Момоҷурғотак,
Ҷурғотат канӣ?
Соли Нав омад,
Савғотат канӣ?

## ШИКОР РАВАМ?

Як хурма панир дорам,
Як лаби фатир дорам,

Як тозии пир дорам,
Як катори тир дорам,
Як тои лаванд дорам,
Ҷӯраи гаранг дорам,
Шикор равам?
Е наравам?!

## ПИШАҚ ОМАД ЛАБИ БОМ

Пишак омад лаби бом
Аз барои шири хом.
Шир наёфту алам кард,
Аз алама варам кард.

## БИЕ БАҲОР

Биё, баҳор, бозӣ кунем,
Чумчая наққошӣ кунем.
Чумча ба мо об диҳад,
Оба ба полиз диҳем.
Полиз ба мо сабча диҳад,
Сабчая ба модгов диҳем.
Модгов ба мо шир диҳад,
Шира ба деҳқон диҳем.
Деҳқон ба мо ғалла диҳад,
Ғаллая ба осиё диҳем.
Осиё ба мо орд диҳад,
Орда ба элак диҳем.
Элак ба мо бехта диҳад,
Бехтая ба суфра диҳем.
Суфра ба мо хамир диҳад,
Хамира ба танӯр диҳем.
Танӯр ба мо кулча диҳад,
Кулчая ба чӯпон диҳем.
Чупон ба мо барра диҳад,
Баррая ба бозор барем.
Китоба аз дукон харем,
Китоба, мо хонда шавем,
Китоб ба мо савод диҳад.

## МУШАК

Мушак-мушак, дандон бидеҳ,
Хирмани гул, майдон бидеҳ,
Гандум бидеҳ, кучӣ кунам,
Ордак бидеҳ, кулча кунам.

Тухмак бидех, дандон кунам,
Дандонаки сандон кунам.
Чормағз бидех, чақ-чақ кунам,
Писта бидех, чиқ-чиқ кунам.

## РАФТАМ ҲАВЛИИ ХОЛАМ

Офтоб баромад ба олам,
Рафтам ҳавлии холам.
Холам гуфт: — Ҷони ширин,
Қамтарак ҳезум бичин.
Аз боғу майдону тал
Ҳезум чидам як бағал,
Холам фатир кард,
Кулчаҳои башир кард.

## МУШАК-МУШАК

Мушак, мушак, гардоне,
Осиёби вайроне.
Орда биёр, кулча кунем,
Ба руи лаълича кунем.
Атолаи кочӣ кунем.
Орд ки нест, бо чӣ кунем?
Гандума деҳ, бирьён кунем,
Дар тагаки дандон кунем.
Чормағза деҳ, ғелон кунем,
Пистая деҳ, хандон кунем!

## БОФ-БОФ

Зилзилламоҳ, найча биёр,
Қалобаи оча биёр,
Аз дару дарбача биёр,
Сабади пуркулча биёр.
Найчая пур-пур кунем.
Кулчаи хур-хур кунем.
Боф-боф кунем дар дукон
Курта шавад ба Мавлон.

## ЧИЛ АСПИ БАБОР ОМАД

Аз боло ғубор омад,
Чил аспи бабор омад.
— Аспҳоро куҷо бандем?

— Дар беди катор бандем.
— Қамчина куҷо монем?
— Дар шохи чинор монем.
Шохи чинор канда шуд,
Бибиниёз банда шуд,
Бибиниёз — чӯби хушк,
Қокулонаш бӯи мушк...

### ГУРБАИ МАН

Гурбаи ман халкадум,
Ҷои хобаш паси хум,
Сари роҳаш муши шум,
Ҷабраки ҷони мушон
Гурбаи ман паҳлавон,
Дар пушташ сияҳкамон,
Ба сари муш шуд равон,
Ҷабраки ҷони мушон.
Гурбаи ман алояст,
Алояки балояст,
Сайёди бебаҳоят,
Ҷабраки ҷони мушон.

### ХАДИЧАҶОН БУЛБУЛЕ

Як думаку ду думак,
Сирпиёзу гандумак.
Гандума даравидем,
Овозаке шунидем,
Овозаки кӣ, оча?
— Овозаки Хадича.
Тохтем, рафтем сари пул,
Ёфтем як дастаи гул.
Ҳар гулеву ҳар гуле,
Хадичаҷон булбуле.
Хадича дар гулзор буд,
Похояш пури хор буд.
Пеши Хадича рафтем,
Хораша гирем, гуфтем.
Хадичаҷон «ҳай-ҳай» гуфт,
Бибиҷонаш «ҳай-ҳай» гуфт

### ЛАКЛАКИ ҲИСОРӢ

— Эй лаклаки ҳисорӣ,
Ту хона куҷо дорӣ?

Дар шохи чанор дорам,
Сад хона катор дорам.
— Эй лаклаки ҳисорӣ,
Ба хона чӣ меорӣ?
— Маскаву панир орам,
Кулчаву фатир орам.

### ДЕВОРАКА КОФТЕМ

Деворака кофтем,
Сӯзанака ёфтем.
Сӯзанаки кӣ бошад?
— Сӯзанаки Назокат!
Назокатҷон — гули боғ,
Зулфаконаш пари зоғ.
Зулфакоша бофтем,
Паси гӯш партофтем.

### САРАК-САРАК

Сарак-сарак сароша,
Ҳалкекон тиллоша,
Ӯрдак барад пароша,
Далеш чиҳо биёрад?
Куртаи кимхо биёрад,
Инаша пӯшад, мезебад,
Ваяша пӯшад, мезебад.
Сарак-сарак сароша,
Ӯрдак барад пароша.
Дадеш чиҳо биёрад?
Себи ширин биёрад,
Гӯшти бикин биёрад.
Сарак-сарак сароша,
Ӯрдак барад пароша.

### САВОР ОМАД

Дакар-дукур кӣ омад?
Аз боло савор омад,
Аз мулки Ҳисор омад,
Бобо Зулфикор омад.
Қамчин думи мор омад,
Сандук ба канор омад,
Чил аспи катор омад.
Дар тагаки дарвоза

Момои Хумор омад,
Ҳамчун гули нор омад,
Монанди баҳор омад.

## ДАСТЕРИ ДОДО

Додо, калонак шудаям,
Кӯчадавонак шудаям,
Китобхонак шудаям,
Додо, ба ман китоб харед,
Додо, мана мактаб баред.
Додо, манам дилсӯзатон,
Ҷома, гиребондӯзатон,
Хурсандии харрӯзатон.
Додо, ба ман дафтар харед,
Додо, мана мактаб баред.

## ДАРВОЗА НИГИН ДОРАД

Ҳо частаму ҳо частам,
Румолчаба нон бастам.
Ани бибиҷон рафтам,
Гӯгирдаша гум кардам,
Оловаша пуф кардам.
Дидам таги дарвоза
Ду духтари пурғоза,
Муҳоша ваҷаб кардам,
Андар таги дарвоза.
Дарвоза нигин дорад,
Қулфи мармарин дорад.

## ШАБПАРӢ

— Шабпариё, шабпарӣ,
Маро куҷо мебарӣ?
— Шаҳри калон мебарам,
Кавши калон мехарам.
— Ҷамолаке, ҷамолак,
Аз они кӣ, Камолак?
— Ҷамолаки Гулпарӣ,
Кокулакош хайдарӣ.
Рафтам таги дулона,
— Биё,— гуфтам,— дугона!
Як коса шир овардам,
Нону фатир овардам.

## БУЗАКАМ, ЧИГӢ-ЧИГӢ

Як буз дорам, кабуд аст,
Чояш таги мурӯд аст,
Хурма пури қурут аст,
Бузакам, чигӣ-чигӣ!
Бузакам шохкалон аст,
Пеши моли чӯпон аст,
Ачалаки гургон аст,
Бузакам, чигӣ-чигӣ!

Бузаки шӯхам тоқ аст,
Почадарози коқ аст,
Саркашаки айлоқ аст,
Бузакам, чигӣ-чигӣ!
Бузакамро, ки ҷӯшам,
Ширакашро фурӯшам,
Ҳалқа харам ба гӯшам,
Бузакам, чигӣ-чигӣ!
Ҳой-ҳой, амаки чӯпон,
Бузма надеҳ ба гургон,
Аз ту мегирам товон,
Бузакам, чигӣ-чигӣ!

## ГУНҶИШКИ МӮЗАСУРХАК

— Гунҷишкаки мармарӣ,
Ба додом хабар барӣ.
Хоб бошад, бедор кунӣ,
Бедору ҳушёр кунӣ,
Ба ароба савор кунӣ,
Қорвона қатор кунӣ.
Ба пешвозаш бароям,
Сари роҳаш гул корам.
Мармарранг гунҷишкак,
Гунҷишки мӯзасурхак,
Агар додом биёрӣ,
Саҳар ё шом биёрӣ
Рӯмол ба сарат дӯзам,
Пӯшок ба барат дӯзам.

## РӮБОҲАК

— Ман рӯбоҳаки чусту чаққонам,
Дар ҷанги мурғон шери жаёнам.
Мириҳазори бузғолагонам,
Дар доми сайёд асло намонам.

Ман мурғаконро аз дарахт гирам,
Хурӯси тоҷдор аз тахт гирам.
Шаб ангури боғ ба ғорат барам,
Нест ғайри дуздӣ кори дигарам.

### ХАРИ СИЁҲ

Хари сиёҳ шохи харон.
Аз маллаи мо ҳам калон.
Охурчаяш дегчаи мис,
Хурокаш мағзу мавиз.
Ҳангии ҳанг аст хари мо,
Ҳай, дакаданг аст хари мо.

Ҳар шом надиҳам нимча ҷав,
Сер нашавад аз каҳи нав,
Бисёр баланд ҳанг мезанад,
Ба гӯши мо санг мезанад.
Ҳангии ҳанг аст хари мо,
Ҳай, дакаданг аст хари мо

Ҷава ки хӯрд, дам шавад,
Гӯшаша молем, хам шавад,
Гарданаша тих-тих кунем,
Гуракаша пих-пих кунем.
Ҳангии ҳанг аст хари мо,
Ҳай, дакаданг аст хари мо.

Хари сиёҳа наъл кунем,
Лаҷомаша аз лаъл кунем.
Полонаш аз кундал кунем,
Пордумаш аз бахмал кунем.
Ҳангии ҳанг аст хари мо,
Ҳангии дакаданг аст хари мо.

### МУРҒАКАМРО РӮБОҲ БУРД

Мурғаки ман сафед буд,
Қатакаш таги бед буд.
Мурғаки ман куланг буд,
Пои чапаш ланг буд.
Мурғаки ман хушпар буд,
Параш пари кафтар буд.
Аз куча ёбад дона,
Як донаю сад дона,
Ба чӯҷаякош медод,
Чӯҷаякони хушзот,

Як саҳар хестам, кофтам,
Мурғакама наёфтам.
Чанд хонаю дар рафтам,
Поёнаки чар рафтам,
Даруни ғора кофтам
Парҳои мурға ёфтам.
Рўбоҳ, туро банд кунам,
Пояката ланг кунам,
Дигар накунӣ ҳавас,
Хўрдани мурғаки кас.

### ХА — ДУРСӢ

Ҳулгиначон, ҳулгина,
Пилта кашум гулгина,
Ҳадурсӣ, дурсӣ, дурсӣ,
Баро болои курсӣ.

Дуруғгӯй аф-афӣ,
Рӯзи чумъа, мекафӣ.
Ҳадурсӣ, дурсӣ, дурсӣ,
Баро болои курсӣ.

Қаллакалони ғӯрадуз,
Боғба даро ангура дуз.
Ҳолӯндӣ, лӯндӣ, лӯндӣ,
Пушти хонет баландӣ.

Отурмаю отурма,
Дегҳо пури қотурма.
Ҳолӯндӣ, лӯндӣ, лӯндӣ,
Пушти хонет баландӣ.

### АРҒУНЧАҚ

Арғунчаку белинчак,
Ман духтари келинчак,
Қелинчак хамир кардас,
Ҳезумаш камӣ кардас,
Бобом ба ҳезум рафтас,
Арғамчина гум кардас,
Арғамчин дар боғи мо,
Себи сурх, анори мо,

## ТЕЗГӮЯКҲО

Ин тутча ба ин тутча,
Миёнангиш читу тутча?
Як хар харбуза хар,
Буза хар бе харбуза.
Шиш шишаю бист шиша бисту шиш шиша.

Куштам шубуши шубушкуни шишпоро.
Сад саг ба се саг як саду се саг.
Як мушт писта ба бист мушт писта.
Сад сар як сар яксар дарди сар.

Шаш шаршара дар дара,
Дар дара шаш шаршара.
Чалпак чалабу чалаб лабу лаб чали чалпак.
Панчу ду панч поиздаҳ, чилу чору шоиздаҳ.
Аз чил тӯп чити шумо чил тӯпи чити мо хубтар аст.
Чокак чок гуфт, гунчишк чик.
Сармои сахт шиша шикаст,
Шохи шамшод шилшила баст.

Як кал таҳи пал, як как миёни пал, як кал болои пал,
Қали таҳи пал, ба кали миёнаи пал гуфт, ки эй кали миёни пал марзи мани кали таҳи палро намедиҳӣ?

## МУРҒАК

Бале, мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.

Шағол мурғакро бурда буд,
Қадом мурғакро бурда буд?

Ҳамон мурғаки болсурхи пӯпидори чӯчадори думсафедро, ки бобом ба сад динор харида буд.

Бале, мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.

Сагак шағолра хӯрда буд,
Кадом шағолро хӯрда буд?

Ҳамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯчадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

Бале, мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.

Чӯбак сагакро зада буд,
Кадом сагакро зада буд?

Ҳамон сагакро, ки шағолро хӯрда буд, ҳамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯчадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

Бале, мурғак, бале,
Бечора мурғак, бале.

Алав чӯбакро сӯхта буд,
Кадом чӯбакро сӯхта буд?

Ҳамон чӯбакро, ки сагакро зада буд, ҳамон сагакро, ки шағолра хӯрда буд, хамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯчадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

Бале, мурғак бале,
Бечора мурғак, бале.

Обак алавро кушта буд,
Кадом алавро кушта буд?

Ҳамон алавро, ки чӯбакро сӯхта буд, ҳамон чӯбакро, ки сагакро зада буд, ҳамон сагакро, ки шағолро хӯрда буд, ҳамон шағолро, ки мурғаки болсурхи пӯпидори чӯчадори думсафеди бобом ба сад динор харидаро хӯрда буд.

## ЖАНРҲОИ НАСРИ ФОЛКЛОРИ ТОЧИК

Насри фольклори точик хеле кадимӣ ва бузургу гуногун аст. Вай барои «Шоҳнома»-и Абулкосим Фирдавсӣ, бисьёр достонсароёни гузашта, китобҳои халкии амсоли «Самаки айёр» на танҳо ғизо бахшидааст, балки замина ҳам гардидааст.

Насри фольклорӣ дар байни мардум низ хеле маълум аст ва яке аз машғулиятҳои ҳаёти маънавии халқ мебошад, ки дар гузашта аксарият аз он баҳравар будаанд. Бехуда нест, ки насри фольклори точик дар замони мо чанд бор нашр шудааст, ба забонҳои бисьёре тарчума кардаанд ва имрӯз бо шаклҳои гуногуни корҳои тарбиявӣ-ахлокӣ истифода мебаранд.

Дар байни насри фольклори точик жанри афсона мавкеи махсусе дорад. Дар афсона ғояи баланду амик, андешаҳои ахлокию дидактикӣ, инъикоси бадеии ҳаёт дучор мешаванд,

ки аз таърихи тафаккури ҷамъияти гузашта шаҳодат медиҳанд.

Афсона — асари насрии эҷодиёти даҳанакии халқист, ки бо мурури замон ташаккул ёфта, дар фольклор ҳамчун жанр устувор гардидааст. Вай ҳам басо хаёлӣ, ки аз ҳодисоти гуногуни бостонӣ, ҳам реалӣ, ки аз вокеаҳои зиндагии одамон таркиб ёфта, бо мақсади дарк намудани ҳаёт, талкини андешаҳои дидактикӣ, ғоявӣ-эстетикӣ вобаста бо ҷарёни мафкураи замон ва гӯянда нақл карда мешавад. Баъзе аз намудҳои жанрии афсона бо фаъолияти меҳнатии инсон зич алоқаманд буда, ба андозае ҳақиқати таърихии ин ё он давраи ҷамъияти инсониро инъикос менамояд. В. И. Ленин аз ин бобат гуфта буд: «Дар ҳар афсона унсурҳои ҳақиқат вуҷуд доранд». «Унсурҳои ҳақиқат», ки В. И. Ленин дар назар дорад, ҳам дар ғояи асосӣ, ки тору пуди асари фольклориро ба вуҷуд меорад, ҳам дар мундариҷаи асари афсонавӣ ва ҳам дар системаи образҳову ҳамаи он воситаю усулҳои бадеӣ, ки афсонагӯй истифода мебарад, мушоҳида мешаванд. Дар айни ҳол муносибати зич бо ҳақиқат ҳеҷ гоҳ ба хаёлоти бадеӣ, ки аз хусусиятҳои асосии афсона мебошад, халал расонида наметавонад. Охир «хаёлоти бадеӣ» ё ин ки ба қавли А. М. Горький «бофта», на танҳо дорои материали дидактикӣ ва сазовори омӯзиш, балки бо фактҳои реалӣ алоқаманд буда, барои дидани оянда, пешбинӣ кардан ёрӣ мерасонад. Дар муқаддимаи китоби «Ҳазору як шаб» А. М. Горький навиштааст: «Дар дунё чизе нест, ки ибратомӯз набошад,— инчунин афсонае нест, ки дар он ҷузъиёти «дидактикӣ», таълимӣ ва ибратомӯз набошад. Дар афсонаҳо пеш аз ҳама ҳар чи ки хаёлан бофта мешавад, яъне он қобилияти ҳайратангези афкори мо, ки ба истиқболи дур парвоз мекунад, ибратомӯз аст. Ҳанӯз даҳҳо аср пештар аз ихтироъ карда шудани самолёт фантазияи афсонагӯён «Қолини парвозкунанда»-ро медонист, дар рӯи замин бо суръати фавқулодда ҳаракат карданро низ ҳамон афсона гӯён пештар аз ихтирои паровоз ва моторҳои газӣ ва электрикӣ хабар доданд.

Яке аз хусусиятҳои аҷиби одам фаросат (интуиция) яъне хусусиятеро, ки фикраи чизе ва ё ҳодисаеро пурра мекунад низ маҳз ҳамин хаёл, фантазия, ба майдон овардааст. Вақте мешавад, ки табиатшинос чизеро санҷида ва ҳисоб карда истода ногоҳ банд шуда меравад ва наметавонад, ки тадқиқот ва муоинoти худро баҳам банддад, аз онҳо натиҷаи пухта ва амалие ҳосил кунад. Он гоҳ ба ёрии ӯ фаросат мерасад: мумкин аст ин ана ҳамин тавр бошад? — гуфта, олим фикр мекунад ва ҷои канда шудаи муоинoти худро фикран пурра намуда, фаразияи худро ба амал меорад, ки дар натиҷа ё назарияи катъии илмӣ даст меояд, ё ки фактҳо ва таҷрибаҳо он фаразияро рад мекунанд.

Тахайюлот, аз худ бофтан, фаросат дар адабиёти бадеъ

низ роли ҳалкунанда мебозад. Муоина кардан, омӯхтан ва донистан кам аст: аз хаёл бофтан, эҷод кардан низ зарур аст. Эҷодиёт бо ҳам якҷо шудани майдаҷӯйдаҳои бисьёре ба шакли як воҳиди калон, ба сурати як чизи мукаммал аст. Он ҳама осори бузурги адабиёти дунёвӣ, он ҳама «типҳои» бузург Робинзон Крузо, Дон--Кихот, Гамлет, Вертер, Карамазовҳо, Обломовҳо, Безуховҳо ва ғайра ва хоказоҳо ҳамин тавр «халқ» шуда ва ба майдон омадаанд.

Дар байни осори оличанобн эҷодиёти даҳанакии халқ «Афсонаҳои Шаҳрзод» осорест бузургтар ва бошукӯҳтар. Майли ба «сеҳру афсуни хаёлҳои ширин» дода шудани халқи меҳнатиро ин афсонаҳо ба таври ҳайратовар ифода мекунанд, ин афсонаҳо қувваи пуршӯри хаёлоти халқҳои шарқ — арабҳо, форсҳо, ҳиндуҳоро ифода менамоянд.

Олимон муайян намудаанд, ки афсонаҳои хитоиҳо ду ҳазор сол пеш аз солшумории мо чоп гардидаанд. Онҳо аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмун бисьёртар ба афсонаҳои ҳиндӣ ва халқҳои Европа монандӣ доранд. Ба ҳам наздикии мавзӯъ ва васеъ паҳн шудани афсонаҳо натиҷаи аз як халқ ба халқи дигар иқтибосан гузаштани онҳостанд, ва ин вайрон шудани онҳо набуда, гоҳо ба хубе боз беҳтарашро илова кардан ҳам ҳаст.

Ҳолати аз халке ба халке гузаштани афсонаҳо ва пурра гардидани афсонаҳои қадимӣ бо хусусиятҳои маишии ҳар як ирқ, миллат ва ҳар як синф дар пешравӣ ва тараққии заковат ва эҷодиёти халқ роли муҳимме бозидааст. Одамон чизҳои навро на танҳо бо дидан ва ҳис намудан, балки ба воситаи шунидан низ шиносо мешаванд. Шояд афсонаҳо ба тараққии баъзе касбу ҳунарҳо — ба монанди кулолгарӣ, оҳангарӣ, бофандагӣ, аслиҳасозӣ ва ғайра низ восита шудаанд. Чи тавре ки ҳунарҳои дастӣ ба санъат омада мерасанд. Таъсири маданӣ бахшидани афсонаҳоро бо чизҳои бисьёре исбот кардан мумкин аст. Аммо муҳаққиқони таърихи маданият, инчунин санъат дар бораи вусъату қуввач нуфузи маданни афсонаҳо хеле кам ва норавшан сухан мекунанд.

Таъсир ва нуфузи эҷодиёти даҳанакӣ, хусусан ба адабиёти хаттӣ хеле зиёд ва бешубҳа аст. Аз қадим тамоми адибон аз афсона ва мавзӯъҳои афсонавӣ истифода мекарданд. Романи Апулей «Хари тилло» аз афсона гирифта шудааст. Геродот ҳам аз афсона истифода мебарад, дар «Декомерон»-и Бокагчо дар «Пентамерон», «Гектамерон» ва дар ҳикояҳси «Кентербери»-и Чоусера таъсири афсона тамом равшан аст. Гёте, Жанлис Бальзак, Жорж Санд, Додэ, Коппе, Лабуле, Анатоль Франс, Кармен Сильва, Андерсен, Топпелиус, Диккенс, Хемницер, Жуковский, Пушкин, Лев Толстой барин боз бисьёр нависандагон аз афсонаҳо фоида бурдаанд. Аз ҷиҳати шакл, сюжет ва дидактика ба эҷодиёти даҳанакии халқ вобаста будани адабиёти бадей тамом равшан ва аён буда хеле ҳидоятомез аст.

Хаёлот дар афсона одатан дар асоси ҳақиқати зиндагӣ ба тавриқ махсус ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳар афсона, ки чи хел мазмуни хаёлӣ дошта бошад ва дар бораи ҳар хел қаҳрамонҳои мӯъҷизакор сухан рафта бошад, хоҳунсхоҳ зиндагию кору амалиёти одами меҳнатиро тасвир мекунад, муносибату муомилоти одамон ва андешаю ҷаҳоншиносии мардум ифода меёбад.

Афсона асосан ба се навъи жанрӣ тақсим мешавад: **афсонаҳо дар бораи ҳайвонот (афсонаҳои тамсилӣ), афсонаҳои мӯъҷизаангез ё ки тилисмотӣ** (хаёлӣ), **афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ.**

Дар насри фольклори тоҷик жанрҳои **ҳикоят, ривоят, ёддошт, латифа** низ ҳастанд, ки мо инҳоро ба гурӯҳи **жанрҳои хурди насри фольклори тоҷик** дохил менамоем.

**Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот ё ки афсонаҳои тамсилӣ.** Ин навъ афсонаҳо дар ибтидои даврай тараққиёти ҷамъияти инсонӣ ба вуҷуд омада, барои одам аҳамияти амалии ҳаётӣ доштанд. Онҳо ҳикояте буданд, ки сайёдон дар ҳангоми шикор ва рӯбарӯ шудан бо ҳайвонҳо, паррандаҳо ва олами махлуқот аз ҳодисаю воқеаҳо нақл мекарданд. Дар баробари нақли воқеаи реалӣ ин ҳикоятҳо аз таъсири шаклҳои ифодаи тафаккури одамони ҷамъияти ибтидоӣ-зинда пиндоштани табиат ва ҳодисоти он (анимизм), эътиқод ба он, ки ин ё он қавме, авлоде аз ин ё он ҳайвоне ё растание ба вуҷуд омадааст, яъне тотемизм ва билоохир парастиш ва боварӣ ба мӯъҷиза, сеҳру ҷоду ба ҳодисоти муҳити худи инсон дур ва холӣ набуданд.

Бо мурури замон дар натиҷаи афзоиши фаъолияти меҳнатии инсон, вусъат ёфтани процесси ба хонагӣ мубаддалшавии ҳайвонҳои ваҳшӣ ва паррандагон дониши инсон дар бораи муҳит ва табиат меафзояд, ба қувваҳои фавқулоддаи табиӣ боварӣ суст шудан мегирад, ҳукмронӣ ба табиат зиёдтар мегардад.

Дар натиҷаи сусташавӣ ва тадриҷан барҳам хӯрдани муносибати соддалавҳона бо табиат ва ҳодисаҳои он дар нақли афсонаҳои тамсилӣ тағйирот ва навигариҳо ба амал меоянд, ба персонажҳои қадимии онҳо (ҳайвонот, паррандаҳо...) киноямез менигаранд. Образи бисьёр ҳайвонҳо, паррандаҳо аз тарафи ноқилон хандаовару даҳшатнок тасвир карда мешавад. Аз ҳамин замон образи ин навъ афсонаҳо хусусияти маҷозӣ, тамсилӣ пайдо мекунад. Ба ҳамин тариқ афсонаҳо дар бораи ҳайвонот тадриҷан хусусияти иҷтимоӣ-синфӣ мегиранд, ба жанри афсона мубаддал мешаванд.

Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот дар эҷодиёти ҳамаи халқҳо, аз ҷумла дар байни халқи тоҷик низ хеле бисьёранд. Персонажҳои онҳо ба мусбат ва манфӣ ҷудо мешаванд, дорои хислатҳои одамӣ буда, бо мақсади тарбияи инсон эҷод карда шудаанд. Дар байни ин навъ афсонаҳо асарҳое ҳастанд, ки бо тамасхуру истеҳзо ва ҳаҷву мазҳака хислатҳои бади одамӣ сахт танқид карда мешаванд. Дар ҷамъияти синфӣ бошад, синфҳои

ҳукмрону истисморгарон ба воситаи афсонаҳои тамсилӣ маҳкум карда шудаанд.

Ҳар яке аз персонажҳои афсонаҳои тамсилӣ хоси хислати ҷудогонаи одамӣ, яъне прототипи муайяне гардидаанд. Масалан, шер рамзи подшоҳ, рӯбоҳ рамзи шахси маккор, мӯрча — рамзи одами меҳнаткаш, харгӯш рамзи шахси тарсончак, қурбоққа рамзи одами беғаму бепарво, каждум — рамзи шахси бадкинаю бадкирдор, аккаи думдароз — рамзи одами лаққию хабаркаш ва ҳоказо.

Бояд гуфт, ки дар афсонаҳои ҳар халқ ин гуна рамзу прототипҳои одам дар байни ҳайвонот гуногун аст. Масалан, дар афсонаҳои русӣ хирс, ки зӯртарини даррандаи бешазори Россия аст, рамзи шахси ҳукмрони бераҳм мебошад. Гург бошад, рамзи одами ҷоҳили бераҳму риёкор, рӯбоҳ — рамзи шахси фиребгару дурӯяи аҳдшикан, харгӯш ва муш — рамзи заифӣ ва тарсончакӣ, хурӯс — рамзи боварию диловарӣ, уқоб — рамзи шуҷоат ва ахлоқи олӣ, шӯртан — рамзи интиқому бераҳмӣ, калхот — рамзи ҳарисӣ мебошанд.

Ҳамин тавр ҳар халқ мувофиқи шароити зиндагии худ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маданӣ, ҷуғрофӣ, таърихӣ) персонажҳои афсонаҳои худ ва хислатҳои одамиро дар онҳо ба вуҷуд овардааст. Бо вуҷуди он дар рамзу прототипҳои афсонаҳои тамсилии халқҳои гуногун умумият ва монандиҳо мушоҳида мешаванд.

Дар адабиёт ва дар байни мардуми тоҷик «Калила ва Димна», ки асосаш афсонаҳои ҳиндӣ мебошад, хеле машҳур аст. Дар ин китоб афсонаҳои тамсилии замонҳои қадим ва асри миёна гирд оварда шуда, аз тарафи муаллифону мураттибону мутарҷимон таҳрир карда шудаанд.

**Афсонаҳои мӯъҷизаангез ё ки тилисмотӣ** (хаёлӣ). Аз замонҳои хеле қадим давом дорад. Афсонаҳои мӯъҷизаангез дар заминаи аз нав ба таври бадеӣ андешидани нақлу ҳикояти ҷамъияти ибтидоӣ, ки аз ҳар ҷиҳати ҳаёту маишати инсон баҳс мекард, ба вуҷуд оварда шудаанд. Афсонаҳои хаёлии мӯъҷизаангез дар даврай вайроншавии сохти авлодӣ ба вуҷуд омада, ҷузъҳои реалии ҷудогонаи худро маҳфуз доштаанд, ки онҳо ба тарзи тафаккури он замон ва тасаввуроти одамони онвақта мувофиқат менамоянд. Муносибати модаршоҳии қадимӣ, парастишу муқаддас донистани аҷдодон, харгуна расму оин, дуохонӣ, қурбонӣ, тилисмоту ҷоду ва ҳоказо, ки аз зисту зиндагии қадимзамон гирифта шудаанд, дар ин навъ афсонаҳо вомехӯранд.

Инсон бо мурури замон сирри табиатро меомӯзад ва ба ин пешравӣ меҳнати ӯ ёрӣ мерасонад. Одамон на фақат муҳити худро дарк мекарданд, балки орзую омоле доштанд, ки меҳнату зиндагии худро осон созанд, дашту биёбонҳоро боғзору обшор намоянд, бо воситаи ёрии ҳайвонҳо, паррандаҳо, растаниҳо ва ҳар гуна предметҳои реалию хаёлӣ парвоз кардан, масофаю роҳи дурро дар андаке вақт тай кардан, ба воситаи

мӯъҷизаю сеҳру ҷоду осон кардани ғалаба ва фатҳу зафарро орзу мекарданду ҳар гуна роҳҳои мушкилкушои зиндагии худро фикр карда мебаровданд.

Ана ҳамин орзую хаёлҳои неки онҳо аввалин унсурҳои афсонаҳои мӯъҷизаангезу тилисмотии (хаёлии) даврaҳои ибтидоии ҷамъият гардидаанд, баъд бо мурури замон дар давраҳои минбаъдӣ, махсусан ибтидои феодализм ҳамчун жанри махсуси афсона ташаккул ёфтааст, дар ин бобат хизмати ноқилон, афсонагӯён, достонсароён хеле бузург аст.

Муносибатҳои феодалӣ ба мундариҷаи афсонаҳои мӯъҷизаангез ва системаи образҳо таъсири худро гузоштаанд. Ҳодисаю воқеаҳои ҳайратангез ва ғайри оддӣ, ки дар ин навъ афсонаҳо рӯй медиҳанд, бештар дар мамлакату давлатҳои хаёлӣ, дар қасру дарбори пурҳашамату сеҳрангези подшоҳон ба амал меоянд. Қаҳрамонҳои афсона ҳам шоҳон, вазирон, давлатмандон, паҳлавонҳо ва фарзанди ягони косиб, ҳунарманд ва ё деҳқоне мебошад. Воқеаҳои афсонаи мӯъҷизаангез ва персонажҳои онҳо таърихӣ набуда, эҷодиёти хаёлии гӯяндагону офарандагони афсона мебошанд. Одатан дар афсона ду қувва хайр ва шар зидди ҳамдигар мубориза бурда, ба воситаи персонажҳою предметҳои мӯъҷизанок қуввaи хайр ғолиб мебарояд, қаҳрамони мусбат ба мурoду мақсади худ мерасад. Персонажҳои хаёлии мӯъҷизаангез монанди симурғ, колини парвозкунанда, шамъдон, асби чӯбин, себи сурх, хизр, сандуқ, кил, шона, оина, нигин ба фаъолияту амалиёти қаҳрамони афсона ёрӣ расонида, мушкилкушои инсони накӯкор ва ғалабаовари адлу адолат мегарданд. Аз тарафи дигар персонажҳои қувваи бадӣ монанди дев, аждаҳо, мори ҳафтсар, кампири ҷалоҷинг, модари ӯгай, Заҳҳоки морон, шайтон, ҷин ва ғайра дар афсонаҳои мӯъҷизаангез ба муқобили адолат, ҳақиқат, кори хайр, бахту саодати инсон амал карда, бадбахтию фалокатҳо мебиёранд. Дар гузаштаи дур дар байни халқҳои Мовароуннаҳр ва Эрон мавҷуд будани мифҳо дар бораи Ҳурмуз ва Аҳриман ва муборизаҳои байни онҳо дар Авесто, баъд дар «Шоҳнома» ва дигар сарчашмаҳои қадимӣ зикр мешаванд.

Дар давоми ду-се ҳазор сол афсонаҳои мӯъҷизаангез хеле тағйир ёфтаанд, унсурҳои хаёлӣ, сеҳру ҷоду ва мӯъҷизаангезии онҳо бо мурури замон, тараққиёти ҷамъият, табаддулоти шуури инсон кам-кам аз миён рафтаанд.

Афсонаҳои мӯъҷизаангез ва хаёлӣ дар сюжет хеле мураккаб ва конфликти он хеле тезу тунд буда, фоҷиаи ҳаёти инсон ва даҳшатҳои он тасвир мешаванд, заду хӯрдҳои ғайри оддӣ ва ҳатто хаёлӣ диққати шунавандаро пурра ҷалб менамоянд. Аз ин сабаб афсона бештар эҳсосотӣ буда, аз забони гӯяндаи моҳир вай чун асари дидактивӣ таъсирбахш аст.

**Афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ.** Ин навъ афсонаро баъзе олимон афсонаҳои ҳикоятӣ мегӯянд. Ин афсонаҳо нисбат ба афсонаҳои мӯъҷизаангез ё ки хаёлию тилисмотӣ ва афсонаҳо дар

борахи хайвонот ё ки тамсилӣ хеле дер пайдо шудаанд, ва бо ҳаёту зисту зиндагии мардуми меҳнаткаш зич пайванд ҳастанд, мӯъҷизаю сеҳру ҷоду ва ҳодисоти хаёлӣ дар ин афсонаҳо мушоҳида намешаванд, персонажҳо ва қаҳрамонҳои афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ деҳқонон, косибон, бойҳо, савдогарҳо, кассоб, подабон, дуредгар, ҳунарманд, мулло ва ҳоказо мебошанд. Дар ин навъ афсонаҳо дар баробари сюжетҳои аз ҳаёти табақаҳои иҷтимоӣ ва зиндагию маишати мардуми шаҳру қишлоқ гирифташуда, бо таъсири зиддиятҳои иҷтимоии ҳаёти реалӣ, нобаробарию беадолатии иҷтимоӣ таъкид ва ҳаҷву тамасхури персонажҳои манфӣ бештар аён шуда меистад ва дар баъзе ҳолатҳо ошкоро равона шудааст. Бинобар ин афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ низ дорои хусусиятҳои ҳаҷвӣ буда, персонажҳои хоси ҳаҷвӣ амал мекунанд. Аммо бояд қайд кард, ки на дар ҳамаи ин навъ афсонаҳо ҷиҳати ҳаҷвӣ ва персонажи ҳаҷвӣ ҳатти асосии сюжетро ишғол кардааст ва ё умуман мавқеъ гирифтааст. Пас дар чунин ҳолат афсонаҳои иҷтимоӣ-маишӣ ба ду гурӯҳ, ҳаҷвӣ ва ғайриҳаҷвӣ ҷудо мешаванд.

## ЖАНРҲОИ ХУРДИ НАСРИ ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Латифа, ҳикоят, ривоят аз жанрҳои хурди насри фольклори тоҷик буда, ҳанӯз дар асри миёна гирд оварда, китобат шудаанд. Аммо бояд гуфт, ки дар он замон ба хусусияти жанрии ин навъ асарҳо эътибор надода, ҳамаашон бештар бо номи ҳикоят зикр шудаанд.

Дар замони мо ҳангоми нашри жанрҳои насри фольклор ба ғайр аз латифа дигар жанрҳо қариб ҳамеша бо номи афсонаҳо оварда мешаванд. Бинобар ин мо дар ин китоб дар се боб доир ба ин масъала андешаҳои худро баён карда, намунаҳои латифа, ҳикоят ва ривоятро пешниҳод кардем.

Гуфтан зарур аст, ки латифа, ҳикоят ва ривояте ки дар маҷмуаҳои асрҳои миёна оварда шудаанд, дар байни мардум маъмул будаанд ва аз забони мардум нақл карда мешаванд, ки ба ин суханҳои «овардаанд...», «гӯянд...» (дар оғози ҳикояту ривоят) шаҳодат медиҳанд.

### Латифа

Латифа жанри ҳаҷвие мебошад, ки аз қадим дар фольклори тоҷик мавқеъ дорад ва махсусан дар асри миёна ҳам дар байни халқ ба таври даҳонӣ, ҳам дар адабиёт ба таври хаттӣ эҷод карда шудааст, ки намунаи барҷастаи он «Ҷавомеъ-ул-Ҳикоёт ва Лавомеъ-ур-Ривоёт»-и Муҳаммад Авфӣ (нимаи дуюми асри XII ва нимаи якуми асри XIII) ва «Латоиф-ут-Тавоиф»-и Мавлоно Фахриддини Алии Сафӣ (асри XV) мебошад.

Хусусияти жанрии латифа дар он аст, ки нақли воқеаи асосӣ зуд сар шуда, зуд ба қулла мерасад ва дар ин процесси ба қулла расидан заминаи ханда ба вуҷуд меояд ва ҳамин ки воқеа авҷ гирифта ба қулла расид, таркиш (хандаи баланд) рӯй медиҳад ва мақсад ҳосил мешавад ва бо ҳамин латифа ҳам бо итмом мерасад. Ҳамаи ин процесс босуръат рӯй медиҳад.

Ин ҳама дар нақли кӯтоҳ ифода шуда, хусусияти жанрии латифаро ҳамчун ҳаҷви халқӣ баён менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат латифа ба ҳикоят шабоҳат мекунад, яъне латифа бо мӯъҷазияти худ, композицияи хосаш, тезу суръатнок инкишоф ёфтани мазмуну мундариҷаи худ ҳамчун жанри хурди фольклор дар байни мардум серистеъмол, паҳнгашта ва дӯстдошта мебошад. Ҳам дар замони гузашта, ҳам дар замони ҳозира зуд-зуд аз даҳон ба даҳон гузаранда ва нав-нав эҷодшаванда мебошад.

Латифаҳои замони гузаштаи фольклори тоҷик ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд.

1. **Латифаҳои зиддифеодалӣ.** Дар онҳо шоҳон, амирон, ҳокимон, давлатмандон, амалдорон, савдогарон ва дигар касони золиму истисморгари ҷамъияти феодалӣ танқиду тамасхур карда мешаванд.

2. **Латифаҳои зиддидинӣ.** Дар онҳо кирдукори муллоёни фиребгар: имом, шайх, қозию муфтӣ ва амсоли инҳо—арбобони дину шариат, макру найранги онҳо фош ва тамасхур карда мешаванд.

3. **Латифаҳои ахлоқӣ.** Дар онҳо танқиди феълу атвори бади одамӣ, хислатҳои нопоки шахсони гуногун масхара ва мазаммат карда шуда, ба ҳоли онҳо бо адовати сахт хандида мешавад.

Дар ин китоб ба ҳар се қисми латифаҳо намунаҳо оварда шудаанд.

Латифаҳое, ки дар замони советӣ эҷод шудаанд, дар мавзӯъҳои зиндагии нав буда, камбудию нуқсони кор ва одамони замони моро танқиду мазаммат намуда, дар ислоҳ кардану барҳам додани камбудиҳо ёрӣ мерасонанд.

Дар бисьёр латифаҳои дар замони мо эҷодшуда қаҳрамонҳои анъанавии латифаҳои замони гузашта, монанди Хоҷа Насриддин, Мушфиқӣ, Афандӣ ва ғайра, мотив ва ҷузъҳои баъзе латифаҳои пешина ба кор бурда мешаванд, ва ба мавзӯи нав мутобиқ кунонида шудаанд.

## Латифаҳои зиддифеодалӣ

### ТЕМУРИ ЛАНГ ВА МУТРИБИ НОБИНО

Темури ланг баъд аз Эронро истило кардан аз ҷанг ором гирифту талаб кард, ки ба базми ӯ мутриб ва созандагонро

даъват кунанд. Дар байни созандагон мутриби хушхони нобиное низ буд. Темур аз ӯ пурсид:

— Номат чист?

— Номам Давлат,— гуфт нобино.

— Давлат ҳам кӯр мешудааст-дия? — гуфт амир Темур.

Мутриби нобино ҷавоб дод:

— Агар давлат кӯр намебуд, ба ланг намеомад.

## МУШФИҚӢ ДАР ҲУЗУРИ АМИР

Рӯзе Мушфиқӣ дар назди подшоҳ нишаста бо ӯ суҳбат мекард. Дар ҳамин вақт вазири подшоҳ ярлиқе оварда ба дасти Мушфиқӣ дод. Мушфиқӣ ярлиқро хонда дид, ки подшоҳ дар бораи ӯро ба харҳо сардор кардан фармон баровардааст. Мушфиқӣ монанди амалдоршудагон мӯҳри ярлиқро ба чашмонаш молида, ярлиқро ба печи саллааш ҳалонид ва аз ҷояш хеста ба тарафи подшоҳ се бор таъзим карду аз вай болотар гузашта нишаст.

— Аз таъзимат маълум мешавад, ки аз ин амали ба ту додаам хеле хурсанд ҳастӣ. Аммо сабаби аз ман болотар нишастанатро нафаҳмидам.

Мушфиқӣ гуфт:

— Ҷаноби олӣ бо ин меҳрубонии худ худашонро ҳам дар зери фармони ман даровардаанд. Бинобар ин бо ҳукми олӣ ҳақ дорам, ки аз зоти олӣ болотар нишинам.

— Мушфиқӣ! — гуфт подшоҳ дар ғазаб шуда.— Ту бетамизиро аз ҳад гузарондӣ! Намедонам аз ту то хар чи қадар фарқ бошад?

Мушфиқӣ бо ваҷаби худ байни ҷои нишасти подшоҳ ва худро андоза карда дида гуфт:

— Фақат як ваҷаб фарқ будааст.

## НАДОНИСТА МОНДАНД

Подшоҳ ҳамроҳи Афандӣ ба меҳмонӣ мерафт. Баногоҳ аз сари роҳ як тӯда сагҳо аккосзанон бароманда, сари роҳи аспи подшоҳро гирифтанд.

Подшоҳ оташин шуда гуфт:

— Сагҳои лаънатӣ дар пеши ман ҳам аз феъли сагонаи худ намонданд!

Афандӣ подшоҳро тасаллӣ дод:

— Тақсир, ин дафъа аз гуноҳашон мегузаред, лаънатиҳо подшоҳи худашон будани шуморо надониста монданд...

## ЧОРПО МЕНАМОЕД

Як марди олус барои арз ба пеши подшоҳ омад. Подшоҳ ба ҷои шунидани арзу доди ӯ фикри вақтчокии худро карда, он марди олусро изо доданӣ шуда, пурсид:

— Ба назари олусҳо ҳар як чиз дуто шуда менамояд, мегӯянд, ҳамин гап рост аст?

Олус дарҳол гуфт:

— Ҳе, таксир! Масалан, ҳозир шумо ба назари ман чорпо менамоед!...

## ДУХАРА БОРРО БАРДОШТ

Рӯзе амир ва вазираш Мушфикиро ҳамроҳ гирифта бо як хизматгор ба саҳро баромаданд. Азбаски ҳаво бисёр гарм шуд, амир ва вазир ҷомаҳои калони вазниназшонро кашида ба кифти хизматгор бор карданд. Амир бо шӯхӣ ба Мушфикӣ нигоҳ карда гуфт:

— Хизматгори мо бақувват будааст. Якхара борро бардошт.

Мушфикӣ хандида гуфт:

— Не, таксир, духара борро бардошт.

## ПЕШГОҲНИШИН ШУДАГӢ

Амир бо мулозимонаш ногуфт якбора ба хонаи Мушфикӣ даромада меоянд. Дар пешгоҳи хонаи Мушфикӣ як хари калон ғелида хоб мекард. Амир мепурсад:

— Мушфикӣ, барои чӣ ба харатон аз пешгоҳи хона ҷой додед?

Мушфикӣ мегӯяд:

— Ҷанобӣ олӣ, шумо ба тахт нишастан боз харҳо ҳама пешгоҳнишин шудагӣ!...

## БАҲОИ ҲАҚИҚИИ АМИР ТЕМУР

Амир Темур ба Афандӣ гуфт:

— Шоирон ҳамеша дар қасидаҳои худашон маро аз ҳад зиёд таъриф карда ба осмони ҳафтум мебардоранд. Лекин дар ин ҷо, ки танҳо ҳардуямон нишастаем, бе риёкорӣ баҳои ҳақиқии маро муайян карда гӯй, ки ба чӣ меарзам.

— Шумо ба ҳазор танга меарзед! — гуфт Афандӣ.

— Бисёр ноинсофона баҳо додӣ,— гуфт амир Темур.— Ман фақат ҳамин камарбанди бастагаштагиамро ба ҳазор танга харида будам.

Афандӣ гуфт:

— Тақсир, ман ҳам ин баҳоро фақат ба камарбанди шумо додам.

### ХУДОИ ХАБДАҲ ҲАЗОРУ НӮҲСАДУ НАВАДУ НӮҲ ОЛАМ

Рӯзе амири Бухоро ба Мушфиқӣ гуфт:

— Агар ман як рӯз тахти худамро ба ихтиёри ту диҳам, дар ҳаққи ман чи гуна дуо мекунӣ?

Мушфиқӣ ҷавоб дод:

— Дуо мекунам, ки худои ҳабдаҳ ҳазору нӯҳсаду наваду нӯҳ олам ба шумо амирии охиратро бахшад...

— То ҳол,— гуфт амир,— мардум дар вақти дуо «худои ҳаждаҳ ҳазор олам» мегуфтанд, ту ҷаро як оламро кам кардӣ?

— Зеро,— гуфт Мушфиқӣ,— як оламаш мамлакати шумо буд, ки аз шарафи ҳукмронии шумо тамоман нест у нобуд шуд ва дар натиҷа ҳабдаҳ ҳазору нӯҳсаду наваду нӯҳ олам боқӣ монд.

### МАРД БОШӢ, БА ҶОИ МАН ГУЗАШТА ИСТО КАНӢ

Мушфиқӣ як вақт золимии амирро тасвир карда як шеър навишта буд. Амир аз ин бохабар шуда, ба ҷаллод фармуд, ки Мушфиқиро оварда дар пеши назараш қатл кунад.

Мушфиқиро ёфта оварданд. Аз даҳшат тамоми аъзои бадани Мушфиқӣ меларзид. Яке аз аҳли дарбор ба ин ҳоли Мушфиқӣ хандида гуфт:

— Ин чӣ номардӣ ва буздилӣ! Аз мурдан одам ҳамин қадар ҳам метарсад-чӣ?!

— Агар, ту мард бошӣ, биё, ба ҷои ман гузашта исто-канӣ! — гуфт Мушфиқӣ.

### МУШФИҚӢ ПОИ РОСТАШРО ФАРОМӮШ КАРДААСТ

Мулозими амир як рӯз ба Мушфиқӣ бисёр таъкид кард, ки ҳар гоҳ ба ҳузури амир даромаданӣ шавед, ба услуб ва одоби дарбор риоя кунед, масалан, аз дар бо пои рост дароед.

Рӯзи дигар, ки амир Мушфиқиро ба назди худ чеғ зад, дар пеши остона гуфтаҳои мулозим ба хотири Мушфиқӣ расид, аммо ҳарчанд фикр кард, пои чапу росташро фарқ карда натавонист. Бинобарин якбора бо ҳар ду пой аз остона ҷаҳида ба назди амир даромад.

## ТАЪБИРИ ХОБИ АМИР

Амир як шаб хоб бинад, тамоми дандонҳояш рехтаанд. Вай мунаҷҷимро ҷеғ занонда, таъбири хобашро пурсидааст. Мунаҷҷим гуфтааст:..

— Таъбири ин хоб ҳамин ки фарзандон ва хешу табори шумо пеш аз худи шумо мемиранд.

Амир бо шунидани ин гап якбора оташин шуда ба ҷаллод фармудааст, ки он мунаҷҷимро қатл кунад. Баъд амир таъбири хобашро аз Мушфиқӣ пурсидааст. Мушфиқӣ гуфтааст:

— Таъбири хобатон нек аст, яъне ҳазратам аз тамоми фарзандон, хешу таборҳон худ зиёдтар умр мебинанд...

Ин сухан ба амир хеле писанд омада, ба Мушфиқӣ инъом додааст.

## МОНАНДИИ ПОДШОҲ ВА АФАНДӢ

Ба подшоҳе гуфтаанд, ки дар шаҳр як мард ҳаст, ки ба шумо бисьёр монанд аст ва ҳама ӯро Афандӣ меномад. Подшоҳ амр дод, ки он шахсро гирифта ба дарбор биёранд ва хост, ки барон вақтчоқӣ ӯро масхара кунад.

Вакте ки Афандиро оварданд, подшоҳ гуфт:

— Эй мард, ман модари туро мешиносам, зани бисьёр зебо буд, даллолӣ мекард, ба даргохи мо меомад.

Афандӣ гуфт:

— Модари ман аз хона ҳаргиз берун намебаромад, падарам бадхашм буд, вале падарам дар боғи падаратон, ки дар наздикии ҳарамсарои он кас буд, чанд сол боғбонӣ кардааст.

Подшоҳ дар ғазаб шуда фармон дод, ки Афандиро аз дарбор зада пеш кунанд.

## ЛИБОСИ ХОСАИ АМИР

Шоири ҳозирҷавобе бо теззабонию кофиягӯй ҳар вақт амирро меранҷонд. Амир хост, ки шоирро пеши дарбориёнаш шарманда карда, аз вай қасоси чандинсолаи худро гирад. Барои ин кор амир як рӯзи ид ҳамаи калоншавандаҳои шаҳр ва аҳли дарборро хабар карда, дар айвони боргоҳи худ шинонд ва ба шоир гуфт, ки болотар аз ҳама — дар пешгоҳи айвон гузашта шинад.

Баъд аз он амир ба бӯхчабардор амр дод, ки ба пеши ҳар қадоми ҳозирон бӯхчаи либос монад. Бӯхчабардор ин амри амирро ба ҷо овард. Бӯхчае ки ба пеши шоир оварда монда буд, аз ҳамаи бӯхчаҳо калонтар буд. Ҳар қадоми меҳмонҳо бӯхчаашонро кушода, либосҳои тақдим кардаи амирро пӯшидан гирифтанд. Шоир бӯхчаашро кушода дид, ки дар он ба ҷои либос як полони хар аст. Ҳамаи меҳмонҳои амир бо дида-

ни ин ҳол каҳкоc хандиданд. Шоир ба худ ҳеҷ дигаргунӣ на-оварда бо хурсандӣ шукрона мекард.

Яке аз меҳмонҳо ба шоир гуфт:

— Ин чӣ ҷои шукру хурсандӣ аст? Бояд ту ба ҳоли худ гиря кунӣ, ки амир туро боб кард!

— Шумо ғалат кардед,— гуфт шоир ба он кас,— амир дар сурате ки ба дигарон ҷомаҳои инъомӣ бахшиданд, ба ман ли-боси хосаи худро марҳамат кардаанд, ки ин ниҳояти меҳрубо-нӣ аст!

## ЛУЧ ГӮРОНЕД ҲАМ МАЙЛАШ

Хизматгори бой аз хӯҷаинаш пурсид:

— Агар ман мурам, чӣ хел мегӯронед?

Бой гуфт:

— Чӣ хел мегӯрондам? Чор газ карбос мегираму кафан дӯ-зонда, мурдаатро ба вай печонда, ба гӯристон мефиристонам ва туро мегӯронанд!

— Ин тавр бошад,— гуфт хизматгори бой,— биёед дар вақ-ти зинда буданам ҳамон чор газ карбосро куртаю лозимӣ дӯ-зонда диҳеду баъд аз мурданам луч гӯронед ҳам мешавад!

## ГӮРХОНАИ БОЙ

Як бой хост, ки дар зиндагиаш барои худ гӯрхонае созонда монад. Ин корро ба як усто ва як мардикор супурд. Онҳо гӯр-хонаро сохтанд ва ба бой маъқул шуд, аммо аз рӯи одати ха-сисиаш ҳақи усто ва мардикорро надода мегуфт:

— Ягон норасоӣ мумкин аст баромада монад, баъд аз ду-руст кардани он норасоӣ ҳақи шумоёнро пурра медиҳам.

— Бойбобо, ин гӯрхона ғайр аз ҷасади муборакӣ шумо ҳеҷ дигар норасоӣ надорад, ҳамин ки шумо аз дунё чашм пӯши-да ба гӯрхона омадед, он бе каму кост мешавад,— гуфт усто ғазаб карда.

— Ин тавр бошад,— гуфт бой,— музди шумоён ҳам дар ха-мон вақт пурра дода мешавад.

## ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМИ САЛЛАЮ ҶОМА

Афандӣ бо либоси оддии худ ба тӯйхонаи бой рафт. Уро ба боло нагузаронида, дар поён шинонданд. Хӯроки бехтаринy баобрӯро ба болонишинҳо мебурданд. Афандӣ аз тӯйхона ба-ромада рафту як ҷомаи абрешими зеҳкалонро бо як доки мисколӣ ёфта, пӯшида гирифту оҳиста-оҳиста қадам партофта,

боз ба тӯйхона омад. Ин дафъа Афандиро бо иззату эҳтиром пешвоз гирифта ба боло дар паҳлӯи имом ва бои маҳалла шинонданд, баъд ҳама машғули хӯрдани таомҳои гуногуни болаззат шуданд, аммо Афандӣ бари ҷомаю фаши салләшро рӯи табақҳои таомҳо бурда:

— Марҳамат кунетон, гиретон,— гуфтан гирифт.

Имом пурсид:

— Афандӣ, ба кӣ гап зада истодаед?

— Ба саллаю ҷомаам,— гуфт Афандӣ,— ин ҳама иззату эҳтиром аз они ҳамин саллаю ҷомаанд...

## АЗ МАН ҲЕҶ ЧИЗЕ НАТАЛАБӢ

Камбағале ба пеши як давлатманди хасис рафта гуфт:

— Чӣ мешавад, ки камтар садақа дода, ҳоҷати маро мебароваред?

Бои хасис гуфт:

— Ман ҳам ҳоҷате дорам, аввал ту онро барор, баъд ман ҳоҷати туро мебарорам.

— Чӣ ҳоҷат доред? — пурсид камбағал.

— Ҳоҷатам ҳамин ки,— гуфт бой,— аз ман ҳеҷ чизе наталабӣ!

## ШОИРИ ТАМАЪГОР ВА БОИ ХАСИС

Шоире дар ҳақи як бой қасида навишта, ӯро аз ҳад зиёд таъриф карда, ба бой хонда дод.

— Қасидаат хеле хуб аст,— гуфт бой,— афсӯс ки ҳозир дар пешам ягон чизи нақд нест, ки ба ту диҳам, лекин фардо биёӣ, ғаллаи бисьёре медиҳам.

Шоир фардои он рӯз назди бой омад, хост ки ғаллаи ваъдагиро гирад, бой ба ӯ гуфт:

— Кадом ғалларо талаб мекунӣ?

— Магар худатон дина ваъда накардед, ки фардо биё, ғаллаи бисьёре медиҳам.

Бой ҷавоб дод:

— Ту бо қасидаат маро хурсанд кардӣ, ман ҳам туро бо ваъдаам хурсанд кардам, яъне ба ивази сухани дурӯғи ширини ту ман сухани дурӯғи ширин гуфтам, ҳисоби мову ту баробар шуд.

## ГАДО ВА ДУХТАРИ БОЙ

Гадое ба таги дарвозаи бое омада, як бурда нон талабид. Духтари бой, ки дар хасисӣ фарзанди падараш буд, гуфт:

— Ҳозир дар хонаи мо нон нест.

Гадо намак пурсид.
— Намак ҳам нест,— гуфт духтари бой.
Гадо гуфт:
— Хайр, як коса об биёр.
— Машкоб ҳанӯз об наовардааст,— ҷавоб дод духтар.
— Модаратро гӯй, ман аз вай чизе пурсам, шояд ӯ ба ҳоли ман раҳм кунад,— гуфт гадо.
— Ба сари як ҳамсояи мо рӯзи сахте афтидааст, модарам барои тасаллӣ додан ба хонаи вай рафт.
— Гадо гуфт:
— Ҳеҷ рӯзи сахттар магар аз ин рӯзи шумо мешавад? Бояд ҳамсояҳотон барои тасаллӣ додан ба хонаи шумо меомаданд...

## СОЛАТОН АЖДАҲО

Афандӣ дар солёбӣ машҳур буд. Рӯзе як бой аз ӯ чӣ будани соли худро пурсид. Афандӣ гуфт:
— Солатон мор аст.
Баъд аз даҳ сол он бой боз Афандиро дида, солашро пурсид, Афандӣ гуфт:
— Солатон аждаҳост.
Бой «муш, бақар» ...гуён номҳои солро шумурду ба Афандӣ гуфт:
— Дар қатори ин дувоздаҳ номи сол мор ҳаст, аммо аждаҳо нест, шумо аждаҳоро аз куҷо гирифтед?
Афандӣ ҷавоб дод:
— Мор рафта-рафта аждаҳо мешавад.

# Латифаҳои зиддидинӣ

## ГӮРУ КАФАНАМ КӮҲНА АСТ

Мушфикӣ ҳар боре ки сахт касал мешуд, хешу таборхояшро ҷеғ зада васият мекард:
— Аҳволам бад шуда истодааст. Агар мурам, албатта мурдаи маро дар ягон гӯри кӯҳна, ба латтапораҳои кӯҳна печонида гӯр кунетон.
Вакте ки хешу табораш сабаби ин корро пурсидаанд, Мушфикӣ гуфтааст:
— Пурсандаҳо аз он дунёе омада пурсидани шаванд, «маро кайҳо пурсида рафта будед-ку, магар намебинед, ки гӯру кафанам кӯҳна аст?!» — гуфта аз пурсиши онҳо халос мешавам.

## ЯКПОЯ НАМОЗ ХОНДАНИ АФАНДӢ

Дар вақти таҳорат об камӣ карда як пои Афандӣ ношуста монд. Вақте ки вай ба масчид даромад, ҳамон пои ношусташро аз замин як ваҷаб бардошта истода намоз хонд. Имом инро дида, бо коҳиш пурсид:

— Афандӣ, ин чӣ гуна намозхонӣ?!

— Тақсир,— гуфт Афандӣ,— як поям бе таҳорат монда буд.

## МАСЪАЛА РАНГИ ДИГАР МЕГИРАД

Хоҷа Насриддин чанд рӯз дар шаҳри худ қозӣ мешавад.

Дар асном қозигиаш касе ба пеши ӯ омада арз кард:

— Ман аз болои шумо шикоят карда омадам. Доди маро кӣ мепурсад?

— Худам мепурсам,— гуфт Хоҷа Насриддин.— шикоятро гӯй, чӣ мехоҳӣ?

— Ин тавр бошад, имрӯз барзагови шумо дар кӯча гови маро зада кушт, бояд аз рӯи шариат шумо товони гови маро диҳед,— гуфт он шахс.

— Ҳайвон як ҷонзоди беақл аст, аз рӯи шариат ба кори беақлон касе ҷавобгар намешавад,— гуфт Хоҷа Насриддин.

Аз ақиби дар зани Хоҷа Насриддин:

— Э мардак, гови мо зинда, гови қозӣ мурдааст,—гуфт.

— Не, тақсир, ман саҳв кардаам,— гуфт он шахс,— гови ман гови шуморо зада кушт. Дар ин бора чӣ мешавад?

— Ин тавр бошад, масъала ранги дигар мегирад,— гуфта Хоҷа Насриддин бо ҷиддият.

## ХУДО БОЗ ХАР МЕДИҲАД

Рӯзе хари Афандӣ мурд. Афандӣ бисёр ғамгин шуд. Ин ҳолро имоми масҷид дида, дилбардорӣ кард:

— Афандӣ, хафа нашавед, худо боз хари дигар медиҳад.

— Эй тақсир,— гуфт Афандӣ,— агар ҳамон худои ман медонистагӣ бошад, ба бачаҳои нимсеру нимгуруснаи ман як бурда нон намедиҳаду ба ман хар медиҳад-мӣ?

## ИМОМ АЗ АВВАЛ АҚЛ НАДОШТ

Имоми деҳаро «аз ақл бегона шуд» гӯён аз масҷид ронданд. Афандӣ ин овозаро шунида, дар тааҷҷуб мондаасту гуфтааст:

— Касе ки аз аввал ақл надошт, боз аз кадом ақл бегона шуда бошад?!

## ДАР МАККА САЛЛАРО ДУЗДИДАНД

Афандӣ ба ҳаҷ рафт ва дар тавоф саллаашро дуздида бурданд. Афандӣ гуфт.

— Ё раб, як бор ба хонаи ту омадаму ту фармудӣ, ки саллаамро бубаранд, метарсам, ки бори дигар ин ҷо биёям, каллаамро мебаранд.

## ИБЛИС ЧӢ ХЕЛ АСТ?

Имом рӯзе Мушфикиро дар роҳ нигоҳ дошта гуфт:

— Мегӯянд, ки ту бо иблис ошноӣ дорӣ, бигӯ, ки афти иблис чӣ хел аст?

Мушфикӣ оинаҷаро аз кисабағалаш бароварда ба дасти имом доду гуфт:

— Нигаҳ кун!

## БА СОҲИБАШ МЕСУПОРАМ

Ба ҳавлии Афандӣ як гӯсфанд бо пои худ даромада омад. Афандӣ ҳам нархи сабзию пиёзро напурсида, гӯсфандро сар заду бо аҳли оилааш нӯши ҷон кард. Рӯзи дигар соҳиби гӯсфанд ёфт шуд. Афандӣ, ки мункир шуд, қозӣ ба миён даромада гуфт:

— Афандӣ, шумо мункир нашавед, агар фардо рӯзи қиёмат ҳамон гӯсфанд зинда шуда омада, ба забон дарояд, ки шумо онро хӯрдаед, чи кор мекунед?

— Чӣ кор мекардам? — гуфт Афандӣ,— гӯсфандро бурда ба соҳибаш месупоридам, тақсир, вассалом!

## АГАР ХАР НАМЕБУД, ҚОЗӢ НАМЕШУД

Замоне як шахс аз вилояти Хуҷон ба раиси шаҳр як харро пора дода, қозӣ мешавад.

Як шоири он замон дар ҳаққи он қозӣ ва раиси шаҳр гуфтааст:

Ҳамегашт дар шаҳр шахсе зи Хуҷон,
Ки қозӣ шавад,
садр розӣ намешуд.
Харе дод бар садр ва қозӣ шуд охир,
Агар хар намебуд, қозӣ намешуд.

## ҶАРИМАИ ДАШНОМ САБУК БУДААСТ

Афандӣ дар кӯча бо касе ҷанг карда ӯро дашном дод. Каси хақорат шунида Афандиро ба қозихона кашола кард. Қозӣ ҳукм кард, ки Афандӣ барои дашном ба қозӣ як танга диҳад.

— Чаримаи дашном сабук будааст-ку! — гуфта Афандӣ аз кисааш ду танга бароварда ба қозӣ доду: — яке аз ин тангаҳо чаримаи он дашномест, ки ба ин мардак дода будам, тангаи дуюм чаримаи дашномест, ки ҳозир шуморо медиҳам — гӯён қозиро як ҳақорати болохонадор дода баромада рафт.

## ФАҚАТ ШУМО ВА МАН МОНДЕМ

Падари Мушфиқӣ молу ашёи бисёре дошт. Вақте ки вай мурд, қозикалони шаҳр Мушфиқиро чеғ зада пурсид:

— Аз падарат чиҳо мерос монд?

— Мушфиқӣ мақсади қозикалонро пай бурда гуфт:

— Аз падарам бисёр чиз мерос монд, аммо аз меросхӯрҳо фақат шумову ман мондем!

## ОФТОБӢ, ВАЛЕ ЯТИМКУШӢ

Мансури Гиро ном шоир бадеҳагӯе будааст. Ба вай дар бораи молҳои ятимон ва сағиронро хӯрдани қозии шаҳр шикоят кардаанд. Рӯзе шоир бо он қозӣ дучор шуда гуфтааст:

— Эй қозӣ, чаро ба моли ятимон хиёнат мекунӣ?

— Ман хиёнат намекунам,— гуфтааст қозӣ,— балки ба ятимон дар вақти луч монданашон чома ва дар вақти хунук хӯрданашон офтоб хастам.

Мансури Гиро бадеҳатан гуфтааст:

Қозиё, чомаи ятимонӣ,
Хунашон мехӯрӣ, магар шабушӣ!
Гуфтаӣ: «Офтоби шарқ манам»,
Офтобӣ, вале ятимкушӣ!

## БУЗАМ БА ХОТИРАМ ОМАД

Мушфиқӣ як рӯзи чумъа аз пеши масчиде гузашта истода, шунид, ки имом бо овози баланди ларзишнок қироат карда истодааст. Ба масчид даромада қатори мардум истод ва дар айни авчи қироат гиря карда фиристод. Баъд аз тамом шудани намоз имом ба Мушфиқӣ гуфт:

— Аз афташ қироати ман ба шумо бисёр таъсир кард, ки гирьятон омад?

— Не, тақсир,— гуфт Мушфиқӣ,— як буз доштам, ки ба наздикӣ ҳаром мурд. Овозаш монанди овози шумо ларзон, ришаш худи риши шумо барин дарози тунук буд. Бо шунидани қироати шумо ҳамон бузам ба хотирам омаду гиря кардам.

## РАИС ВА МУШФИҚӢ

Як амалдори амири Бухоро Мушфикиро дар кӯча дошта пурсидааст:

— Намози бомдод чанд ракаат, Мушфикӣ?

Мушфикӣ аз тарс саросема шуда:

— Ҳашт ракаат, таксир,— гуфта фиристодааст.

Амалдор ба одамонаш фармудааст, ки Мушфикиро луч карда, даҳ дарра зананд. Мушфикӣ аз зарби дарра дод мезадааст. Зани Мушфикӣ, ки дар паси дарвоза истода гӯш мекардааст, гуфтааст:

— Муред шумо мардаки беҳуш, охир чор ракаат гӯед, намешуд?

Мушфикӣ занашро кохиш карда гуфтааст:

— Дам шав, занаки беакл, ҳашт ракаат гуфта даҳ дарра хӯрдам, агар чор ракаат гӯям, албатта бист дарра мезаданд, ки аниқ мемурдам.

## МУШФИҚӢ ВА ҚОЗИКАЛОН

Яке аз бойҳо тӯй карда барои хабар кардани қозикалон Мушфикиро фиристод. Вакте ки Мушфикӣ ба ҳавлии қозикалон даромада омад, қозикалон оташин шуда ба вай гуфт:

— Магар аз даргоҳӣ бой ягон одам ёфт нашудааст, ки барои хабар кардани ман ту барин харро фиристодааст?!

Мушфикӣ гуфт:

— Таксир, бойбобо ҳамаи одамхоро барои хабар кардани одамҳо фиристонданду лекин маро барои хабар кардани шумо!

## МАСЛИҲАТИ МУШФИҚӢ

Аз Мушфикӣ пурсидаанд:

— Кас дар дунё чӣ кор кунад, ки роҳат рӯз бинад?

Мушфикӣ гуфтааст:

— Дар вакти ҷавониаш фиребгарӣ, дуздӣ карда, дар калонсолиаш шайх ё эшон шавад!

## АҲВОЛИ АФАНДӢ

Аз Афандӣ касе пурсидааст:

— Амак-мулло, аҳволатон чӣ тавр аст?

Афандӣ гуфтааст:

— Аз рӯи хости худо — бачо, аз рӯи хости худам — расво!

### ҚОЗӢ ВА КИСАБУР

Шахсе ба як кисабур даъвогар шуда вайро ба пеши қозӣ овард. Қозӣ ҳукм кард, ки аз кисабур сад танга ҷарима гирифта шавад. Мулозимони қозӣ гуфтанд, ки: аз ин кисабур сад танга ситондан мумкин нест, чунки кисаҳояшро кофта дидем, фақат чил танга доштааст, халос.

Қозӣ гуфт:

— Чил тангаашро гиреду аз пасаш назорат кунед, ки кисабурӣ карда, боз шаст тангаи дигар ёфта диҳад.

### ХАРБУЗА ДАР СЕ МОҲ МЕПАЗАД

Касе даъвои пайғамбарӣ мекард. Ӯро ба даргоҳи подшоҳ оварданд. Подшоҳ аз ӯ пурсид:

— Мегӯянд, ки ту даъвои пайғамбарӣ дорӣ?

— Бале, ҷаноби олӣ,— гуфт он шахс.

Подшоҳ гуфт:

— Мӯъҷизаи ту чӣ гуна аст?

— Ҳар чӣ хоҳед, муҳайё мекунам,— гуфт даъвогар.

— Масалан, ман ҳозир мехоҳам, ки дар ҳамин ҷо аз замин харбуза сабзида барояд, ҳосил диҳад ва онро кушта бо ҳам хурем...— гуфт подшоҳ.

Он шахс гуфт:

— Ба ман се рӯз вақт диҳед.

— Не, ман ҳозир мехоҳам!— гуфт подшоҳ амр дода.

Он шахс гуфт:

— Ҷаноби олӣ, инсоф кунед, худатон медонед, ки худованди карим бо он қудрати худ дар муддати се моҳ харбузаро рӯёнда мепазонад, ба ман шумо ақаллан се рӯз вақт намедиҳед...

## Латифаҳои ахлоқӣ

### ТО КИ ЗАМИН ЯКТАРАФА ШУДА ЧАППА НАШАВАД

Аз кӯкнорие пурсиданд, ки чаро мардум ба як тараф нарафта, баъзе ба тарафи ҷануб, баъзе ба шимол, баъзе ба шарқ ва баъзе ба ғарб нигоҳ карда мераванд?

Кӯкнорӣ гуфтааст:

То ки як тарафи замин вазнин шуда чаппа нашавад.

Кӯкнории дигаре ин ҷавоби ҷӯраашро шунида, ба воҳима афтодааст у аз ҷояш давида хеста, рафта ба як гӯшаи дигари кӯкнорхона нишастааст.

Ҷӯрааш аз вай пурсидааст:

— Чаро аз пеши ман гурехта рафтӣ?

Дар ҷавоб гуфтааст:

— Ҳардуи мо, ки дар як гӯшаи хона нишастаем, ба назарам ҳамон тарафи хона қадре вазнин шуда, каҷ шуда истодагӣ барин намуд. Бинобар ин ҷо омадам, ки мабодо замини хона яктарафа шуда чаппа нашавад.

## ХОКИ ҶОИ ИН МЕХҲО КУҶО МЕРАВАД

Як кӯкнорӣ сукут рафта, аз ҷӯрааш пурсидааст:

— Ҷӯра, ин қадар мардум, ки ба замин мех мезананд, хоки ин мехҳо куҷо меравад?

— Кӯкнории дигар фикр карда — фикр карда гуфтааст:

— Хоки ҷои ин мехҳо так-таки замин ба ҳар сӯ рафта, аз ҳарҷо дамида мебарояд. Ин ҳама теппаҳо аз ҳамон хокҳо пайдо шудагӣ-дия.

## МОҲИҲО ГӮСОЛА-МӢ?

Ду кӯкнорӣ дар лаби ҳавз шишта баъди хӯрдани кӯкнор кайф мекарданд. Яке ногоҳ аз сукут сар бардошта аз ҷӯрааш пурсид:

— Майнабой мегӯма! Рӯзе шаваду як фалокат рӯй дода, ба ҳавз алов афтаду оби ҳавз сӯзад, ин бечора моҳиҳояш куҷо мерафта бошанд?

— Э-э, Маллабой, ҳаминро ҳам намедонед? — гуфт сарашро бардошта Майнабой,— диданд, ки об дар гирифт, давида ба болои бед мебароянд...

Маллабой тоқат карда натавониста, сухани ҷӯраашро бурида гуфт:

— Э, ана, моҳиҳо гӯсола-мӣ, ки болои бед мебароянд!

*

## АЗ МУРДАҲОИ ИН ҚАБРИСТОН ШАРМ МЕДОРАМ

Табибе ҳар вақт, ки аз пеши қабристон мегузашт, рӯяшро бо бари доманаш мепӯшонид. Боре аз вай сабаби ин корашро пурсиданд.

Табиб гуфт:

— Ман аз мурдаҳои ин қабристон шарм медорам, зеро ки аксарияти инҳо аз дорую дармони ман мурдагӣ!

*

## БАДНАФС

Як каси бадноафс як сар ангурро ба даҳонаш андохта фурӯ бурд. Шахсе ин ҳолро дида гуфт:

— Ангурро ин хел не, балки ду дона-ду дона мехӯранд.

Баднафс гуфт:
— Шафтолуро дудонагӣ мехӯранд.
— Не-е, як шафтолуро ду тақсим карда нимта-нимта мехӯранд,— гуфт он шахс гапи баднафсро гардонда.
— Не, шумо нафаҳмидед,— гуфт баднафс,— нимта-нимта хӯрда мешудагӣ ин тарбузу харбуза будагист.

### ВОЙ, ХОНААМ СӮХТ

Як дурӯғгӯй ҳар шаби шаб болои бом баромада, дод мезад.
— Ҳамсояҳо! Ба ман ёрӣ расонед, ки хонаам сӯхт!...
Ҳамсояҳо аз хоб хеста кӯзаю сатилҳоро пури об карда ба тарафи хонаи ӯ медавиданд. Дурӯғгӯй аз болои бом хандида:
— Шуморо боб кардам-мӣ? — мегуфт.
Як шаб дар ҳақиқат хонаи дурӯғгӯй алов гирифта сӯхт ва ӯ ҳарчанд доду фарьёд мекард, ки «ҳамсояҳо, ёрӣ расонед, хонаам сӯхт», ба вай ҳеҷ кас бовар намекард ва ба ёрӣ намеомад.

## Латифаҳои маҳаллӣ ва персонажҳои онҳо

Як миқдор латифаҳои халқии тоҷикӣ доираи васеи паҳншавӣ надоранд, онҳо фақат дар ин ё он музофот, минтақа ва маҳал аз даҳон ба даҳон гузашта, маъмул гаштаанд. Дар онҳо персонажи асосӣ, ки ба воситаи он латифа ба вуҷуд омадааст, номи шахс набуда, номи ин ё он маҳал мебошад, ки ба сабаби соддалавҳӣ ва рафтори гӯлонаи мардуми он ҷо ҳикояту латифаҳо эҷод карда шудаанд. Масалан, **ширинӣ, маҳалатӣ, рӯмонӣ, фалғарӣ, дарвозӣ** ва ғайра.
Ин навъ маҳалҳо ва ба номи мардуми онҳо бахшида шуданӣ ҳикояту латифаҳо дар ҳар халқ мушоҳида мешавад.

### ХУДАМ ҲАМ НАМЕДОНАМ...

Шабе аз кӯчаи қишлоқи маҳалатиҳо фил гузашт. Имоми масҷид, ки аз ҳама барвақт ба кӯча баромада буд, паи пои филро дида ба воҳима афтод ва аҳли қишлоқро ҷамъ кард. Ҳеҷ кас надонист, ки он паи пои кадом ҷонвар аст. Ҳама ҳайрон монда ба ҳавлии Маҳмадоно давиданд. Маҳмадонои маҳалатиҳо бо дабдаба омада ба паи пой хуб нигоҳ карда истода, гиръя карда фиристод ва баъд аз андаке худ аз худ ханда кард. Мардум ҳайрон шуда, сабаби ин ҳолро пурсиданд. Маҳмадоно гуфт:
— Ҳамин қадар одам ҷамъ шуда аз они чӣ будани ҳамин

пайро надонистетон. «Фардо ман мурам, шумоҳо бе ман чи кор мекарда бошетон» гуфта гирья кардам. Сабаби хандаам ҳамин, ки азони чӣ будани ин паи пойро худам ҳам намедонам.

## НЕ-Е, ХОБАШОН БУРДАГИСТ

Як пирмарди маҳалатӣ дар як рӯзи бозор писари калониашро барои фурӯхтани сабзию пиёз ба шаҳр фиристод, аммо баъди соате пирмард вафот кард. Писари хурдии пирмарди маҳалатӣ дар айни гармии савдо ба пеши бародараш омада гуфт:

— Ако, ако, дадам мурданд.

Акош, ки пиёз бар кашида истода буд, чашмашро аз тарозу наканда гуфт:

Не-е, хобашон бурдагист, бедор кунетон!

— Не,— гуфт додараш,— барост мурданд, аллакай манаҳашонро баста мондаанд.

— Оббо,— гуфт писари калонӣ ҳайрон шуда,— ба фикрашон нарасидааст, ки ман кати як даҳан маслиҳат кунанд. Охир кас рӯзи бозор ҳам мемурдааст-ми?

## ХАЙРИЯТ, КИ ШУТУР БА БОМАТ НАБАРОМАДААСТ

Рӯзе шутуре ба полизи як деҳқони маҳалатӣ даромад ва хеле ҷои полизро поймол кард. Маҳалатӣ фикр кард: агар шутурро аз даруни полиз ҳай карда барорад, боз хеле ҷои полиз зери пои шутур хароб мешавад. Маҳалатӣ дав-давон пеши махмадонохошон рафт.

— Давои ҳар дард ба болояш мешавад,— гӯён махмадоно ба сари полиз омад ва баъди фикр карда баромадан ҳамсояҳоро ҷег зада гуфт:

— Шутурро хобонда, ба чор пояш арғамчин бандетон ва ғала шуда кашола карда аз даруни полиз барорeтон, дар он вақт ягон пояш ба полиз намерасад.

Маҳалатиҳо ҳамин тавр карданд, соҳиби полиз дид, ки дар вақти кашола карда баровардани шутур полиз нобуд гардид.

— Хонаам сӯхт! — гӯён фарьёд кард. Махмадоно ӯро тасаллӣ дода гуфт:

— Бисьёр дод нагӯй! Ҳолӣ ҳеҷ воқеа нашудааст-ку! Хайрият, ки шутур ба болои бомат набаромадааст, агар бомат фурӯ рафта мурда мондӣ, чӣ кор мекардӣ!

•

## РАВҒАНХАРИИ ШИРИНӢ

Ширинӣ равғани арзонро дида, якбора дуним кадоқ харид. Равғанфурӯш равғанро бар кашида ба коса рехт, аммо ҳамаи равған ба он коса нағунҷид.

— Ягон зарфи дигар биёред,— гуфт равғанфурӯш ба ширинӣ.

— Дар худи ҳамин коса рехтан гиред,— гуфта ширинӣ косаро чаппа карда, пушти косаро дошт.

Вақте ки ширинӣ равғанро гирифта ба хонааш омад, занаш, дар пушти коса фақат ду қошуқ барин равғанро дида гуфт:

— Шумо чи қадар равған харидед? Бо ин равған ош пухтан он тараф истад, дасту пои кафидагиро чарб карда наметавонед.

— Бисьёр гап назан, чашмгӯшна! Дуним қадоқ харидам Ана дар ин тарафаш ҳам ҳаст! — гӯён косаро роста карда, даруни косаро ба занаш нишон дод. Дар вақти роста кардан равғани дар пушти коса будагӣ ҳам рехт.

## ХАРАШУ

Дар замони Николайпошшо як рӯмонӣ ба ҳавлии амалдори рус ангиштсанг мебиёрад. Амалдор хари рӯмониро дида, таъриф мекунаду «хорошо, хорошо» мегӯяд. Вақти аз ҳавлии амалдор рафтан рӯмонӣ фикр мекунад, ки вай «харашӯ» гуфт ва рост ба ҷӯи калон рафта, ба шустани хар сар мекунад. Одамони шаҳр ин кори рӯмониро дида механданд.

— Чӣ механдед?! — гуфт рӯмонӣ дар ғазаб шуда.— Ана вай одами оклопшо гуфт, гуфтагиша накуну рӯзата бин.

## РӮМОНӢ ВА ОИНАЧА

Рӯмоние дар роҳ як оиначае ёфта онро аз замин бардошт. Вақте ки ба оинача нигоҳ кард, акси худро дид ва саросема шуда гуфт:

— Э, мебахшед, ин азони шумо будааст-ку, ман бе соҳиб гумон карда, гирифтанӣ шудаам, ва оиначаро ба ҷояш монду бо роҳи худ рафтан гирифт.

## ШИРИНӢ ВА СӮФӢ

Ширинӣ ба Вобканд омада мебинад, ки сӯфӣ аз болои манор азон мегӯяд. Ширинӣ бозор карда бегоҳӣ аз назди манор мегузарад, ки боз сӯфӣ азон мегӯяд. Ширинӣ ба сӯфӣ мегӯяд:

— Эй ҷӯра, аз пагоҳ то бегоҳ доду фарьёд кардӣ, то ҳол ҳеҷ кас ба ту ёрӣ надод магар? Биё, ман туро бе поён фаровarda монам.

## ГУФТУГӮИ ДАРВОЗӢ БО ХУДО

Дарвозие намози хуфтанро хонду болои ҷойнамоз иншаста, аз худо талаб кард:

— Эй худои раҳмдил, агар худат раҳми бандаҳои бечораатро нахӯрӣ, ҳеҷ кас ба онҳо парвое надорад. Ба мани мӯъмину мусулмону фақиру ҳақир аз даргоҳат як хумча зар фиристон...

Аз ҳеҷ куҷо садое наборомад. Дарвозӣ боз ба осмон нигоҳ карда, даст бардошта илтиҷо кард.

— Эй худои яккаю ягонаи ман, ҷаро чизе намегӯӣ? — Андаке истода бо алам гуфт: — «Ё «ҳа» гӯй, ё «не»!

Ҳамсояи дарвозӣ, ки дар бом буд, ин суханҳоро шунида, овозашро дигар карда гуфт:

— Эй бандаи нодони ман, зари бекора дар куҷо, ки ман ба ту диҳам!

Дарвозӣ андаке хафа шуда гуфт:

— Хайр ин тавр бошад, мо ҳам дониста кор мекунем, аслан ман ҳам дар ҳаққи ту он қадар намози дуруст намехондам...

## ДУОИ КӮТОҲАК БИГӮЙ

Дарвозие пеш аз сафар хонаи имоми деҳа даромад, то ки дуои роҳи сафед гирад. Имом дар ин вақт барои чанд нафари дигар дуо мехонд ва дуояш хеле дуру дароз шуда буд. Ҳамин ки имом дуохониро тамом кард, дарвозӣ гуфт:

— Ман пули дигар надорам, ана ин тангара гиру як дуои кӯтоҳак бигӯй.

## ҲИСОБЗАНИИ МУШФИҚӢ

Донишҷӯе аз Мушфиқӣ пурсидааст:

— Мегӯянд, ки шумо дар илми ҳисоб донишманди бузург ҳастед ва масъалаҳои мураккабро осон ҳал мекунед?

— Оре, дуруст мегӯянд. Чӣ лозим аст?

— Ин тавр бошад,— гуфт донишҷӯ,— чор сӯмро ба се кас чи хел расо тақсим кардан мумкин аст?

— Медонӣ, ҷӯра, ин хел кун: ба ду нафар дусӯмӣ тақсим карда деҳ. Каси сеюм камтар сабр кунад, ҳамин ки боз ду сӯм ёфтӣ, ба вай медиҳӣ.

## ХАРРО АЗОБ ДОДА ЧӢ КОР МЕКУНЕД...

Рӯзе рӯмоние ба ду каҷова ангур бор карда ба шаҳр мерафт. Дар роҳ як каҷова ангурашро хариданд. Барои он ки бори хар ду каҷова баробар шаваду ба роҳравии хар халал

нарасад, румоий ба качовани холӣ як чандта санги вазнин андохт.

— Қасе ин кори рӯмониро дида хандида гуфт:

— Харро азоб дода чи кор мекунед, ошно! Ангурро ба харду качова тақсим кунед, намешавад-мӣ?

Рӯмоӣ фахмид, ки акли он одам бачо аст, аммо донистанӣ шуд, ки вай бисьёр доно аст, ё не, пурсид:

— Зану фарзанд, молу мулк ва асбобу анчом доред шумо? Он шахс гуфт.

— Не.

— Ин тавр бошад, маслиҳати шумо ба ман даркор не, чунки ман зану бача дорам, молу мулку чизу чора дорам, зиндагиам бе маслиҳати шумо нағз мегузарад...

## ҲИНДУҲО ЯКДИГАРРО ЧИ ХЕЛ МЕШИНОСАНД

Махсуме аз як махсум пурсидааст:

— Ҳиндуҳои мусофири дар Бухоро будагӣ, ки ҳамаашон як хел либос мепӯшанд, якдигарро чи хел мешинохта бошанд?

Махсуми дигар гуфтааст:

— Э содда, магар намебинӣ, ки ҳар кадоми онҳо дар пешонаашон нишона доранд, ана аз ҳамон шинохта мегиранд.

## ХУДО ХОҲАД МУРДА БА ОРЗУЯТОН МЕРАСЕД

Махсуме писари худро барои холпурсӣ ба хонаи дӯсташ, ки бемор буд, фиристод. Махсумбача ба сари болини бемор омада, аз падараш салом расонда, холпурсӣ кард.

Бемор гуфт:

— Сарам сахт дард мекунад, аъзои баданам аз таб мелarзад... агар ачалам расида мемурдам, осуда мешудам...

Махсумзода тасалло доданӣ шуда гуфт:

— Ҳеч гап не, сабр кунед, худо хоҳад мурда ба орзуятон мерасед.

## ИЛОЧИ ВОҚЕА ҚАБЛ АЗ ВУҚӮЪ

Махсум аз бозор чандта косаи чинӣ хариду онҳоро дар пеши чашми чинифурӯш ба замин зада шикаста ба кадокчӣ дод, ки кадоқ кунад. Чинифурӯш аз ин кори махсум ҳайрон шуда, сабабашро пурсид ва махсум гуфт:

— Косаҳо ба кишлоқ расидан замон бо сабаби ягон фалокат мешикананд ва кадоқ кунонидан лозим мешавад. Бехтар аст дар ҳамин чо якбора кадоқ кунонида равам, ки «илочи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард» гуфтаанд.

## ХУДИ МАХСУМ ҲАМ ФИРЕБ ХӮРД

Махсуми дурғгӯе дар кӯча бачаҳоро дида, онҳоро фиреб дода, завқ бурданӣ шуд ва гуфт:

— Ҳой бачаҳо, дар он сари кӯча як ҷувол чормағз рехта хобидааст, рафта чида гиретон-чӣ!

Бачаҳо бо шуниданн ин гап ба он тараф давиданд. Махсум гуррос давидани бачаҳоро дида, аз дилаш гузаронд: «рафту дар ҳақиқат он ҷо як ҷувол чормағзро рехта монда бошанд...» Махсум кафшашро кашида, ба даст гирифта, аз паси бачаҳо давид.

## ХАРФУРӮШИИ МАХСУМ

Махсум як хари пешпохӯр ва хилахӯри лоғаре дошт, ки онро ба бозор бурда фурухтанӣ шуд. Даллол он харро аз дасти махсум гирифта, бо хилачӯби худ ду-се бор хила карда монду баъд вайро ба харидорон нишон дода, ба таъриф даромад:

— Ин як харест, ки дандонаш чӯби хушкро мехояд, дар юрға монанди оби равон, якмарому ҳамвор роҳ мегардад, ҳаргиз пешпо намехӯрад, аз обхои калон монанди мурғоби мегузарад...

Вакте ки махсум дар борай хари худ ин таърифҳоро шунид, ба даллол гуфт:

— Монед, харамро намефурӯшам! Ман ин хел харро боз аз куҷо меёбам?!

## ДУЗД ВА МУШФИҚӢ

Шабе ба хонаи Мушфиқӣ дузд даромад. Ҳарчанд ҳар тарафро кофт, чизе ёфта натавонист. Мушфиқӣ, ки бедор буд, баъди хеле кофтуковҳ кардани дузд ба ӯ гуфт:

— Бародар, беҳуда шумо овора нашавед. Ман аз ин хона дар рӯзи равшан чизе ёфта наметавонам...

## БА ХАР ҶАБР МЕШАВАД

Афандӣ як хӯрҷини пурро ба кифт партофта, худаш ба хар савор шуда рафта истода буд, ки одамон хандида аз ӯ пурсиданд:

— Эй Афандӣ, ин чи кор аст, ки ба болои хар нишаста, хӯрҷини пурро ба кифтатон бардошта рафта истодаед?

— Агар ҳам худам савор шавам, ва ҳам хӯрҷинро бор кунам, ба хар бисёр ҷабр мешавад,— гуфт Афандӣ.

## ШАРМ ДОШТА РУСТ ШУДАМ

Дуздон аз хонаи Афандӣ ғайр аз як сандуқ чизи дигаре ёфта натавониста, онро боазоб гирифта бурданд.

Вақте ки дар як ҷои хилват сандуқро кушода молашро тақсим карданӣ шуданд, аз даруни сандуқ худи Афандӣ баромад.

Дуздон аз Афандӣ пурсиданд:

— Ин чи кори кардагиатон, Афандӣ?

— Вақте ки шумоён ба хонаи ман даромадетон, аз он шарм доштам, ки ҳеҷ чизи мегирифтагии шумоён дар хонаи ман нест. Бинобар ин аз шарм дар даруни сандуқ рӯст шудам.

## ПИСАРИ АФАНДӢ

Афандӣ тӯй карда зан гирифт ва баъди панҷ рӯз занаш писар таваллуд кард. Афандӣ зуд ба бозор рафта китоб, қалам, қаламдон, коғаз, сиёҳӣ ва дигар асбобҳои хониширо харида оварда ба занаш дод, ки ба писараш диҳад.

Зани Афандӣ пурсид.

— Ба бачаи навзод ин чизҳо чӣ лозим?

— Бачае ки баъди панҷ рӯзи никоҳ ба дунё омад, аҷаб нест, ки баъди се рӯзи таваллудаш ба мактаб равад.

## БА ХАР БОВАР МЕКУНЕДУ БА МАН НЕ

Аз Афандӣ ҳамсояаш хар талабид.

Афандӣ гуфт:

— Харам дар хона нест, вайро ба як ҷои дур савор шуда рафтаанд...

Дар ҳамин вақт аз даруни ҳавлии Афандӣ ҳангоси хар баромад.

Ҳамсояаш гуфт:

— Чаро дурӯғ мегӯед, харатон дар ҳавлӣ будааст-ку!

— Шумо аҷаб одаме будаед,— гуфт Афандӣ,— ба гапи як ҳайвони мурдор бовар мекунеду ба сухани ман барин мусулмони пок не!

## АЗ ПИЁДАГАРДӢ ХАЛОС МЕШУДАМ

Афандӣ рафта истода аз роҳ якто наъл ёфт ва худ ба худ хурсанд шуда гуфт:

— Акнун боз як хару сето наъл ёбам аз азоби пиёдагардӣ халос мешавам.

## СЎҲБАТИ ЗАНОНИ ПИРРО БАД МЕДИД

Афандӣ бемор шуд. Ҳамсояхои кампир барои холпурсӣ омаданд. Онхо диданд, ки ахволи Афандӣ вазнин аст, ба ӯ гуфтанд:

— Афандӣ, агар худо накарда шумо мурда монед, мо дар мурдани шумо чӣ гуфта гиря кунем?

— Раҳматӣ сӯҳбати занони пирро бад медид, гуфта гиря кунетон,— гуфт афандӣ.

## МОҲ ФОИДАНОК АСТ Ё ОФТОБ

Аз Афандӣ пурсидаанд:

— Моҳ фоиданок аст ё офтоб?

Афандӣ гуфтааст:

— Азбаски офтоб рӯзона мебарояд ва дар рӯз ба рӯшноӣ эҳтиёҷ нест, вай он қадар фоида надорад. Аммо моҳ, ки дар шаби торик бароmada рӯи дунёро равшан мекунад, албатта, моҳ фоиданок аст!

## РӮЗҲОИ ИН ҶОРО НАМЕДОНАМ

Афандӣ ба як шаҳри бегона ба сайёҳат рафт. Вақте ки шаҳрро тамошо карда мегашт, касе аз ӯ пурсид:

— Имрӯз кадом рӯз аст, бародар?

Афандӣ гуфт:

— Мебахшед, ман ин ҷо мусофирам, рӯзҳои ин ҷоро намедонам, аз ягон каси ҳаминҷоӣ пурсед.

## БОЯД ИМСОЛ БАРОБАР ШУДА БОШЕМ

Аз Афандӣ пурсиданд:

— Шумо калонед ё занатон?

Афандӣ гуфт:

— Соли гузашта падарам гуфта буданд. «Занат аз ту як сол хурд аст». Бояд имсол баробар шуда бошем.

## ОШ ХӮРДАГИҲО ДАРОЯНД

Афандӣ зан гирифт. Дар шаби никоҳ ҷӯраҳои ӯ ош хӯрданӣ намоиданду гуфтанд, ки «шаби никоҳ дар ҳавлии арӯс пеши назари мардум ош хӯрдани домод айб аст!»

Афандӣ, ки гурусна буд, аз гапи ҷӯраҳояш табъаш хира шуда, дар қаҳр шуд, бо ҳеҷ кас гап назада, кавоқашро гирифта нишаст.

Вакте ки меҳмонҳо ошро хӯрда тамом карданду дастархон ғундошта шуд, касе аз ҷониби қудоҳо таклиф кард:

— Қанӣ, домод, марҳамат карда акнун ба пеши арӯс дароед.

Афандӣ сарашро бардошта, бо қаҳру ғазаб гуфт:

— Ба пеши арӯс ош хӯрдагиҳо дароянд!

## Латифаҳои замони мо

Амсоли дигар жанрҳои фольклор (байт, рубоӣ, чистон, зарбулмасал ва ғайра) латифа ҳам дар замони мо бисьёр эҷод карда шудааст. Одатан дар баробари гуфтан, яъне истифода бурдани фольклори замонҳои гузашта, халқ асарҳои нав низ эҷод мекунад ва он асарҳо бо мурури замон ё аз байн мераванд ё суфта шуда, аз даҳон ба даҳон мегузаранд ва «умри дароз» мебинанд.

Латифа ҳам аз ҳамон жанрҳои фольклор аст, ки ба сабаби хусусияти барчастаи хаҷвӣ доштанаш ҳамеша дар ҳар ҷо аз забони мардум шунидан мумкин аст, бинобар ин мо вайро жанри «фаъол» мешуморем. «Фаъолияти» ин жанр боз дар он аст, ки бо роҳи хаттӣ ва даҳонӣ ба вуҷуд меоянд ва латифаҳои эҷод кардаи мардумро газетаю журналҳо нашр мекунанд.

Муддате мегузарад, ҳамаи онҳо моли халқ мешаванд. Нашр шудани онҳо беҳтар аст нисбат ба он, ки нашр нашуда нест у нобуд гарданд!

## Чанд сухан дар бораи роҳҳои эҷод кардани латифа

Латифаҳои навэҷодшуда нишонаҳое доранд, ки аз рӯи онҳо мо гуфта метавонем, ки ин латифа дар замони советӣ эҷод шудааст. Инҳо калимаю иборaҳо, истилоҳҳо, номҳо, вазифаҳо, мафҳумҳо, воқеаҳо, предметҳо ва ҳоказоянд, ки аз зиндагии замони мо, одамони имрӯза, фикру андешаи онҳо ба мо дарак медиҳанд. Масалан, дар латифаҳои «Ба папироскашӣ сар кардаанд», «Ҷавоби қаноатбахш» гарчанде персонажҳои анъанавии латифаҳои тоҷикӣ Афандӣ ва Мушфиқӣ иштирок доранд, вале латифаҳои нав мебошанд, ки воқеаи латифа, предметҳои истифодашуда (радиоприёмник, магазин, артистҳо, папирос) шаҳодат медиҳанд. Ё ин ки воқеаю ходисаҳои таърихӣ, монанди Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар латифаҳо зикр шудаанд.

Дар эҷодиёти халқии замони советӣ як масъалаи ҷолиби диққат ба вуҷуд овардани асари нав дар мавзӯи дар асоси материал ва ҳатто схемаи муайяни асари фольклори анъанавӣ мебошанд. Мо ин ҳодисаро дар жанрҳои зарбулмасал, чистон, рубоӣ, байт, суруд ва латифа дида метавонем.

Масалан, латифаи «Дар умраш як бор гапи рост гуфт» дар бораи он мебошад, ки бо супориши Гитлер Геббельс рӯйхати дуздону одамкушонро тартиб медиҳад ва ба он дар ҷои якум Гитлерро ва баъд шарикони дигари ӯро менависад ва ғайра. Ҳамин схема бо материали дигари замонҳои гузашта дар ҳикояти «Аблаҳи якум» меояд, ки бешубҳа ин ҳикоят хеле муқаддам—дар асри миёна, ба вуҷуд омадааст ва латифаи «Дар умраш як бор гапи рост гуфт» дар асоси ҳикояти номбурда сохта шудааст. Ин навъ дар асоси материалҳои фольклорӣ ба вуҷуд овардани асарҳои нав дар адабиёти замони ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр мушоҳида мешавад. Чунончи, «Деви ҳафтсар», «Хари бедум», «Бадбӯй будааст», (С. Айни), баъд аз ҷанг: «Парии бахт», «Мардистон», «Шалғамбобо» (А. Лоҳутӣ), «Қишлоқи тиллоӣ» (М. Миршакар), «Симурғ» (М. Раҳимӣ) ва ғайра.

## МОТАМИ ТАНТАНАНОК

Як рӯз Гитлер ба яке аз ҳамнишинони худаш ҳасрат карда гуфтааст:

— Дар фронти шаркӣ ҳар рӯз чандин генералҳои забардасти мо мурда истодаанд, аммо даст намерасад, ки ақалан ягонташонро ботантана гӯронем...

Ҳамнишинаш Гитлерро тасаллӣ дода гуфтааст:

— Ғам нахӯред, ҷаноби фюрер, ҳама тантанаҳо дар мотами шумо мешавад.

## ҶАВОБИ ДУРУСТ

Як рӯз Гитлер дар кабинети худаш нишаста аз сурати ба девор овехтаи худаш пурсидааст:

— Эй Адолфи бадбахт, намедонӣ, ки дар оянда ҳоли ту чӣ мешавад?

Сураташ гуфтааст:

— Ҳеҷ чиз намешавад, фақат маро мегиранду туро меовезанд.

## ОРЗУИ СОЛДАТИ ГИТЛЕР

Гитлер бо як сарбозаш вохӯрда пурсидааст:

— Ту ҷанговари далери ман, ба фронти шаркӣ меравӣ, ба ҷанг медароӣ, дар гирду атрофат тирҳои тӯп, бомбаю минаҳо афтида таркидан гиранду марданат аниқ шавад, дар ҳамин лаҳза чӣ орзу мекунӣ?

Солдаташ гуфтааст:

— Дар ҳамон дақиқа фақат ҳаминро орзу мекунам, ки шумо, фюрерам, дар паҳлӯям бошед.

## ЯРОҚИ АЗ МО ЗАДА ГИРИФТААШОН

— Ҷаноби полковник, партизанҳо моро бо яроқи аз худи мо зада гирифтаашон шикаст доданд.
— Дар ҳол дар бораи ғалабаи яроқи Германия дар газетаҳо маълумот чоп кунед.

## ДАР УМРАШ ЯК БОР ГАПИ РОСТ ГУФТ

Як рӯз Гитлер ба Геббельс гуфтааст:
— Дар муддати се рӯз рӯйхати тамоми дуздҳо, одамкушҳо, роҳзанҳою ғоратгарҳоро тайёр кун ва кӯшиш кун, ки дар умрат як бор гапи рост бигӯй...
Геббельс баъд аз се рӯз рӯйхатро тайёр карда супоридааст. Гитлер дидааст, ки дар аввали рӯйхат номи худаш, баъд номи Геринг, баъд Гимлер, Риббентроп ва дигар ҳамроҳонаш навишта шудааст. Гитлер якбора оташин шуда, мушташро ба стол зада гуфтааст.
— Ин чи гап?! Барои чӣ ба ин рӯйхат номҳои мо даромадаанд?!
Геббельс гуфтааст:
— Фюрери ман, мувофиқи фармонатон кӯшиш кардам, ки дар умрам ақаллан як бор гапи рост гӯям...

## БЕ НАҲОРӢ МОНДАНИ ГИТЛЕР

Рӯзи якуми августи соли 1941 аз вақти наҳорихӯрии Гитлер якчанд соат гузашта бошад ҳам, хизматгоронаш ба вай хӯрок наовардаанд. Гитлер аз гуруснагӣ оташин шуда, ошпазу хизматгоронашро ҷазо доданӣ мешавад. Ошпаз гуфтааст:
— Фюрери азизам, худатон як чанд рӯз пеш аз ин гуфта будед, ки якуми август наҳориро албатта дар Маскав мехӯрам. Бинобар ин ман имрӯз дегу табақҳоро ғундошта мондаам.

## ГЕББЕЛЬС АЗ КУҶО МЕДОНАД?

— Фрид, гапи навро шунидӣ? Геббельс дар нутқи охирини худ гуфт, ки ба қарибӣ ба аскарони мо шоколаду тухми моҳӣ ва араќ медодаанд.
— Геббельс аз куҷо медонад, ки дар он дунё ба аскарони мо чиҳо медиҳанд?

## МАН ЧӢ ГУНОҲ КАРДАМ

Падари Афандӣ писарашро хонадор карданӣ шуда гуфтааст:

— Акнун, писарам, вақти он расидааст, ки саратро дуто кунем.

Афандӣ оби дида карда пурсидааст:

— Ман чӣ гуноҳ кардам, падарҷон?

## ДУХТАРАМРО ФАРБЕҲТАР КУНАМ

Хостгорҳо ба Афандӣ гуфтаанд:

— Агар розӣ бошед, ба вазни духтаратон мо тилло медиҳем.

— Ба ҷону дил розӣ ман, рафиқон, лекин илтимос ҳамин, ки камтар мӯҳлат диҳед,— гуфтааст Афандӣ.

— Мӯҳлат чӣ лозим? — пурсидаанд.

— Духтарамро боз фарбеҳтар кунам.

## МАСЛИҲАТИ МУШФИҚӢ

Донишҷӯе аз Мулло Мушфиқӣ маслиҳат гирифтааст.

— Домулло, шумо одами ҷаҳондида ва ботаҷриба ҳастед, гӯед, ки харбузаи бедоруро аз куҷо ёфтан мумкин аст?

— Ин он қадар душвор нест, аз хонаи раиси колхоз ё бригадир,— гуфтааст Мулло Мушфиқӣ.

## БАЧАҲОРО ЯК ТАРСОНАМ

Афандӣ занеро дар кӯча дида, нигоҳ дошт, ки мӯйҳояш ба албастӣ монанд буд ва аз ӯ илтимос кард:

— Бубахшед, расматонро гирифта якташро ба ман медодед...

— Расми ман ба шумо барои чӣ даркор?... — андаке нозу карашма карда зан пурсид.

— Ба бачаҳо нишон дода, як онҳоро тарсонам, то дигар шӯхӣ накунанд.

## БЕ ПОЙ ЧӢ ХЕЛ МЕБАРОЯД

Ширинӣ дар лаби дарьё каллаю пойчаи гӯсфандро тоза мекард, ки нохост калларо об бурд.

Ширинӣ як қабза алафро канда, ба сӯи калла дароз карда:

— Бех, бех, бех,— гуфтан гирифт.

Махмадонои ширинихо аз он чо гузошта ҷестда ин холро диду дод зад:

— Магар ту акл надорӣ?! Вай бе пой чи хел аз об мебарояд?!

— Э, сабил монад, фаромӯш кардаам,— гуфта, ширинӣ рафта чор пои гӯсфандро оварда ба об партофт.

## ЧАРО МОҲИЁН ГАП НАМЕЗАНАНД

Як донишҷӯи кунҷков аз Афандӣ пурсид:

— Домулло, ба назари шумо чаро моҳиён гап намезананд?

Афандӣ ба рӯи донишҷӯй як бо диккат нигоҳ карда гуфт:

— Агар туро ҳам ба зери об нигоҳ доранд, мебинем, ки чи хел гап мезанӣ!..

## МАН ҲАСАД НАБУРДАМ-КУ!

— Хой, дадеш! — гуфт зани Афандӣ бо овози баланд ба шавҳараш.— Ҳамсоя ба занаш боз як палтои импортӣ тӯҳфа кардааст, дидед-мӣ?

— Ха дидам, лекин ҳамсоя се бор зан гирифт, ман ҳасад набурдам-ку! — гуфт Афандӣ.

## ЛАҶОМАШ АЗ ОНИ МАН...

Дар вакти пойгаҳ як асп аз дигар аспҳо пеш гузашта рафт. Афандӣ аз ҷояш хеста, кафкӯбӣ мекарду ҳаёҳӯй. Касе ки дар паҳлӯяш нишаста буд, пурсид:

— Магар он асп азони шумост?

Афандӣ гуфт:

— Не, лаҷомаш аз они ман аст.

## ВОҚЕАРО БА ҚОҒАЗ НАВИШТ

Афандӣ аз бом афтид ва ҳарду пояш шикаст. Мардум ба касалбинӣ омадан гирифтанд ва чи тавр рӯй додани воқеаро мепурсиданд. Вакте ки омаду рафт зиёд шудан гирифт, Афандӣ воқеаро ба қоғазе навишту дар паҳлӯяш монд. Ҳамин ки касе барои хабаргирии бемор меомад, ӯ хомӯш қоғазро дароз мекард.

## ОШИ ШАБМОНДА

Ошноҳои Афандӣ барои хабаргирӣ омаданд. Суҳбат хеле давом кард. Меҳмонҳо гурусна монданд. Афандӣ аз онҳо пурсид:

— Мебахшетон, оши шабмонда бошад, мехӯретон?

— Ҳа, майлаш, хӯрдан мегирем,— гуфтанд онҳо.

— Ин тавр бошад,— гуфт Афандӣ,— пагоҳ биёетон...

## АЗ ТАҶРИБАИ АФАНДӢ

Директор аз Афандӣ пурсид:

— Шумо аз куҷо медонед, ки цементро посбони шабонаи хударонон дуздидааст?

— Ман як вакте даҳ сол посбони шабона шуда кор карда будам,— гуфт Афандӣ.

## СОЯИ АБР

Як кас аз дашт мегузаштааст ва дидааст, ки як рӯмонӣ чизеро кофта истодааст.

— Эй ошно,— гуфтааст роҳгузар,— дар ин ҷо чиро кофта истодаед?

— Дар ҳамин ҷо ун ҳафта, даркор шуда мемонад гуфта, як қуттӣ гӯгирд руст карда монда будам.

— Ягон нишона карда будед? — боз пурсидааст роҳгузар.

— Ҳа, албатта, сояи абрро нишона карда монда будам,— гуфтааст рӯмонӣ.

## ТАБИБРО ХУБ БОБ КАРДАМ

Як воруҳӣ ба пеши табиб рафта гуфтааст:

— Дандонам дард мекунад, канда метавонӣ?

— Метавонам,— гуфтааст табиб.

— Ба кандани як дандон чанд пул мегирӣ? — пурсидааст воруҳӣ.

— Се сӯм,— гуфтааст табиб.

Воруҳӣ савдо карда ба ду сӯм розигии табибро гирифтааст. Табиб як дандони ӯро кандааст. Воруҳӣ чаҷол бардошта гуфтааст:

— Ин дандонро чаро кандӣ? Инашро кандан лозим буд!..

Табиб дандони дуюмашро кандааст. Воруҳӣ аз хонаи табиб баромада, дар роҳ рафиқашро дидаасту гуфтааст:

— Ман ҳозир табибро хуб боб кардам, пули якта дандонро дода, дуто дандонамро канондам.

Фалгарӣ баъди сафари дуру дароз ба ватанаш бар мегардад ва аз ӯ хешу табораш мепурсанд:

— Шумо ҳамин қадар сол дар шаҳрҳо гаштед, забони ӯзбекиро ҳам ёд гирифтагед?

— Ҳо, албатта,— мегӯяд ӯ.

— Аспро чӣ мегӯянд?

— От.

— Нонро-чӣ?

— Нон мегӯянд.

— Гавро чӣ мегуфта бошанд?

— Ҳӯкуз.

Гӯсоларо-чӣ?

Фалгарӣ намедонист, ки гӯсоларо ба ӯзбекӣ чӣ мегӯянд, андаке фикр карда мегӯяд:

— Гӯсоларо то калон шуданаш ба ҳоли худ мемонанд, баъде ки калон шуд, ҳӯкуз мегӯянд.

## Ҳикоят

Ҳикоят дар фольклор як намуди хурди насри бадеист, ки бо услуби ҳаҷву мазҳака сохта шуда, хислатҳои нописандаи инсонӣ, махсусан рафтору кирдори шоҳону вазирон, савдогарону давлатмандон ва аъёну ашроф масхара карда мешаванд ва ин заҳрхандаи халқ як навъи мубориза ба муқобили синфҳои ҳукмрони ҷамъият мебошад.

Дар ҳикоят воқеаҳои зиндагӣ андаке бо муболиға тасвир шаванд ҳам, вале асоси реалии онҳо шубҳае ба миён намеоварад ва қаҳрамони ҳикоят аксар Мушфиқӣ, Афандӣ ва ягон шахси оддии меҳнатӣ буда, ин шахсон бо душманони худ—шоҳону амирон, давлатмандону амалдорон «даст ба гиребон» шуда, дар охир ғолиб мебароянд, адолат, ҳақиқат ғалаба мекунад.

Ҳикоят бештар ба латифа шабоҳат дорад, вале аз латифа бо хусусияти жанриаш тафовут мекунад. Дар ҳикоят сюжет мавҷуд аст ва қисматҳои сюжет ҷой доранд. Шабоҳати ҳикоят ба латифа бештар дар услуби ҳаҷву юмор, дар ҳамрангию сабукии он дар фольклор ба воситаи забони пуробуранги гуфтугӯии халқӣ возеҳтар мегардад. Албатта бар замми ин ақлу заковати аз санҷишҳо гузаштаи авлоду аҷдодон бо мурури замон жанрро ба дараҷаи аъло мерасонад.

Мо дар боби латифа хусусияти онро баён кардем, чунин хусусият, яъне тез саршуда ба охир расидани воқеа, қолиби махсуси рӯй додани ҳаҷв, баъди як-ду лаҳза ба вуҷуд омадани таркиши ханда ва ҳоказо дар ҳикоя дида намешаванд.

## КӢ ШУМШАКЛ БУДААСТ?

Рӯзе подшоҳе пагоҳӣ ба шикор баромад. Дар роҳ ба касе вохӯрд ва шаклу шамоили он ба назари подшоҳ бад намуд, баъд ба ясавули худ гуфт:

— Ин шумшакро бурда ҳабс кунед, ки бо дидани ӯ имрӯз шикори ман барор намегирад.

Иттифоқо ҳамон рӯз шикори подшоҳ барор гирифт. Паррандаю чаррандаи бисёре ба даст оварда, подшоҳ аз шикор бозгашт ва дар дили худ гуфт: «Он камбағалро беҳуда ҳабс кардам» ва ӯро аз ҳабс озод карда хост, ки чизе инъом кунад.

Он шахс инъоми подшоҳро қабул накарда гуфт:

— Ба ман бахшиши шумо лозим нест, танҳо ба гуфтани як даҳан гап рухсат диҳед, бас.

— Ҳа, гӯй! — гуфт подшоҳ.

— Пагоҳӣ якумин касе ки шумо дидед, ман будам ва аввалин касе ки ман дидам, шумо будед. Имрӯз шикори шумо барор кард, аммо ман аз пагоҳӣ то бегоҳӣ дар ҳабсхона азоб кашида хобидам. Акнун худатон гӯед, ки дар ин миён кӣ шумшакл будааст?

## ПЕШКАШИ АФАНДӢ

Афандӣ як ғоз дошт, ки онро кушта, пухта, ба подшоҳ пешкаш карданӣ шуд. Азбаски худаш гурусна буд, дар роҳ як пои ғозро хӯрд ва ғози якпояро бурда ба пеши подшоҳ рӯи дастархон гузошт.

Подшоҳ ғози яклухт пухтагиро дида пурсид:

— Афандӣ, як пои дигари ғоз чӣ шуд?

Афандӣ зуд ҷавоб ёфта натавониста, ба ҳар тараф нигоҳ карду чашмаш ба ғозҳои подшоҳӣ афтод, ки дар сояи сарҳавз ҳама якроя рост истодаанд. Аз ин ҳолат истифода карда, Афандӣ гуфт:

— Имсол ҳамаи ғозҳо аз тухм якпоя баромадаанд, намебинед, ки ғозҳои худи шумо ҳам ҳамаашон якпояанд.

Подшоҳ ба ясавули худ амр дод, ки чӯбдастаашро ба тарафи ғозҳо ҳаво диҳад. Ясавул чӯбдасташро ҳамин ки ҳаво дод, ғозҳо якбора рамида, пойҳои дигари худро сар дода, дупоя гурехтанд. Подшоҳ инро ба Афандӣ нишон дода гуфт:

— Чаро дурӯғ мегӯй, афандӣ? Дида истодӣ, ки ғозҳои мо дупояанд.

Афандӣ фавран ҷавоб гардонд:

— Агар он чӯбдаст ба сари шумо меомад, шумо ҳам чорпо шуда мегурехтед!

## ШОИРИ ТАМАЪГОР ВА ПОДШОҲИ ФИРЕБГАР

Шоире дар мадҳи подшоҳи мамлакати худ касидае навишта буд, то ки аз вай мукофоте гирад.

Подшоҳ баъд аз хонда баромадани касида, ба шоир офаринҳо гуфта дар охир илова кард:

— Аз рӯи бардошти хазинаам ман мехоҳам, ки ба ин шеъри ту сесад тилло мукофот диҳам, лекин агар хоҳӣ дар ивази ин сесад тилло ба ту се сухани пурҳикмат меомӯзам, ки ҳар кадоми онҳо сесад тиллоӣ арзиш дорад.

Шоири тамаъгор, ки бо шунидани сесад тилло мукофот аз хурсандӣ қариб ғурдакаф шуда буд, аз охири сухани подшоҳ боз ҳам деги нафсаш пурҷӯштар шуда, хост, ки се сухани пурҳикматро ёд гирад, то ки ба ҷои сесад тилло нӯҳсад тиллоро дар киса зада баромада равад, бинобар ин ба подшоҳ гуфт:

— Албатта, барои ман суханони пурҳикмати шумо фоиданоктаранд.

Подшоҳ гуфт:

— Сухани пурҳикмати якум ин аст, ки агар мӯзаат кӯҳна ва дарида бошад, бо вай ҷоман нав напӯш, ки бисьёр бад менамояд!

Бо шунидани ин сухан дуд аз ҷигари шоир баромад ва аз дил гузаронд: «афсӯс, ки сесад тилло аз даст рафт», баъд ба подшоҳ гуфт:

— Канӣ, марҳамат кунед, давомашро шунавем, ки боз чи ҳикмат будааст. Подшоҳ гуфт:

— Сухани пурҳикмати дуюм ин аст, ки агар ба ришат равғани молиданӣ шавӣ, зинҳор ба таги он намол, ки гиребони курта ва ҷомаат олида, равғанин шуда, чиркин мегарданд...

Шоир фарьёд зада сухани подшоҳро бурид ва ба вай барои гуфтани сухани «пурҳикмати» сеюм фурсат надода гуфт:

— Сад ҳайф, ки боз сесад тиллои дигарро аз даст додам! Акнун сухани пурҳикмат намешунавам! Ҳамон сесад тиллои боқимондаро марҳамат карда диҳед, ман розӣ.

## АЗ АДЛУ ИНСОФ БАҲРАВАР ШАВАНД

Як гурӯҳ камбағалон ба пеши подшоҳи мамлакат рафта, аз ҳокими вилоят шикоят карданд ва аз ҷабру зулми ӯ дод гуфтанд.

Подшоҳ дар ҷавоб гуфт:

— Сар то пои он ҳоким адлу инсоф аст, шумоён аз вай беҳуда шикоят мекунед.

Аз он миён касе ба подшоҳ гуфт:

— Ин тавр ки бошад, ҷаноби олӣ, сар то пои ӯро пора-пора карда, ҳар пораашро ба як вилоят фиристодан лозим аст, то ки ҳамаи вилоятҳои зоти олӣ аз адлу инсофи ӯ баҳравар шаванд.

## ГОВ БАД АСТ, Ё ҒЎСОЛА?

Дар маҷлисе сухан дар бораи зулм ва бедодии амири Бухоро Абдулаҳад мерафт. Дар он миён як кас, ки аз сирри амир хабардор буд, бо наклу ҳикоятҳояш ҳамаро ҳайрон мекард. Дар поёни сӯҳбат яке аз аҳли маҷлис ба он шахс гуфт:

— Абдулаҳад бад аст, ё нек, аз рӯи расму они боязд дер ё зуд баъди мурдани ӯ ба ҷояш писараш Олим амир шавад. Шумо, ки аз дарбори амир ҳолдон мебошед, гӯед, ки аз Олимхон умеди хайре ҳаст ё нест?

Он шахс гуфт:

— Касе дар наздикии киштзори деҳқоне гов ва ғусолаашро ба алафзор мех карда баста мондааст. Гов ресмони худро канда, ба киштзори деҳқон даромада, поймол кардааст. Вақте ки деҳқон хабардор шуда расида меояд, ба гов ҳеҷ аҳамияту эътибор намедиҳад, аммо бо чӯбе ки дар даст дошт, ғӯсолаи ба мех бастагиро задан мегирад.

Роҳгузаре аз деҳқон пурсидааст:

— Амак! Киштзори шуморо гов хароб кард, аммо барои чӣ шумо ғӯсолаи бастагии оромро мезанед?

— Агар ин ғӯсола аз мех раҳоӣ ёбад,— гуфт деҳқон,— аз он гов зиёдтар харобкорӣ мекунад. Бинобар ин аввал вайро ҷазо додан лозим аст.

Шахси ҳолдони дарбор дар поёни ҳикояти худ гуфт:

— Абдулаҳад ва писари ӯ Олимхон айнан мисли он гов ва ғӯсола аст. Агар Олимхон дар Бухоро амир шавад, аз падараш зиёдтар харобиҳо меоварад.

## ҒУЛОМИ КОРЧАЛЛОН

Подшоҳе ҳамеша ғуломи худро сарзаниш карда мегуфтааст:

— Ғулом ва хизматгори корчаллон он аст, ки агар ба вай як корро фармоянд, ӯ чандин корро якбора баҷо меорад. Ту бошӣ як кори фармударо ҳам базӯдӣ тамом намекунӣ...

Подшоҳ рӯзе бемор шуда ба ғуломаш фармуд:

— Зуд рафта фалон табибро гирифта биёр!

Ғулом дав-давон баромада рафт ва баъд аз фурсате табиб, як даста созанда, як мурдашӯй, як бурьё ва як офтобаи сафол гирифта овард.

Подшоҳ дар ҳайрат монда гуфт:

— Яке аз инҳо, ки табиб аст, ман гирифта биёр гуфта будам, пас ин касони дигар ва ин чизҳоро барои чӣ овардӣ?

Ғулом гуфт:

— Ман хостам, ки ғуломи корчаллон шавам ва бо фармудани як кор чандин корро баҷо овардам. Табибро овардам, ки худатон фармуда будед, лекин баъд аз давои табиб шумо ё

сиҳат мешавед ё мемуред. Агар сиҳат шавед, ин дастаи созандагон ба шарафи саломатии шумо базми шодиёна ташкил медиҳанд ва агар муред, ин мурдашӯй мурдаи шуморо мешӯяд ва барои шустан бурё ва офтоба ҳам даркор мешавад.

## МУНАҶҶИМОНИ РОСТГӮЙ

Подшоҳе ба мунаҷҷим хеле эътиқод дошт, ҳеҷ кори худро бе маслиҳати мунаҷҷим намекард.

Шахси фақире бо модари худ ба пеши ҳамин подшоҳ омада гуфт:

— Ман ва модарам мунаҷҷим мебошем. Гуфти мо ҳеҷ гоҳ хато намебарояд.

Подшоҳ онҳоро ба хизмат гирифт.

Баъд аз чанд рӯз подшоҳ ба шикор рафтанӣ шуд, мунаҷҷимони нави худро чеғ зада гуфт:

— Ман фардо мехоҳам ба шикор равам, шумо ба ман гӯед, ки фардо борон мешавад, ё не?

Мунаҷҷим — писар гуфт:

— Фардо борон меборад.

Модари ӯ гуфт:

— Фардо борон намеборад.

Подшоҳ оташин шуда дод зад:

— Ин чи гап?! Шумо ба ман муайян карда гӯед, ки фардо борон меборад ё не?! Ман бояд донам, ки дар ҳукми шумо хато ҳаст, ё не!

— Зоти олӣ, гуфти моро бе ҳеҷ шаку шубҳа бовар кардан гиред,— гуфт мунаҷҷим — писар,— албатта дар ҳукми мо хатое намеравад, зеро ки фардо ё борон меборад, ё намеборад. Агар борон борад, гуфти ман рост мебарояд ва агар набораd, гуфти модарам.

## ДЕВОНАИ ДЕВОНАҲО

Як подшоҳ одат дошт, ки дар охири ҳар сол дасти рости вазири худро мебурид, баъд эълон мекард: «Қасоне, ки талаби вазир шудан дошта бошанд, ба майдони шаҳр ғун шаванд».

Худи подшоҳ дар он майдон ҳозир шуда, ба мардум мегуфт:

Ҳар кас ки дасти буридаи вазири собиқро аз ҳаво қапида гирад, вазир шудан ҳаққи ӯст.

Подшоҳ ба ясавули худ мефармуд, ки дасти буридаро ба осмон ҳаво диҳад.

Соле дар ин гуна маросим вазири собиқ, ки дасти росташ бурида шуда буд, бо дасти чапи худ иштирок кард, ки шояд дасти рости бурида шудаи худро қапида гирад ва боз аз нав

вазир шавад. Аммо бо дасти чапаш дасти росташро капида гирифта натавонист ва як шахс, ки ба девонагӣ машҳур буд ва тасодуфан дар он маросим иштирок дошт, дасти буридаро дар ҳаво капида гирифта вазир шуд.

Девонае сари роҳи вазири собиқи дастбуридаро, ки аз майдон андӯҳгинона бармегашт, гирифта ҳаракатҳои девонагӣ кард.

Вазири собиқи дастбурида ба вай гуфт:

— Чаро бо девонагӣ ба роҳгузарон халал мерасонӣ? Ба майдони шаҳр мерафтӣ шояд вазир мешудӣ.

— Ту чаро вазир нашудӣ? — гуфт девона.— Ту-ку девонаи девонаҳо ҳастӣ!

— Ба кадом далел ман девонаи девонаҳо ҳастам? — вазири собиқи дастбурида бо тааҷҷуб пурсид.

Девона гуфт:

— Қасе ки як дасти худро дар пайи коре гум карда, боз бо дасти дигараш ба он кор чанг мезанад, ки ин дасташро ҳам гум кунад, албатта девонаи девонаҳост!

## ҚАСОСГИРИИ МУШФИҚӢ

Амир Мушфиқиро бе асос айбдор карда дар яке аз шабҳои зимистон бо тани луч ба даруни маноры Бухоро хабс кунонд, то ки дар ҳуҷуқӣ хуб азоб кашида, ҷон диҳад.

Мушфиқӣ як санги вазнин ёфта, тамоми шаб онро чандин бор ба болои манор бароварда фаровард. Бо ҳамин баданаш тафсиду аз таъсири сармо амон ёфт. Пагоҳӣ дари манорро кушода диданд, ки Мушфиқӣ зинда ва сиҳату саломат аст.

Амир ҳайрон шуда пурсид:

— Мушфиқӣ, шабона, ки дар болои манор будӣ, дар гирду пеш ягон чиз дидӣ?

Мушфиқӣ гуфт:

— Дар ду-се чақрим дуртар рӯшноии як чароғро дидам, халос.

— Ин тавр бошад, ту ба шӯълаи чароғ гарм шуда, зинда мондай,— гуфт амир.

Аз мобайн чанд вақт гузашт ва як рӯз амир дар бозгашти шикор ташна монда, ба боғи Мушфиқӣ даромад ва як ҷои кабуди талх фармуд. Мушфиқӣ «хуб» гуфту тамоман гум шуда рафт.

Баъди чанде амир дид, ки Мушфиқӣ дар як гӯшаи боғ ба нӯги сафедори баланд ҷойҷӯш овехта, аз поён алов монда иншастааст.

Амир бо ғазаб ва масхаракунон гуфт:

— Аҳлат занг занад, ҳой Мушфиқӣ! Дар куҷо дидӣ, ки алов дар замин бошаду ҷойҷӯш дар шохи сафедор истода ҷӯшад!

Мушфиқӣ гуфт:

— Тақсир, модом, ки худи ман ба шӯълаи як чароғ дар дурии ду-се чақрим гарм шуда, аз мурдан монда бошам, ҷойҷӯшам ҳам дар болои сафедор аз ин алав меҷӯшидагист?..

## ТУХМИ МУРҒ ЧИСТ

Дар маҷлиси подшоҳе сухан дар бораи аҳмақон мерафт. Яке чунин ҳикоят кард:

— Рӯзе ман даҳто тухми мурғро дар домани худ пинҳон карда ба аҳмаке гуфтам: — агар дарёбӣ, ки ман дар доман чӣ чиз дорам иман ин тухмҳои мурғ, ки дар доман дорам, аз они ту аст ва агар дарёбӣ, ки ин тухмҳои мурғ чандтоанд, ҳаман ин даҳто тухми мурғ, ки дар доман дорам, аз они ту мешавад.

Аҳмақ гуфт:

— Бародар, ман худо нестам, ки илми ғайрро донам. Ҳеҷ набошад аломатҳои ин чизи пинҳон кардаатро гӯй, шояд бо ёрии ақл дарёбам.

— Чанд чизи зардранг аст, ки дар миёни чанд чизи сафедранг печидааст,— гуфтам ман.

— Ёфтам! — гуфт аҳмақ бо хурсандии тамом ва шарҳ дод: — Сабзиҳоро бо турбҳо ба ҳам омехта дар доман пинҳон кардӣ!

Аҳли маҷлиси подшоҳ бо шунидани ин ҳикоят хандиданд ва дар ин қатор подшоҳ ҳам хандид.

Баъд аз таскин ёфтани хандаи аҳли маҷлис подшоҳ аз ҳикоятгӯй пурсид:

— Охир ту дар домани худ чи чизро пинҳон карда будӣ, ки барои ёфтани вай аҳмаки бечораро ин қадар саргардон кардӣ?

Ҳикояткунанда гуфт:

— Чизҳои пинҳон кардаамро касе меёбад, ки чи чиз будани тухми мурғро донад.

Аҳли маҷлис боз хандиданд, аммо подшоҳ дар андеша фурӯ рафт.

## АБДУЛЛОХОН ЧӢ МЕГИРАД

Амири Бухоро Абдуллохон дар биёбони Қаршӣ обанбор месохт, гаҷ, хишт ва дигар масолеҳи иморатро ба деҳқонон маҷбуран мекашононд, гилкор ва мардикоронро ҳам маҷбурӣ кор мефармуд.

Рӯзе Абдуллохон либоси деҳқонӣ пӯшида дар байни мардикорон даромад, то ки аз фикру андешаи онҳо воқиф шавад.

Абдуллохон бо мардикоре ҳамсӯҳбат шуда аз вай мепурсад:

— Аз хамин калар ташвиши иморатсозй ба Абдуллохон савобе ҳаст, ё не?

Мардикор дар ҷавоб мегӯяд:

— Касе ба иморат хишт дода бошад, хишташро мегирад, гач дода бошад, гачашро мегирад. Абдуллохон ҳам ҳар чи дода бошад, ҳамонро мегирад.

Абдуллохон ба ин иморат чиҳо дод, ки онҳоро мегирад?— гуфта боз пурсид Абдуллохон.

— Ӯ мардумро азоб дод, зулм ва бедодгарй кард... ана ҳаминҳоро мегирад,— гуфт мардикор.

— Маро мешиносй? — пурсид Абдуллохон.

— Не,— гуфт мардикор.

— Ман Абдуллохон мебошам!

— Бисьёр хуб,— гуфт мардикор ва илова кард: — шумо маро мешиносед?

— Не! — гуфт Абдуллохон.

— Ман як марди факире мебошам, ки ҳар моҳ се рӯз девона мешавам. Имрӯзҳо навбати девонагии ман аст.

Мардикори ҳакгӯй бо ҳамин тадбир аз чазои амири золим халос шуд.

## ДАР МУШТ ОСИЁБРО ПИНҲОН КАРДАЕД

Подшоҳе раммолонро ҷамъ карда гуфт:

— Ба писари ман илми рамл таълим диҳетон, то ки ӯ аз асрори ғайб хабардор шавад ва ҳар чизи пинҳонро ёфта тавонад.

Раммолон ин супориши подшоҳро кабул карда, писари ӯро бо худ бурданд ва чанд вакт ба вай илми рамлро ёд доданд. Вакте ки шаҳзода ҳамаи коидаҳои илми рамлро ёд гирифт, ӯро ба пеши подшоҳ оварда гуфтанд:

— Шаҳзода раммоли хуб шуданд, метавонед дар маҷлис имтиҳон карда бинед.

Подшоҳ дар мушти худ ангуштаринашро пинҳон карда, ба писараш гуфт, ки аз рӯи илми рамл дар дасташ чи буданро ёбад. Шаҳзода китоби рамлро ба пеши худ кушода мондy донаҳои рамлро ба рӯи китоб партофта, холҳои вайро бо хонаҷаҳо ва раками ҳое, ки дар он китоб навиштагй буданд, андоза карда, ба коғазе навишт ва ба подшоҳ гуфт:

— Дар мушти шумо як чизи гирдаи миёнсӯрохе ҳаст, ки як тарафаш андаке баромадагй аст.

— Хуб, аломатҳояшро ёфтй, акнун гӯй, ки худи он чй аст?

Шаҳзода баъди фикру хаёли дуру дароз гуфт:

— Маълум мешавад, ки шумо дар мушти худ санги осиёбро пинҳон кардаед.

Подшоҳ шӯрида ба раммолон гуфт:

— Шумо бахилй карда, ба писари ман илми рамлро дуруст ёд надодед!

— Мо илми рамлро ба шаҳзода дуруст ва мукаммал ёд додем,— гуфт сардори раммолон,— аммо дар мушт наѓунчидани санги осиёбро донистан кори акл аст, на кори илм!

## ВАСВАСАИ ШАЙТОН

Афандӣ бо домуллоимом ба меҳмонӣ мерафт. Дар роҳ Афандӣ гуфт:

— Таксир, маро шайтон васваса карда мегӯяд, ки ба паси гардани шумо як мушти обдор фурорам.

Домуллоимом ба Афандӣ бо тарс бад-бад нигоҳ карда гуфт:

— Шумо мӯъмину мусулмон ҳастед, наход ки ба гапи шайтон дароед. «Астаѓфируллоҳ» гӯеду омадан гиред.

Баъд аз каме роҳ гаштан боз Афандӣ гуфт:

— Таксир, маро боз шайтон васваса карда истодааст ва мегӯяд, ки дар киса чанд пуле дошта бошӣ, ҳуди ҳозир ба домуллоимом бароварда деҳ.

Домуллоимом табассум карда гуфт:

— Дӯстам Афандӣ, шайтон ҳам махлуки худо аст, гоҳ-гоҳ ба гуфтаи вай амал кардан савоб аст.

— Ин тавр бошад,— гуфт Афандӣ,— аз гуфтаи аввали шайтон сар кунем.

## ХУДО СЕРКОР АСТ

Шахсе гӯсолаашро гум карда то шом кофта наёфтаасту пеши муллои дуохон рафтааст.

— Гусолаамро гум кардам, кӯрхаташ кун, ки ёфт шавад,— гуфтааст соҳиби гӯсола.

Муллои дуохон чанд тангае аз он шахс гирифта дуо мехонад.

Як бор гуфтам раҳмон,
ду бор гуфтам раҳмон,
сесаду шаст бор гуфтам раҳмон,
бастам даҳони ҷумла гургон,
занҷир ба пои ҷамъи duздон,
кулф дар замин, калид дар осмон.

Баъд муллои дуохон ресмони дар вакти дуохонӣ гиреҳ кардаашро ба соҳиби гӯсола дода мегӯяд:

— Бо хотири ҷамъ рафта хоб рав, ман гӯсолаатро кӯрхат кардам, вай саҳарӣ бо пои худ даромада меояд.

Соҳиби гӯсола саҳар хест, ки аз гӯсола дарак нест. Боз ҷустуҷӯ кард. Ба лаби дарьё рафта дид, ки каллаю почаи гусолааш бокӣ мондаасту дигар ҳамаро гургон ҳомталош кардаанд. Соҳиби гӯсола бо ѓазаб хонаи муллои дуохон омад. Мулло аз вокеа пай бурда гуфт:

— Аввал ин ки ман болои деҳаро кӯрхат карда будам, на тарафи дарьёро. Дуюм ин ки ту фақат ба умеди кӯрхат шуда, хотирчамъ гаштӣ...

Соҳиби гӯсола гапи мулдоро бурида гуфт:

— Не, ман тамоми шаб «э худо, гӯсолаамро худат нигоҳ дор» гуфта баромадам.

— Э, нодон,— гуфт муллои дуохон,— магар ту намедонӣ, ки худо хеле серкор аст ва ба шунидани арзи ту вақт надорад. Агар ҳазрати Баҳоваддинро ба забон мегирифтӣ, албатта, он кас гӯсолаатро аз дасти гургон халос карда медоданд. Ҳазрати Баҳоваддини балогардон андаке камкортаранд.

## ДАР ОН ДУНЁ ҲАМ ТОРОЧГАРӢ БУДААСТ?

Рӯзе Афандӣ озмуда диданӣ шуд, ки кори он дунъё чи гуна бошад.

Ба ҳамин ният қабристон рафта гӯри кӯҳнаеро рӯфта, чида, сӯрох ва шикофиҳояшро таъмир карда, баъд тахтасангеро аз калом қабр ёфта оварда, худаш ба даруни он гӯр даромада дароз кашида мурда барин хоб рафт.

Шабона ду нафар кафандузд ба қабристон омада, гӯри навро ҷустуҷӯ карданду чашмашон ба қабри Афандӣ афтод. Даррав тахтасангро аз рӯи қабр бардошта, даруи: даромаданд.

Афандӣ кафандуздонро мункарнакир гумон карда, дам хобид ва дар худ барои саволҳои онҳо ҷавоб тайёр мекард. Кафандуздон салла, ҷома, курта, лозимӣ, кафшу маҳсии Афандиро аз танаш кашидан гирифтанд ва яке бо завқ ба дигаре мегуфт:

— Аз мурдаҳои дигар чор газ карбос мегирифта бошем, аз ин мурда як даста либоси тайёр ба даст даромад.

Афандӣ дид, ки ҳамаи чизҳои ӯро тороҷ мекунанд, дигар тоқат карда натавониста, ҷаста аз ҷояш хест ва бо онҳо дастбагиребон шуда.. либосҳояшро кашида гирифтанӣ шуд. Аммо кафандуздон Афандиро кӯфта, ниммурда карданду бароманда рафтанд.

Афандӣ баъд аз соате ба худ омада, аз ҷояш хест ва монанди мурдаи аз гӯр хеста бо як азоб луб-луч ба хонааш омад.

Зани Афандӣ шавҳарашро базӯр шинохта пурсид:

— Ба шумо чӣ шуд? Чӣ ҳодиса рӯй дод?

— Чизе рӯй дод, рӯй дод.. Барои озмоиш ба он дунъё рафта омадам! — гуфт Афандӣ.

— Хуб, дар он дунъё чӣ гап будааст? — гуфт занаш.

— Ҳамин дуньёи худамон барин — ҳама торочгарӣ...

## ИМОМ ШУДАНИ ХАРИ АФАНДӢ

Рӯзе Афандӣ харсавор аз назди мактаби деҳа мегузашт, нохост ба гӯшаш расид:

— Агар хар мешуд, кайҳо ин ҳама гуфтаҳои маро ба гӯш гирифта одам мешуд.

Афандӣ зуд аз хар фаромада, харашро етаккунон ба саҳни мактаб даромад ва ба мактабдор гуфт:

— Ҷаноби домулло, шумо ҳамин ҳоло гуфтед, ки хар аз гуфтаҳои шумо одам мешавад. Агар гапатон рост бошад, хари маро одам карда диҳед, ман хизматонан шуморо медиҳам.

Мактабдор, ки бисьёр одами шӯху ҳазлкаш буд ва Афандиро мешинохт, дандон, чашм, гӯш, дум ва пою гардани хари Афандиро аз назар гузаронида гуфт:

— Пас аз даҳ рӯз биёед...

Афандӣ пас аз даҳ рӯз омад. Мактабдор ба вай гуфт:

— Харатон хушзеҳн будааст, дар ҳашт рӯз одам шуд. Полону нӯхтаву пордумашро монда, ба Ғиждувон рафт. Ҳоло дар масҷиди калони он ҷо имом аст.

Афандӣ полон, нӯхта, пордумро гирифта ба Ғиждувон рафт. Ба масҷид даромад. Дид, ки имом дар сафи пеши мардум истода, намоз мехонад. Каме сабр кард. Намоз, ки охир шуд, имом ба Афандӣ эътибор надода, кучое рафтанӣ шуд. Афандӣ сари роҳи ӯро гирифту:

— Ҳай, падарлаънат,— гуфт,— одам шудию дарров соҳибатро фаромӯш кардӣ?! Ҳозир ман адаби туро медиҳам!

Афандӣ ба сари имом нӯхта заданӣ шуд. Имом доду фарьёд кард. Мардум ҷамъ шуданд. Афандиро аз масҷид баровардa пеш карданд. Афандӣ аз дари масҷид сар даровардa, ба имом бо аламу илтиҷо гуфт:

— Хайр, ту кӯрнамакӣ кардӣ, лекин ҳамин рӯз як маротиба гандумамро ба осиёб бурда мепартофтӣ, ман аз гуноҳат мегузаштам.

## ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ҲАЗЛРО МАГАР НАМЕДОНӢ?

Мулло Ҳокироҳ аз Мастчоҳ як лингча гулунг оварда дар Самарканд мефурӯшаду як халта намак харида роҳи Мастчоҳро пеш мегирад. Ҳаво бисьёр бад будааст. Ӯ дар роҳ ба худо илтиҷо кард мегӯяд:

— Эй парвардигор, харро бо бораш сиҳат саломат ба ватан расонам, ба ту як бузғола қурбонӣ мекунам.

Чанд соат мегузарад, ҳаво кушода мешавад. Мулло Ҳокироҳ ба осмон нигоҳ карда мегӯяд:

— Акнун ба ватан расида мегирам, бузғолаи бекора дар куҷо, ки ба ту қурбонӣ кунам...

Соате нагузашта авзои ҳаво беҷо шуда, борон боридан гирифт. Мулло Ҳокироҳ ба осмон нигариста:

— Эй парвардигоре, ту хазлро магар намедонӣ? Бузғолаат медиҳам, як не, дуто медиҳам...— мегӯяд.

Ба кӯҳ наздик шудан ҳамон борон сахт борид, намакро шуста бурд. Сел омада харро аз по афтонда гирифта бурд. Мулло Ҳокироҳ коре карда ба паноҳи харсанге худро гирифт. Дар ин вақт раъду барқ шуда, чароғак ҳама ҷоро равшан кард. Мулло Ҳокироҳ боз ба осмон нигариста мегӯяд:

— Намакро шустӣ, харро куштӣ, акнун чароғак даргиронда, Мулло Ҳокироҳро мекобӣ?!

## МАЗОРИ ХОҶАҲАРКОРОН

Маллахон ном шахс дар хизмати Болу ном шайхи хонакониишин чандин сол хизматгор шуда кор кард ва рӯзе ихтиёри сафари ватан карда аз шайх рухсат ва фотиҳа гирифт. Шайх ба ивази хизмати чандинсолаи Маллахон хари кӯри худро ба ӯ дод.

— Ба ҳаминаш ҳам шукр, пирам маркаби хосаи худро ба фақир бахшиданд,— гӯён бо шайх хайру хуш карда баромада рафт.

Чанд манзил гашта, як бегоҳ ба лаби чашмае расид ва қарор дод, ки шаб он ҷо мемонад. Маллахон саҳар аз хоб бедор шуда дид, ки хари кӯраш ҷон ба ҳақ додааст. Ӯ бисьёр малӯл ва ғамгин шуд. Орзуи ба ватан пеши хешу табор рафтан ҳам барбод рафт. Маллахон болотари чашма чуқур кофта харро дар он партофту аз болояш хок кашид. Баъд ба ходае порчаи латтаи сафед басту ходаро болои қабри хари кӯр монд ва худаш дар лаби чашма тасбеҳ гардонда нишаст. Он ҷо, ки сари роҳи корвон буд, ҳар савдогар «ин ҷо авлиё дафн шудааид» гӯён ба Маллахон нарзи зиёде бахшида, «аз офат худо нигаҳ дорад» гӯён гузашта мерафтанд.

Маллахон баъди ин кор дигар хешу табор ва ватанро фаромӯш карда, болои қабри хари кӯр мақбаран бсҳашмате сохонду болои дари он «маркади авлиёи замон имоми мусулмонон шайх Хоҷаҳаркорон» навишт. Ба ҳамин тариқ қабри хари кӯри шайх Болу ба номи мазори Хоҷаҳаркорон машҳур гашт.

## ДОМУЛЛОИ «УҲУМ»

Зани ҷувозкашро домуллои деҳа дида хушдор шуд. Бачаи ҷувозкаш дар мактаби ҳамон домулло мехонд. Рӯзе домулло ба бача гуфт:

— Ба очаат бигӯ, ки домулло «уҳум» гуфтанд.

Бача ин хабарро ба модараш расонд.

Фардо домулло аз бача чи гуфтани модарашро пурсид. Фаҳ-

мид, ки модари бача чизе нагуфтааст. Домулло ба бача таъкид кард, ки гуфтаи ӯро боз ба модараш гӯяд. Дар дафъаи сеюм зан ба бачааш гуфт:

— Ба домуллот бигӯ, ки бегоҳӣ дар ҷувозхона «уҳум».

Домулло ин хабарро шунида, хурсанд шуда, ҷомаи нав пӯшид ва ба сар саллаи нав гузошту, карибии шом ба ҷувозхонаи ҷувозкаш рафт.

Бегоҳ деҳқони ҷувозкаш аз саҳро омад. Зан шикоят кард, ки равған тамом шудааст.

— Улав нест, ман бо чӣ ҷувоз кашида ба ту равған тайёр мекунам? — гуфт шавҳараш.

Зан қиссаи оыиқии домуллоро як-як ба шавҳараш нақл карду маслиҳат дод. Ҷувозкаш бо маслиҳати занаш чанд зағома зағир гирифта ҷувозхона рафт. Домуллоро гирифта ба ҷои асп баст ва то саҳар ҷувоз кашид.

## НЕ, НЕ, ИН САЛЛАЮ ҶОМАИ МАН НАБУДААСТ

Мушфиқӣ шабе аз як паскӯчаи Бухоро гузашта истода дид, ки дар сари роҳ як маст хобидааст. Мушфиқӣ он мастро ин тараф — он тараф ғелонда дид ва шинохт, ки раиси шаҳр будааст, баъд ба даҳон ва биниаш боб карда се-чор лагад фаровард. Аммо маст ҳушьёр нашуд. Баъд Мушфиқӣ саллаю ҷомаи вайро кашида гирифту ба роҳаш рафт.

Саҳарӣ раис ҳушьёр шуда ба раисхона рафт ва ба мулозимонаш гуфт: — Имшаб аз хона саллаю ҷомаи маро дуздида рафтаанд. Шумоҳо дар кӯча ва бозорҳо диққат карда гардетон. Ҳамин чизҳои маро дар даст ё дар сару тани ягон кас дида шиносетсон, ҳамон одамро ба пеши ман гирифта биёретон.

Мулозимони раис дар кӯчаҳо гашта ба ногоҳ чашмашон ба Мушфиқӣ афтид ва дар сару тани вай саллаю ҷомаи раисро шинохтанду ӯро кашола карда ба раисхона burданд.

Раис Мушфиқиро дида дар ғазаб шуд ва дӯғ зад:

— Лаънатӣ, чӣ навъ ҷуръат карда саллаю ҷомаи маро дуздидӣ?

Мушфиқӣ гуфт:

— Тақсир, аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд. Ман дина шаб аз фалон паскӯча гузашта истода ба як маст воҳӯрдам, ки дар сари роҳ ба хоку лой ғӯлида хобидааст, баъд ба даҳону биниаш чор лағал кӯфтам, ҳушьёр нашуд. Охир саллаю ҷомаашро кашида гирифтам. Агар ҳамон маст шумо бошед, ин саллаю ҷома аз они шумо, марҳамат карда гиред!

Раис дид, ки аз ин гап шарманда мешавад, саросема шуда гуфт:

— Не, не, ин саллаю ҷомаи ман набудааст, ба корат рафтан гир!

## Ҳикояти тамсилӣ

Дар ҳикояти тамсилӣ персонажҳо ҳайвон, парранда, ҳашарот, буда, ба воситаи амалиёти онҳо неку бади тарафҳои зиндагии одамӣ нишон дода мешавад ва хулосаи он оид ба ахлоқу одоб панду насиҳат буда, аҳамияти тарбиявӣ дорад.

Ҳикояти тамсилӣ жанри қадимтарин мебошад ва аз ин ҷиҳат «Калила ва Димна» шаҳодат медиҳад. Дар баробари ҳикояти тамсилӣ дар эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик як миқдори калони афсонаҳои тамсилӣ ҳастанд. Афсонаҳо аз ҳикоят бо композицияи нисбатан мураккаб, бисьёрпланаи мундариҷа, персонажҳо ва дигар ҷиҳатҳое, ки ба жанрҳои калон хос мебошанд, фарқ мекунанд. Ҳикояти тамсилӣ, ҳамчун умуман ҳикоят, фақат як нақли мӯъҷази бетасвири бадеии воқеаест, ки ба хусусияти эҷоди даҳании халқ вобаста аст.

Дар ҳикояти тамсилӣ типӣ кунонидани персонажҳо (ҳайвонҳо, паррандагон, ҳашарот) дар ҷои аввал меистад ва ба ин восита мундариҷа ва ғояи асар кушода мешавад, ки вай аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқӣ дорад. Масалан, табиати каждум аз бадӣ иборат аст, ки вай ба ҳамин типӣ шудааст ва ё рӯбоҳ дар ҳикоятҳо ба маккорию фиребгарӣ персонажи типӣ мебошад.

Халқ хулқу атвори ҳар ҳайвон, парранда ва ҳашаротро мушоҳида карда хулоса баровардаасту типҳои мусбат ва манфиро офаридааст ва онҳоро дар осори худ бо мақсади тарбияи одам истифода кардааст. Масалан, мӯрча — меҳнаткаш, курбокка — танбали бепарво, харгӯш-тарсончак, рӯбоҳ — маккор, фиребгар, саг вафодор, шер-шоҳ, хар — кундфаҳм кабк — хушрафтор, буз — шайтон ва ҳоказо.

Агар аз як тараф дар ҳикоят ва афсонаҳои тамсилӣ хислатҳои хоси ҳар кадом ҳайвон, парранда ва ҳашарот ба ҳисоб гирифта шуда воқеа дар ин замина пайваста ба вуқӯъ меояд, аз тарафи дигар дар ҳамаи хати сюжет ва амалиёти персонажҳо ҳаёти одамӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ахлоқу одоби инсонӣ дар мадди назар нигоҳ дошта мешаванд.

### ЗАНБӮР ВА ФАРОШТУРУК

Мегӯянд, ки як замоне мор подшоҳи рӯи замин будааст ва ба занбӯр фармудааст, ба ҳамаи махлуқоти рӯи замин неш зада фаҳмад, ки гӯшту хуни кадоми онҳо бамаза аст, то ки баъд аз он подшоҳ онро хӯроки худ қабул кунад.

Рӯзе занбӯр супориши подшоҳро иҷро карда рафта истода буд, ки дар роҳ ба фароштурук вохӯрд.

— Ҳа, занбӯр,— гуфт фароштурук,— куҷо ин қадар шитоб мекунӣ?

— Назди подшоҳ, хабар мебарам.

— Чӣ хабар?
— Медонӣ, гӯшту хуни инсон бисьёр бамаза будааст, барои хӯроки подшоҳамон хеле мувофик аст.
Фароштурук:
— Канӣ, боз як бор такрор кун,— гуфт.
Ҳамин ки занбӯр такрор кард, фароштурук бо думи кайчимонандаш забони занбурро бурида партофт ва ӯ ғингос шуд. Вакте ки занбӯр ба пеши мор — подшоҳ омад, ғингос мезаду чизе гуфта наметавонист.
Аз ҳамон замон фароштурук дар хонаи одамон лона месозад ва одамон вайро муҳофизат мекунанд.

## КАЧДУМ ВА САНГПУШТ

Мегӯянд, ки боре сангпушт ва качдум дар лаби дарьё вомехӯрдаанд ва качдум аз сангпушт хоҳиш кардааст, ки ӯро аз ин соҳил ба он соҳил гузаронад. Сангпушт розӣ мешавад ва ба болояш качдумро савор карда, ба дарьё медарояд. Баъди масофаеро тай кардан сангпушт хис мекунад, ки ба пушташ чизе чанд маротиба кӯфта мешавад ва ӯ аз качдум мепурсад:
— Ту дар пушти ман нишаста, чӣ кор мекунӣ?
— Качдум мегӯяд:
— Неш мезанам.
— Ман ба ту некӣ карда, аз дарьё мегузаронам, ту ба ман неш мезанӣ?
— Ин одати ман аст.
— Ман ҳам як одат дорам, ҳамин ки ба об даромадам, то каъри он бояд чанд бор ғӯта занам,— гуфту сангпушт зери об рафт ва качдумро об бурд.

## РӮБОҲ ВА ХУРӮС

Рӯбоҳ ба ҳавлие даромад ва дар тори дарахт хурӯсро дида, хост, ки бо ҳиллаю найранг ӯро поён фарорад ва нӯши чон кунад.
— Ҷаноби муаззин,— гуфт рӯбоҳ — акнун поён фароед, ҳамроҳ намоз хонем.
Хурӯс гуфт:
— Каме сабр кунед, имом биёянд.
Рӯбоҳ пурсид:
— Имом кистанд?
— Имом — сагӣ тозии ҳамсоя,— гуфт хурӯс.
Рубоҳ номи сагро шунида:
— Ин тавр бошад, ман то омадани имом дурусттар таҳорат кунам,— гуфту ғайб зад.

## ЗОҒИ ХУШХОН

Рӯзе як зоғ аз ким-куҷо як парча гӯшти равғаниро ба нӯлаш гирифта парида омаду ба шохи дарахте нишаста хӯрданӣ шуд.

Як рӯбоҳи гушна аз ин ҳол бохабар шуда, фикр кард, ки бо кадом роҳ ҳамин гӯштро аз даҳони зоғ гирифта худаш хӯрад. Рӯбоҳ ба зери дарахт омаду ба зоғ нигоҳ карда гуфт:

— Доладакам зоғ! Мегӯянд, ки ту ҳофизи хушхон ва хушовоз ҳастӣ, чӣ мешавад, ки ҳозир як ашӯла хонӣ ва ман аз хонишат баҳра барам.

Зоғ аз ин таърифи рӯбоҳ хурсанд шуду ҳамин ки ба ашӯлагӯӣ даҳон кушод, гӯшт аз даҳонаш ба замин афтид ва рӯбоҳ гирифта гурехт.

## САГИ ЧАШМГУРУСНА

Рӯзе як саг аз пеши дӯкони қассоб гузашта истода, як устухони калонеро гирифта гурехт. Саг гурехта лаби ҷӯе омад ва дид, ки дар болои ҷӯй тахта партофтагӣ. Вай аз болои тахта ба он тараф гузашта истода, дар оби соф дид, ки саге дар даҳон устухон ба ӯ бо ғазаб нигоҳ мекунад. Саг надонист, ки он акси худаш аст, ба вай дандонҳои худро намоён карда ғургур карду барои аз даҳони он гирифтани устухон якбора ҳамла кард.

Саги чашмгуруснаро оби ҷӯй бурд ва бо як азоб аз об берун баромад, вале аз ин монда, аз вай ронда шуда устухони даҳонашро гум кард.

## ДУ БУЗИЧА

Ду бузича, яке сафедак, дигаре сиёҳак, дар ду канори ҷӯи калоне мечариданд. Сафедак гуфт:

— Эй сиёҳак, ба ин тараф гузар, бозӣ мекунем.

— Не, ту худат ин тараф гузар,— гуфт сиёҳак.

— Не, ман ба пеши ту намегузарам,— гуфт сафедак мағрурона.

— Хайр, майлаш, ин дафъа як бор ба пеши ту мегузарам! — гуфт сиёҳак.

— Не, ман ба пеши ту мегузарам! — гуфт каслан сафедак.

Ҳар ду бузича дар як вақт ба кӯпруки тангӣ болои ҷӯй қадам монда, муқобили ҳамдигар омадан гирифтанд. Кӯпрук чунон тангу борик буд, ки аз паҳлӯ гузашта намешуд.

— Ақиб гард! — гуфт сафедак.

— Не, ту ақиб гард! — гуфт сиёҳак.

Ҳеҷ кадоми онҳо намехост, ки ақиб гардад. Ҳарду ҳам як-

равӣ гапнодаро буданд. Охир кор ба он расид, ки ҳарду ду пои пешро бардошта, гурсогурс калла ба калла мезаданду якдигарро тела медоданд.

Охир якбора ҳарду ба ҷӯй ғалтида рафтанд.

## Ривоят

Ривоят як намуди насри хурди фольклори тоҷик аст, ки дар он аз ҳаёти одамони таърихӣ нақл карда мешавад. Мазмуни аксарияти ривоятҳо ҳодисаҳои ғайриоддӣ буда, ба хислату мавқеи ҷамъиятии персонажҳои асосии он пайванд мебошад. Бештари персонажҳои ривоятҳо шоирон, олимон, мутафаккирон, шоҳон, вазирон ва ҳоказо мебошанд, ки аз нуқтаи назари гуногуни ғоявӣ ёд карда мешаванд. Ривоятҳо каму беш хусусияти ёддоштӣ, хотираи ҷудогонаи ин ё он лаҳзаҳоро доранд ва дар байни мардум бо ду роҳ интишор ёфтаанд: ҳам ба воситаи китобҳо, ҳам ба воситаи нақли даҳанакӣ. Ривоятҳое, ки аз даҳон ба даҳон гузаштаанд, аз ривоятҳои китобӣ каму беш фарқ мекунанд ва ин фарқ махсусан аз хусуси забон равшантар аст. Бояд гуфт, ки асаре ки ба нақли даҳонӣ табдил меёбад, ҳамчун фольклор вариантҳояш ба вуҷуд меоянд ва вариантҳо на танҳо дар шакл, балки дар мазмун ва персонажҳо низ рӯй медиҳанд.

Ривоятҳое, ки дар ин китоб гирд оварда шудаанд, аз ҳар ду сарчашма буда, ҳоло танҳо намунаҳо мебошанд. Муқоиса ва таҳқиқи ҳаматарафаи онҳо кори махсуси оянда хоҳад шуд.

Ривоятҳо дар замони мо низ ба вуҷуд омадаанд ва онҳо ҳамчун эҷодиёти халқи советӣ дониста мешаванд, аммо онҳо ҳоло хеле кам ҷамъ карда шудаанд. Ба фикри мо ин кор ҳам диққати фольклоршиносону тадқиқотчиёнро ба худ ҷалб хоҳад кард.

### ТАБИБИИ АБӮАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино дар Бухоро табобатхона доштааст. Ҳар касе ки касал шавад, пешоби худро ба шиша андохта меовардаасту номи худро нависонда, дар рафчаи табобатхона монда мерафтааст. Баъд Абӯалӣ Сино вақтҳои муайян бо ҳамроҳи шогирди худ гардиш карда, пешобҳоро як-як аз назар мегузарондаасту дарди ҳар касро аз рӯи пешобаш муайян карда, давои онро мегуфтааст, шогирдаш навишта гирифта, ба бемор медодааст. Аксари беморҳо сиҳат мешудаанд.

Як муллои бухорӣ, ки ҳамеша Абӯалӣ Синоро кофир гуфта, ӯро наҳ зада мегаштаасту ба донишмандию ҳакимии вай бовар намекардааст, халқи авомро фиреб медиҳад, гуфта ташвиқот мебурдааст.

Рӯзе ҳамон муллои бухорӣ ба хизматгораш фармудааст, ки пешоби модаговашро ба шиша андохта, гирифта биёрад. Худи мулло пешоби говашро ба табобатхонаи Абӯалӣ Сино бурда мондаасту аммо номи хизматгорашро навиштааст.

Рӯзи дуюм Абӯалӣ Сино бо ҳамроҳии шогирдаш ҳаррӯза барин пешобҳоро як-як аз назар гузаронида, давои ҳар беморро гуфтан гирифтааст. Вақте ки навбат ба пешоби мулло овардагӣ расидааст, Абӯалӣ Сино андаке истода фикр кардаасту баъд гуфтааст:

— Ба соҳиби ин гӯед, ки модаговашро нағз парвариш кунад, кунҷораю тарид диҳад, фарбеҳ ва сершир мешавад.

Шогирди Абӯалӣ Сино ин суханҳои муаллимашро навишта, ба зери шишаи муллои бухорӣ мондааст. Баъд мулло омада коғазчаро хондаасту рафта ба зери пои Абӯалӣ Сино сар мондааст.

## ТАБИБ ВА АБУАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино гуреза шуда мегаштааст, чунки подшоҳи ҳамонвақта бисьёр золим будааст. Подшоҳ барои дастгир кардани Абӯалӣ пули бисьёре ваъда кардааст. Як рӯз Абӯалӣ Сино ба як шаҳре рафта, дидааст, ки як табиб ба рӯи кӯрпача чорзону шишта беморонро табобат мекунад. Абӯалӣ ҳам рафта ба як кунҷак нишастааст. Табиб беморонро якта-якта дида ба дардашон дармон мегуфтааст. Абӯалӣ кори табибро бадиққат тамошо мекардааст.

Навбат ба як зан расидааст. Зан аз фаранҷӣ дасташро баровардa, ба табиб дароз кардааст. Табиб рағи дасти вайро қапида, баъд гуфтааст:

— Ҷурғот хӯрда будед-а?

— Ҳа, ҷурғот хӯрда будам,— гуфтааст зан.

Абӯалӣ Сино ҳайрон шудааст, ки чӣ хел аз рағи даст ҷурғот хӯрданӣ занро фаҳмида тавонист.

Табиб боз диққат карда истода гуфтааст:

— Шаби гузашта мурғпалов хӯрда будед-мӣ?

— Ҳа. мурғпалав ҳам хӯрда будам,— гуфтааст, зан.

— Абӯалӣ боз ҳайрон шудааст.

Табиб боз ба рағи дасти зан диққат карда, гуфтааст:

— Дарвозаи ҳавлиатон ба тарафи офтоббаро нигоҳ мекунад-а?

— Ҳа, ба тарафи офтоббаро нигоҳ мекунад,— гуфтааст зан. Баъд табиб бемори дигарро ба пеши худ ҷеғ задааст. Абӯалӣ Сино худ ба худ фикр кардааст, ки ҷурғот ва мурғпалав хӯрдани беморро, фарз кардем, аз рағи дасташ фаҳмида тавониста бошад, ба тарафи офтоббаро нигоҳ кардани дарвозаи ҳавлии вайро аз рағи даст чӣ хел фаҳмидан мумкин аст? Не, дар ин ҷо як ҳилае ҳаст, ки ман бояд онро фаҳмам ва то нафаҳмам, аз ин ҷо намеравам.

Табиб баъди дидани бемори дигар ба Абӯалӣ нигоҳ карда гуфтааст:

— Шумо марҳамат кунед.

— Дарди ман бисьёр вазнин аст, ин беморонро дида гуселонед, манро аз ҳама сонӣ мебинед,— гуфтааст Абӯалӣ Сино.

Табиб беморонро дида шудаасту хона барои ҳар ду хилват мондааст.

Абӯалӣ Сино оҳиста-оҳиста ба табиб наздик шуда, дар паҳлӯяш ншиштааст. Дар пеши табиб китоби зкёде будааст. Абӯалӣ як китобро гирифта, мобайнашро кушодаасту зуд пӯшида, ба ҷояш мондааст ва гуфтааст:

— Ин китоб «Қонун»-мӣ?

— Ҳа, ин китоб «Қонун» асту шумо Абӯалӣ Сино ҳастед, ки гурехта ба шаҳри мо омадед,— гуфтааст табиб

Абӯалӣ Сино боз ҳайрон шуда мондааст. Табиб ба вай ҳурмату эҳтиром ба ҷо оварда, меҳмондорӣ кардааст. Баъд Абӯалӣ Сино ҳодисаи бо зан шудагиро аз табиб пурсидааст, ки вай дар ҷавоб гуфтааст:

— Дидам, ки остини зан ба ҷурғот олудааст, донистам, ки то ба ин ҷо омаданаш ҷурғот хӯрда будааст. Вақте, ки зан «ҳа, ҷурғот хӯрда будам» гуфт, аз лафзаш донистам, ки яҳудӣ аст. Аз либосу даб-даббаш фаҳмидам, ки зани одами давлатманд аст. Мурғпалав хӯрдани вайро аз он донистам, ки рӯзи шанбе буд. Дар шаби шанбе яҳудиёни давлатманд албатта мурғпалав мехӯранд. Дарвозаи ҳавлии яҳудиёни давлатманд ба тарафи офтоббаро нигоҳ мекунад ва ҳавлии ҳамаи онҳо дар як кӯчаи қатор мебошанд.

Абӯалӣ Сино боз пурсидааст:

— Инҳоро фаҳмидам, аммо аз куҷо донистед, ки ман Абӯалӣ Сино ҳастам?

Табиб дар ҷавоб гуфтааст.

— Ин китоби «Қонун» чанд сол боз дар дасти ман аст. Аввалҳо ман намедонистам, ки ин китоб «Қонун» аст. Сониян, чанд сол мутолиа карда, на ман аз он чизе фаҳмидам, на шарикам. Баъд шумо, ки ба як назар кардан «Қонун» будани онро гуфтед, ман фаҳмидам, ки ба ғайр аз нависандааш каси дигар ин тавр ба осонӣ кадом китоб будани онро гуфта наметавонад.

## ДАВОИ ДАРДИ ИШҚ

Писари ягонаи касе бемор шудааст ва илоҷи муолиҷаи вайро ҳеҷ кас наёфтааст. Ба он шахс гуфтаанд, ки дар шаҳри Бухоро табибе ҳаст, ки номи вай Абӯалӣ аст, фақат ҳамон табиб писари туро сиҳат карда метавонад. Он шахс писари худро гирифта ба пеши Абӯалӣ омадааст. Абӯалӣ набзи ҷавонро гирифта, фаҳмидааст, ки вай ошиқ аст. Баъд ба падари ӯ гуфтааст:

— Як марди ҷаҳонгаштаеро ёфта биёред, ки вай ширинсухан бошад, то ки ман аз вай ҳикоят пурсам ва гуфтугӯ намоям.

Ҳамроҳи он шахс як пири кордида низ сафар карда, ба Бухоро омада будааст ва вайро ба пеши Абӯалӣ ҳозир кардааст. Абӯалӣ даст бар набзи ҷавон ниҳода, аз он пири ҷаҳонгашта номи шаҳрҳои дидаашро пурсидааст. Вақте ки пир номи Табрезро ба забон гирифтааст, набзи ҷавонро як ҳаракати дигар пайдо шудааст. Абӯалӣ донистааст, ки маҳбубаи ҷавон дар Табрез аст. Абӯалӣ аз пир маҳаллаҳои Табрезро пурсидааст, вақте ки Шакарфурӯшон ном маҳалларо гуфтааст, набзи ҷавон ҳаракати бешумор кардааст. Абӯалӣ донистааст, ки маҳбубаи ҷавон дар он маҳалла аст. Баъд Абӯалӣ сардорони хонаводаи он маҳалларо пурсидааст. Вақте ки пирамард номи касеро гуфтааст, набзи ҷавон босуръат шудааст. Абӯалӣ номҳои аҳли хонаводаи он шахсро пурсидааст. Вақте ки пирамард номи духтареро ба забон гирифтааст, набзи ҷавон аз одат берун ҳаракат кардааст. Ба Абӯалӣ маълум шудааст, ки ҷавон ҳамон духтарро дӯст медорад. Баъд Абӯалӣ ба падари ҷавони бемор гуфтааст:

— Ба шумо лозим аст, ки зуд ба шаҳри Табрез рафта, ба ҳамон духтар хостгорӣ кунед ва ӯро ба писари худ ба занӣ гирифта диҳед, дар онсурат писаратон зуд сиҳат мешавад.

## ГОВ ШУДАНИ ЯК ШАХС

Дар Бухоро шахсе девона шуда, фарёд ва зорӣ мекардааст, ки «ман гов шудаам, маро кушта бихӯред!»

Он шахси девонаро ба пеши Абӯалӣ овардаанд. Абӯалӣ фармудааст, ки дасту пои ӯро банданд, худаш кордро гирифта, дар пеши назари девона ба санг тез-тез молидан гирифтааст. Баъд ба пеши девона омада гуфтааст:

— Ғам нахӯред, ман ҳозир шуморо мекушам.

Девона зорӣ мекардааст:

— Зуд бошед, вақтро нагузаронед.

Абӯалӣ дасти худро ба бадани вай расонида, гуфтааст:

— Ин гов бисьёр хароб аст, гӯшташро хӯрда намешавад. Чанд рӯз парвариш кардан даркор аст.

Ба шахси девона нигоҳ карда гуфтааст:

— Агар хоҳед, ки ба мақсади худ бирасед, бояд ҳар чизе ки ман медиҳам, бихӯред.

Девона қабул кардааст. Абӯалӣ девонаро нигоҳубин кардаасту ҳар хел хӯрок додан гирифтааст. Баъд аз чанд рӯз он шахс сиҳат шудааст.

## ДАР АЙЁМИ КӮДАКӢ

Дар вақти тифли навзод будани Абӯалӣ модараш ӯро ба лаганд андохта, шустушӯ кардааст. Дар вақти шустушӯ ангуштарини пурбахои модар ба даруни лаганд афтода, бо рехтани оби вай он ангуштарин ба обрез рафтааст.

Модар аз гум шудани ангуштарини худ, канизаки худро ба дуздӣ тӯҳмат карда, ӯро зарбу лат кардааст. Албатта, ангуштарин аз канизак ёфт нашудааст.

Абӯалӣ калонтар шуда, ҳамин ки ба забон омадааст, модари худро таъна карда гуфтааст:

— Ту дар вақти гум шудани ангуштаринат беҳуда аз канизак бадгумон шуда будӣ ва ҳол он ки ангуштаринат бо оби лаганд ба обрез рафта буд. Ҳамон вақт ман он ҳолро фаҳмида будам, афсӯс, ки забон надоштам, то ки ба ту фаҳмонам. Ту канизаки бечораро беҷо азоб додӣ.

Ҳамин ки обрезро кофта дидаанд, ангуштарин аз он ҷо ёфт шудааст ва сухани навзабон рост баромадааст.

## ФАЗОИ ХОНА ТАНГТАР МЕНАМОЯД

Рӯзе подшоҳ дар зери курсии Абӯалӣ як тахта коғазро аз таҳи қолини пахи кунонида мондааст.

Вақте, ки Абӯалӣ ба ҳузури подшоҳ омада, бар он курсӣ нишастааст, баъд аз бо таажҷуб ба шифту замини хона назар андохта ба подшоҳ гуфтааст:

— Имрӯз ё шифти хона қадре паст шудааст ва ё ин ки заминаш андаке баланд, зеро фазои хона аз ҳаррӯза ба назарам қадре тангтар менамояд.

## ЗЕҲНИ АБӮАЛӢ СИНО

Касе ба Абӯалӣ Сино китоби худаш навиштагиро нишон додааст. Абӯалӣ китобро варақ задаасту боз ба соҳибаш додааст. Рӯзе ҳамон одам китобашро ба подшоҳ пешкаш кардааст.

— Подшоҳ пурсидааст:

— Ин китобро кӣ навишт?

— Ман,— гуфтааст он шахс.

Абӯалӣ, ки дар он ҷо ҳозир будааст:

— Не, китобро шумо нанавиштед,— гуфта аз саҳифаи аввал то охир нукта ба нукта китобро аз ёд гуфта додааст.

Он шахс бисёр хиҷолат кашидааст. Баъд Абӯалӣ ҳақиқати воқеаро ба подшоҳ фаҳмондааст.

## ҚУВВАИ ЧАШМИ АБУАЛӢ СИНО

Абӯалӣ Сино дар дасти подшоҳ дурбинро дида, пурсидааст:

— Ин барои чӣ даркор аст?

Подшоҳ гуфтааст:

— Бо ин чизи дар чор фарсанг роҳ бударо дида метавонӣ.

Абӯалӣ бе дурбин нигоҳ карда гуфтааст:

— Дар чор фарсанг саворе меояд. Вай ширинӣ мехӯрад.

Подшоҳ пурсидааст:

— Аз куҷо донистӣ, ки ширинӣ мехӯрад?

Абӯалӣ гуфтааст:

— Дар атрофи даҳони вай магасҳо мепарранд.

## ҚОИЛ ШУДАНИ ПОДШОҲ

Рӯзе подшоҳ аз Абӯалӣ пурсидааст:

— Эй ҳаким, имрӯз вақте ки ман аз тахти худ бархезам, аз кадом дари ин хона берун мебароям?

Абӯалӣ давот ва каламро гирифта, ба қоғазе навиштаасту дар зери болин гузошта, гуфтааст:

— Шумо хезед ва аз як дар берун равед, баъд гашта омада, навиштаи маро бинед, ки мувофиқ меояд ё не.

Подшоҳ гуфтааст:

— Ман аз ҳеҷ яки ин дарҳо намебароям.

Подшоҳ фармудааст, ки миёни шарқ ва ҷануби хона кунҷеро шикоф кунанд.

Баъд аз он ҷо берун баромадааст. Подшоҳ баргашта, ба тахти худ нишастаасту коғазро гирифта хондааст, ки дар он чунин навишта шудааст:

Вақте ки подшоҳ аз тахти худ бархезад, миёни шарқ ва ҷануби хона кунҷеро шикоф карда берун меравад.

Баъд подшоҳ ба донишу ақли Абӯалӣ Сино қоил шудааст.

## ҚУВВАИ ҲИФЗКУНИИ АБӮАЛӢ

Абӯалӣ Сино дар вақти гурезагиаш ба Исфаҳон рафтааст. Ҳамроҳи худ ҳеҷ гуна китобе надоштааст. Толибагон ва олимон аз вай хоҳиш кардаанд, ки китоби «Қонун»-ро барои хондан ба онҳо бидиҳад. Абӯалӣ гуфтааст, ки ҳеҷ гуна китоб надорад, вале «Қонун»ро метавонад аз ёд гуфта диҳад. Абӯалӣ чанд саҳифаи «Қонун»-ро аз ёд гуфтааст ва онҳо навишта гирифтаанд. Баъд аз он онҳо китоби «Қонун»-ро ёфта навиштаи худро бо он муқоиса кардаанд, ки ҳеҷ фарқе надоштааст.

## МУНДАРИЧА


| | |
|---|---|
| Муқаддима | 3 |
| Зарбулмасал ва мақол | 4 |
| Нависанда ва зарбулмасал | 13 |
| Зарбулмасал ва мақолҳои нав | 18 |
| Зарбулмасал ва мақолҳои манзум | 15 |
| Чистон | 19 |
| Фардбайт | 28 |
| Рубоӣ | 36 |
| Дубайтӣ | 42 |
| Чорбайт | 55 |
| Вариант | 60 |
| Мавзӯъ ва мазмуни жанрҳои хурди манзум | 63 |
| Эҷодиёти халқии замони Советӣ | 84 |
| Сурудҳо | 91 |
| Фолклори бачагон | 179 |
| Жанрҳои хурди насри фолклори тоҷик | 205 |


**АСРОРИ ВОҲИД**

**Малые жанры таджикского фольклора**

*(на тадж. (фарси) языке)*


Муҳаррири ороиш *И. Тибилов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Любицкая*
Мусаҳҳеҳ *А. Зӯҳра*

ИБ № 1643

Ба матбаа 26. 04. 90 супурда шуд. Ба чопаш 24. 09. 90 имзо шуд. Қоғази № 1. Формати 60×90$^{1}/_{16}$. Гарнитураи адабӣ. Чопи барчаста. Ҷузъи чопии шартӣ 16+0,25 ф. Ҷузъи рангаи шартӣ 16,625. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,91+0,42 ф. Адади нашр 8000 нусха. Супориши № 3763. Нархаш 75 тин.

Нашриёти **«Маориф»-и Комитети давлатии** РСС Тоҷикистон оид ба матбуот. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати **полиграфии Комитети** давлатии РСС Тоҷикистон оид ба матбуот. 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.